Таърихи санъати синамои тоҷик, қисми таркибї ва ҷудонашавандаи таърихи ҶШС Тоҷикистон мебошад. Омӯзиш ва таҳқиқи таърихи санъати синамои тоҷик дар таърихнигории ватанї мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар мақола бо истифодаи адабиёти таърихии марбут ба санъати синамо муайян гардид, ки он яке аз муассисаҳои маъмули фарҳангии ҷумҳурї буда, дар баланд бардоштани ҷаҳонбинии маънавии ҷомеа мавқеи назаррасро касб намудааст. Зеро, дар давраи барқароршавии Ҳокимияти Шуравї, ки қариб аксарияти аҳолии ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистон соҳиби хатту савод набуданд, синамо ягона восита ва сарчашмаи дастрасии ахборот маҳсуб меёфт. Муҳаққиқон таърихи ташкилёбии синамои тоҷикро ба замони шуравї нисбат медиҳанд. Дар тадқиқоти диссертатсионї ва монографї оид ба роҳҳои инкишофи минбаъдаи синамо, саҳми кинематографистон дар эҷод ва офариниши нақшҳо дар “Тоҷикфилм” баррасї гардидааст. Дар баробари он камбудиҳои ҷиддие, ки барои фаъолияти «Тоҷикфилм» ва «Тоҷиккино» монеъа эҷод менамуданд, аз ҷумла нарасидани кадрҳои миллї ва коркунони муҳандисї-техникї, ноустувории заминаҳои моддї–техникї, аз қабили норасоии дастгоҳҳои суратгирї ва равшанидиҳанда, бино, лаборатория ва сеҳҳо дарҷ гардидааст. Тавассути усули таҳлили муқоисавии адабиёт ва сарчашмаҳо то андозае шароит, мушкилот ва омилҳои рушди синамои Тоҷикистон дар мақола мавриди пажуҳиш қарор дода шуданд. Дар раванди баррасии масъала нақши кинематографистон дар таъсиси “Тоҷиккино” муайян гардид. Оид ба истифодаи адабиёти таърихї роҷеъ ба синамо дар солҳои Шуравї хулосабарорї карда шудааст.

Калидвожаҳо: синамо, санъат, таърих, ҷудонашаванда, адабиёт, муассиса, навтаъсис, сарчашма, ахборот, муҳаққиқон, ҳизб, ҳукумат, кинематографистон, “Тоҷикфилм”, “Тоҷиккино”, нақш, камбудиҳо, кадрҳо, равшанидиҳанда, бино, лаборатория, сех, муқоисавї, шароит, мушкилот, пажуҳиш, рӯзмарра, хулосабарорї.

ИСТОРИОГРАФИЯ ИСТОРИИ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ КИНОИСКУССТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

История таджикского кинематографа составляет основную и неотъемлемую часть истории Таджикистана. Изучение и исследование истории таджикского кино занимает важное место в отечественной историографии. В статье с использованием исторической литературы, связанной с искусством кино, определено, что оно является одним из популярных культурных учреждений республики и завоевало весомую позицию в деле поднятия духовного мировоззрения общества. Потому что во время становления советской власти, когда большинство населения новообразованной республики было неграмотным, кино считалось единственным источником доступа к информации. Исследователи относят историю становления таджикского кино к советскому периоду, когда оно регулярно было предметом внимания партии и правительства. Вклад кинематографистов в создание кинофильмов и актерских ролей в таджикском кино рассматривается в диссертационных и монографических исследованиях о путях развития таджикского кинематографа. В то же время имелись серьезные недостатки, мешавшие деятельности «Таджикфильма» и «Таджиккино», в том числе нехватка национальных кадров и инженерно-технических работников, нестабильность материально-технической базы: отсутствие фото- и светотехники, приборов, зданий, лабораторий и мастерских. Методом сравнительного анализа литературы и источников в статье изучены условия, проблемы и факторы развития таджикского кинематографа. В процессе рассмотрения вопроса была определена роль кинематографистов в создании киностудии «Таджикфильм». Подведены итоги анализа использования исторической литературы о кино в советские годы.

Ключевые слова: кино, искусство, история, нераздельность, литература, учреждение, вновь созданный, источник, информация, исследователи, партия, правительство, кинематографисты, Таджикфильм, таджикский фильм, роль, недостатки, кадры, освещение, здание, лаборатория, мастерская, сравнительный, условия, задачи, исследование, рутина, заключение.

HISTORIOGRAPHY OF THE HISTORY FORMATION AND DEVELOPMENT OF FILM ART IN TAJIKISTAN

The history of Tajik cinema is the main and integral part of the history of the SSR of Tajikistan. The study and research of the history of Tajik cinema occupies an important place in national historiography. In the article, using historical literature related to the art of cinema, it is determined that it is one of the popular cultural institutions of the republic and has won a significant position in raising the spiritual worldview of society. Because during the restoration of Soviet power, when almost the majority of the population of the newly formed Republic of Tajikistan was illiterate, cinema was considered the only source of access to information. Researchers attribute the history of the formation of Tajik cinema to the Soviet period, when it was regularly the subject of attention of the party and government. The contribution of cinematographers to the creation and creation of roles in Tajik cinema is considered in dissertations and monographic studies on the ways of further development of cinema. At the same time, there were serious shortcomings that hindered the activities of Tajikfilm and Tajikkino, including the lack of national personnel and engineering and technical workers, the instability of the material and technical base, such as the lack of photographic and lighting equipment. instruments,

buildings, laboratories and workshops. By the method of comparative analysis of literature and sources, the conditions, problems and factors of development of Tajik cinematography are studied in the article. In the process of considering the issue, the role of filmmakers in the creation of Tajikfilm was determined. The analysis of the use of historical literature on cinema in the Soviet years is summed up.

Keywords: Cinema, art, history, inseparability, literature, institution, newly created, source, information, researchers, party, government, filmmakers, Tajikfilm, Tajik film, role, shortcomings, shots, lighting, building, laboratory, workshop, comparative , conditions, tasks, research, routine, conclusion.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих, дотсент. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 121. Телефон: **(+992) 934-51-55-60**; E-mail: **matluba.ganchakova @bk.ru**

Сведения об авторе: ***Ганджакова Матлуба Ганджаковна*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра истории таджикского народа, кандидат исторические наук, доцент. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республики Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 934-51-55-60**; E-mail: **matluba.ganchakova @bk.ru**

Information about the author: ***Ganjakova Matluba Ganjakovna*** – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, historical department, candidate of historical sciences, docent. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 121. Phone: **(+992) 934-51-55-60**; E-mail: **matluba.ganchakova @bk.ru**

ТДУ:94(3)

РОБИТАИ ТУРКОН БО СОСОНИЁН ДАР ТАСВИРИ “АЛ-КОМИЛ ФИ-Т-ТАЪРИХ”-И ИБНИ АСИР

Одинаев Н.А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аз асрҳои миёна сарчашмаҳои зиёди таърихӣ ба мо боқӣ мондаанд, ки онро ҳамчун манбаи арзишманд истифода мебарем. Дар байни ин сарчашмаҳо асари “Ал-комил фи-т-таърих”-и Ибни Асир яке аз маъхазҳои муҳимми таърихӣ буда, ба таърихи умумӣ бахшида шудааст. Дар ин мақола бар асоси ин сарчашма мавзӯъро мавриди баррасӣ қарор додем, ки ба робитаи туркону Сосониён бахшида шудааст. Ин равобит аз нимаи дуюми асри VI-и мелодӣ то барҳамхӯрии сулолаи Сосониёнро дар бар мегирад.

Сулолаи Сосониён аз вилояти Истахри Порс буда, насаби онҳо ба коҳинон мерасад. Ба навиштаи Ибни Асир, Хусрави Анӯшервон «чун афсари шоҳаншоҳӣ бар сар ниҳод, барои мардум ба суханварӣ дарнишаст. Пас Худоро ситоиш ва ӯро ба покӣ ёд кард ва сипас ба ранҷҳои мардум расид ва он чиро гирифтори он шуда буданд, монанди табоҳии корҳояшон ва дину фарзандонашон, баршумурд ва навид дод, ки ҳамаи онҳоро росту устувор хоҳад сохт» [7, с. 434]. Маълум аст, ки дар таърихи давлатдории Сосониён машҳуртарини фармонравои он Анӯшервон мебошад. Дар китоби «Корномаи Сосониён» ба тахт нишастани Анӯшервон ва таваҷҷуҳи мардум ба он чунин баён шудааст: «Мардумон ба вақти падараш оқил дида буданд (яъне Анӯшервонро беҳтар донистанд) ва кор ба ӯ супурда, тоҷ ба сараш ниҳоданд. Чун ба тахти подшоҳӣ бинишаст, мардумон шод шуданду ба сӯйи ӯ омаданд» [3, с.155]. Муҳаммад Авфӣ номи ин шоҳашоҳро ҳамчун «Анӯшервони одил» ёдовар мешавад [9, с.13].

Равиши Анӯшервон дар умури давлатдорӣ аз падараш Қубод тафовут дошт. Ибни Асир навиштааст, ки дар оғози салтанат «фармон дод, ки раҳбарони маздакӣ кушта шуданд ва дороиҳои эшон дар миёни ниёзмандон пахш гардид» [7, с. 434]. Зеро бар асоси ахбори бештари сарчашмаҳо Қубод муддате ба боварҳои Маздак гаравида буд.

Миёни Сососниёну туркон бар сари масъалаҳои марзӣ ва назорати Роҳи Абрешим ихтилофи назарҳо рух дода, ба ҷангу рӯёрӯӣ хатм шуд. Дар номае, ки ҳоқон ба Хусрав навишт, вайро таҳдид кард, вале «Хусрав ба ҳеҷ як аз хостаҳои ӯ посух надод. Зеро кишварашро қалъаҳои устувор буд. Ва марзи Арманистонро устувор карда буд. Анӯшервон ба гурӯҳе андак басанда кард ва бо эшон равона гашт. Хоқон оҳанги ӯ кард, вале коре аз пеш набурд ва ноумед бозгашт. Ин Ҳоқон ҳамон буд, ки Вард подшоҳи Ҳайтолиёнро кушта ва паҳнаҳои густурдае аз кишвари эшонро гирифта буд» [7, с. 437].

Дар нимаи дуюми асри VI-и мелодӣ Ҳайтолиён дар байни ду давлати пурзӯр Хоқонии Турк ва давлати Сосониён монда буданд. Туркҳо дар солҳои 60-уми асри VI-и мелодӣ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ба Ҳайтолиён дучор омаданд. Ин вақт Ҳайтолиён аз иқтидори Хоқонии Турк бехабар буданд. Сосониён, ки борҳо ба давлати Ҳайтолиён лашкар кашида, шикаст хӯрда буданд, бар зидди Ҳайтолиён бо туркҳо иттифоқ бастанд. Хусрави Анӯшервон бо туркҳо гуфтушунид карда, мақсад аз он таъсиси иттифоқе буд, ки бояд Ҳайтолиёнро барҳам медоданд.

Бар асоси манобеи таърихӣ маълум мегардад, ки яке аз ҳокимони турк бо номи Бумин соли 551-и мелодӣ ба тахт менишинад [4, с. 255]. Тавре маълум аст, ҳоқонии туркон дар нимсолаи дуюми асри VI-и мелодӣ (соли 551-552) дар Чоч ташкил шуда, сардори он Истами Ябғу-Хоқон буд. Иттиҳоди туркону Сосониён дар як марҳилаи замонӣ муҷиби шикасту азбайнравии давлати Ҳайтолиён гардид [2; 11: 10; 6].

Ибни Асир навиштааст, ки Хусрави Анӯшервон домоди туркон буд [7, с. 430]. Сабаби наздик шудани туркону Сосониёнро муаррихон мафиати умумӣ ва хешовандии ду тараф донистаанд [2, с. 24]. Табарӣ низ барқарории муносибати хешовандии туркону Сосониёнро ёдовар шуда, Ибни Асир дар ин бора маълумоти муфассал додааст. Дар асрҳои миёна никоҳи байни хонадонҳои салтанатӣ яке аз василаву роҳҳои барқарории равобити дипломатӣ миёни кишварҳо будааст. Аммо дар оянда ин робитаи наздик тира гашта, ба зиддияту ҷанги шадид анҷом ёфт. Мувофиқи навиштаи донишмандон,

иттифоқоти ҳарбию сиёсии туркону Сосониён байни солҳои 563-567 иттифоқ уфтодааст [11, с.62].

Ибни Асир навиштааст, ки вориси Хусрав Ҳурмуз (579-590) аз духтари Хоқони турк буд. Ҳурмуз ибни Хусрав ба одобу фарҳанг парвариш ёфта буд. Ба тахти подшоҳӣ нишастани Ҳурмузро Ибни Асир чунин ёдовар шудааст: «Рӯзгори подшоҳии Ҳурмуз ёздаҳ солу нуҳ моҳ ва ба гуфтаи бархе дувоздаҳ сол буд" [7, с. 469-471]. Ахбори Табарӣ низ бо навиштаи Ибни Асир дар робита бо замони ҳукумати Ҳурмуз монандӣ дорад.

Муаррихон дар бораи ҷангҳои байни туркону Сосониҳо дар соли 588 ё 589-и мелодӣ зиёд навиштаанд. Сардори туркон Сова буд. Ӯ бо писари хурдияш Қара Чурин то ҳудуди вилоятҳои Балху Ҳироту Бодғис пеш рафтанд [5, с.126]. Туркон пештар аз ин Хатлону Тахористонро тасарруф карда буданд. Теъдоди лашкари Соваро Ибни Асир 800-ҳазор, Балъамӣ 300-ҳазор ва Фирдавсӣ 400-ҳазор нишон додаанд [7, с. 470: 12, с. 470].

Туркшиноси маъруф Л. Н. Гумилёв навиштааст, ки лашкари Сова дар рӯ ба рӯйи шаҳристони Ҳирот дар ҷойи танге, ки ҳамагӣ аз 8 то 12 км паҳно дошт, қарор ёфта буд [6, с. 112]. Ин ҷанг бо пирӯзии қотеи Сосониён анҷом ёфт. Аммо дере нагузашта дар Хуросон исёни сипоҳсолор Баҳроми Чӯбина сар зад. Аъёну ашрофу руҳониён аз авҷгирии ин шӯриш ба ҳарос уфтода, Ҳурмузи IV-ро сарнагун сохта, фарзандаш Хусрави Парвизро ба тахт нишонданд. Хусрави Парвиз солҳои 590-628 ҳукумат намудааст. Дар замони салтанати ӯ Эрон ба буҳрони амиқи ҳукуматдорӣ гирифтор омад [11, с. 62].

Табарӣ Хусрави Парвизро тавсиф карда, менависад, ки «вай аз ҳамаи мулуки форсиён ба далерӣ ва тадбиру дурандешӣ сар буд, ва чунонки гӯянд ҳеч подшоҳе бо қудрату фирӯзӣ ва фароҳам овардани молу ганҷу ёрии бахт чун ӯ набуд. Ба ҳамин ҷиҳат ӯро Парвиз гуфтаанд, ки ба маънии Фирӯз аст» [8, с. 236].

Сухани Ибни Асир то ҷое гуфтаҳои Табариро таъйид мекунад, вале як хулосаи аҷиб дорад, ки ин шаҳомату қудрат чашмони вайро кӯр сохта буд ва Хусрави Парвиз «бар асари дороии фаровону гушудани бисёре аз кишварҳои душманон ва созгории сарнавишту рост омадани бахту замон, ба саркашиву гарданфарозӣ гароида буд. Ӯ озманди берун овардани дороиҳои мардум аз чанги эшон гашт ва аз ин рӯ дилҳои мардум бар вай табоҳ гаштанд» [7, с. 493].

Фирдавсӣ, Табарӣ ва Ибни Асир навиштаанд, ки Хусрави Парвиз ба дасти писараш Ширӯя кушта мешавад. «Вақте Ширӯя ба подшоҳӣ расид, падарашро ба зиндон афканд. Бузургони порсӣ ба наздаш шуданду гуфтанд моро ду подшоҳ набошад ё Хусравро бикуш ва мо бандагони фармонбари ту бошем ва ё туро бардорем монанди пеш аз ӯ фармон барем» [8, с. 262]. Ширӯя низ дарҳол ба ин гуфта амал карду падарро аз тахт барканор сохт. Сипас Ширӯя ҳабдаҳ тан аз бародаронашро, ки метарсид даъвои тоҷу тахт кунанд, бикушт. Ӯ ин корро бо ошӯбангези вазираш Фирӯз кард. Дере нагузашт, ки Ширӯя ба гирифтори бемориҳои гуногун гашт ва ҳеҷ хушӣ аз зиндагӣ набурд. Пас аз куштани бародарон гирифтори андуҳу бетобиву ноороми сахт гашт. Гӯянд: ӯ ҳаркиро тавонист аз хонадони худ бикушт. Ба рӯзгори ӯ тоун дар миёни эрониён уфтод ва бештар эшонро аз миён бурд. Рӯзгори подшоҳи ӯ ба қавли Ибни Асир ҳашт моҳ буд [7, с. 495-497]. Табарӣ низ ҳамин суханонро меорад, ки далели як будани сарчашмаи ду муаррих мебошад [8, с. 265-269].

Табарӣ ва Ибни Асир идомаи салтанати Сосониёнро, ки пас аз соли 628 ба парешноӣ гаравид, тасвир кардаанд. Ибни Асир ба подшоҳии Ардашер пардохта, менависад, ки «ӯ ҳафтсола буд, ки ба подшоҳӣ расид. Чун Ширӯя даргузашт, эрониён писараш Ардашерро ба подшоҳии худ баргузиданд. Сарпарастии вайро марде ба ном Баҳодур Ҷаснис ба даст гирифт ва ин мард пойгоҳи хонсолорӣ медошт. Ӯ ба хубиву некуӣ корҳоро мечархонид ва аз роҳи ин ҷаҳондори хирадмандона чунон кард, ки ҳеч кас хурдсолии подшоҳро дарнаёфт». Аммо дигар низоми кишвардорӣ аз байн рафта буд ва Ардашер камтар аз ду сол қудрат ронду кушта шуд [7, с. 498].

Баъди подшоҳии Ардашер ба тахти подшоҳии Сосониён Шаҳрбароз нишастааст. Он чи Ибни Асир мегӯяд: «Вай аз хонадони шоҳаншоҳӣ набуд. Ҳангоме ки Ардашер кушта шуд, Шаҳрбароз (ки номаш Фархон буд) бар тахти шоҳаншоҳӣ нишаст. Дар ин замон се бародар аз мардуми Истахр ҳамдостон шуданд, то ӯро ба хунхоҳии Ардашер бикушанд.

Онҳо дар миёни посдорон дар ду радаҳ меистоданд ва ҷангафзор бар мегирифтанд ва шамшеру найза бар медоштанд. Чун подшоҳ аз баробарашон мегузашт, якояк сар фурӯ меоварданд. Ва ба шеваи намозгузорон дар сипар месуданд ва ба ин сон шоҳаншоҳро гиромӣ медоштанд. Як рӯз Шаҳрбароз ба аспи хеш нишаст ва бародарони сегона дар канори ҳам истодаанд. Чун Шаҳрбароз рӯ ба рӯяшон расид, найза ба ҷигараш куфтанд. Ӯ фурӯ афтод ва бар ҷой сард гашт. Онҳо расане бар пойи вай бастанд ва ӯро кашон-кашон бибурданд. Бархе аз бузургон барояшон ёрӣ расонданд ва ба куштани касоне, ки Ардашерро кушта буданд, кумак варзиданд. Ҳамаи замони фармонравоии ӯ чиҳил рӯз буд» [7, с. 499]. Аз сарчашмаи таърихии «Ал-комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир ва «Таърих ар-Русул вал-Мулук»-и Табарӣ маълум мегардад, ки баъд аз кушта шудани Ардашер аз тарафи Шаҳрбароз ва ба тахт нишастану фармонравоӣ худи ӯ чиҳил рӯз давом додааст.

Онҳо гуфтаанд, ки Хусрави Меҳрҷаснис ба подшоҳӣ расид, гӯянд: чун ӯ кушта шуд, бузургони Эрон касеро ҷӯё шуданд, ки аз хонадони шоҳон бибарад гарчи зан бошад. Дар ин ҳангом марде аз мондагони Майсонро оварданд, ки Фирӯз ибни Муҳронҷаснис ном дошт, Ҷаснисандеҳ (Хушнушандеҳ) хонда мешуд ва модараш Чаҳорбахт духтари Яздонзон (Яздонзодон) ибни Анушервон буд. Эрониён ӯро подшоҳи худ карданд. Ӯ сари бузург дошт ва чун хост, ки тоҷ бар сар ниҳад, гуфт: Чи танг аст ин тоҷ! Он замон аз гуфтори вай сухани бад заданд ва дар дамаш бикуштанд. Бархе гӯянд: кушта шудани ӯ пас аз чанд рӯз буд [7, с. 500].

Дар ин ҳангом кори эрониён ба тирагӣ ва шӯрбахтӣ гароид ва арабҳои мусалмон ба сарзамини эшон ҳамлавар гаштанд. Эрониён ба дунболи касе аз хонадони подшоҳӣ мегаштанд, ки ӯро подшоҳи худ созанд ва дар зери фармони ӯ биҷанганд ва кишвари худро аз бадии дигарон боздоранд. Эшон Яздигурд ибни Шаҳриёр ибни Парвизро дар Истахр ёфтанд. Ӯро баргирифтанду ба Мадоин оварданд ва бар тахт нишинонданд ва ӯ дар авранги шоҳаншоҳӣ устувор гардид. Вале фармонронии вай дар нигоҳи касонаш бад-он пиндор буд ва корҳоро бузургон ва вазирон мечархонданд, зеро кишвари Эрон ошӯбзада буд ва подшоҳи хурдсол. Душманон бар эшон густох гаштанд ва кори кишвар ба душворӣ гароид ва душманон ба сарзаминашон рахна карданд. Чун ду сол аз подшоҳии ӯ баромад, арабҳо ба Эрон тохтан оварданд. Ҳамаи рӯзгори зиндагии ӯ бисту ҳашт сол буд [7, с. 501].

Ибни Ҷарири Табарӣ низ таъкид менамояд, ки охирин подшоҳи давлати Сосониён Яздигурд ибни Шаҳриёр ибни Парвиз буда, онро дар Истахр ёфтанд. Ӯро ба Мадоин овардан ва ба тахт шинонданд. Чун ду сол аз подшоҳии ӯ баромад, арабҳо ба Эрон тохтан оварданд. Ҳамаи рӯзгори зиндагии ӯ бисту ҳашт сол буд. Ин буд андаке аз асари Табарӣ [8, с. 272].Ин вопасин подшоҳи Эрон буд. Пас аз он таърихҳои исломиро ба тартиби солҳои ҳичри қамарӣ меоварем. Пеш аз он, рӯзҳои пуровозаи араб ё ҷангҳои эшонро ёд мекунем. Сипас ба ёрӣ ва хости Худои бузург, рӯйдодҳои рӯзгори исломиро ёд мекунем [7, с. 501]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки робитаи туркону аҷдодони тоҷик дар асари «Ал-Комил фит-таърих»-и Ибн ал-Асир аз силсилаи подшоҳони давлати Сосониён ва Хоқонҳои туркнажод баргирифта аз подшоҳии Анӯшервон ва Хоқони турк дар мобайнҳои асри VI-и мелодӣ то миёнаҳои асри VII-и милодӣ идома ёфтааст.

Аслан Хоқонии Туркон аввалин бор аз соли 551-552 то 603-и мелодӣ идома ёфта, баъд аз он ба ду тақсим гаштаанд. Хоқонии Шарқии Туркон аз соли 603 то 744-и мелодӣ ва Хоқонии Ғарбӣ Туркон аз соли 603 то 742-и мелодӣ ҳукмронӣ кардаанд [2, с. 28-89].

Муқарриз: Муллоҷонов С. – д.и.т., профессори ДМТ

АДАБИЁТ

1. Асқаров А. Ӯзбек халқининг келиб чиқиш таърихи / А. Асқаров. -Тошкент, 2015.
2. Отахӯжаев А. Илк ӯрта асрлар марказий осиё цивилизациясида турк-суғд муносибатлари / А. Отахӯжаев. -Тошкент, 2010.
3. Бадиуллоҳ Дабиринаҷот. Корномаи Сосониён. -Исфаҳон, 1970.
4. Буряков Ю. Ф. К истории раннесредневекового Чача / Ю. Ф.Буряков. – 2002.
5. Гумилёв Л. Н. Древние Тюрки / Л. Н. Гумилёв. - Москва, 1993.
6. Ғоибов Ғолиб. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006.
7. Ибни Асир. Ал-камил фит-таърих. –Бейрут:Дору Содир, 1979.
8. Ибни Ҷарири Табарӣ, Таърих ар-Русул вал мулук. Тарҷумаи Абулқосим Поянда. -Теҳрон, 1984.

9. Муҳаммад Авфии Бухоро̄. Лубоб ул-Албоб. -Лейдан, 1906.
10. Мукминова Р. Г. Ташкент на перекрёстке истории / Р. Г. Мукминова М. И. Филанович. – Ташкент: Фан, 2001.
11. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довуд̄, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. -Душанбе, 2019.
12. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. –Душанбе: Адиб, 1989.
13. Эмомал̄ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2016.
14. Смирнова О. И. Заметки о среднеазиатской титулатуре / О. И. Смирнова. - ЭВ. – 1961. – ВИП. –С. 62.

РОБИТАИ ТУРКОН БО СОСОНИЁН ДАР ТАСВИРИ “АЛ-КОМИЛ ФИТ-ТАЪРИХ”-И ИБНИ АСИР

Дар мақола зикр шудааст, ки робитаи Хоқонии Турк бо Сосониён дар мобайнҳои асри VI-и мелод̄ то мобайнҳои асри VII-и мелод̄ идома ёфтааст. Ибни Асир дар асари худ “Ал-комил фит-таърих” оиди давлатдории Сосониён аз Хусрави I (Анӯшервон) то охирин подшоҳи Сосон̄, ки Хусрави Парвиз буд, маълумот дода шудааст. Хоқонии Турк дар нимаи дуюми асри VI-и мелод̄ (соли 551-552) дар Чоч (Тошканд) ташкил шуда, сардори аввалини он Истами Ябғу-Хоқон таъин мешавад. Баъдан ба ду тақсим гашта, Хоқонии Шарқии Турк ва Хоқонии Ғарбии Турк ном гирифтааст. Ба андешаи муаллиф, муносибатҳои сулолаи Сосониёну хоқонҳои турк дар аввал барои аз байн бурдани давлати Ҳайтолиён ва дигар ин ки боз ҳам наздикшавии ду давлати машҳури Туркону Сосониён дар он буд, ки Хусрав I Анӯшервон ба духтари Истами Хоқон ва Истами Хоқон ба духтари Хусрав I Анӯшервон издивоҷ намуда буданд. Ибни Асир дар асари худ «Ал-Комил» оиди давлатдории сулолаи Сосониён ва Хоқонии Турк маълумоти мухтасар додааст.

Калидвожаҳо: Ибни Асир, «Ал-Комил», таърих, Сосониён, Анӯшервон, Хоқонии Туркон, Истами Ябғу, Чоч, Мадоин, Ҳайтолиён, эрониён.

ОТНОШЕНИЯ ТЮРКОВ С САСАНАНИДАМИ В ПРОИЗВЕДЕНИИ «АЛЬ-КАМИЛЬ ФИТ-ТАРИХ» ИБН АСИРА

В статье отмечается, что связи между тюркским каганатом и сасанидами продолжались с середины VI века до середины VII века нашей эры. Ибн Асир в своем труде «Аль-камиль фит-тарих» приводит сведения о правительстве Сасанидов от Хосрава I (Анушервана) до последнего царя Сасанидов, которым был Хусрав Парвиз. Тюркский Каганат был основан во второй половине VI века нашей эры (551-552 годы) в Чоче (Ташкент), а его первым главой был назначен Истами Ябгу-Хакан. Позже он был разделен на две части, названные Восточно-Тюркским ханством и Западно-Тюркским ханством. По мнению автора, отношения Сасанидской династии с туркскими хаконами изначально были направлены на ликвидацию Хайталидского государства и дальнейшее сближение двух знаменитых тюрко-сасанидских государств в том, что Хосров I Анушерван женился на дочери Истами Хакона, а Истами Хакон женился на дочери Хосрова I Анушерване. В своем труде «Аль-Камиль» Ибн Асир дал краткие сведения о государственной династии Сасанидов и династии турецких хаканов.

Ключевые слова: Ибн Асир, «Аль-Камиль», история, Сасаниди, Анушерван, Тюркский Каганат, Истами Ябгу, Чач, Мадаин, хайталиды, иранцы.

RELATIONS OF THE TURKS WITH SASAANANID IN THE WORK “AL-KAMIL FIT-TARIKH” BY IBN ASIR

The article notes that connections between the Turkic Khaganate and the Sasanians lasted from the mid-6th century to the mid-7th century AD. Ibn Asir in his work “Al-kamil fit-tarikh” provides information about the Sassanid government from Khosraw I (Anushervan) to the last Sassanid king, who was Khusraw Parviz. The Turkic Kaganate was founded in the second half of the 6th century AD (551-552) in Chocha (Tashkent), and Istami Yabgu-Hakan was appointed its first head. Later it was divided into two parts, called the Eastern Turkic Khanate and the Western Turkic Khanate. According to the author, the relationship of the Sasanian dynasty with the Turkic Hakons was initially aimed at eliminating the Haytalid state and further rapprochement of the two famous Turkic-Sasanian states in that Khosrow I Anushervan married the daughter of Istami Hakon, and Istami Hakon married the daughter of Khosrow I Anushervan. In his work “Al-Kamil”, Ibn Asir gave brief information about the state dynasty of the Sassanids and the dynasty of the Turkish Khakans.

Key words: Ibn Asir, “Al-Kamil”, history, Sasanidi, Anushervan, Turkic Kaganate, Istami Yabgu, Chach, Madain, Haytalids, Iranians.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Одинаев Наим*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айн̄, кафедраи таърихи халқи тоҷик, унвонҷӯй. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдак̄, 121. Телефон: **(+992)918456693; E**-mail: **Odinaevnaim88@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Одинаев Наим Абдулхафизович*** – Таджикский государственный педагогический университет имена Садриддина Айни, кафедра истории таджикского народа, соискатель. **Адрес:** 734003, город Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992)918456693; E**-mail: **Odinaevnaim88@mail.ru**

Information about the authors: ***Odinaev Naim Abdulkhafizovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, department of history of the Tajik people, applicant. **Address:** 734003, Dushanbe city, 121 Rudaki ave. Phone: **(+992) 918456693**; E-mail: **Odinaevnaim88@mail.ru**

ТДУ: 728.03

РАВАНДҲОИ ТАШАККУЛИ МЕЪМОРИИ МАНЗИЛҲОИ ИСТИҚОМАТИИ АЗ НАВ БУНЁДШАВАНДА ДАР ШАҲРАКҲОИ ХУРДИ ТАЪРИХӢ

Зокиров Р.Ш.
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

Нигоҳ доштани асолати меъмории гузашта барои наслҳои оянда бо имкони мукаммал намудани он бо иншооти нав мутобиқи талаботи муосир яке аз масъалаҳои мубрам дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳрҳои хурди таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мубрамии ин масъала аз он иборат аст, ки чи тавре амалияи ҳозира нишон медиҳад, иморатҳои нави истиқоматӣ аксар вақт нодуруст, бе ба назар гирифтани тамоми шароитҳои муҳити меъморӣ, микроиқлим, анъанаҳои миллии тоҷикон бар хилофи симои бадеии муқарраргардидаи ҷойи муайяни таърихӣ сурат мегирад.

Мақсади таҳқиқот муайян намудани хусусиятҳои асосии ҳамгироии меъмории муосир ба сохтори муҳити мавҷудаи таърихии шаҳрҳои хурди Тоҷикистони Шимолӣ (дар мисоли Конибодом, Исфара, Навкат, Шайдон, Ғончӣ) ба мақсади ба даст овардани ҳамоҳангии мутақобилаи меъмории нав ва куҳна мебошад. Бинобар ин, вазифаи таҳқиқот муайян намудани сарчашмаҳо ва усулҳои ноил шудан ба ҳамоҳангии мутақобила, нигоҳ доштани анъанаҳои чандинасраи мардумии меъмории тоҷик аст. Фарзияи таҳқиқотӣ: дахолат ба муҳити таърихӣ бояд бо як қатор сабабҳои ба таври боварибахш асоснок алоқаманд буда, бо вазифаҳои мушаххаси таркибии шаҳрсозӣ ва хусусияти фарҳангӣ алоқаманд бошад. Дар таҳқиқот аз усулҳои таҳлили таърихию назариявии анъанавӣ ва муосири бунёди маҷмааҳои меъморӣ, маҳаллаҳо, гузарҳо ва кӯчаҳо аз биноҳои замонҳои гуногун дар шаҳрҳои хурди Тоҷикистони Шимоли дорои аҳамияти таърихӣ, аз қабили Навкат, Шайдон, Ғончӣ ва Гулистон истифода шудааст.

Ҳифзи меъмории гузашта барои наслҳои оянда бо имконияти бо иқтидорҳои нав мувофиқи талаботи ҳозира пурра кардани он яке аз масъалаҳои ҳассоси соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ арзёбӣ мегардад. Мақсади омӯзиши масъала тартиб додани равандҳои асосии ба сохти меъмории нав дохил кардани муҳити зисти таърихии шаҳрӣ, бо назардошти алоқамандии байни биноҳои мутақобилаи нав ва куҳна мебошад. Аз ин рӯ, ҳадафи таҳқиқот муайян кардани сарчашмаҳо ва усулҳои ноил шудан ба ҳамоҳангӣ дар чузъҳои шаҳрсозист. Фарзияи таҳқиқот: дахолат ба муҳити таърихӣ бояд бо як қатор омилҳои ба таври боварибахш асоснок ва бо вазифаҳои мушаххаси таркибии шаҳрсозӣ ва фарҳанг алоқаманд буда вобаста бошад. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили таърихӣ ва назариявӣ, усулҳои анъанавӣ ва муосири эҷоди маҷмааҳои бисёрсоҳавии меъморӣ ва биноҳо истифода шудааст.Тадқиқоти муаллиф дар шаҳракҳои зикргардидаи мавриди омӯзиш нишон дод, ки масоҳати аксар қитъаҳои наздиҳавлигии маҳаллаҳои таърихӣ нобаробар (0,04-0,12га) ва шакли ғайиросткунҷаро ташкил медиҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки маҳалла бе санадҳои лоиҳавӣ тақсим карда шуда бошад, аз ҷиҳати дигар тули марҳилаҳои таърихӣ ҳолати азнавтақсимкунӣ ва додугирифти қитъаҳои ҳаммарз шояд сурат гирифта бошад. Лекин анъанаи муносибатҳои маҳалладорӣ дар интихоби қисматҳои манзили дутаркибаи миллӣ хуб ҳифз карда шудааст [6, с.82]. Раванди шаҳрнишинӣ ва ободонии шаҳрҳо имрӯз босуръат ҷараён дорад, ки дар он шаҳр ҳамчун системаи доимо навшаванда ва давраҳои гуногуни таърихиро дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи онҳо инъикос менамояд. Дар даҳсолаҳои охир, роҳи интенсивии рушди шаҳракҳои таърихӣ бештар бо танг намудани мавқеи ёдгориҳои меъмории халқӣ ва ҳатто нобуд сохтани мероси беназири замони гузашта бархилофи талаботи нақшаҳои кулли шаҳрсозӣ сурат гирифта истодааст.

Дар ин замина аксар манзилҳои истиқоматӣ, хона-осорхонаҳо, марказҳои фарҳангию маишӣ, биноҳои хизматрасонӣ ба таври муосир пардозкорӣ мегарданд ё бинобар афзоиши аҳолӣ биноҳои истиқоматии баландошёна ҷойгузини онҳо мегарданд.

Дар ин замина баробари қонеъ гардонидани талаботи нави ҷомеаи шаҳрвандӣ мебояд ҳифзу ғанӣ гардонидани маконҳои бостонӣ ва нигоҳ доштани аслияти онҳо дар

шакли истифодаи самаранок аз рӯйи таъинот ё бо мақсади ҳифзи иншооти таърихӣ ҳамчун объекти сайёҳӣ таъмин карда шавад. Вазифа аз он иборат аст, ки мувозинати мутаносиб байни иморати ҳифзшуда (барқароршуда), биноҳои аз нав сохташуда тавассути технологияи замонавӣ бо тарҳрезӣ бо назардошти талабот ва технологияҳои муосир, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи азнавсозии шаҳрсозӣ мебошад, нигоҳ дошта шавад.

Ҳамоҳангсозии омезиши нав ва муҳити мавҷудаи меъмории бино дар лоиҳаҳо, бе ягон асоси назариявӣ ғайриимкон буда, донистани равандҳои муайян, риояи онҳо аз бисёр хатогиҳо дар ин самт ҷилавгирӣ мекунанд. Таҳлили таҷрибаи таърихии бисёрасраи меъморон, инчунин системаи ҳозиразамони таҷрибаи ин соҳа имкон дод, ки панҷ хусусияти асосии ба ҳам мутобиқ намудани меъмории нав дар муҳити мавҷудаи шаҳр ташаккул ёбад. Хусусияти аввал ба мақсад мувофиқ будани дахолат ба муҳити зисти шаҳри таърихӣ мебошад. Арзиши замин дар қисми таърихии шаҳр нисбати канори он ҳамеша хеле баланд аст; сохтмони нав дар чунин минтақаҳо, инчунин нисбат ба навъи анъанавӣ хеле гаронтар аст, зеро он бо бисёр омилҳои муҳандисию техникӣ, техногенӣ, масъалаҳои маданию эстетикӣ алоқаманд аст.

Маданияти бинокории муосир дар такя бо мероси пурғановати меъморӣ ҳамеша бо алоқамандии ҳамдигар инкишоф меёбад. Ёдгориҳои моддии маданӣ - ҳама мероси таърихӣ ва ҷузъи фарҳанганд, ки дар даврони гузашта бунёд шуда, арзишҳои гузаштаро ҳифз карда, аҳаммияти умумимиллӣ ё байналмилалӣ доранд [7, с.76].

Таҳлилҳо фарзияи дахолати муҳити таърихии шаҳриро бо ҳадафи ташаккули меъмории навин мувофиқи мақсад меҳисобанд, дар сурати риояи талаботи зерин:

1) Такмилу азнавсозии навоваронаи биною иншооти аҳаммияти таърихидошта ё ҳудуди ба он мутааллиқ бе ихтилоф бо иморати таърихӣ ҳифзшаванда.

2) Мусоидати навсозӣ ё таҷдид ба беҳбудии иҷтимоию иқтисодӣ, иқтисодӣ (аз ҷумла сайёҳӣ ва тарбиявӣ) ҷолиб будани маҳал [8, с 12];

3) Фароҳам наовардани ихтилоф дар таносубу бастакории меъморӣ бо мероси аҳаммияти таърихию фарҳангӣ дошта (дар ҳолати мероси фарҳангӣ маҳсуб ёфтани бино).

4) Созгорӣ ва ҳамоҳангӣ бо анъанаҳои мавҷудаи меъмории муҳити таърихӣ.

5) Дар қаламрави ҳамшафати ёдгории таърихию меъморӣ ё қитъаи озодшуда таъсис надодани инфрасохтори саноатию истеҳсолӣ.

Тарҳрезӣ ва сохтмони биноҳои нави аҳаммияти муҳим дошта дар ҷойҳои таърихии шаҳрҳо бояд дар асоси озмун ва муҳокимаи шурои шаҳрсозӣ гузаронда шаванд ва лоиҳаҳое, ки бо меъмории мавҷуда мувофиқат менамоянд, иҷозат дода нашаванд [11, с.4], инчунин аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ғоявӣ мантиқан асоснок карда, аз марҳилаи муҳокимаи ҷамъиятӣ гузаронида шавад.

Хусусияти нигоҳдорӣ ва ҳифзи аслияти муҳити таърихии шаҳрӣ аз нуктаи назари фарҳанг муҳим аст. Мақсади асосии ҳифзи муҳити таърихӣ интиқол ва ба наслҳои минбаъдаи ватани худ дар шакли мероси таърихии меъморӣ, дорои арзиши маънавӣ ва моддӣ барои ҷомеаи оянда мебошад. Ҳалли масъалаҳои мазкур, албатта, ба шароити хосси ҳар як маҳал алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, ин хеле муҳим аст, то вазъи шаҳрсозиро амиқан таҳлил намуда, дар марҳилаҳои ибтидоии лоиҳа имконоти гуногунро аз назорати визуалӣ мувофиқи нишондодҳое, ки барои баъзе ҷойи таърихӣ махсусан муҳимманд мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷолибияти мувофиқи замони муосир, талаботи иҷроиш ва дастрасии он ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, дар баробари нигоҳ доштани асолату якпорчагии таърихию фарҳангӣ, инъикоси арзишҳои муҳити мавҷудаи шаҳр, офарида шудааст, таъсири ба худ хосси меъморӣ медиҳад.

Ҷанбаҳои иҷтимоию экологӣ дар тарҳрезии навоваронаи манзилҳои истиқоматии камошёна сифат ва самаранокии ташаккули фазои меъморӣ барои мақсадҳои истиқоматӣ масъалаҳои марбут ба таҳлили фаҳмиши муосирро баррасӣ мекунад. Ҳадафи кор муайян кардани имконпазирии истифодаи усулҳои навоварона ба лоиҳакашии хонаҳои истиқоматии камошёна мебошад. Ҳадафи таҳқиқот таҳлили таъсири иҷтимоӣ ва ҷанбаҳои экологӣ барои таҳияи қарорҳои меъморӣ вобаста ба таъсири ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ ба ташаккули меъморӣ ва фазои муҳити таърихии шаҳракҳо мебошад. Ҷанбаи иҷтимоии таҳияи консепсия сохтмони хонаҳои истиқоматии камошёна бо назардошти

ҳифзи фазои шаҳрсозӣ, ҳамчун унсури таркибӣ, сохтории фазоии ҷомеа, дорои доираи васеи фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва психологӣ амалӣ мегардад [2,с. 42]. Эҳтиёҷҳои иҷтимоӣ барои ташаккули фазои меъмории сифатан нав пешбинишуда хосиятҳои амалиро инъикос намуда, талаботи ҷамъият, гурӯҳҳои иҷтимоӣ (муассисаҳо, ҷамоатҳо) ва шахсони алоҳида аз рӯи натиҷаҳои кори дахлдор равандҳои иҷтимоӣ (фаъолияти иҷтимоӣ) татбиқ карда мешавад [10, с. 43].

Имкониятҳои технологияҳои инноватсионӣ дар меъморӣ ва сохтмон технологияҳои асосии зеринро дар бар мегиранд [13; 14; 15]: ҳадди ниҳоии имконпазири технологияҳои инноватсионӣ барои истифода манбаъҳои барқароршавандаи энергия; банақшагирии оқилонаи функсионалии минтақахои миллӣ-ҳудудӣ ва муҳити зисти шаҳракҳои таърихӣ, аз ҷумла биноҳои истиқоматӣ, ҷойҳои истироҳат ва фароғат; ҳамкории оптималии шабакаҳои нақлиёти шаҳр, истифодаи қувваи барқ, нақлиёти ҷамъиятии бе муҳаррики дарунсӯз, маршрутҳои пиёдагард ва велосипедронӣ; афзалиятҳо дар ташкили муассисаҳои таълимӣ, илмӣ, маданию маърифатӣ.

Муқарриз: Мамадҷонова С.М. – профессори ДДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ

АДАБИЁТ

1. Беляева Т.В. Архаический, античный и раннесредневековый Ходжент по данным письменных и археологических источников / Т.В. Беляева // Исследования по истории и культуре Ленинабада. – Душанбе: Дониш, 1986. -С. 95.
2. Глушакова, Е.С. Синтез современной и исторической архитектуры в архитектурно-пространственной среде города / Е.С. Глушакова // Интеллектуальный потенциал XXI века: этапы познания. – Новосибирск: Новосибирская государственная архитектурно-художественная академия, 2012 – С. 11–17.
3. Гейер И.И. Весь Русский Туркестан / И.И. Гейер. - Ташкент,1909. - 308 с.
4. Ежегодный отчет Государственный комитет по статистики при Президенте РТ. –Душанбе, 2021.
5. Зокиров Р.Ш. Биноҳои истиқоматии шаҳракҳои таърихии шимоли Тоҷикистон дар асри XX / Р.Ш. Зокиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №5. – 2023. –С. 58.
6. Зокиров Р.Ш. Хусусияти инкишофи биноҳои истиқоматии шаҳрҳои миёнаи таърихии шимоли Тоҷикистон дар асри XX / Р.Ш. Зокиров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Бахши таҳқиқоти муҳандисӣ. - №1. – 2023. –С. 78.
7. Зокиров Р.Ш. Анъанаҳои меъморӣ дар бунёди манзилҳои истиқоматии шимоли Тоҷикистон (асри XIX – ибтидои асри XX) / Р.Ш. Зокиров // Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Муаррих». - №4(32). -2022. –С. 74.
8. Ильяненко, Ю.А. Современная архитектура в исторической застройке / Ю.А. Ильяненко, О.А. Пантелеева, С.И. Сидоренко // Инновационная наука. – 2017. – № 2–2. – С. 239–241.
9. История таджикского народа. - Т. 1. - М., 1963, - 330 с. (автор главы Б.А.Литвинский).
10. Пронина, Т.В. Архитектурный облик городских магистралей как визитная карточка города / Т.В. Пронина // Перспективы науки. – Тамбов: ТМБпринт. – 2020. – № 1(124). – С. 78–84.
11. Пронина, Т.В. Контрастность как одно из масъалатичных средств гармонизации архитектуры в исторической среде города / Т.В. Пронина // Перспективы науки. – Тамбов: ТМБпринт. –2021. – № 1(136). – С. 29–36.
12. Пронина, Т.В. Процессы формирования облика современных магистралей и улиц в условиях целостности городской среды / Т.В. Пронина. Под ред. М.И. Афониной // Устойчивое развитие территорий: сборник докладов международной научно-практической конференции (16 мая 2018 г.). – М.: Изд-во НИУ МГСУ, 2018. – С. 168–169.
13. Pronina, T.V. New Life of Traditional Finishing Materials in Architecture of Facades of Modern Buildings / T.V. Pronina // IOP Conf. Ser.: Materials Science and Engineering. – 2020.
14. Солодилова, Л.А. Доходное жилье: история и современность / Л.А. Солодилова // Проект Байкал. – 2021. – № 70. – С. 150–155.
15. Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2030. -Душанбе: Маркази миллии Қонунгузории ҶТ, 2014, 99 с.

РАВАНДҲОИ ТАШАККУЛИ МЕЪМОРИИ МАНЗИЛҲОИ ИСТИҚОМАТИИ АЗ НАВ БУНЁДШАВАНДА ДАР ШАҲРАКҲОИ ХУРДИ ТАЪРИХӢ

Нигоҳ доштани меъмории гузашта барои наслҳои оянда бо имкони пурра намудани он бо иншоотҳои нав мутобиқи талаботи муосир яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳрҳои хурди таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аҳаммияти ин масъала аз он иборат аст, ки чи тавре ки амалияи ҳозира нишон медиҳад, биноҳои нави истиқоматӣ аксар вақт нодуруст, бе ба назар гирифтани тамоми шароитҳои муҳити меъморӣ, микроиқлим, анъанаҳои миллии тоҷикон бар хилофи симои бадеии муқарраргардидаи ҷойи муайяни таърихӣ сурат мегирад. Мақсади таҳқиқот тартиб додани фарзия ва равандҳои асосии ҳамгироии меъмории муосир ба сохтори муҳити мавҷудаи таърихии шаҳрҳои хурди Тоҷикистони Шимолӣ мебошад. Бинобар ин, вазифаи таҳқиқот муайян намудани сарчашмаҳо ва усулҳои ноил шудан ба ҳамкории мутақобила, нигоҳ доштани анъанаҳои чандинасраи мардумии меъмории тоҷик аст. Фарзияи таҳқиқот: дахолат ба муҳити таърихӣ бояд бо як қатор сабабҳои ба таври боварибахш асоснок

алоқаманд бошад ва бо вазифаҳои мушаххаси таркибии шаҳрсозӣ ва хусусияти фарҳангӣ алоқаманд гардад. Дар таҳқиқот аз усулҳои таҳлили таърихию назариявии усулҳои анъанавӣ ва муосири бунёди маҷмааҳои меъморӣ, маҳаллаҳо ва кӯчаҳо, аз биноҳои замонҳои гуногун дар шаҳрҳои хурди Тоҷикистони Шимоли дорои аҳаммияти таърихӣ, аз қабили Исфара, Конибодом, Навкат, Шайдон, Ғончӣ ва Гулистон бо назардошти ҳифзи асолат ва анъанаҳои таърихӣ рушди инноватсионии замони муосир ва технологияҳои идоракунии имрӯза истифода шудааст.

Калидвожаҳо: шаҳрҳои хурд, ҳамгироии мутаносиб, вазъи шаҳрсозӣ, мавҷудият, муҳити таърихӣ, якпорчагии таркиб, муҳити зист, смарт-манзил.

ПРОЦЕССЫ ФОРМИРОВАНИЯ АРХИТЕКТУРЫ ВНОВЬ СТРОЯЩИХСЯ ЖИЛЫХ ДОМОВ В МАЛЫХ ИСТОРИЧЕСКИХ ГОРОДАХ

Сохранение архитектуры прошлого для будущих поколений с возможностью дополнения ее новыми сооружениями в соответствии с современными требованиями является одним из актуальных вопросов современных специалистов в области архитектуры и градостроительства малых исторических городов Республики Таджикистан. Важность данного вопроса состоит в том, что, как показывает современная практика, вмешательство новых жилых домов в историческую застройку населенных пунктов зачастую ошибочно, без учета всех условий архитектурной среды, микроклимата, национальных традиций таджиков, вопреки сложившегося художественного образа места, происходит определенное историческое событие.Цель исследования заключается в разработке гипотезы и основных процессов интеграции современной архитектуры в структуру сложившейся исторической среды малых городов Северного Таджикистана, с целью обеспечения взаимного сотрудничества старого и нового. Поэтому задачей исследования является определение источников и методов достижения взаимного сотрудничества, сохранения многовековых народных традиций таджикского зодчества. Гипотеза исследования: вмешательство в историческую среду должно быть связано с рядом убедительно обоснованных причин и должно быть связано со специфическими функциями композиции градостроительного и культурного характера. При изучении методов историко-теоретического анализа традиционных и современных методов застройки архитектурных комплексов, кварталов и улиц из построек разного времени в малых городах Северного Таджикистана, имеющих историческое значение, таких как Наукат, Шайдон, Ганчи и Гулистон, использованы инновационные разработки современности и современные технологии управления.

Ключевые слова: маленькие города, гармоничная интеграция, состояние городского планирования, существование, историческая среда, целостность композиции, среда, умный-дом.

PROCESSES OF ARCHITECTURAL ORGANIZATION OF RECONSTRUCTED RESIDENTIAL HOUSES IN HISTORICAL TOWNS

Preservation of past architecture for future generations with the possibility of supplementing it with new structures in accordance with modern requirements is one of the hot issues of modern specialists in the field of architecture and urban planning of small historical cities of the Republic of Tajikistan. The importance of this issue is that, as current practice shows, the intervention of new residential buildings in the historical development of settlements is often wrong, without taking into account all the conditions of the architectural environment, microclimate, national traditions of Tajiks, contrary to the established artistic image of the place. a certain historical event takes place. The purpose of the study is to develop the hypothesis and main processes of integration of modern architecture into the structure of the existing historical environment of the small towns of Northern Tajikistan, in order to ensure the mutual cooperation between the old and the new. Therefore, the task of research is to determine the sources and methods of achieving mutual cooperation, preserving the centuries-old folk traditions of Tajik architecture. Research hypothesis: intervention in the historical environment should be related to a number of convincingly justified reasons and should be related to the specific functions of the composition of urban planning and cultural character. In the study, historical and theoretical analysis methods of traditional and modern methods of building architectural complexes, neighborhoods and streets from buildings of different times in small towns of Northern Tajikistan with historical importance, such as Naukat, Shaydon, Ganchi and Guliston, taking into account the innovative development of modern times and modern management technologies has been used.

Key words: small towns, harmonious integration, state of urban development, existence, historical environment, integrity of composition, environment, smart-home.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Зокиров Раҳимҷон Шарифович*** - Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, омӯзгор. **Суроға**: 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони И.Сомонӣ, 226. Телефон: **(+992) 92-807-67-66** E-mail: **zokirov_1974_rahimjon@mail.ru**

Сведения об автор: ***Зокиров Рахимджон Шарифович***- Политехнический институт Таджикского технического университета имени ак. М.С. Осими в г. Худжанде, преподаватель. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект И. Сомони., 226. Телефон: **(+992) 92-807-67-66** E-mail: **zokirov_1974_rahimjon@mail.ru**

Information about the author: ***Zokirov Rahimjon Sharifovich***- Tajik Polytechnic Institute at the M.S.Osimi TTU, Khujand, Republic of Tajikistan, Lecturer. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, I. Somoni avenue 226, Phone: **(+992) 92- 807-67-66**. E-mail: **zokirov_1974_rahimjon@mail.ru**

ТДУ:930.85+32(575.3)

ПАЙОМАДҲОИ СИЁСАТИ ЗАБТКОРОНАИ АРАБҲО БАРОИ ЗАБОН ВА ФАРҲАНГИ ТОҶИКОН АЗ НИГОҲИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Шарипов Ҷамолиддин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиши таърихи сарзаминҳои тоҷикнишин – Эрон, Хуросон ва Варорӯд собит менамояд, ки фарҳанг ва тамаддуни ғановатманди тоҷикон дар раванди ташаккул ва рушди худ бо фарҳанги юнонӣ, исломӣ, туркӣ-муғулӣ ва аврупоӣ (аслан славянӣ) рӯ ба рӯ гардидааст. Таҳлили ин равандҳои бисёр муҳимми таърихӣ собит менамояд, ки тоҷикон ба ҷаҳонишавӣ ва таъсири омилҳои он нав рӯ ба рӯ нагардидаанду дар ин самт собиқаи тулонии таърихӣ доранд. Яке аз марҳилаҳои бисёр ҳассос ва муҳим дар ҳаёти фарҳангии тоҷикон ба раванди забткории арабҳо ва паҳншавии дини ислом дар сарзаминҳои тоҷикнишин рост меояд. То имрӯз оид ба оқибати забткории арабҳо ва таъсири он ба ҳаёти фарҳангии тоҷикон муаррихони зиёди ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқот анҷом дода, назари хешро иброз намудаанд.

Аосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллт, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ дар радифи масъалаҳои дигари мубрами таърихи аҳди бостон ва асримиёнагӣ оид ба раванди забткориҳои Хилофати араб дар манотиқи тоҷикнишин ва оқибатҳои он маълумоти мушаххас пешниҳод намудааст. Яке аз масъалаҳои меҳварии осори ӯро пайомадҳои сиёсати забткории арабҳо ва таъсири он ба фарҳангу забони халқи тоҷик ташкил медиҳад.

Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Забони миллат-ҳастии миллат» чунин таъкид намудааст: «Истилои араб барои ҳастии ҷисмониву маънавӣ, забон, фарҳанг, расму русум ва оину эътиқодоти ниёкони мо оқибатҳои басо мудҳиш ва гарон ба бор овард. Табиист, ки ҳама гуна ҷангу душманӣ бо харобкорӣ ва ғоратгариҳои мутаассибона тавъам аст. Дар раванди футуҳоти худ арабҳо низ ҳазорон-ҳазор шаҳру деҳоти сарсабзу шукуфои ниёкони моро ба коми оташ кашиданд. Дар канори ин қатлу хунрезиҳои бераҳмонаву саффоконаи арабҳо аз фаҷеътарин саҳифаҳои таърихи даврони истило маҳсуб мешавад. Муқовиматҳои сарсахтонаи мардуми аксари навоҳиву шаҳрҳои Эрону Мовароуннаҳр бар муқобили истилогарон бо бераҳмиҳои гӯшношунид ва кушторҳои беҳадду ҳисоб пахш карда мешуд» [9, с. 256].

Диққати Эмомалӣ Раҳмонро вазъи унсури марказии фарҳанги миллӣ -забон бештар ҷалб намудааст. Дарвоқеъ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки забони миллӣ дар ҳама давру замонҳо сипари ҳастии миллат ба ҳисоб меравад. Ӯ забонро ба шамшери тезу буррое шабоҳат додааст, ки соҳибзабон ба василаи он ҳастии маънавии хешро аз ҳуҷуму ҳамлаҳои миллиятзудо ва фарҳангсӯз муҳофизат менамояд. Халифаҳои араб беш аз истилогарони дигар, ба дарки ин нукта расида буданд, ки забон, маънавиёт ва фарҳангу оини халқҳои мағлуб метавонанд на танҳо садде дар роҳи интишори дини ислом шаванд, балки заминаи ваҳдат ва ҳаракатҳои озодихоҳонаи онҳоро фароҳам оварда, ҳукумати арабҳоро дар манотиқи тасхиршуда заиф ва нест намояд.

Таҳлилу омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муррихони варзида собит менамояд, ки арабҳо аз ибтидо дар манотиқи тасхиршуда тағйири муҳити маънавӣ ва диниро ба тавре ки он ба барандохтани дину эътиқодоти маҳаллӣ, аз байн бурдани забону хат ва осори фарҳангии бумӣ мусоидат намуда, қабули ислом, забон ва хатти арабиро осон кунад, дар меҳвари сиёсати худ қарор доданд. Маҳз дар натиҷаи амалӣ намудани чунин сиёсат бисёр халқҳои ғайриараби Шарқи Наздик, аз қабили мисриён, бобулиён, ошуриён ва ғайра на танҳо рӯ ба ислом оварданд, балки забону фарҳанг ва ҳувияти миллии худро аз даст дода, араб шуданд.

Хилофати Араб дар сарзаминҳои тоҷикнишин, махсусан Хуросону Мовароуннаҳр ҳамин сиёсатро роҳандозӣ карда, паҳн намудани исломро миёни мардуми ин сарзамин мақсади ниҳоии худ медонист. Онҳо дини мубини исломро ҳамчун аслиҳаи мафкуравие истифода намуданд, ки пас аз пирӯзӣ мебоист ғалабаи маънавию мафкуравии онҳоро бар

мардуми кишвар кафолат бахшад. Новобаста аз он, ки дар арафаи истилои араб дар манотиқи тоҷикнишин нуфузи дини зардуштӣ дар натиҷаи наҳзати Маздак ва зуҳури Монӣ хеле коҳиш ёфта, таъсири дини тарсоён дар ғарб ва ривоҷи оини будоӣ дар шарқи ин сарзамини паҳновар дар ваҳдати диниву эътиқодии мардум рахнаҳое ворид карда буданд, вале паҳн намудани ислом дар байни ақвоми ориёӣ ба осонӣ муяссар нагардид. Эмомалӣ Раҳмон тазаккур додааст, ки мардуми бисёр шаҳру навоҳии тасхиршуда бар асари зӯровариву фишори истилогарон исломро қабул намуданд, вале боз даст ба исён зада, аз дини нав баргаштанд. Мувофиқи маълумоти Абубакри Наршахӣ, аҳолии Бухоро се маротиба маҷбуран исломро пазируфта ва боз риддат оварда буданд. Ӯ қайд кардааст, ки «Бори чаҳорум, Қутайба ҳарб карда шаҳр бигрифт ва аз баъди ранҷи бисёр ислом ошкоро карда ва мусулмонӣ андар дили эшон биншонд, ба ҳар тариқе кор ба эшон сахт кард ва эшон ислом пазируфтанд ба зоҳир ва ба ботин бутпарастӣ мекарданд» [5, с. 43].

Чунин сиёсатро мо дар раванди забткории дигар саркардаҳои араб мушоҳида карда метавонем. Сарлашкари араб Қутайба ибни Муслим соли 712 бо артиши бистҳазорнафара шаҳри Самарқандро беш аз як моҳ муҳосира намуда, муҳофизони шаҳрро ба таслим шудан ва «сулҳ» бастан маҷбур кард. Мувофиқи «сулҳномае», ки байни Қутайба ва сарони Самарқанд баста шуд, самарқандиён маҷбур буданд, ки 10 миллион дирам ҳар соле бидиҳанд ва «имсол се ҳазор сар барда (ғулом) бидиҳанд, ки андар миёни онҳо кӯдаки хурд набувад ва на марди пир». Қутайба ҳамчунин шарт бигузошт, ки «ҳар чӣ андар оташкадаҳост, аз зинатҳошон баргирад ва бутонро бисӯзад» [1, с. 1278].

Баъди ин Қутайба дар ҷойи оташкадаҳо масҷид бунёд кард ва мардуми Самарқандро ба қабули ислом ва намоз гузоштан маҷбур намуд.

Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки ниёкони огоҳу бедордили мо бо мурури замон бо сидқу ихлоси тамом ва ишқу имони комил ба дини мубини ислом рӯй оварданд ва ҳар қадар, ки аз айёми пурфоҷиаи даврони истило дур мешуданд, бештар дилбаставу хидматгузори содиқи Ислом мегаштанд.

Бояд гуфт, ки таҳаввулоти мазкур дар муносибат ба ислом ду садсола пас аз оғози даврони истило ба вуқуъ пайваст, вале насли замони истило бар асари зулму ҷабр ва сахтгириву истибдоди саркардаҳои араб ҳанӯз имкони дарки ҳақиқати дини навро надошт ва онро ба осонӣ напазируфт. Маҳз ҳамин омилҳо буд, ки истилогарон барои назорати иҷрои фарзҳои ислом аз ҷониби мардуми маҳаллӣ сипоҳиёни худро дар нимаи хонаҳои онҳо ҷойгир менамуданд.

«Меҳмонии» иҷбории арабҳо дар хонаҳои мардуми маҳаллӣ дар саросари манотиқи тоҷикнишин роиҷ буда, дар ағлаби аҳдномаҳое, ки баъди фатҳи шаҳру навоҳӣ бо арабҳо баста мешуд, инъикос гардидааст. Муаррихони асримиёнагӣ, ки маълумоти онҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон оварда шудааст, пораҳое аз аҳдномаҳои мардуми шаҳрҳои Қум, Исфаҳон, Марви Шоҳҷон, Кеш, Нахшаб, Чоч ва ғайраро бо истилогарон иқтибос кардаанд, ки дар ҳамаи онҳо ҷойгир кардани арабҳо дар хонаҳои мардуми маҳаллӣ дар баробари пардохти молиёт ва ҷизя аз шартҳои муҳиме буд, ки бар дӯши аҳолии он шаҳру навоҳӣ бор карда мешуд. Аз таҳлили маъхазҳои таърихӣ бармеояд, ки «меҳмонии» иҷбории арабҳо дар хонаҳои мардум дар аксари мавридҳо ба сукунати доимии онҳо табдил ёфтааст. Муҳоҷир намудани ақвоми араб аз бодияҳои тафсон ва талу теппаҳои хушку беоби Араб ба кишвари сарсабзу биҳиштосои халқҳои ориёӣ, аз як ҷониб, ҳадафи устувор намудани ҳукумати арабҳо ва паҳн намудани исломро пайгирӣ кунад, аз ҷониби дигар, бо мақсади соҳиб шудан ба молу сарват ва неъматҳои моддии ин сарзамин сурат мегирифт. Эмомалӣ Раҳмон ба таърихномаҳои асримиёнагӣ такя намуда қайд кардааст, ки нахустин мавҷи муҳоҷирати арабҳо ба Хуросон ҳанӯз соли 671 ба вуқуъ пайваста буд. Маҳз дар ҳамин сол 50 ҳазор тан аз арабҳои Басра ва Куфа бо роҳбарии Рабеъ ибни Зиёд ба Хуросон равона шуданд. Донишманди амрикоӣ Р. Фрай теъдоди ин муҳоҷиронро бо иловаи занону кӯдакон дар ҳудуди 200 ҳазор кас тахмин кардааст [10, с. 30].

Муҳаққиқон дар таҳқиқоте, ки доир ба ҳузури арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр дар даврони хилофати Уммавиён (661-750) анҷом додаанд, шумораи танҳо мардони ҷангии арабро дар ин сарзамин ҳудуди 175 ҳазор нишон додаанд.

Ҷойгиршавии арабҳои истилогар ва дингустар дар миёни халқҳои ориёӣ яке аз омилҳои муҳимми паҳншавии дини мубини ислом ва аз байн рафтани оин ва эътиқодоти мазҳабии мардуми маҳаллӣ гардида буд. Маҳз ҳамин арабҳо мардумро ба дини ислом тарғиб ва иҷрои фароизи онро аз ҷониби онҳо таҳти назорат қарор медоданд. Бо дасти онҳо оташкадаҳо вайрон ва оташи онҳо хомӯш карда шуд, маъбаду бутхонаҳо ба коми оташ афканда шуданд ва ба ҷойи онҳо масҷидҳои нахустин бунёд гардиданд.

Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст, ки ҳузури ҷамоатҳои бузурги арабҳо дар Эрону Мовароуннаҳр танҳо боиси тағйир пазируфтани фазои диниву эътиқодӣ дар ин сарзамин нагардид, балки муҳити этникӣ ва забониро низ дигаргун кард ва ҳамзистии арабҳоро бо мардуми маҳаллӣ фароҳам сохт. Ин ҳамзистии забон, фарҳанг, расму оин ва тарзи зиндагиву тафаккури ду қавм буд. Ғолибон кӯшиш бар он доштанд, ки пирӯзии ислом бар дини мардуми маҳаллӣ пирӯзии забону хатти арабиро низ бар хатту забонҳои ниёкони тоҷикон дар пай дошта бошад ва саранҷом ҳувияту ҳайсияти милливу маънавии онҳоро аз байн барад [9, с. 259].

Воқеан, арабҳо дарк намуда буданд, ки агар забони мардуми маҳаллиро аз саҳнаи сиёсат ва қудрат барандозанд, сарватҳои маънавии онро нобуд созанд ва ба тағйири хатти он муваффақ шаванд, он забон беарзиш ва дар набард бо забони арабӣ аз байн хоҳад рафт, соҳибони забон аз гузаштаву андӯхтаҳои таърихии хеш бнасиб шуда, маънавиёт ва ҳувияти худро аз даст медиҳанд.

Бо дарназардошти ин, муборизаро ба муқобили забонҳои мардуми тасхиршуда вусъат дода, ҳама гуна осорро ба ин забонҳо бо баҳонаи «осори куфру зилол» будан нобуд менамуданд. Тамоми он асноду далелҳое, ки то имрӯз омада расидаанд, аз чунин рафтори душманонаи арабҳо нисбат ба забон ва осори фарҳангии тоисломии ниёкони тоҷикон хабар медиҳанд. Мутаффакири барҷастаи асримиёнагӣ Ибни Халдун дар «Муқаддима»-и худ ба ҳодисаи бо дастури халифа Умар нобуд сохтани осори мактуби даврони сосонӣ ишора карда, пурсишеро бад-ин шева пеш гузоштааст: «Куҷо шуд илму дониши Эрон, ки Умар дар ҳангоми фатҳ ба нобуд кардани онҳо фармон дод?!» [3, с. 256].

Дар робита ба ин масъала дар сарчашмаҳо қайд шудааст, ки вақте сипоҳиёни араб бо сардории Саъд ибни Абиваққос сарзамини Эронро фатҳ намуданд, китобҳои зиёде ба дасти онҳо ғанимат афтод. Эмомалӣ Раҳмон номаи Саъдро ба халифа Умар, ки аз зиёд будани китобҳо хабар медиҳад ва ҷавоби халифа Умарро иқтибос овардааст, ки чунин аст: «Китобҳоро дар об афканед, зеро агар онҳо боиси роҳнамойӣ бошанд, мусулмононро роҳнамое беҳтар аз Қуръон нест ва агар далели гумроҳӣ бошанд, мо аз он бениёзем» [13, с. 112].

Мутафаккири барҷастаи тоҷик Абурайҳони Берунӣ муносибати ваҳшиёнаи истилогарони арабро нисбат ба мероси адабиву фарҳангии хоразмиён дар «Осор-ул-боқия» бо таассуф ёдовар шуда, чунин навиштааст: «Вақте Қутайба ибни Муслими Боҳилӣ (сарлашкари араб) бар мардуми Хоразм даст ёфт, нависандагони эшонро ба қатл расонд, ҳирбадонро бикушт, китобу рисолаҳои онҳоро ба оташ афканд. Баъди он мардуми Хоразм дар нодонӣ фурӯ рафтанд ва он чиро, ки имрӯз аз ҳикмату улум медонанд, ҳамаро сина ба сина нақл кардаанд ва танҳо аз рӯйи ҳофиза гуфтаанд».

Бояд қайд кард, ки ин ҷо Абурайҳони Берунӣ ба кирдоре, ки ба ағлаби истилогарон дар бархӯрди онҳо ба фарҳангу тамаддуни халқҳои истилошуда хос аст, ишора намудааст. Дар ин давом Эмомалӣ Раҳмон тазаккур додааст, ки истилогарони араб дар раванди забти ин ё он кишвар қабл аз ҳама осори мактуби мардуми он сарзаминро маҳв мекарданд, зеро ин навъ осор махзани ҳофизаи таърихии халқ аст. Халқе, ки ҳофизаи таърихиаш заиф гашта ва ё аз байн рафтааст, ба зудӣ метавонад дар масири таърих раҳгум занад ва ғуломи маънавии дигарон гардад.

Аз таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муаррихони ватаниву хориҷӣ бармеояд, ки истилои араб дар таърихи миллати тоҷик аз лиҳози сиёсӣ ва низомӣ ҳодисаи беназир набуд, зеро, пеш аз он манотиқи тоҷикнишин аз ҷониби ғосибони аҷнабӣ, монади юнону мақдуниҳо, қабоили бодиянишини турктабор ва дигарон истило шуда буд. Ҳуҷуми аҷнабиён ба сари мардум мусибатҳои гарон меовард ва боиси бадбахтии мардум ва шикасту харобии ободиҳои фарҳангӣ ва аз байн рафтани дастовардҳои моддиву маънавии ниёконамон мегардид. Истилои араб низ аз истилогариҳои аҷнабиёни дигар ҳеҷ фарқияте

надошт. Саркардаҳои араб ҳам аз қатлу хунрезӣ, истисмори молу мулки мардум ва нест намудани боигарии маънавиву фарҳангии кишвар рӯй нагардондаанд. Танҳо арабҳо бар хилофи истилогарони дигар, ба сарзамини ниёкони тоҷикон дини нав – исломро оварданд. Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд менамояд: «Дингустарии арабҳо ба ҳастии маънавии қавмҳои ориёӣ, ба асолати фарҳангу тамаддун ва пояҳои ҷаҳоншиносии гузаштагони мо таҳдид мекард. Пайдост, ки ин хатар аз хатари аввал ҷонкоҳтар ва натиҷааш барои ҳомилони фарҳангу тамаддуни бузурги ориёӣ ба маротиб вазнинтар буд, зеро пирӯзии маънавӣ ва мафкуравӣ ҳадафи аз байн бурдани ҷавҳар ва ҳувияти миллии қавми мағлубро пайгирӣ мекунад» [9, с. 259].

Қариб буд, ки монанди халқҳои Шарқи Наздик истилои араб боиси аз байн рафтани ақвоми ориёӣ гардад, хатари беному нишон гаштан ва аз арсаи тамаддуни ҷаҳонӣ берун рафтани ниёкони мо ба воқеият наздик шуда буд. Ба ақидаи Эмомалӣ Раҳмон, «тақдири тамом омилони ҳастии миллат, махсусан забон, фарҳанг ва тамаддуни чандинҳазорсолаи ниёкон дар сари мӯе қарор дошт».

Пазируфтани дини ислом сабаби паҳн шудани забони арабӣ ба сифати забони иҷрои фароизи динӣ, коргузорӣ ва китобат дар қаламрави қавмҳои ориёӣ гардид. Забони мардуми маҳаллӣ, монанди паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва бохтарӣ, аз доираи муомилоти расмӣ, илмӣ ва фарҳангӣ тадриҷан хориҷ шуда, давраи суқути онҳо фаро расид, ки он қариб ду аср идома намуд. Дар натиҷа забони арабӣ дар ин муддат ба забони расмии Эронзамин табдил ёфт. Пазироиши ислом аз ҷониби ақвоми ориёӣ ва мақоми муваққати забони арабӣ дар сарзамини онҳо боиси паҳншавии алифбои арабӣ дар ин сарзамин гардид. Бо тағйирот дар се рукни муҳимми тамаддун, яъне дин, забони расмӣ ва алифбо хатари гусастагии таърих, забон ва фарҳанги қавмҳои ориёӣ ба вуҷуд омад. Вале, хушбахтона, амалан ин тавр нашуд ва ниёкони мо новобаста аз тағйир ёфтани рукнҳои меҳварии тамаддуни онҳо ва бо вуҷуди хатарҳои ҳувиятзудо тавонистанд асолати забон, таърих ва фарҳанги худро аз тасаллут ва тасарруфи аҷнабиён ҳифз кунанд.

Дар ин хусус Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки шояд ягон миллати дунё мисли миллати тоҷик борҳо ба вартаи фано гирифтор гардида, боз дар лаҳзаи вопасини ҷон бохтан аз нав мадор гирифта, эҳё нашудааст, аз дунболи ҳар шикасту инқирози чашмрас борҳо шикастапораҳояшро васл намуда, боз ба зинаи тозаи камолот нарасидааст.

Дар раванди сиёсати забткоронаи араб ҳам талоши ниёкони мо ҷиҳати ҳифзи забону фарҳанг ва арзишҳои олии тамаддуни ориёӣ онҳоро аз «араб шудан» нигоҳ дошт. Тоҷикон мусулмон шуданд ва дар роҳи ҷаҳонӣ гардидани дини мубини ислом нақши бузург ва мондагор гузоштанд. Дар ин радиф онҳо ба оғӯши фарогири ислом бо ҳифзи забон, асолати фарҳанг ва ҳувияти миллӣ ворид гардиданд.

Тоҷикон ба шикасти қудрати сиёсиву низомии кишвар ба ночор муросо карданд, вале тасхиру таҳқири арзишҳои маънавиашонро таҳаммул накарданд, ба фанои забон ва заволи фарҳангашон ба ҳеҷ ваҷҳ иҷозат надоданд. Ҳамин буд, ки онҳо баҳри наҷот ва растагории ҳастии маънавии хеш даст ба пайкори фарҳангӣ бо арабҳо заданд.

Талошҳои тақдирсоз, қабл аз ҳама, ҳадафи ҳифзи забон ва дастовардҳои маънавии миллат, ворид намудани арзишҳои фарҳангу тамаддуни Аҷам ба матну батни тамаддуни ҷадиде, ки дар заминаи ҷаҳоншиносии исломӣ пайрезӣ мегардид, созгор ва мутобиқ кардани анъанаву суннатҳои тамаддуни тоисломии ориёӣ бо муҳити нави исломӣ, рангу руҳи миллӣ бахшидан ба ислом ва ҷаҳоншиносии исломиро пайгирӣ менамуд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳо ниёкони мо камоли ҷасорату матонат, фидокориву сарсупурдагӣ, хирадмандӣ ва ғояти бурдбориву таҳаммул аз худ нишон доданд. Ин талошҳо баҳри ҳифзи фарҳанги тоҷикон ва халқҳои дигари ориёӣ сари садҳо фарзандони фарзонаи диёр бохта шуд.

Аз таърихи умумиҷаҳонӣ бармеояд, ки имону эътиқод ва мафкураи нави миллӣ ва ё мазҳабӣ метавонанд барои қавмҳо ва миллатҳое, ки аз онҳо истиқбол кардаанд, заминаи ваҳдату ягонагӣ ва инкишофи руҳониву маънавӣ бошанд, онҳоро ба роҳи пешрафту тараққӣ раҳнамун сохта, марҳилаи наве дар масири таърихашон оғоз гардад.

Унсурҳои фарҳангу тамаддун омили асосии ҳифзу тақвияти ҳофизаи таърихии ҳар як халқ, забон ва алифбову хатти он маҳсуб мешаванд. Тағйири ин рукнҳо, сарфи назар аз сабабу омилҳои он, ҳатман латмае ба раванди табиии рушди ҳофизаи таърихии халқ

ворид мекунад. Аз ин рӯ, арабҳо низ мисли соири истилогарон бо маҳви осори китобатшудаи ниёкони мо ва қатлу куштори соҳибони он осор, қабл аз ҳама, ҳадафи тағйири рукнҳои аслии фарҳангу тамаддуни халқҳои эрониро пайгирӣ менамуданд. Матлаби мазкурро тадбирҳои онҳо дар мавриди тағйири забони коргузории девонҳои давлатӣ дар Эронзамин, дар навбати аввал девони хироҷ, таъйид мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳам мисли дигар муаррихони ватанӣ тазаккур додааст, ки арабҳо дар давраи аввали кишвардории худ дар Эронзамин ба сабаби надоштани таҷрибаи кофӣ дар давлатдорӣ маҷбур буданд, ки дастгоҳҳои идории Эрону Моваруннаҳрро дар ҳамон шакли пешинааш нигоҳ доранд. Дар ин дастгоҳҳо, ки аз низоми давлатдории сосонӣ сарчашма мегирифтанд, намояндагони мардуми бумӣ фаъолият доштанд ва коргузорӣ низ ба хат ва забони паҳлавӣ сурат мегирифт. Дар маърази истифода боқӣ мондани забону хатти халқҳои эронӣ дар баробари он, ки василае муассир ва омиле корагар дар бақову идомати фарҳанг ва ҳувияти мардуми Эронзамин бошад, метавонист садде дар роҳи густариши забону хатти арабӣ дар ин минтақаи бузурги Хилофат эҷод кунад. Аз ин рӯ, фармонравоёни араб дар садади он шуданд, ки забону хатти паҳлавиро аз девонҳои давлатӣ барандозанд ва коргузориро дар онҳо ба забони арабӣ гардонанд. Ин кор дар Ироқ ё Эрони Ғарбӣ бо амри Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф, ки ба золимиву хунхориаш қаблан ишорат рафт, дар соли 697 амалӣ гардид. То соли мазкур дабири девони хироҷи Ироқ Зодонфаррухи эронӣ буд ва коргузории идориву муҳосиботӣ комилан ба забону хатти паҳлавӣ сурат мегирифт [9, с. 261].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳама давру замонҳо миёни забону хат, давлат ва ҳувияти миллӣ пайванди мустақим вуҷуд дорад. Вақте ки ин пайванд мустаҳкам ва неруманд гардидааст, забон марҳилаи рушду такомулро дар паноҳи давлати муқтадир паймудааст ва ҳувияти миллӣ низ дар беҳтарин ваҷҳ ба зуҳур омадааст. Заиф гардидан ва ё аз байн рафтани пайванди мазкур боиси нотавонӣ ва ҳатто маҳву фанои забон ва ҳувияти миллӣ мегардад. Қонуни мазкур дар давраи истилои араб низ ба тамомӣ ба зуҳур омад.

Дар Ориёнои Шарқӣ, яъне сарзамини Хуросону Моваруннаҳр, гузариши коргузории девонҳо ба арабӣ дертар, дар соли 742 сурат гирифт, зеро ин минтақа, хосатан Моваруннаҳр танҳо дар охирҳои чаҳоряки аввали асри VIII тобеи арабҳо гардидааст.

Ҳамин тавр, мувофиқи маълумоти маъхазҳои таърихӣ дар солҳои чилуми асри VIII дар манотиқи сукунати қаламрави ақвоми ориёӣ коргузории девонҳои давлатӣ комилан ба забони арабӣ ба роҳ монда шуд. Ҳамчунин забони арабӣ дар мубориза бо забони паҳлавӣ ва забонҳои дигари мардуми Эронзамин пирӯзии комил ба даст овард. Бо дарназардошти мақсаде, ки арабҳо дар раванди истилои кишварҳои дигар пайгирӣ мекарданд ва дар сархати ин ҳадафҳо нашри дини ислом, забон ва хатти арабӣ дар кишварҳои истилошуда қарор доштанд, шикасти забонҳои расмиву динии мардуми Эронзамин мантиқан тавзеҳпазир аст, зеро қудрати нави сиёсӣ ва ҷаҳоншиносии ҷадиди динӣ дар роҳи таҳким бахшидан ба пояҳои ҳастии хеш мебоист қабл аз ҳама василаҳои зуҳури қудрати сиёсӣ ва нашри афкори динии манотиқи тоҷикнишинро аз байн барад. Забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва бохтарӣ, ки дорои хату алифбои худ ва шомили осори таҷассумкунандаи ҷаҳоншиносии диниву дунявии мардуми ориёӣ буданд, аз ҳамин гуна василаҳои хатарзо барои паҳншавии дини ислом ва ҷаҳонбинии нави яктопарастӣ маҳсуб мешуданд, дар арсаи рақобат бо забони арабӣ мавҷудияти худро аз даст доданд.

Муқарриз: Расулиён Қ.- д.и.т., профессори ДМТ

АДАБИЁТ

1. Балъамӣ А. Таърихи Табарӣ. -Ҷ. 2. – Теҳрон, 1380 / 2001. – С. 1278.
2. Берунӣ А. Осор ул-боқия. – Душанбе, 1990. – С. 63
3. Ибни Халдун. Муқаддима. – Байрут, 1997. – С.112.
4. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. – Душанбе, 1989.
5. Наршахӣ А. Таърихи Бухоро. Тасҳеҳ ва таҳияи Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – С. 43.
6. Озарнӯши Озартош. Чолиш миёни форсӣ ва арабӣ. – Теҳрон, 1385/2007. – С. 24.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 3. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 504 с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёиҳо. – Душанбе, 2006. – 132 с.

9. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби 1. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 516 с.
10. Фрай Р. Таърихи Эрон аз ислом то Салоҷиқа. Тарҷумаи Масъуди Рағабниё /Р. Фрай. – Теҳрон, 1358/1979. – С. 30.
11. Ҳалимов С. Таърихи забони тоҷикӣ (асри Х) / С. Ҳалимов. – Душанбе: УДТ, 1978.
12. Ҳоҷӣ Халифа. Кашф уз-зунун ан асомии-л-кутуб ва-л-фунун. -Ҷ.1. – Байрут, 1986. – С. 66.
13. Шарофиддини Рустам. Давлати Сомониён ва забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1999. – 176 с.
14. Шукуров М. Хуросон аст ин ҷо / М. Шукуров. – Душанбе, 1997.
15. Ҷаҳшиёрӣ. ал-Вузаро ва-л-куттоб. Тарҷумаи Абулфазли Таботабоӣ / Ҷаҳшиёрӣ. – Теҳрон, 1348/1969. – С. 23.

ПАЙОМАДҲОИ СИЁСАТИ ЗАБТКОРОНАИ АРАБҲО БАРОИ ЗАБОН ВА ФАРҲАНГИ ТОҶИКОН АЗ НИГОҲИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф бо назардошти омӯзиш ва таҳқиқи осори муаррихони ватаниву хориҷӣ ва осори ба таърихи халқи тоҷик бахшидаи Эмомалӣ Раҳмон оид ба пайомадҳои сиёсати забткоронаи арабҳо барои забон ва фарҳанги тоҷикон маълумоти мушаххас пешниҳод намудааст. Аз таҳлили масъалаи мазкур бармеояд, ки сиёсати забткоронаи арабҳо монанди дигар ақвоми аҷнабӣ, ки ба манотиқи тоҷикнишин ворид гардидаанд, ҳеҷ фарқияте надошт. Хусусияти ягонаи фарқкунанда танҳо дар он буд, ки дини нав – ислом дар ин сарзамин паҳн шуд. Таҳлилу омӯзиши осори Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муррихони варзида собит менамояд, ки арабҳо аз ибтидо дар манотиқи тасхиршуда тағйири муҳити маънавӣ ва диниро ба тавре ки он ба барандохтани дину эътиқодоти маҳаллӣ, аз байн бурдани забону хат ва осори фарҳангии бумӣ мусоидат намуда, қабули ислом, забон ва хатти арабиро осон кунад, дар меҳвари сиёсати худ қарор доданд. Маҳз дар натиҷаи амалӣ намудани чунин сиёсат бисёр халқҳои ғайриараби Шарқи Наздик, аз қабили мисриён, бобулиён, ошуриён ва ғайра на танҳо рӯ ба ислом оварданд, балки забону фарҳанг ва ҳувияти миллии худро аз даст дода, араб шуданд. Хилофати Араб дар сарзаминҳои тоҷикнишин, махсусан Хуросону Мовароуннаҳр, ҳамин сиёсатро роҳандозӣ карда, паҳн намудани исломро миёни мардуми ин сарзамин ба мақсади ниҳоии худ табдил дода буд. Онҳо дини исломро ҳамчун аслиҳаи мафкуравие истифода намуданд, ки пас аз пирӯзӣ мебоист ғалабаи маънавию мафкуравиашонро бар мардуми кишвар кафолат бахшад. Новобаста аз он ки дар арафаи истилои араб дар манотиқи тоҷикнишин нуфузи дини зардуштӣ бар асари наҳзати Маздак ва зуҳури Монӣ хеле коҳиш ёфта, таъсири дини тарсоён дар ғарб ва ривоҷи оини будоӣ дар шарқи ин сарзамини паҳновар дар ваҳдати диниву эътиқодии мардум рахнаҳое ворид карда буданд, вале паҳн намудани ислом дар байни ақвоми ориёӣ ба осонӣ муяссар нагардид.

Калидвожаҳо: пайомадҳо, омил, таъсир, фарҳанг, забон, ҳастӣ, миллат, таърих, зарурат, арабҳо, тоҷикон, ориёҳо, тамаддун, завол, рушд, таҳаввулот.

ВЗГЛЯДЫ ЭМОМАЛИ РАХМОНА О ПОСЛЕДСТВИЯХ ЗАВОЕВАТЕЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ АРАБОВ ДЛЯ ЯЗЫКА И КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКОВ

В данной статье автор с учетом изучения и исследования трудов отечественных и зарубежных историков и работ, посвященных истории таджикского народа Эмомали Рахмона, предоставил конкретные сведения о последствиях арабской завоевательной политики для таджикского языка и культуры. Из анализа этого вопроса видно, что завоевательная политика арабов ничем не отличалась от политики других иноземных народов, проникших в населенные таджиками районы. Единственной отличительной чертой было то, что на этой земле распространилась новая религия – ислам. Анализ и изучение трудов Эмомали Рахмона и других выдающихся историков доказывают, что арабы с самого начала на завоеванных территориях изменили духовно-религиозную среду таким образом, что это способствовало популяризации местных религий и верований, ликвидации языков коренных народов, письменности и культурных артефактов, а также принятию ислама, языка и облегчению арабской линии в политике. В результате реализации этой политики многие неарабские народы Ближнего Востока, такие как египтяне, вавилоняне, ассирийцы и др., не только приняли ислам, но и утратили свой язык, культуру и национальную идентичность и стали арабами. Арабский халифат проводил эту политику на таджикских землях, особенно в Хорасане и Мавераннахре, и сделал своей конечной целью распространение ислама среди жителей этой земли. Он использовал религию ислам как идеологическое оружие, которое после победы должно было гарантировать ему духовную и идеологическую победу над народом страны. Несмотря на то, что накануне арабского нашествия влияние зороастрийской религии в таджиконаселенных районах сильно сократилось из-за возрождения маздака и появления Мони, на западе-влияние религии страха и развитие буддизма на востоке этой обширной земли нарушило религиозное единство народа, но арабам было нелегко распространять ислам среди арийских народов.

Ключевые слова: последствия, фактор, культура, язык, бытие, нация, история, необходимость, арабы, таджики, арийцы, цивилизация, упадок, развитие, эволюция.

THE CONSEQUENCES OF CONQUERING POLICY OF ARABS FOR THE LANGUAGEAND CULTURE OF TAJIKS PEOPLE

In this article, the author, taking into account the study and research of the works of domestic and foreign historians and the works dedicated to the history of the Tajik people by Emomali Rahmon, has provided specific information on the consequences of the Arab conquest policy for the Tajik language and culture. From the analysis of this issue, it can be seen that the conquering policy of the Arabs was no different from that of other foreign peoples who entered the Tajik-populated

areas. The only distinguishing feature was that the new religion - Islam spread in this land. The analysis and study of the works of Emomali Rahmon and other distinguished historians prove that the Arabs from the beginning in the conquered areas changed the spiritual and religious environment in such a way that it contributed to the promotion of local religions and beliefs, the elimination of indigenous languages, scripts and cultural artifacts, and the adoption of Islam, language and to facilitate the Arab line, they decided on the axis of their policy. As a result of the implementation of this policy, many non-Arab peoples of the Near East, such as Egyptians, Babylonians, Assyrians, etc., not only converted to Islam, but also lost their language, culture and national identity and became Arabs. The Arab caliphate implemented this policy in Tajik-inhabited lands, especially Khurasan and Movarunnahr, and made the spread of Islam among the people of this land their ultimate goal. They used the religion of Islam as an ideological weapon, which after victory should guarantee their spiritual and ideological victory over the people of the country. Regardless of the fact that on the eve of the Arab invasion, the influence of Zoroastrian religion in the Tajik-populated areas was greatly reduced due to the revival of Mazdak and the appearance of Moni, and the influence of the religion of fear in the west and the development of Buddhism in the east of this vast land made a breach in the religious and religious unity of the people. but it was not easy for the Arabs to spread Islam among the Aryan peoples.

Key words: consequences, factor, influence, culture, language, existence, nation, history, necessity, Arabs, Tajiks, Aryans, civilization, decline, development, evolution.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарипов Ҷамолиддин Сафолович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**,** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 943777707**, E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Шарипов Джамолиддин Сафолович*** **–** Таджикский национальный университет, кафедра истории таджикского народа, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 943777707**, E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

Information about the author: ***Sharipov Jamoliddin Safolovich*** - Tajik National University, Department of History of the Tajik People, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 943777707**, E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

УДК: 930 (575.3) (470)

ТАЪСИРИ СИЁСАТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ШАРҚИ НАЗДИК

Меъроҷиддини Насридин , Воҳидов Н.Ҳ.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳузури Федератсияи Россия дар Шарқи Наздик заминаҳои амиқи таърихӣ дорад. Ҳамин тавр, ҳатто 200 сол қабл яке аз вазоифи муҳимми сиёсати хориҷии империяи Россия ин маҳдуд намудани нуфуз ва аз байн бурдани империяи Усмонӣ дар атрофи баҳри Сиёҳ ва Балкан буд. Иттиҳоди Шуравӣ сиёсати хориҷии худро дар самти Шарқи Наздик аллакай аз миёнаи солҳои 1950-ум фаъол намуда буд. Аммо новобаста аз он ки як қатор кишварҳои арабӣ - қабл аз ҳама Алҷазоир ва Миср дар рафти ҷанги сард расман иттифоқчиёни ИҶШС буданд, натиҷаи фаъолияти Москва рақобати шадид бо Вашингтон ва ҳамчунин мураккаб гардидани муносибот бо аксари кишварҳои минтақаро ба бор овард.

Дар солҳои 1990-ум баъди пошхӯрии ИҶШС ҳадафҳои Федератсияи Россия дар Шарқи Наздик комилан возеҳ набуданд. Россияи елтсинӣ ба амалӣ намудани сиёсати муназзам дар минтақа чандон муваффақ нашуда, коҳиши ҷиддии фурӯши аслиҳа дар кишварҳои Шарқи Наздик ба назар расид. Ёрии молиявӣ ба иттифоқчиён дар минтақа бағоят кам шуд. Шарқи Наздик мавқеи назаррасро дар сиёсати хориҷии Федератсияи Россия шуруъ аз миёнаи солҳои 2000-ум, ё ин ки ба ақидаи таҳлилгари рус С. Г. Лузянин аз муҳлати дуюми президентии В. В. Путин касб кардааст.

Дар тарҳи ҷадиди Консепсияи сиёсати хориҷии Федератсияи Россия аз 30-юми ноябри соли 2016 Шарқи Наздик ҳамчун минтақае муайян гардидааст, ки ноамнии он ба Федератсияи Россия таъсири бевосита хоҳад дошт [1]. Мақсади сиёсати ба самти Шарқи Наздик равонашудаи Федератсияи Россия ин – баланд бардоштани мақоми Федератсияи Россия ва ба он ихтисос додани қудрати муҳим дар яке аз манотиқи ноамнтарини ҷаҳон равона гардида, бар дӯши Москва вазифаҳои зерин вогузор гардиданд:

- боздорӣ ва коҳиш додани экстремизм ва радикализми (тундгароӣ) исломӣ, ки таъсирашон ба ҳудуди Федератсияи Россия ва ҳамсояҳои наздиктарини он вусъат меёбанд;
- бунёди низоми эътилофоти сиёсии дарозмуҳлат;
- вусъатбахшии ҳузури Россия дар бозорҳои минтақавии аслиҳа, сӯзишвории атомӣ, нафту газ, озуқаворӣ ва ғ.;
- ҷалби сармоя ба Федератсияи Россия, минҷумла, аз кишварҳои сарватманди Халиҷи Форс;
- нигоҳ доштани нарх барои ҳомилони неру бо роҳи ҳамоҳангсозии фаъолият бо таҳвилкунандагони калидии нафту газ дар кишварҳои Халиҷи Форс.

Фаъолшавии Москваро сенатори амрикоӣ Ҷон Маккейн низ тасдиқ намуда, мегӯяд, ки Федератсияи Россия бозингари асосӣ дар Шарқи Наздик гардид ва нақши калидӣ дар он мутааллиқ ба президенти кишвар Владимир Путин аст.

Аз рӯйи моҳият, минтақаи Шарқи Наздик барои Федератсияи Россия майдони амалиёти ҳарбӣ-сиёсӣ дар доираи тақобул бо Ғарб маҳсуб меёбад ва ҳамзамон чун бозори эҳтимолии ояндадор барои муҷаҳҳазгардонии соҳаҳои мошинсозӣ, техникаи вазнини автомобилии муосири Федератсияи Россия арзёбӣ мегардад.

Рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ. Дар давоми солҳои охир ҳамкории тиҷоратӣ-иқтисодии Федератсияи Россия ва кишварҳои Шарқи Наздик ривоҷ ёфта, дар минтақа ширкатҳои бузурги россиягӣ фаъол гардидаанд. Ҳамин гуна, масалан, “Росатом” барои Эрон дар Бушер ИЭА бунёд намуд ва баҳри дастёбӣ ба муоҳидаҳои нав дар ин кишвар кор бурда истодааст. Ба ҷуз ин, вай дар Туркия ва Урдун низ лоиҳаҳо дорад. Ширкати нафтии россиягии “Лукойл” дар Ироқ ба таври фаъол амал намуда истодааст. Таҳвилкунандаи асосии газ дар Ҷумҳурии Туркия “Газпром” буд; ҳатто дар оянда нақшаи гузаронидани қубурҳои газ ба воситаи Туркия ва навоҳии ҳамҷавор дар Аврупои Ҷанубу Шарқӣ дар назар дошта шуда буд. Илова бар ин, Федератсияи Россия ба ҳайси яке аз бузургтарин содиркунандагони нафт баромад намуда, баҳри ба роҳ мондани ҳамкориҳо

бо Арабистони Саудӣ ва аъзоёни дигари ОПЕК аз ҳисоби кишварҳои минтақа манфиатдор аст [2]. Тибқи иттилои Шурои корияи россиягӣ-арабӣ, гардиши тиҷоратӣ миёни Федератсияи Россия ва мамолики араб дар соли 2013 бе назардошти ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ба 14 млрд доллари амрикоӣ расид [3]. Ҳатто таҳримҳои иқтисодӣ зидди Федератсияи Россия эълон гардида, фаъолияти иқтисодияшро дар минтақа қатъиян халалдор насохтанд. Ҳамин тавр, то интиҳои соли 2016 дастовардҳои муҳим дар муносиботи иқтисодии Федератсияи Россия бо мамолики алоҳидаи минтақа инҳо назаррасанд, аз қабили:

Якум, бояд ривоҷи муносибатҳоро бо кишвари бузургтарини арабии минтақа – Миср ёдрас шуд. “Росатом” ба бунёди ИЭА дар Эд-Дабаа шуруъ намуд. Ба ҷуз ин, қарор дода шудааст, ки дар навоҳии канали Суэтс минтақаи саноатии россиягӣ таъсис гардад. Ҳамчунин, чизи дигари бағоят муҳим ин аст, ки Қоҳира расман баҳри дастгирии сиёсати россиягӣ дар Сурия баромад намуд.

Дуввум, тамоюлоти мусбӣ дар муносибат бо кишварҳои Халиҷи Форс ба назар мерасанд, ки қаблан чунин ҳамраъйӣ мавҷуд набуд. Халалдор шудани созиш бо яке аз иттифоқчиёни содиқи ИМА – Арабистони Саудӣ, ки дар навбати худ баҳри коҳиш додани истихроҷи “тиллои сиёҳ” аз ҷониби мамолики истихроҷкунандаи нафт бо иштироки бевоситаи Арабистони Саудӣ мусоидат намуд, далолат ба ин менамояд. Ҳамраъйӣ дар Риёз бо чунин сатҳи ҳассосият шаҳодати мавҷудияти эътимод аст, ки дар заминаи он дар оянда ба вуҷуд омадани муомилоти бузурги иқтисодӣ ва сармоягузорӣ эҳтимол дорад. Ба ҳар ҳол, ин имкони дарки сафири Арабистони Саудиро дар мусоҳибаи махсуси Pravda.ru. дод. Созиши Федератсияи Россия бо Баҳрайн, ки имкони заминаи рушди иттиҳодияи тиҷоратии россиягӣ дар минтақа гардад, аҳаммияти зиёд дорад. Баҳрайн на танҳо дарҳояшро барои соҳибкорони россиягӣ боз мекунад, балки ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникиро низ бо Федератсия Россия ба роҳ мемонад.

Ба ибораи дигар, Федератсияи Россия тадриҷан заминаро баҳри амали фаъол ва самаранок дар Халиҷи Форс – минтақае, ки дар он аз қадим мавқеаш хеле заиф буд, фароҳам меорад.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар соли 2016 Федератсияи Россия ба комёбиҳои муассир дар самти Шарқи Наздик дастёб шуд. [4]. Чи тавре ки сенатори амрикоӣ Маккейн мегӯяд, “иқтисоди Федератсияи Россия дар ҷаҳон танҳо дар ҷойи 15-ум қарор дорад, аммо бо вуҷуди ин бозингари асосӣ дар Шарқи Наздик маҳсуб меёбад” [5].

Тавсеаи сиёсати Федератсияи Россия дар Шарқи Наздик. Ба ҷуз густариши алоқаҳои иқтисодӣ, ки ба нуфузи байналхалқии Федератсияи Россия дар минтақа таъсири мусбат мерасонанд, ҳамзамон самти дастёбӣ ба созиш бо Москва ба назар мерасад, ки дар заминаи он коҳиш ёфтани сатҳи эътимоди роҳбарияти Шарқи Наздик нисбати ИМА ба таври возеҳ мушоҳида мегардад. Мулоқоти дуҷониба миёни роҳбарони кишварҳо анҷом дода мешавад. Ин ҷо метавон мулоқоти В. В. Путин ва сарвазири Исроил Б. Нетаняҳуро дар моҳи апрели соли 2016 ёдовар шуд. Қабл аз Нетаняҳу президенти Фаластин Маҳмуд Аббос ба Москва ташриф овард. Котиби матбуотии президенти Федератсияи Россия Дмитрий Песков мулоқоти анҷомдодаро шарҳ дода, изҳор дошт, ки имзои ҳеҷ гуна санад дар назар дошта нашуда буд, танҳо суҳбат дар мавриди мушкилоти Шарқи Наздик ҷараён гирифт. Ба таври мисол метавон инчунин мулоқоти Владимир Путин бо шоҳи Баҳрайн, ҳамчунин мулоқоти президенти Федератсия Россия бо амири Қатарро ёдовар шуд, ки санаи 8-уми феврали соли 2016 дар ш. Сочи сурат гирифтааст.

Ин аз, нақши афзоянда ва болоравии нуфузи Федератсияи Россия дар Шарқи Наздик шаҳодат медиҳад. Ҳатто метавон гуфт, ки дар минтақа анъанаи нав – “пеш аз қабули қарорҳои муҳим бояд ба Москва баҳри машварат рафт”, шакл гирифтааст.

Ба ривоҷи нуфузи Федератсияи Россия яку якбора коҳиш ёфтани нуфузи байналхалқии рақиби асосиаш – ИМА ва ҳамчунин иттифоқчиёни он низ таъсир расонд. Барои тасдиқи ин метавон ҳадафи Риёзро дар мавриди фурӯши дороиҳои амрикоӣ ба маблағи наздики 750 млрд доллар ҷавобан ба айбдоркунӣ барои даст доштан дар амалиёти террористии 11 сентябри соли 2001 овард: “...ҳокимони Шарқи Наздик такягоҳро на аз Барак Обама, балки аз Путин ҷустанро афзал медонанд, чунки русҳо омода будани истифодаи иқтидорро баҳри тағйири тавозуни қувва дар минтақа нишон

доданд [6]. Имрӯз масъалаи мубориза бо терорризми байналхалқӣ бинобар сабаби хатари махсуси он ба субот ва амнияти байналхалқӣ бениҳоят мубрам аст ва дар чунин шароит Москва имкони устувор сохтани мавқеи худиро дар минтақаи Шарқи Наздик дорад. Барои ҳамин, набояд яке аз омилҳои асосии қатъиян таъсиргузор ба нуфузи Федератсияи Россия дар Шарқи Наздик - буҳрони Сурия ва нақши Федератсияи Россия дар танзими онро фаромӯш сохт. Чи гунае ки иддае аз таҳлилгарон арзёбӣ мекунанд, қарори В. Путин дар мавриди дахолат намудан ба низои суриягӣ на танҳо мавқеи Башар Асадро устувор гардонд, балки сатҳи канорагирии байналхалқии Федератсияи Россияро қатъиян коҳиш дода, эътимодро ба Москва тақвият бахшид.

Бояд қайд намуд, ки манофеи Москва дар низои суриягӣ нисбат ба худи Сурия васеътар аст. Амалиёти дар моҳи сентябри соли 2015 оғозгардидаи қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии Федератсияи Россия баҳри ҷонибдории неруҳои ҳукуматии Ҷумҳурии арабии Сурия тасдиқи ин гуфтаҳост. Чунин фаъолият самараи мусбиро ба бор овард. Ба ҷуз он ки амалҳои муваффақи Москва буҳрони украиниро, ки сабаби талафоти бузурги иқтисодӣ гардида буд, ба мавқеи дуюм бурданд, инчунин онҳо ба Федератсияи Россия баҳри муаррифӣ намудани худ ба ҳайси актори масъулиятпазири муносибатҳои байналхалқӣ мусоидат намуданд, то аз зери пардаи қудрати минтақавӣ баромада, нуфузи байналхалқии худро боло баранд.

Аммо чун амалкарди Федератсияи Россияро худи кишварҳои Шарқи Наздик низ нодида гирифтанд. Дар ин маврид метавон сухани сардори Генштаби Эрон Масъуд Ҷазоириро мисол овард, ки амали қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии Федератсияи Россияро “дуруст ва зарур” хондааст. Ба сифати омили мусбӣ, ҳамчунин, талошҳо баҳри нигоҳдории ҳукумати қонунии Башор Асад баромад мекунанд, ки мавқеи Федератсияи Россияро чун кафили ҳифзи истиқлолияти кишварҳои мустақил ва арҷгузор ба интихоби халқҳои дигар нисбат ба Амрико муайян мекунанд [7].

Оид ба нуфузи мусбии Федератсияи Россия дар минтақа нақши миёнаравии он байни кишварҳои Шарқи Наздик дар робита ба мушкилоти минтақавӣ низ шаҳодат медиҳад. Зарур аст, ки аз гуфтушунидҳо дар мавриди танзими мусолиматомези низои Сурия, ки 23-24 январи соли 2017 дар Остона гузашт ёдрас шавем. Дар ин маврид, нисбати дигар бозингарон Федератсияи Россия ба муттаҳид сохтани талошҳои Эрон ва Туркия дастёб шуд, ки дар низои суриягӣ дар ҷонибҳои гуногун сангар меистоданд. “Фишанги таъсири онҳо дар шакли иқтидори ҳарбӣ буд. Аммо айён гардид, ки таъсир расонидан ба онҳое, ки аз ту вобастаанд, Федератсияи Россия – ба режими Асад ва Туркия – ба мухолифини суриягӣ чандон осон нест” – чунин мешуморад, сиёсатшиноси фонди берлинии “Илм ва сиёсат”, Маргарет Кляйн [8]. Чизи дигаре, ки аҳаммияти зиёд дорад, ин наздикшавии мавқеи кишварҳост, “Анқара дигар аз сари қудрат рафтани Асадро талаб накарда, омода аст, то дар сари ҳокимият мондани ӯро дар марҳилаи гузариш таҳаммул намояд.” Федератсияи Россия дар навбати худ, аз ҷонибдории курдҳо даст кашид, ки барои Анқара муҳим аст,” – шарҳ дод сиёсатшиноси немис.

Федератсияи Россия бо роҳи бунёди майдонҳо баҳри гуфтушунид дар формати 2+1 ба ҳалли низои мазкур тавассути василаҳои дипломатӣ дастёб мегардад. Ин, дар навбати худ, баҳри ташаккули нуфузи Федератсияи Россия ҳамчун “кишвари ҳомӣ”-и сулҳ дар Шарқи Наздик имкон медиҳад. Маҳз бо ҳамин ҳадафҳо дар як вақт тақвияти муносибатҳо бо Теҳрон ва Риёз низ зарур аст, ки Москва аллакай амал карданро оғоз намудааст.

Новобаста аз комёбиҳои сиёсати самти Шарқи Наздики Федератсияи Россия, як қатор омилҳое мавҷуданд, ки баҳри устуворгардонии мавқеи он дар минтақа монеа эҷод менамоянд. Аввалан, иқтидори баланди низоъбори худи минтақаи Шарқи Наздик ба сиёсати ҳама гуна акторҳои ғайриминтақавӣ воқеан монеа мегардад. Дуюм, бо ном “омили амрикоӣ”. Коҳиш ёфтани нуфузи Вашингтонро бо назардошти гуфтаҳои боло набояд рад кард, аммо ҳоло комилан истисно намудани яке аз бозингарони муҳимро тасаввур кардан имконнопазир аст. Ба ҳаммаи ин фаъолияти афзояндаи Ҷумҳурии Халқии Хитой дар минтақа зам мегардад, ки талоши доираи нуфузи амрикоиро барнамеангезад ва Москваро водор месозад, ки аз ин дида, сиёсати бисёрҷанбаро пеш гирад.

Хулоса. Ҳамин тавр, бо назардошти воқеиятҳои тули 5 соли охир дар Шарқи Наздик баамаломада – “баҳори араб”; пойдоршавии мавқеи Давлати Исломӣ (гурӯҳи

террористӣ); ҷанги шаҳрвандӣ дар Сурия ва Яман; созиши ядроӣ бо Эрон ва ниҳоят, муносибатҳои мураккаб ва ноустувор бо Ҷумҳурии Туркия – метавон дар мавриди имконоти нави Москва ва ҳамзамон оид ба вазифаҳои нави сиёсати хориҷӣ, ки ба мавқеи фаъоли он дар минтақа асос меёбад, ҳарф зад.

Ба замми ин, Федератсияи Россия батадриҷ тимсоли актори тавонои ғайриминтақавӣ, боэътимод ва идеологияи таъсиррасонро бо истифодаи қувва надошта, балки бо усулҳои дипломатӣ амалкунандаро ба вуҷуд меорад. Алоқаҳои иқтисодӣ бо ҳамаи қуввaҳои муҳимми минтақа, аз Эрон то Арабистони Саудӣ, аз Исроил то "Ҳизбуллоҳ", аз Туркия то Сурия ва ҳамчунин афзоиши эътимод миёни роҳбарони кишварҳо шаҳодати тақвияти нуфузи мусбии Федератсияи Россия аст. Омили муҳимми дигар, ки моҳиятан нуфузи Москваро дар минтақа боло бурд, амалиёти ҳарбӣ дар Сурия буд. Ҳамзамон, наметавон гуфт, ки Федератсияи Россия мавқеи яке аз акторони муҳимро дар "тахтаи шоҳмот"-и Шарқи Наздик устуворона гирифтааст. Чунин андешаро таҳлилгари Маркази Корнегии Москва Алексей Малашенко ҷонибдорӣ мекунад: "Шарқи Наздик бағоят бузург аст, ки аз Ливия ибтидо гирифта, дар Ироқ интиҳо меёбад. Худкомагӣ ва иддаҳои зиёде мавҷуданд, аммо маблағи на онқадар зиёд".

Ҳамин тавр, сиёсати самти Шарқи Наздики Федератсияи Россия на танҳо ва начандон бо "худкомагӣ" ва "иддаоҳо" муайян мешавад, балки ба он асос меёбад, ки мушкилоти дар рӯ ба рӯйи қудратҳои Шарқи Наздик қарор гирифта ба амнияти миллии худи Россия низ хатари ҷиддиро ба бор меорад.

Муқарриз: Розиқов Ф. – н.и.т., дотсенти ДМТ

АДАБИЁТ

1. Борцов А. Внешняя политика России на Востоке: дело тонкое, но стоящее // Политическая Россия. – 12.05.2016. [Электронный ресурс].– URL: http://politrussia.com/world/effektivnost-vneshney-politiki-777/
2. Бушуев М. Москва засвидетельствовала свои амбиции на Ближнем Востоке // ИноСМИ.РУ. – 26.01.2017. [Электронный ресурс]. URL: https://inosmi.ru/politic/20170126/238604109.html
3. Евграфов И. Маккейн признал ведущую роль России на Ближнем Востоке // Московский Комсомолец. – 18.01.2017. [Электронный ресурс]. URL: http://www.mk.ru/politics/2017/01/18/makkeyn-priznal-vedushhuyu-rol-rossii-nablizhnem-vostoke.html;
4. Иран назвал эффективной и успешной операцию ВКС РФ в Сирии // URL: [Электронный ресурс]. https://russian.rt.com/article/131458;
5. Кемаль М. Политика России на Ближнем Востоке: от идеологии к прагматизму // 31.01.2017. [Электронный ресурс]. URL: http://inosmi.ru/politic/20170131/238633876.html;
6. Нерсесов Д. Итоги «ближневосточного года» для России // 30.12.2016. [Электронный ресурс]. – URL: http://www.pravda.ru/world/asia/middleeast/30-12-2016/1321462-syria-0/;
7. Тренин Д. Россия на Ближнем Востоке: задачи, приоритеты, политические стимулы // Московский центр Карнеги. – 21.04.2016. [Электронный ресурс].– URL: http://carnegie.ru/2016/04/21/ru-pub-63388;
8. Эксперты: арабский мир не сократит работу с Россией из-за санкций // РИА Новости. 07.05.2014. [Электронный ресурс]. URL: ttps://ria.ru/world/20140507/1006848170.html.

ТАЪСИРИ СИЁСАТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ШАРҚИ НАЗДИК

Имрӯз Шарқи Наздик ба яке аз минтақаҳои муҳимми стратегӣ табдил ёфтааст. Албатта, мавқеи хуби ҷуғрофӣ ва захираҳои табиӣ аз қадим мавқеи минтақаро дар низоми манфиати абарқудратҳо муайян менамуданд, вале воқеиятҳои нави геополитикӣ мақоми Шарқи Наздикро дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ба маротиб боло бурд. Вале дар баробари сар задани низоъҳо ва воридшавии кишварҳои абарқудрат ба минтақа, кишварҳои минтақаро бо хатарҳои муосир рӯ ба рӯ гардонид. Агар пештар хатар маънои таҳдид яз ягон кишвар ё блоки кишварҳоро дошта бошад, пас хатарҳои муосир хислати дигар дошта, миқёси умумиҷаҳонӣ ва таҳдиди нестии кишварҳои мустақилро доранд. Муҳаққиқон ба нақши сиёсати Федератсияи Россия дар Шарқи Наздик диққат дода, таъсири нуфузи онро дар арсаи байналмилалӣ муайян намудаанд. Ҳар як кишвари абарқудрат ба ҳамкорӣ ва сиёсати кишварҳои зери нуфузи худ таъсири ҷиддӣ дошта, нодида гирифтани онҳо метавонад ба маҷмуи манфиатҳои мутақобила таъсири манфӣ расонад. Аз ҷониби дигар, дарки ҳамкориҳои мутақобилаи Федератсияи Россия бо кишварҳои Шарқи Наздик имкони муттаҳидшавии талошҳои кишварҳоро возеҳ намуда, дурнамои ташаккули сиёсати ҷонибҳоро дар арсаи байналмилалӣ фароҳам меорад. Дар мақола сиёсати Федератсияи Россия дар Шарқи Наздик ва таъсири он ба нуфузи байналмилалии кишвар дар сиёсати ҷаҳонӣ нишон дода шудааст. Зиёда аз ин, нақши ҳамгироӣ дар пешгирии нофаҳмиҳои дохилии кишварҳои мазкур ва рушди ҳамкориҳо таъкид шудааст.

Калидвожаҳо: Федератсияи Россия, Шарқи Наздик, ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, Сурия, ИМА, мақоми байналмилалӣ.

ВЛИЯНИЕ ПОЛИТИКИ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ

Сегодня Ближний Восток стал одним из наиболее стратегически важных регионов. Конечно, удачное географическое положение и природные ресурсы давно определили положение региона в системе интересов супердержав, но новые геополитические реалии значительно повысили статус Ближнего Востока в системе международных отношений. Однако с началом конфликтов и проникновением сверхдержав в регион страны регионы столкнулись с современными угрозами. Если в прошлом угроза означала угрозу какой-либо стране или блоку стран, то современные угрозы носят иной характер и являются глобальной угрозой исчезновению независимых государств. Исследователи сосредоточились на роли политики Российской Федерации на Ближнем Востоке и ее влиянии на международной арене. Каждая сверхдержава оказывает значительное влияние на сотрудничество и политику стран, находящихся под ее влиянием, и игнорирование их может отрицательно сказаться на совокупности взаимных интересов. С другой стороны, понимание взаимодействия Российской Федерации со странами Ближнего Востока проясняет возможность консолидации усилий стран и дает перспективы формирования политики сторон на международной арене. В статье освещается политика Российской Федерации на Ближнем Востоке и ее значение в мировой политике, что повышает ее научную и практическую значимость. Кроме того, была подчеркнута роль интеграции в предотвращении внутренних конфликтов между этими странами и развитии сотрудничества.

Ключевые слова: Российская Федерация, Ближний Восток, торгово-экономическое сотрудничество, Сирия, США, международный имидж.

IMPACT OF THE POLICY OF RUSSIAN FEDERATION IN THE MIDDLE EAST

Today, the Middle East has become one of the most strategically important regions. Of course, the good geographical location and natural resources have long determined the position of the region in the system of interests of the superpowers, but new geopolitical realities have significantly increased the status of the Middle East in the system of international relations. However, with the outbreak of conflicts and the infiltration of superpowers into the region, the countries of the region have faced modern threats. If in the past the threat meant a threat to any country or bloc of countries, then modern threats have a different nature and are a global threat to the extinction of independent states. Researchers have focused on the role of the Russian Federation's policy in the Middle East and its influence in the international arena. Each superpower has a significant impact on the cooperation and policies of the countries under its influence, and ignoring them can have a negative impact on a set of mutual interests. On the other hand, the understanding of the interaction of the Russian Federation with the countries of the Middle East clarifies the possibility of consolidating the efforts of the countries and provides prospects for the formation of the policy of the parties in the international arena. The article highlights the policy of the Russian Federation in the Middle East and its impact on the country's international influence in world politics, which increases its scientific and practical significance. Moreover, the role of integration in the prevention of internal conflicts between these countries and the development of cooperation was emphasized.

Key words: Russia Federation, the Middle East, trade and economic cooperation, Syria, the USA, international image.

Маълумот дар бораи муаллифон*: Меъроҷиддини Насридин* - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Саид Носир, 33.Телефон: **938-14-44-48;** e-mail: **muborak.a@mail.ru**

Воҳидов Насридин Ҳизбуллоевич - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ, муаллими калон.. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Саид Носир, 33.Телефон: **(+992) 555-555-147**; e-mail: **vokhidzoda.nasriddin@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Меъроджиддини Насридин*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кафедра дипломатии и международных отношений, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Саид Носир 33.
Телефон: **938-14-44-48;** E-mail: **muborak.a@mail.ru**

Вохидов Насридин Хизбуллоевич - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кафедра дипломатии и международных отношений, старший преподаватель. **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Саид Носир 33. Телефон: **(+992) 555-555-147**; e-mail: **vokhidzoda.nasriddin@mail.ru**

Information about the authors: ***Merodjiddini Nasridin*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Department of Diplomacy and International Relations, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir Avenue 33. Phone**: 938-14-44-48**; E-mail: **muborak.a@mail.ru**

Vohidov Nasridin Khizbulloevich - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Department of Diplomacy and International Relations, senior lecturer. *Address:* 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir Avenue 33. Phone: **(+992) 555-555-147**; E-mail: **vokhidzoda.nasriddin@mail.ru**

ТДУ:656.2(09) (575.3)

НАҚШИ ДОЛОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАҚЛИЁТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ҲОЛАТ, ДУРНАМО ВА РУШД

Айнулозода Н. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Баъди ба даст овардани истиқлолият Тоҷикистон имконияти мустақилона муайян намудани самтҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангиро пайдо намуд. Новобаста аз вазъи номусоиди сиёсии мамлакат, бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (солҳои 1991-1997), бо кӯшишу талошҳои пайваста ва сиёсати дурбинонаи роҳбари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвар аз вазъияти буҳронӣ баромада, иншоотҳои муҳандисиву нақлиётӣ барқарор карда шуданд. Дар татбиқи нақшаҳои эҳёи Роҳи бузурги Абрешим кишварҳои алоҳида, ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ва фондҳои алоҳидаи хусусӣ низ ҳамаҷониба кумак ва дастгирӣ намуданд, то ки роҳҳо дар кишвари мо на танҳо ба рушди кишвар, балки барои баланд бардоштани имкониятҳои транзитии Тоҷикистон хизмат намуда, ҳамчун пайвандгари алоқаи нақлиётии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ хизмат намоянд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018) чунин иброз намуданд: “...Минбаъд Ҳукумати кишвар бояд доир ба тавсеаи минбаъдаи шабакаи долонҳои нақлиётӣ ва тақвияти инфрасохтори нақлиётӣ, баромадан ба бандарҳои баҳрӣ, бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, навсозии заминаҳои моддиву техникӣ ва таҷдиди паркҳои нақлиётӣ, инчунин, афзоиши ҳамлу нақли молу маҳсулот тадбирҳои иловагӣ андешад”[10].

Эҳёи долонҳои байналмилалӣ дар рушд ва таҳкими иқтисоди кишвар нақши муҳим доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази хатти нақлиётии Осиё ҷойгир аст ва бо чор давлати хориҷӣ, аз қабили Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамсарҳад аст. Ин долонҳои байналмилалии транзитӣ барои ба роҳ мондани робитаҳои зич бо давлатҳои ИДМ, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, кишварҳои Халиҷи Форс ва Ҷумҳурии Мардумии Чин мусоидат хоҳанд кард.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор долонҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ мавҷуд мебошанд, ки ҳар кадом дорои аҳамияти хосса мебошад [9]. **Аз ҷумла, дар доираи Иттиҳоди Иқтисодии Аврупову Осиё:**

1. Хавост (сарҳади Ӯзбекистон) – Хуҷанд – Душанбе – Панҷи Поён – сарҳади Афғонистон;

2.Ош – Саритош – Қарамиқ (сарҳади Қирғизистон) – Ҷиргатол –Рашт – Ваҳдат – Душанбе – Турсунзода – сарҳади Ӯзбекистон;

3.Қаросӯ (сарҳади Чин) – Қулма – Мурғоб – Хоруғ – Кӯлоб – Ваҳдат – Душанбе – Сариосиё (сарҳади Ӯзбекистон);

4.Ош – Саритош – Қизил Арт (сарҳади Қирғизистон) – Мурғоб – Хоруғ– Кӯлоб – Фархор – Панҷи Поён– сарҳади Афғонистон.

Дар доираи роҳҳои автомобилгарди Осиё:

1. Хавост (сарҳади Ӯзбекистон) – Хуҷанд – Душанбе – Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён – сарҳади Афғонистон;

2.Иркештам–Саритош – Қарамиқ (сарҳади Қирғизистон) – Душанбе – Турсунзода – Узун (саҳади Ӯзбекистон);

3. Сарҳади Чин – Қулма – Хоруғ – Кӯлоб – Ваҳдат – Душанбе –Турсунзода – Узун (сарҳади Ӯзбекистон).

Дар доираи қарордоди аврупоӣ оид ба шоҳроҳи автомобилгарди байналмилалӣ:

1.Тирмиз (сарҳади Ӯзбекистон) – Душанбе – Ваҳдат – Ҷиргатол –Қарамиқ (сарҳади Қирғизистон) – Саритош Иркештам – Чин.

Дар доираи долони нақлиётии Қафқоз – Аврупо – Осиёи Марказӣ:

1.Тирмиз (сарҳади Ӯзбекистон) – Турсунзода – Душанбе – Ваҳдат – Ҷиргатол – Қарамиқ (сарҳади Қирғизистон) – Саритош – Ош;

2.Тирмиз (сарҳади Ӯзбекистон) – Турсунзода – Душанбе – Ваҳдат – Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Мурғоб – ағбаи Қулма – сарҳади Чин.

Дар доираи Иттиҳоди ҳамкории иқтисодии минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ (ЦАРЭС):

1.Хавост (сарҳади Ӯзбекистон) – Хуҷанд–Душанбе–Қӯрғонтеппа– Панҷи Поён – сарҳади Афғонистон;

2.Шерхон – Бандар (сарҳади Афғонистои) – Панҷи Поён –Қӯрғонтеппа – Душанбе – Ваҳдат – Ҷиргатол – Қарамиқ (сарқади Қирғизистон);

3.Ош – Саритош (сарҳади Қирғизистон) – Ваҳдат – Душанбе –Турсунзода– сарҳади Ӯзбекистон;

4.Хавост (сарҳади Ӯзбекистон) – Хуҷанд – Конибодом – Андиҷон –Ош – Иркештам [16, с.53-54].

Омили муҳимтарини таъмини ҳамаҷониба ва рушди мутавозини иқтисоди миллӣ, ҳамгироии минтақавӣ ва тиҷорати байналмилалӣ, бешубҳа, нақлиёт аст. Воридшавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ, инчунин барои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ, рушд ва баланд бардоштани иқтидори соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, сайёҳӣ ба суръати афзоиши ҳамлу нақли байналмилалӣ мусоидат намуд. Ҳукумати мамлакат барои рушди низоми нақлиётӣ, ки татбиқи он ба такмили комплекси нақлиётии ҷумҳурӣ ва воридшавии кишвар ба низоми ҷаҳонии нақлиётӣ мусоидат намуд, кӯшишҳои зиёд ба харҷ дод. Бояд қайд намуд, ки шарти асосии воридот ва тақсимоти сармоягузориҳои хориҷӣ ин суботи сиёсӣ мебошад, ки дар натиҷаи истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ дар кишвар ба даст омадааст. Ин буд, ки заминаи қонунгузорӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шуда, ба низоми гумрукӣ ва андоз ислоҳот ворид карда шуд.

Ин чораҳо ба афзоиши минбаъдаи интиқоли байналмилалии борҳо ва мусофирон ва ба роҳ мондани транзити воситаҳои нақлиёти байналмилалӣ тавассути қаламрави кишвар мусоидат карданд.

Бинобар ин, аз марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ Роҳбари давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ масъалаи ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистонро яке аз авлавиятҳои рушд муайян намуда, дар Стратегия аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистонро муайян намуд, ки он ду самти асосии фаъолияти соҳаро дар бар мегирифт:

якум, ташаккули шабакаи ягонаи роҳҳои автомобилгарди дохили кишвар ва пайваст намудани он ба шоҳроҳҳои байналмилалӣ;

дуюм, ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия ва созишномаҳои байналмилалӣ оид ба равобити нақлиётӣ [13].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 апрели соли 2004 дар Шанхай Созишномаи байниҳукуматиро дар шабакаи роҳҳои автомобилгарди Осиё имзо кард. Созишнома кишварро вазифадор кард, ки дар тули панҷ сол роҳҳои кишварро, ки ба Шабакаи роҳҳои Осиё дохиланд, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намояд. Яъне, 1907 километр роҳҳое, ки аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаранд, ба шабакаи шоҳроҳҳои Осиё, ки дар доираи лоиҳаи ЮНЕСКАП ташкил шудааст, дохил мешаванд [2, с.143].

Қайд кардан зарур аст, ки шабакаи роҳҳои автомобилгарди Осиё АН-7, АН-65 ва АН-66 бо дарозии умумии 1989 км кишвари моро бо давлатҳои ҳамсояи Ӯзбекистон, Афғонистон, Қирғизистон ва Чин мепайвандад ва ба рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ бо кишварҳои наздик ва хориҷи дур мусоидат менамояд.

Долони нақлиётии АН-7 Панҷи Поён – Чаноқ бо дарозии 550 км Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишвари Афғонистон ва тавассути он бо кишварҳои Покистон ва Ҳиндустон мепайвандад ва долони АН-65 Қарамик – Турсунзода бо дарозии 414,3 км кишвари моро дар Ғарб бо Ӯзбекистон ва дар Шарқ бо Қирғизистон мепайвандад. Самти муҳимми долони АН-66 ағбаи Кулма – Душанбе бо дарозии 1023,1 км бо баромадан ба роҳи байналмилалии шоҳроҳи Қароқурум кишвари моро аз бунбасти нақлиётӣ берун оварад.

Дар ин давра Тоҷикистон иштирокчии созишномаи Созмони ҳамкории иқтисодӣ оид

ба ҳамлу нақли транзитӣ дар соли 1998, Созишномаи асосии бисёрҷониба оид ба рушди долони Аврупо – Қафқоз – Осиё (ТРАСЕКА) – Т-23 ва Т-34 ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 декабри соли 1998 бо № 543 тасдиқшуда гардид, ки Тоҷикистонро бо кишварҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Чин мепайвандад. Моҳи октябри соли 2004 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишнома дар бораи гузаргоҳи транзитии Шимол-Ҷануб, ки 12 сентябри соли 2000 дар Санкт-Петербург ба имзо расида буд, ҳамроҳ шуд [1, с.65].

24-25-уми апрели соли 2002 ҷаласаи дуюми солонаи Конфронси комиссияи байниҳукуматии ТРАСЕКА дар пойтахти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, шаҳри Тошканд баргузор гардид. Чорабинӣ бо иштироки аъзои Комиссияи байниҳукуматии ТРАСЕКА, намояндагони баландпояи тарафҳои созишномаи асосӣ: муовинони сарвазирон, вазирони нақлиёт, муовинони вазирон, инчунин котибони миллии Озарбойҷон, Арманистон, Булғористон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Руминия, Тоҷикистон, Туркия, Ӯзбекистон, Украина, Туркманистон дар ҳамаи ҷаласаҳои умумии конфронс ҳамчун иштирокчиени барномаи Иттиҳоди Аврупо ТРАСЕКА иштирок карданд [4].

Аҳаммияти муҳимми созишномаҳои чорчӯбаи мазкур ин ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба барномаи ТРАСЕКА ба ҳисоб меравад. Барномаи ТРАСЕКА бори аввал дар конфронсе, ки моҳи майи соли 1993 дар шаҳри Брюссел бо иштироки вазирони нақлиёт ва савдои 8 кишвар: Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон баргузор шуд, оғоз ёфт. Дар ин конфронс Эъломияи Брюссел қабул карда шуд, ки ба татбиқи барномаи байниминтақавии мусоидати техникии “ТРАСЕКА”, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад, барои рушди долони нақлиётӣ аз Аврупо тавассути баҳри Сиёҳ, Қафқоз, баҳри Каспий бо баромадан ба кишварҳои Осиёи Марказӣ оғоз ёфт. Иштироки Тоҷикистон дар Барномаи мазкур метавонад дар оянда кишварро бо шабакаҳои нақлиётии Қафқоз ва Осиёи Марказӣ бипайвандад [3,с.74].

Дар давраи аз соли 1996 то 1998 ба барномаи мазкур Украина ва Молдова ҳамроҳ шуданд. Барои фаъолияти ин ташкилоти байналмилалӣ гузаронидани конфронси байналмилалии “ТРАСЕКА - барқарорсозии Роҳи таърихии Абрешим, 8 сентябри соли 1998 дар Боку баргузор шуд. Натиҷаи асосии ин конфронс имзои созишномаи асосии бисёрҷониба дар бораи нақлиёти байналмилалӣ оид ба рушди долони Аврупо – Қафқоз – Осиё ва замимаҳои техникии он оид ба нақлиёти байналмилалии роҳи оҳан, киштиҳои байналмилалии тиҷоратӣ, нақлиёти байналмилалии автомобилӣ, расмиёти гумрукӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳо буд. Моҳи марти соли 2000, дар ҷаласаи аввали Комиссияи байниҳукуматӣ дар шаҳри Тбилиси, Булғористон, Руминия ва Туркия расман ба Комиссияи Аврупо оид ба ҳамроҳ шудан ба барномаи ТРАСЕКА муроҷиат карданд ва дар натиҷа иштирокчиёни созишномаи асосии бисёрҷониба дар бораи нақлиёти байналмилалӣ оид ба рушди долони Аврупо – Қафқоз – Осиё шуданд. Моҳи июли соли 2009 ба созишномаи асосии бисёрҷонибаи ТРАСЕКА Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамроҳ шуд ва дар натиҷаи ҷаласаи ҳафтум комиссияи байниҳукуматии ТРАСЕКА 16 июни соли 2009, Ҷумҳурии Литва мақоми нозирро дар Комиссияи байниҳукуматии ТРАСЕКА гирифт [4].

17-18 сентябри соли 2013 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи даҳуми солонаи Комиссияи байниҳукуматии ТРАСЕКА дар мавзуи “Рушди иқтидорҳои транзитии Осиёи Марказӣ дар давраи солҳои то 2023” баргузор гардид. Дар кори ҷаласа намояндагони расмии ҳукуматҳои тарафҳои “Созишномаи асосии бисёрҷониба оид ба нақлиёти байналмилалӣ оид ба рушди долони Аврупо – Қафқоз – Осиё”, намояндагони доимии (котибони миллӣ) Котиботи доимии Комиссияи байниҳукуматии ТРАСЕКА дар кишварҳои иштирокчӣ, нозири доимии Ҷумҳурии Литва дар Комиссияи Байниҳукуматии ТРАСЕКА, намояндагони кишварҳои аъзо ва нозирон, аз ҷумла: Афғонистон, Арманистон, Болгария, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Руминия, Тоҷикистон, Туркманистон, Туркия, Эрон, ҳамзамон намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, аз қабили: Комиссияи Аврупо, ОБСЕ, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Ҳамкории иқтисодӣ, Лоиҳаҳои ТРАСЕКА, Ташкилоти байналмилалии авиатсионӣ, Бонки Осиёии Рушд ва ғайра (ҷамъ 145 нафар) иштирок намуданд [13].

Истифодаи самараноки имкониятҳои эҳтимолии кишварҳои иштирокчии ТРАСЕКА долони нақлиётии Аврупо–Қафқоз–Осиёро рақобатпазир, фоидаовар ва бехатар мегардонад ва ба ташкили системаи бисёрфункционалии нақлиёт ва ҷалби сармоягузорӣ ба минтақа дар заминаи муосири технологӣ ва логистикӣ мусоидат мекунад. Роҳбарони ҳайатҳои Аврупо–Қафқоз–Осиё ТРАСЕКА таъкид карданд, ки натиҷаҳои форумҳои сармоягузории ТРАСЕКА, ки муколамаи созандаро байни ҳукуматҳои тарафҳо ва институтҳои байналмилалии молиявӣ оид ба ҷалби сармоягузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки инфрасохтории ддолони нақлиётии Аврупо–Қафқоз–Осиё таъмин мекунанд, ба рушди долон саҳми назаррас доранд [4].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ санадҳои муҳимми қонунгузориро мутобиқи меъёрҳои байналмилалии танзимкунандаи ҳамлу нақли байналмилалӣ қабул намуд. Ин санадҳои қонунгузорӣ ба содагардонӣ ва якрангии расмиёти зарурии сарҳадӣ ва гумрукӣ ва бартараф кардани монеаҳои гуногун мусоидат карданд, ки ба афзоиши арзиши интиқоли бор ва мусофирон, давомнокии бекористии воситаҳои нақлиёт дар истгоҳҳои гумрукӣ ва наздисарҳадӣ оварда расониданд, ки ба ҳаҷми интиқол таъсири манфӣ расонид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 августи соли 2003 қарори № 342, “Дар бораи тасдиқи Тартибе, ки интиқоли байналмилалии автомобилро танзим мекунад” қабул кард, ки барои интиқоли байналмилалии бор ва мусофирон нақши муассир дошт. Бо қарор тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба интиқолдиҳандагони нақлиёти автомобилӣ ҳангоми воридшавӣ, баромадан ва транзит дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби ҳаракати интиқолдиҳандагони автомобилҳои хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷойи ҷойгиршавии муваққатии онҳо муайян карда шуд. Маврид ба зикр аст, ки ба Қонуни мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 2 октябри соли 2010, № 527 як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуд [7].

Илова бар ин, ҳуҷҷате муайян карда шуд, ки ҳуқуқи вуруд, баромадан ва транзитро медод, ки онро “Иҷозатнома” меноманд. Ин санад аз ҷониби Ассотсиатсияи интиқолдиҳандагони байналмилалӣ, Вазорати нақлиёт дода мешуд. Дар ин қарор ба масъалаи таъсиси “терминалҳо” ҳамчун нуқтаҳои будубош, таваққуфгоҳ, бақайдгирӣ, гузаронидани расмиёти гумрукӣ ва хизматрасонии техникии интиқолдиҳандагони хориҷӣ диққати махсус дода шудааст. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи убури транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди терминалҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ” аз 2 майи соли 2007, №212 харитаҳои технологӣ оид ба муайян кардани хатсайрҳои транзитии воситаҳои нақлиёти байналмилалӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуданд [6].

Бо ин қарор “Низомномаи терминалҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ” тасдиқ гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006, №779 “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраргардида зиёданд” муайян карда шуданд [5].

Рушди муносибатҳои хориҷӣ имконият дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 Созишномаи интиқоли фаромарзиро, ки бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ -ҲИМОМ (ЦАРЭС-Центральноазиатское региональное экономическое сотрудничество) ба имзо расидааст, тасдиқ кунад. Созишномаи мазкур убури босуръати сарҳадро аз ҷониби шаҳрвандон, воситаҳои нақлиёт ва молҳо ба воситаи сабук намудани талабот барои интиқоли борҳо байни воситаҳои нақлиёт таъмин менамояд. Моҳи августи соли 2011 Афғонистон низ ба ин созишнома ҳамроҳ шуд. Бояд қайд намуд, ки тасдиқи ин Созишнома ба афзоиши воридшавӣ, баромадан ва транзити воситаҳои нақлиёт тавассути ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Афғонистон мусоидат намуд. Ин буд, ки дар соли 2013 аз 98 439 адад нақлиёти автомобилӣ 58 427, ё қариб 60% интиқоли бор, мусофиркашонӣ ва транзитро тавассути қаламрави кишварҳои дар боло зикршуда амалӣ карданд [1, с.10].

Мавқеи стратегию ҷуғрофии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки он ба долони

мукаммали иқтисодӣ барои транзити молу хизматрасонӣ байни кишварҳои бузургтарини ҷаҳон табдил дода шавад. Аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон қисми зиёди ҳамлу нақли байналмилалӣ тавассути қаламрави вилояти Суғд сурат мегирифт. Барои мисол, соли 2013 ҳамлу нақли байналмилалӣ тавассути қаламрави вилояти Суғд сурат гирифта буд, зиёда аз 30 фоизи умумии ҳамлу нақлро ташкил намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз релефи мураккаби кӯҳӣ, аллакай як қатор шоҳроҳҳои нақлиётии автомобилӣ дорад, ки 17 адади онҳо роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва зиёда аз 80 ададашон роҳи дорои аҳаммияти давлатӣ ва маҳаллӣ мебошанд, ки Тоҷикистонро бо кишварҳои ҳамсоя мепайванданд.

Бояд қайд намуд, ки тавассути кишвари мо шоҳроҳҳои транзитӣ мегузаранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди нақлиёти транзитии автомобилӣ ва роҳҳои оҳан тавассути қаламрави худ манфиатдор аст, зеро ҳамлу нақли транзитӣ барои давлат фоидаовар аст [14, с.177]: Дар рӯйхати лоиҳаҳои афзалиятноки давлатии сармоягузории соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани Колхозобод – Панҷи Поён пешбинӣ шудааст. Ин долон як қисми долони роҳи оҳан аст, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Қирғизистонро тавассути Тоҷикистон бо давлатҳои Афғонистон, Эрон ва Туркия мепайвандад. Ин ҳам бошад, дар шакли пардохтҳои гуногун, транзит даромади буҷетиро ба даст меорад. Ин пардохтҳо аз интиқолдиҳандагони хориҷӣ барои ворид шудан ба қаламрави кишвар, истифодаи роҳҳо, хизматрасониҳои гумрукӣ ситонида мешаванд. Дар ин робита транзит ба таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ мусоидат намуда, ҳамчун воситаи идоракунии робитаҳои байналмилалии иқтисодю сиёсӣ амал мекунад.

Бешубҳа, рушди тиҷорати минтақавӣ ва ҳамкории нақлиётии кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад ба манфиатҳо ва афзалиятҳои назарраси иқтисодӣ оварда расонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори ҳамкории минтақавӣ ва иштирокчии фаъоли Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ҲИМОМ) дар соҳаи нақлиёт, мусоидат ба савдо ва энергетика мебошад. Боиси тазаккур аст, ки аз лиҳози ҷуғрофӣ аз шаш долони транзитии ҲИМОМ чор адади он (долонҳои 2,3,5,6 бо дарозии 1511 км) аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаранд ва кишвари моро бо кишварҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Чин мепайванданд [11]:

1. Долони ҲИМОМ - 2: ин долони мултимодалӣ мебошад, ки алоқаи шаш нуқтаи сарҳадро аз Чин то Туркия таъмин мекунад. Ин долон ба ҷумҳурии мо дар нуқтаи сарҳадии “Спитамен” ворид шуда, аз Хуҷанд ва Конибодом мегузарад ва ба қаламрави Қирғизистон ворид мешавад;

2. Долони ҲИМОМ - 3: алоқаи Федератсияи Русияро бо кишварҳои Шарқи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ тавассути Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Афғонистон таъмин мекунад. Ин гузаргоҳ ба Тоҷикистон тавассути гузаргоҳи сарҳадии “Қаромиқ” ворид шуда, дар Тоҷикистон аз тариқи хатсайри Лахш – Ваҳдат – Душанбе –Турсунзода мегузарад ва ба қаламрави Ӯзбекистон ворид мешавад.

3. Долони ҲИМОМ - 5: роҳи муҳимтарин аз Чин ба Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, барои воридоти молу маҳсулот аз Чин ва Покистон истифода мегардад. Ин долон аз гузаргоҳи сарҳадии “Иркештам” ба қаламрави Қирғизистон ва аз гузаргоҳи сарҳадии “Қаромиқ” ба қаламрави Тоҷикистон мегузарад. Он аз тариқи хатсайри Лахш – Ваҳдат– Душанбе– Қӯрғонтеппа– Панҷи Поён ба нуқтаи сарҳадии Шерхон Бандар (Афғонистон)мегузарад.

4. Долони ҲИМОМ - 6: кишварҳои Аврупоро бо Шарқи Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ мепайвандад. Ин долон мултимодалӣ буда, аз қаламрави Русия – Қазоқистон – Ӯзбекистон оғоз ёфта, ба қаламрави Тоҷикистон ворид шуда, аз Спитамен – Шаҳристон – Айнӣ – Душанбе – Қӯрғонтеппа – Панҷи Поён гузашта, тавассути нуқтаи сарҳадии “Шерхон Бандар” ба қаламрави Афғонистон ворид мешавад. Мутаассифона, дар соли 2011 гузариш аз нуқтаи сарҳадии “Бекобод” боздошта шуд ва ин долон минбаъд барои транзит истифода намешавад [2,с.152].

Долонҳои транзитии Осиёи Марказӣ дар доираи низоми байналмилалии нақлиётӣ ҳаҷми зиёди боркашонии байналмилалӣ ва ба андозаи нисбатан камтари мусофиркашонӣ тавассути қаламрави Тоҷикистонро таъмин менамоянд. Тавре ки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: “Масъалаи тақвият бахшидан ба иқтидори транзитии

минтақа ва ташаккули низоми мукаммали нақлиётии он низ саъю талошҳои муштаракро тақозо менамояд. Аксари кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон, бинобар мавқеи ҷуғрофии худ ба ҳавзаи кишварҳои маҳсуб ба хушкӣ шомил мебошанд ва шароити инфрасохтори нақлиёти заминии онҳо гуногун аст. Зимнан, як қатор кишварҳои аъзои Барномаи ҳамкориҳои минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, дар бобати дастрасӣ ба бозорҳои калони ҷаҳонӣ тавассути роҳҳои баҳрӣ ба мушкилиҳо дучор мегарданд.

Бинобар ин, ҳалли масъалаи аз алоқаманди коммуникатсионӣ раҳо намудани Тоҷикистон на танҳо барои мо, балки барои минтақа ҷиҳати осон намудани транзити молҳо тавассути ҳудуди кишвар муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳарчанд ки дар Тоҷикистон дар доираи Барномаи ҳамкориҳои минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ беш аз 15 лоиҳаи коммуникатсионӣ амалӣ шуда истодааст, вале ташкили долонҳои нақлиётӣ дар минтақа боз ҳам тақвият металабад.

Ташкили низоми ба ҳам пайвасти коммуникатсионӣ ба пайвастани Осиёи Марказӣ бо дигар кишварҳои Осиё ва инчунин, Аврупо мусоидат намуда, ба афзоиш ёфтани гардиши савдои байниҳамдигарӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Бо назардошти ин омил, бояд ба лоиҳаҳои бунёди роҳҳои автомобилгарду оҳан дар ин кишварҳо ва ташаккули долонҳои нақлиётии минтақавии баромад ба бандарҳои баҳрӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад. Идомаи ҳамкорӣ байни шарикон дар ин самт ва бунёди гузаргоҳҳои боэътимоди нақлиётиву марказҳои логистикӣ ба рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои минтақа мусоидат хоҳад кард”[15].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи қатъномаи 56/8 Ассамблеяи Генералии СММ аз 21 декабри соли 2001 оид ба “Амалҳои мушаххас дар робита ба эҳтиёҷоти махсус ва мушкилоти кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки роҳи баҳрӣ надоранд”, “Эъломияи Алмаато” ва “Барномаи амалиёти Алмаато”, ки аз ҷониби конфронси байналмилалии вазирони кишварҳои гуногун, ки ба роҳи баҳрӣ баромада наметавонанд, кишварҳои транзитии рӯ ба тараққӣ қабул шудааст, оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳамлу нақли нақлиётӣ аз 28-29 августи соли 2003” фаъолона иштирок менамояд. Дар робита ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронии худ дар Форуми сатҳи баланди кишварҳои рӯ ба тараққии бидуни дастрасӣ ба баҳр 29 сентябри соли 2015 чунин гуфт: “Тоҷикистон қарорҳо ва тавсияҳои барномаҳои амалиётии Алмаато ва Венаро барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки ба баҳр дастрасӣ надоранд, барои солҳои 2014-2024, комилан дастгирӣ менамояд. Боварӣ дорам, ки татбиқи Нақшаи амали даҳсола бо шаш минтақаи афзалиятноки он, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ қабул шудааст, ба таҷдиди сохтории иқтисодиёти мо ва таҳкими инфрасохтори он, инчунин пешбурди ҳамкориҳои минтақавӣ дар самти ҳамгироӣ мусоидат хоҳад кард. Аз лаҳзаи қабули Барномаи амалиёти Алмаато Тоҷикистон ба пешбурди тиҷорати минтақавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар роҳҳои рушди шабакаҳои нақлиётӣ ва тасдиқи муносибати махсус ба масъалаи имкониятҳои транзитӣ ва коммуникатсионӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.”Бо мақсади осон кардани қоидаҳои гумрукӣ системаи “Равзанаи ягона” ба роҳ монда шуд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба “Шартномаи Апостил” ҳамроҳ шуд. Дар ин асно чор минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шуданд, ки ба ҷалби сармоягузорӣ ва иҷрои барномаи миллии рушди савдо ва алоқаҳо мусоидат мекунанд. Гузашта аз ин, Тоҷикистон ба макони баргузории як қатор чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст. Дар байни онҳо вохӯрии даҳуми Комиссияи байниҳукуматии долони байналмилалии нақлиётии Аврупо – Қафқоз – Осиё (ТРАСЕКА), Конфронси байналмилалии сатҳи олӣ оид ба рушди иқтидори нақлиётии Осиёи Марказӣ барои давраи то соли 2023, Форуми аввалини сармоягузорӣ оид ба татбиқи Нақшаи амалиёти Созмони ҳамкории иқтисодӣ оид ба ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад [12]. Ин чорабиниҳо ба фароҳам овардани муҳити мусоид барои транзит, беҳтар кардани бехатарии ҳаракати нақлиёт, ҳифзи муҳити зист, татбиқи сиёсати гуногуни тарифӣ ва рушди савдо равона карда шудаанд.

Инфраструктураи пешрафтаи нақлиётӣ ҳамчун унсури муҳимми занҷири логистикӣ дар ин робита нақши комплекси нақлиётро дар рушди системаи логистикӣ тақвият медиҳад. Дар ин самт бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, сармоягузории хусусӣ, инчунин бо дастгирии институтҳои байналмилалии молиявӣ ва кишварҳои донор то имрӯз дар бахши нақлиёти ҷумҳурӣ 60 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 2 миллиард доллари ИМА амалӣ карда шуданд. Натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба истифода додани зиёда аз 2400 км роҳҳои автомобилгарди дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва дигар инфрасохтори нақлиётӣ буда, ин роҳҳо ба стандартҳои муосир ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамчунин, то имрӯз корҳо оид ба кушодани гузаргоҳи мултимодалии Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Эрон ва Туркия фаъолона идома доранд. Истифодаи ин долонро аз нуқтаи назари кам кардани масофа ва кам кардани хароҷоти интиқоли борҳо нисбат ба долонҳои мавҷуда самаранок мешуморем. Бартарии дигари ин долон пайвастшавии он тавассути роҳи автомобилгарди қаламрави Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошад, ки ба эҳёи Роҳи Абрешим ва ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ мусоидат мекунад. Инчунин қайд кардан ҷоиз аст, ки Ҳукумати мамлакат ва Вазорати нақлиёт, аз ҷумла ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди логистика - рақамисозии хизматрасониҳо дар бахши нақлиёт таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Масъалаҳои ҷорӣ намудани болопӯшҳои электронии нақлиётӣ, навбати электронӣ ва ғайра баррасӣ карда мешаванд, ки ин, албатта, ба тартиби устувор ва равандҳои логистика таъсири мусбат мерасонад. Дар робита ба гуфтаҳои боло, имрӯз Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати беҳтар намудани шароит барои рушди соҳаи нақлиёт ва самаранокии транзитии он тамоми чораҳоро меандешад [8].

Ҳамин тариқ, вазифаи асосии Ҳукумати Тоҷикистон аз он иборат аст, ки ҷумҳуриро аз бунбасти нақлиётӣ-коммуникатсионӣ берун барорад ва тавассути Тоҷикистон гузаргоҳҳои транзитӣ бунёд намояд. Стратегияи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон бунёди шабакаи ягонаи нақлиётӣ дар кишвар ва пайваст кардани он бо долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, инчунин пайвастани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи нақлиётро дар бар мегирад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ комплекси нақлиётии Тоҷикистон ба системаи ҷаҳонии нақлиётӣ ворид карда шуда, дар қаламрави ҷумҳурӣ долонҳои байналмилалии транзитӣ бо истифодаи максималии мавқеи ҷуғрофии он ва имкониятҳои транзитӣ рақобатпазир ташкил карда шуд.

Муқарриз: Ибодуллозода А.- д.и.т., профессори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

АДАБИЁТ

1. Бойгонии ҷории Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва истеҳсолӣ дар 1 сентябри соли 2013.
2. Гафурова Г. Развитие дорожного строительства и транспорта в Таджикистане в годы независимости (1991-2016 гг.) - Дисс. канд. ист. наук / Г. Гафурова. – Худжанд, 2018.
3. Зоҳидӣ Н. 25 қадам дар паҳнои олам / Н.Зоҳидӣ, В.Ниятбеков, А. Камолов. -Душанбе: Ирфон, 2016.
4. История ТРАСЕКА. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.traceca-org.org/ru/o-traseka/istorija-traseka/
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006, №779 “Дар бораи тасдиқи қоидаҳои аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқаррагардида зиёданд”. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=30686.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2007, №212 "Дар бораи убури транзитии воситаҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ тавассути қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бунёди терминалҳои наздисарҳадии байналмилалии автомобилӣ."[Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ:https://tajtrade.tj/procedure/544?l=tj.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010, № 527 “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: http://adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=35877.
8. Материалы международной научно-практической конференции “Логистика и её преимущества в развитии транспортных сообщений Таджикистана с государствами региона”, 18-19 октября, Душанбе - 2022
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 23 апрели соли 2014.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 26 декабри соли 2018.

11. Перемещая товары быстрее и лучше. Деятельность Программы Центрально-Азиатского регионального экономического сотрудничества в сфере транспорта и содействия торговле в Таджикистане [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://www.adb. org/sites/default/files/publication/29168/.
12. Рахмон Э. Выступление на Форуме высокого уровня развивающихся стран без выхода к морю от 29 сентября 2015 года. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://www.dialog.tj/news/vystuplenie-na-forume-vysokogo-urovnya-razvivayushchikhsya-stran-bez-vykhoda-k-moryu.
13. Соҳаи нақлиёти Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/tojikiston/naqlijot.
14. Статистический ежегодник, 2016. - Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2016. - с. - 177.
15. Суханронии Президент дар ифтитоҳи 16-умин Конфронси вазирони Барномаи ҳамкориҳои минтақавии иқтисодии Осиёи Марказӣ (CAREC) 27 октябри соли 2017. [Манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/2651/sukhanronii-prezident-dar-iftitohi-16-umin-konfronsi-vazironi-barnomai-hamkorihoi-mintaqavii-iqtisodii-osijoi-markazi-carec.
16. Шарифзода А. Фархундапай / А. Шарифзода, З.Қосимӣ. - Душанбе, 2014.-С.53-54.

НАҚШИ ДОЛОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАҚЛИЁТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ҲОЛАТ, ДУРНАМО ВА РУШД

Дар мақолаи мазкур оид ба нақши долонҳои байналмилалӣ дар рушд ва таҳкими иқтисоди миллии кишвар маълумот дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки баъди ба даст овардани истиқлолият кишвар бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба буҳрони иқтисодиву молиявӣ рӯ ба рӯ гардида, ба захираҳои табииву моддӣ-техникӣ ва истеҳсолии мамлакат хисороти калон расонида шуд. Қариб тамоми корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт, иншоотҳои сохтмон харобу валангор гашта, ба соҳаи нақлиёт, муассисаҳои автомобилӣ, роҳу пулҳо, роҳҳои оҳан зарар калон расонида шуд. Бо кӯшишу заҳматҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кӯтоҳ кишвар аз вазъияти буҳронӣ баромада, хоҷагии халқи мамлакат рушд намуд. Дар ин муддат дар доираи стратегияи раҳоӣ ёфтани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ корҳои зиёде анҷом дода муассир. Дар ин самт нақши долонҳои байналмилалии нақлиётӣ бениҳоят калон аст, чунки ба воситаи онҳо Тоҷикистон бо кишварҳои дуру наздик робитаи худро барқарор ва мустаҳкам намуда, барои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ, рушд ва баланд бардоштани иқтидори соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, сайёҳӣ ба суръати афзоиши ҳамлу нақли байналмилалӣ мусоидат намуд.

Калидвожаҳо: истиқлолияти давлатӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, сиёсати хориҷӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ, долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, инфрасохтори нақлиётӣ, роҳҳои автомобилгард, ҳамлу нақл, хизматрасониҳо дар бахши нақлиёт.

РОЛЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ ТРАНСПОРТНЫХ КОРИДОРОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ: СОСТОЯНИЕ, ПЕРСПЕКТИВЫ И РАЗВИТИЕ

В статье дается информация о роли международных коридоров в развитии и укреплении национальной экономики страны. Отмечается, что после обретения независимости страна столкнулась с экономическим и финансовым кризисом из-за навязанной гражданской войны в стране, был нанесен значительный ущерб природным, материально-техническим и производственным ресурсам страны. Практически все промышленные предприятия, транспорт, строительные сооружения были разрушены. Также, большой ущерб был нанесен транспортной отрасли, автомобильным учреждениям, дорогам, мостам и железным дорогам. Благодаря стремлениям и усилиям Президента страны уважаемого Эмомали Рахмона в короткие сроки страна вышла из кризисной ситуации, а народное хозяйство страны выросло. За это время в рамках стратегии выхода Таджикистана из коммуникационного тупика было многое сделано. В этом направлении роль международных транспортных коридоров огромна, так как благодаря им Таджикистан установил и укрепил свои связи со странами ближнего и дальнего зарубежья, они способствовали росту международных перевозок для выхода на мировой рынок, развитию и повышению потенциала отдельных отраслей экономики, туризма.

Ключевые слова: государственная независимость, выход из коммуникационного тупика, внешняя политика, региональное сотрудничество, международные транспортные коридоры, транспортная инфраструктура, автомобильные дороги, транспорт, услуги в транспортном секторе.

THE ROLE OF INTERNATIONAL TRANSPORT CORRIDORS IN TAJIKISTAN: STATUS, PROSPECTS AND DEVELOPMENT

The role of international corridors in the development and strengthening of the national economy of the country is reviewed in the article. It is noted that after gaining independence, the country faced an economic and financial crisis due to the imposed civil war in the country. Significant damage was caused to the natural, logistical and industrial resources of the country. Almost all industrial enterprises transport, and construction structures were destroyed. Also, great damage was caused to the transport industry, automotive institutions, roads, bridges and railways. Thanks to the aspiration and efforts of the President of the country, dear Emomali Rahmon, the country emerged from the crisis situation in a short time, and the national economy of the country has grown. During this time, a lot of work has been done as part of Tajikistan's strategy to break the communication deadlock. In this direction, the role of international transport corridors is enormous, as thanks to them Tajikistan has established and strengthened its relation with countries near and far abroad, contributed to the growth of international transport to enter the world market, develop and increase the potential of certain sectors of the economy and tourism.

Keywords: state independence, breaking the communication deadlock, foreign policy, regional cooperation, international transport corridors, transport infrastructure, highways, transport, services in the transport sector.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Айнулозода Наҳтулло Айнуло*** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои таълим. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёболи Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 918 94 75 18**
E-mail: **nahtullo.87@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Айнулозода Нахтулло Айнуло*** **-** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат исторических наук, доцент, проректор по учебной части. Адрес: 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 918 94 75 18** E-mail: **nahtullo.87@mail.ru**

About the author ***Ainulozoda Nahtullo Ainulo*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, candidate of historical sciences, associate professor, vice-rector for academic affairs. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Phone: **(+992) 918 94 75 18** E-mail: **nahtullo.87@mail.ru**

ТДУ:620.9.00/12/.18(575.3)

РУШДИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ТОҶИКИСТОН
(то давраи истиқлолият)

Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода, Одиназода Нуриддин Ҳасан
Донишгоҳи ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Тоҷикистон то ғалабаи Инқилоби Октябр дар империяи Россия аз ҷиҳати қафомонии иқтисодӣ ҷойи охиринро ишғол мекард. Танҳо баъд аз барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ Тоҷикистон ба як сарзамини гулгулшукуфон табдил ёфта, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, махсусан дар соҳаи саноати энергетика ба дастовардҳои назаррас ноил гашт.

Барои афзоиши минбаъдаи саноат инкишофи соҳаи энергетика аҳаммияти ҳалкунанда дошт. Он назар ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дараҷаи инкишофи иқтисодиёти ҷумҳуриро бештар муайян мекунад: ба пешрафти илмию техникӣ, ба инкишофи бисёр соҳаҳои саноат ва махсусгардонии истеҳсолоти Тоҷикистон таъсир мерасонад, дараҷаи иҷроиши корҳоро такмил медиҳад, барои беҳтар гардонидани шароити зиндагии коргарон мусоидат менамояд ва ғайра. Ба ғайр аз ҳамаи ин дар ҷумҳурӣ барои аз ҳисоби истифодаи захираҳои бойи гидроэнергетикӣ инкишоф додани соҳаи электроэнергетика имкониятҳои зиёд калон мавҷуданд.

Яке аз шартҳои муҳимми ҳалкунанда дар ҳамаи соҳаҳои саноат ва умуман, дар соҳаҳои хоҷагии халқ мавҷудияти заминаи бузурги энергетикӣ мебошад. Раиси Шурои Комиссарони Халқи ИҶШС Ленин В.И. тараққиёти ҳаматарафаи саноатро бо электриконии мамлакат алоқаманд медонист. Оиди ин масъала ӯ дар Анҷумани 8-уми Умумироссиягии Шуроҳо баромад карда гуфта буд: “Мо фақат ҳамон вақт пурра ғалаба карда метавонем, ки мамлакат электрикононида шуда, саноат ва хоҷагии қишлоқ бо техникаи ҳозиразамон таъмин карда шавад” [4, с. 29]. Асоси заминаи энергетикиро бошад, неругоҳҳои барқи обӣ (НБО) ва марказҳои барқу гармидиҳӣ (МБГ) ташкил медиҳанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон ва релефи он барои сохтани даҳҳо НБО бисёр мувофиқ аст. Дар Душанбе аввалин неругоҳи аловии баркӣ соли 1926 сохта ба истифода дода шуд, ки иқтидораш 76 кВт-ро ташкил медод. Баъдтар бо сохтани дизелҳои нав ва азнавсозии дизелҳои куҳна иқтидори ҳамаи онҳо то ба 367 қувваи асп расонида мешавад. Дар соли 1932 дар Душанбе дизели нав сохта шуд, ки дар натиҷа истеҳсоли қувваи барқ ба 904,7 ҳазор кВт расид.

Аз солҳои барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ милликунонии саноат ба миён омад, ки он ба тавлиди саноати шуравии тоҷик мусоидат намуд. Аввалин корхонаҳои саноатӣ сохта шуданд, ки бо рушди хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон алоқаманд буданд. Саноатикунонии Тоҷикистон, қисми таркибии саноатикунонии Давлати Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт, ки дорои хусусиятҳои хос буд. Дар ҷумҳурӣ асосан саноати сабук ва хӯрока рушд менамуд. Чунки ҳанӯз дар ҷумҳурӣ синфи коргар ташаккул наёфта буданд ва захираҳои табиии ҷумҳурӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашуда буд. Омили дигари маҳдуд намудани раванди саноатикунонӣ дар Тоҷикистон омӯзиши нокифоя, омода набудани омилҳои техникӣ ва иқтисодӣ дар самти истифодаи захираҳои бойтарини гидроэнергетикии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Танҳо дар солҳои 1933-1935 дар таҳияи маълумотномаи барқи обии дарёҳои Иттиҳоди Шуравӣ муайян карда шуд, ки дар Тоҷикистон захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мавҷуданд.

Ҳамин тариқ, пас аз омӯзиш ва муайян намудани иқтидорҳои мавҷудаи гидроэнергетикии Тоҷикистон ба сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ оғоз бахшида шуд. Сохтмони НБО–и Варзоб, ки барои корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе хеле муҳим буд, 3-юми феврали соли 1931 оғоз гардида 31-уми декабри соли 1936 агрегати авалинаш ба кор дароварда шуд [12, с.25]. Аввалин неругоҳи барқи обӣ дар Тоҷикистон – неругоҳи барқи обии Варзоби Боло ба ҳисоб меравад, ки бо иқтидори 7,5 ҳазор кВт дар соли 1937 ба истифода дода шуд. Сабабҳои ниҳоят тул кашидани сохтмон инҳо буданд: коргарони баландихтисос намерасиданд, масолеҳи босифати сохтмонӣ, бахусус семент ва чӯбу тахта аз хориҷи ҷумҳурӣ оварда мешуданд, нақлиёти боркаш намерасид, дар сохтмон танҳо 2

экскаватор кор мекард, аксари корҳо дастӣ анҷом дода мешуданд, шароити корӣ ва маишии коргарон хеле паст буданд ва ғайра. Дар баробари НБО-ҳо инчунин истгоҳҳои барқии коммуналӣ (дизелӣ) сохта мешуданд. То охири соли 1937 дар Тоҷикистон 38 адад чунин истгоҳҳо сохта ба истифода дода шуданд, ки иқтидори умумиашон ба 3920 кВт мерасид [10, с. 39].

Дар тамоми Давлати Шуравӣ ҳамон соҳаҳои саноат дар вазъияти ногувор қарор гирифтанд, ки дар асоси вазъи рушди хоҷагии қишлоқ муайян карда мешуданд. Масалан, дар панҷсолаи якум бунёди неругоҳи барқи обӣ дар дарёи Вахш (НБО-и Сарбанд), Заводи нуриҳои азотии Вахш, ду заводи сементи банақшагирифташуда бо сабабҳои гуногун сохта нашуданд [3, с. 66].

Сабабҳои асосии халалдор гардидани вазифаҳои нақшаи панҷсолаи аввал, дар маҷмуъ, дар Тоҷикистон, ғайривоқеӣ будани вазифаҳои гузошташуда, беэътиноӣ ба омилҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, маҳдудкунии маъмурии ташаббусҳои коргарон, побанд гардидан ба системаи банақшагирии марказонидашуда ва ғайра буданд.

Дар ин вазъият дар назди КМ ҲК (б) ва Шурои Комиссарони Халқи Тоҷикистон вазифа меистод, ки базаи энергетикии ҷумҳуриро бо роҳи сохтани истгоҳҳои нави барқӣ зиёд кунанд. Онҳо ба Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС ва КМ (б) Ҳизби Коммунистӣ дар бораи зарурияти сохтани неругоҳи барқи обии Варзоби Поён (навбати дуюм) муроҷиатнома қабул карданд. Давлати Шуравӣ сарфи назар аз душвориҳои давраи ҷанг имконият пайдо кард, ки барои ҳалли ин мушкилӣ маблағи зарурӣ ҷудо кунад. Комиссариати халқии неругоҳҳои барқи обии Иттиҳоди Шуравӣ дар Тоҷикистон Сарраёсати сохтмони неругоҳи барқи обии Варзоби Поёнро—“Варзобстрой”-ро ташкил намуд. Маҳз аз ҳамин вақт сар карда дар Тоҷикистон инкишофи муназзами саноати электрикӣ ва азхудкунии мунтазами захираҳои гидроэнергетикӣ оғоз ёфт [9, с. 41].

Яке аз объектҳои муҳимтарин дар солҳои баъдиҷангӣ сохтмони НБО-и Варзоби Поён ба ҳисоб меравад, ки он неругоҳи дуюм дар системаи барқии дарёи Варзоб мебошад. 20-уми майи соли 1943 сохтмони неругоҳи барқи обии дорои иқтидори лоиҳавиаш 13,1 ҳазор кВт сар шуд. Ба истифода додани он то охири соли 1944 ба нақша гирифта шуда буд. Сохтмони НБО-и Варзоби Поён объекти суръати баланди сохтмони ҷамъиятӣ эълон карда шуд. Дар сохтмони он аҳолии қишлоқҳо ва шаҳрҳо ба таври васеъ ҷалб карда шуданд: масалан, 5500 нафар колхозчиён аз Ғарм, 4400 нафар аз Кӯлоб ва 7000 нафар колхозчиёни вилоятҳои Сталинобод ба ин сохтмон сафарбар карда шуданд, ҳазорон нафар сокинони Сталинобод ба корҳои заминкобии ин иншоот шуруъ намуданд. Дар баробари ин, аз ноҳияи Варзоб то Зиддӣ сохтмони роҳи оҳани тангбар оғоз ёфт, ки дар он ҳазорҳо нафар колхозчиён низ иштирок доштанд. Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки шароити кор дар сохтмонҳо ниҳоят вазнин буд: одамон асосан бо белу каланд кор мекарданд, техника ва нақлиёт қариб ки набуд, таъминот бо озуқа, манзил ва сару либос бисёр суст буд ва ғайра. Вале одамон фидокорона меҳнат карда, дар иҷрои нақшаи корӣ қаҳрамонӣ нишон медоданд. Барои муваффақиятҳо дар сохтмони неругоҳи барқи обӣ 42 нафар бо нишони сарисинагии “Аълочии мусобиқаи сотсиалистӣ”, 102 нафар бо Грамотаи Фахрии Комиссариати халқии истгоҳҳои барқии ИҶШС мукофотонида шуданд.

Сохтмони неругоҳ, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз гардида буд, бо сабабҳои маълум сохтмонаш ба анҷом нарасид. Баъди анҷоми ҷанг дар натиҷаи меҳнати фидокоронаи коргарон он 29-уми марти соли 1949 ба истифода дода шуд [13, с. 60].

Дар натиҷа истеҳсоли қувваи барқ дар ҷумҳурӣ 2,2 маротиба зиёд гашта, таъмини он ба соҳаҳои гуногуни саноат беҳтар шуд.

Дар соли 1943 дар шаҳри Калининобод (Сарбанд) НБО-и хурд ба истифода дода шуд. Дар қитъаи “Шурабугол”-и тоҷик истгоҳи барқии аловӣ сохта шуд, ки тамоми шахтаҳоро бо неруи барқ таъмин менамуд. Дар ҳамин сол бо усули сохтмони халқӣ дар Ӯротеппа, Нов, Қӯрғонтеппа, Кировобод, Комсомолобод ва Кӯлоб сохтмони неругоҳҳои барқии обии коммуналӣ оғоз шуданд. Давлат барои иҷрои ҳамаи ин корҳо 950 ҳазор сум ҷудо кард.

Дар охири солҳои 50-ум дар дарёи Вахш барои сохтмони НБО-и азими Сарбанд (Головная) бо иқтидори 210 МВт корҳои тайёрӣ оғоз гардиданд. Моҳи декабри соли 1962 агрегати якуми он ба кор даромад. Панҷ агрегати боқимонда дар соли 1963 ба фаъолият

сар карданд. Ба кор андохта шудани неругоҳи барқи обии Сарбанд, ки аввалин зодаи силсилаи неругоҳи барқи обии Вахш мебошад, барои бо неруи барқ таъмин намудани Тоҷикистони Ҷанубӣ аҳаммияти хеле калон дошт. Он қисмати муҳимми системаи энергетикии Душанбе — Вахш буда, на танҳо тараққиёти саноати ноҳияроро таъмин кард, балки талаботи обёрикунии водиҳои Вахшу Ёвонро низ қонеъ гардонд.

Дар соли 1952 бошад, сохтмони неругоҳи сеюм, НБО-и Варзоби Поён-3 ба охир расид, ки дар дарёи Варзоб НБО-и охирин ба ҳисоб мерафт ва иқтидори он 3,46 ҳазор кВт буд [12, с. 25].

Ҳаҷми умумии истеҳсоли қувваи барқ дар НБО-ҳои дарёи Варзоб 26,5 ҳазор кВтро ташкил дода, онҳо ҳар сол 140-150 млн кВт/соат неруи барқ истеҳсол менамуданд. Барои ҳамаи он неругоҳҳо турбина ва генераторҳоро корхонаҳои Ленинград сохта медод. Дар соли 1962 автоматикунонӣ ва телемеханиконии тамоми силсилаи неругоҳҳои барқи обии Варзоб пурра ба охир расид. Ҳар се неругоҳ дар ҷумҳурӣ аввалин шуда бе кадрҳои навбатдор кор мекарданд.

Дар нимаи якуми солҳои 50-ум, аниқтараш, дар соли 1951 сохтмони аввалин НБО-и калон дар қисмати шимолии Тоҷикистон, дар дарёи Сир НБО-и Қайроққум оғоз меёбад. Он дар ҳамон вақт НБО-и аз ҳама калонтарин дар миқёси Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт ва иқтидори истеҳсоли неруи барқаш ба 126000 кВт мерасид [13, с. 62].

Сохтмони ин НБО барои азхудкунии заминҳои ҳазорон сол бекорхобидаи водии Сирдарё аҳаммияти хеле калон дошт. НБО-и Қайроққумро намояндагони 37 халқу миллатҳои Иттиҳоди Шуравӣ сохтанд ва барои ҳамин ба ин НБО номи “Дӯстии халқҳо”-ро гузоштанд. Дар натиҷаи меҳнати пурсамари онҳо ин НБО дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ сохта ба истифода дода шуд. Соли 1957 ҳамаи 6 агрегати он ба кор дароварда шуданд.

Дар натиҷаи ба кор даромадани НБО-и Қайроққум саноатчиён ва умуман тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи Ӯзбекистон ва ноҳияҳои қисмати шимолии Тоҷикистон бо қувваи барқ таъмин шуданд. Ба ғайр аз ин, баъди сохтани неругоҳ як обанбори калоне пайдо гашт, ки барои иловатан обёрикунии 350 ҳазор гектар заминҳои ташналаби Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон хизмат менамуд. Ба ғайр аз ин, дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, масалан, дар ноҳияҳои Нов, Исфара ва Работ неругоҳҳои нисбатан хурд сохта шуданд, ки барои саноатчиёни маҳаллӣ аҳаммияти калон доштанд.

Дар баробари инкишоф додани сохтмони гидротехникӣ дар ҷумҳурӣ истгоҳҳои барқии аловӣ низ сохта шуданд, ки онҳо ба ғайр аз бо қувваи барқ таъмин намудани эҳтиёҷоти технологии саноат, инчунин барои бо гармӣ таъмин намудани аҳолӣ буғ истеҳсол мекарданд. Соли 1957 сохтмони МБГ-и Душанбе бо иқтидори 225 мВт оғоз шуд. Аз соли 1968 сар карда МБГ-и Душанбе бо иқтидори пурраш кор мекунад.

Яке аз объектҳои муҳимми системаи барқии Тоҷикистон сохтмони НБО-и Перепадная (Шаршара) дар канали дарёи Вахш мебошад. Моҳи январи соли 1959 2 агрегати аввалини он ва дар охири моҳи марти ҳамин сол агрегати 3-юм, агрегати охиринаш ба кор дароварда шуд. НБО-и Перепадная (Шаршара) 29,9 ҳазор кВт неруи барқ истеҳсол мекард. Баъди ин сохтмони НБО-ҳои калонтар дар дарёи Вахш оғоз меёбад. Дар нимаи дуюми солҳои 50-ум сохтмони аввалин НБО дар дарёи Вахш НБО-и Сарбанд (Головной ГЭС) оғоз меёбад. Иқтидори истеҳсоли нақшавии неруи барқ дар он ба 210 ҳазор кВт мерасид [11, с. 51]. Сохтмони НБО-и Сарбанд барои азхудкунии садҳо ҳазор гектар заминҳои ботлоқзоршудаю бекорхобидаи водии Вахш аҳаммияти хеле калон дошт.

Барои комбинати бофандагии Душанберо бо қувваи барқ таъмин намудан, дар соли 1945 аввалин неругоҳи турбинаи буғии иқтидораш 2,2 ҳазор кВт ба кор дароварда шуд. Дар соли 1959 дар Душанбе МБГ сохта ба истифода дода шуд. Дар аввал иқтидори энергетикиаш 12000 кВт ташкил медод ва баъди азнавсозӣ иқтидораш ба 218,8 ҳазор кВт расонида шуд. Дар соли 1958 истеҳсоли неруи барқ нисбат ба соли 1955 3-маротиба зиёд гашт. Дар натиҷаи сохтани НБО-ҳои нав ва МБГ-ҳои иловагӣ шароити зарурӣ барои сохтани заводу фабрикаҳо муҳайё гашт. Масалан, агар истеҳсоли неруи барқ дар соли 1950 ҳамагӣ 169,5 ҳазор кВт соатро ташкил медод, пас истеҳсоли он дар соли 1960 ба 1млрд 288млн 300 ҳазор кВт соат расонида шуд [8, с. 132]. Дар баробари болоравии истеҳсоли неруи барқ талабот ба он низ зиёд гашт.

Дар Помир низ ба сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ва кашидани хатти интиқоли барқ оғоз намуданд. Дар ибтидои солҳои 60-ум НБО-и Ванҷ, Шуғнон ва Қалъаи Хумб ба кор дароварда шуданд.

Дар баробари таъмин намудани соҳаҳои саноат бо неруи барқ инчунин барои таъмини талаботи шаҳрҳо, хизматрасонии маишию коммуналӣ ба аҳолӣ неруи барқ равона мегардид. Барои таъмини ҳамаи инҳо бо неруи барқ дар соли 1960 НБО-и Марказиро дар канали дарёи Вахш оғоз намуданд, ки иқтидори лоиҳавии он ба 18.6 ҳазор кВт мерасид. Соли 1961 бошад, ба сохтмони НБО-и аз ҳама калонтарин дар Осиёи Миёна НБО-и Норак оғоз намуданд, ки иқтидори лоиҳавиаш 2,7 млн кВт-ро ташкил медод [5, с. 79].

Соли 1961 сохтмони калонтарин дар Осиёи Миёна НБО-и Норак сар шуд, ки иқтидораш 2,7 миллион киловатт буда, соле қариб 12 миллиард кВт/соат неруи барқ истеҳсол мекунад. Сохтмони он ба шарофати меҳнати фаъолонаю фидокоронаи коргарон ва коркунони муҳандисӣ-техникӣ пеш аз муҳлат — 15 моҳ пеш аз муҳлат анҷом ёфт. Дар санаи 4 октябри соли 1979 НБО-и Норак ба кор даромад.

Аз соли 1962 сар карда, сохтмони комплекси электрикии обии Бойғозӣ оғоз шуд. Аммо ташкилотҳои хоҷагии об, ки сохтмони комплекси электрикии обиро бо мақсадҳои ирригатсионӣ иҷро мекунанд, танҳо дар аввали панҷсолаи ёздаҳум ба сохтмони НБО-и Бойғозӣ шуруъ карда буданд ва то охири панҷсола се агрегати онро ба кор даровардаанд.

Дар соли 1966 сохтмони НБО-и Ёвон оғоз ёфт, ки иқтидори лоиҳавии он 240 ҳазор киловатт буд. Дар солҳои 1969—1971 се агрегати МБГ бо иқтидори 180 ҳазор киловатт ба кор андохта шуд.

Дар ибтидои солҳои 80-ум дар неругоҳи барқи обии Роғун корҳо оғоз шуданд, аммо бо сабабҳои гуногун ин кор ба таъхир гузошта шуд. Сохтмони асосии он танҳо дар давраи истиқлолият бо сарварии Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, оғоз гардид [2].

Барои ба корхонаҳои саноатӣ интиқол додани неруи барқи истеҳсолшуда хатҳои интиқоли барқ сохта мешуданд. Масалан, дар миёнаи солҳои 50-ум барои бо барқ таъмин намудани сохтмони НБО-и Шаршара (Перепадний) аз НБО-и Варзоб ба он ҷо хатти интиқоли неруи барқ кашида шуд. Баъдтар ин хатти интиқолӣ ба системаи ягонаи энергетикии Душанбе - Вахш ҳамроҳ карда шуд. Дар натиҷа неруи барқ ба тамоми гӯшаю канори Тоҷикистон расонида мешуд.

Рушди энергетика сохтмони васеи хатҳои баландшиддати барқиро талаб мекард. Дар соли 1962 коллективи сохтмончиёни трести “Волгоэлектроселстрой” бори аввал дар Тоҷикистон дар шароити душвори кӯҳсор кашидани хатҳои электрикии шиддаташ 220 киловаттро сар кард. Дар моҳи сентябр аввалин чунин хатти Зардолу — Норак ба интиқоли неруи барқ оғоз намуд. То охири сол хатти интиқоли неруи барқи НБО-и Сарбанд — Душанбе ба кор даромад. Неругоҳҳои барқи обии Вахш ба пойтахти ҷумҳурӣ— шаҳри Душанбе барқи арзон медоданд. Инчунин, ноҳияҳои Панҷ, Шаҳритуз, Кӯлоб ва ғайра низ неруи арзони барқро қабул карданд. Дар маҳалҳо дар баробари корхонаҳои саноатӣ колхозу совхозҳо низ ба системаҳои барқии давлатӣ пайваст карда шуданд.

Соли 1976 бори аввал дар Тоҷикистон хатти 500 киловатта ба кор андохта шуд, ки барои аз неругоҳи барқи обии Норак ба Регар гузарондани қувваи барқ пешбинӣ карда шуда буд ва он талаботи заводи алюминийро бояд қонеъ мекард. Дарозии ин хат 117,35 километрро ташкил дод. Моҳи июни соли 1982 хатти дуюми 500 киловаттаи Регар-Гузар ба истифода дода шуд.

Аз соли 1977 инҷониб, пас аз ба кор андохта шудани хатҳои интиқоли барқи 500 киловолтаи Норак-Регар ва Регар-Гузар системаи энергетикии Душанбе-Вахш дар баробари системаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ ба кор даромад, ки эҳтиёҷоти кишоварзони Ҷумҳурии Ӯзбекистонро бо неруи барқ таъмин мекард. Комплекси электрикии обии шимолӣ низ дар ҳайати системаи ягонаи энергетикии Осиёи Миёна фаъолият намуда, аз он қувваи барқ мегирифт. Ин тарҳи система бо неруи боэътимоди барқӣ талаботи тамоми истеъмолкунандагони шимоли ҷумҳуриро бо барқ таъмин кард. Дар охири панҷсолаи даҳум комплекси барқи обии Шимолӣ ва системаи барқии

Душанбе—Вахш ба ҳайати ягонаи системаи энергетикии Осиёи Миёна дохил карда шуданд [7, с. 48].

Дар натиҷаи сохтани неругоҳҳои пуриқтидори баркӣ ва бештар истифода бурдани захираҳои бойи обӣ имконият дод, ки истеҳсоли қувваи барқ хеле зиёд карда шавад. Масалан, агар дар соли 1960 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 1288,4 МВт/соат қувваи барқ ҳосил карда шуда бошад, пас дар соли 1985 истеҳсоли он то ба 15710,1 МВт/соат расид. Яъне, дар давоми 25 сол истеҳсоли неруи барқ бештар аз 15 баробар афзуд. Зиёда аз ин, миқдори зиёди ин қувваи баркро асосан НБО ҳосил мекарданд. Ин дар сохтори истеҳсоли неруи барқ дар Тоҷикистон аз нақши бартаридоштаи НБО шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷа он арзиши нисбатан арзони неруи баркро низ муайян мекунад.

Рушди соҳаи электроэнергетика имкон дод, ки на танҳо ба хоҷагии халқ ва аҳолии Тоҷикистон, балки ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя ҳам қувваи арзони барқ дода шавад. Ҳамин хел, дар соли 1960 ба хориҷи Тоҷикистон 538,7 МВт/соат неруи барқ интиқол дода шудааст. Ба ғайр аз ин, дар баробари рушди минбаъдаи соҳаи электроэнергетика дар ҷумҳурӣ ин рақам боз ҳам зиёд шуда, дар соли 1985 ҳаҷми он то ба 5922,1 МВт/соат расид.

Дар ҳисоботи сиёсии КМ ҲКИШ ба анҷумани XXVII ҲКИШ чунин омадааст: “Ғояи азнавсозии пурраи комплекси энергетикӣ-сӯзишворӣ барномаи энергетикиро пурратар месозад. Ҳаминро ба назар гирифтан лозим аст, ки Тоҷикистон дар самти захираҳои энергетикии мамлакат нақши калонро мебозад” [1, с. 33]. Ҳизби коммунистӣ ва Ҳукумати Шуравӣ дар самти амалинамоии ташкилкунии комплексҳои масоҳати истеҳсолӣ чораҳои зарурӣ меандешиданд. Чунин комплексҳои масоҳати истеҳсолӣ аллакай дар аксари минтақаҳои Иттиҳоди Шуравӣ фаъолият доштанд ва баъзеи онҳо хеле маълуму машҳур ҳам гардида буданд. Масалан, комплексҳои масоҳати истеҳсолии Братск-Уст-Илим, Сибири Ғарбӣ, Қаратов-Ҷамбул, Манқишлоқ, Оренбург, Павлодар-Экибастуз, Саян, Тимано-Печора, аномалияи магнитии Курск, Ёқутистони Ҷанубӣ ва ғайра на танҳо дар миқёси Иттиҳоди Шуравӣ балки берун аз он ҳам маълуму машҳур гардида буданд.

Бо қарори анҷумани XXVII ҲКИШ раванди ташаккулёбии комплекси масоҳати истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ оғоз меёбад. Сарватҳои табиии қисмати ҷанубии Тоҷикистон дер боз диққати муҳаққиқон ва лоиҳакашонро ҷалб карда буд. Ҳанӯз дар солҳои 60-ум Шурои омӯзиши қуввaҳои истеҳсолкунандаи назди Госплани ИҶШС ва Академияи илмҳои Тоҷикистон нақшаи ташкили комплекси энергетикии Тоҷикистонро дар бораи захираҳои энергетикии дарёи Вахш тартиб дода буданд. Баъдтар онҳо дар якҷоягӣ ба коркарди нақшаи ташаккул ва инкишофи комплекси масоҳати истеҳсолӣ дар қисмати ҷанубии Тоҷикистонро оғоз намуданд.

Раиси Шуро оид ба омӯзиши қуввaҳои истеҳсолкунандаи назди Госплани Тоҷикистон академик Н.Н. Некрасов перспективаи инкишофи комплекси масоҳати истеҳсолии ҷанубии Тоҷикистонро тавсиф намуда гуфта буд: “қисмати ҷанубии Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои табиӣ бой буда, барои инкишофи аксар соҳаҳои хоҷагии халқ хеле муҳим мебошад. Масалан, мавҷудияти захираҳои калони гидроэнергетикӣ, захираҳои бузурги ашёи хоми химиявӣ: кони бениҳоят калони намаки ошӣ, металлҳои ранга, сурб ва руҳ, шароити хуби табиии минтақа барои ташаккули комплекси агросаноатӣ ва ғайра хеле муҳим аст” [9, с. 6].

Масъалаи рушди хоҷагии халқи қисмати ҷанубии Тоҷикистон дар бораи НБО арзон ҳануз аз солҳои 30-юм сар карда диққати мутахассисонро ҷалб карда буд. Аммо бо сабабҳои гуногун ва махсусан бо саршавии Ҷанги дуюми ҷаҳон ин масъала ба таъхир гузошта шуда буд. Дар аввали солҳои 60-ум Шуро оид ба омӯзиши қуввaҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон ва Институти иқтисодии Академияи илмҳои Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Госплани ИҶШС ва Госплани Тоҷикистон, инчунин бо иштироки ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ташкилотҳои лоиҳакашӣ ин масъаларо ҳаматарафа омӯхта, ба он баҳои баланд доданд.

Мувофиқи қарорҳои анҷумани XXVII ҲКИШ ва нақшаи таҳқиқоти илмӣ Шуро оид ба омӯзиши қуввaҳои истеҳсолкунанда дар назди Госплани ИҶШС дар якҷоягӣ бо Шуро оид ба омӯзиши қуввaҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон ва Институти иқтисодии Академияи илмҳои Тоҷикистон бори аввал нақшаи ташкилёбии инкишофи комплекси масоҳати истеҳсолии ҷанубии Тоҷикистонро то давраи соли 1990 пурра дида бароманд.

Пешниҳоду тавсияҳои таҳқиқоти илмӣ дар вақти тартиб додани нақшаҳои панҷсолаҳои солҳои 1966-1970 ва 1971-1975 пурра ба асос гирифта шуданд.

Каммияти гусаста ва ё мунфасил. Дар муқоиса бо каммияти муттасила, ки қисматҳои он ба ҳамдигар пайваст ҳастанд ва дорои як ҳадди умумӣ мебошанд, қисматҳои каммияти мунфасила аз ҳамдигар ҷудоянд ва онҳо дорои ҳадди умумӣ нестанд. Сино фарқияти ин ду намуди каммиятҳоро чунин шарҳ медиҳад: "*Ва аммо шумор каммияти мунфасил аст, зеро ки аҷзои вай яке аз дигар ҷудо ояд. Ва ду ҷузви эшонро, ки ҳамсоя буванд, чунонки дувум ва савумро андар миён чизе нест, ки инро ба он пайвандад,чунонки ба миёни ду хатпора, ки ҳамсоя буванд, "нуқтае" ба ваҳм ва миёни ду сатҳ "хатте" ва миёни ду ҷисмпора "сатҳе" ва миёни ду пораи замон "акнун" ки ба тозиаш "он" хонанд"* [1,с.230].

Аммо дар миёни ададҳо, ки андозаи каммияти мунфасила ҳастанд, қисмати дигаре вуҷуд надорад. Ба ақидаи Сино, масъалаи ададҳо бо масъалаи ваҳдат (ягонагӣ) пайвастагӣ дорад. Ваҳдат сарчашма ва сабаби ҳамаи ашё мебошад ва адад аввалин чизест, ки аз воҳид ҳосил мешавад [3,с.71]. Ин ҷо бояд зикр намуд, ки ваҳдат на танҳо сабаби ба вуҷуд омадани адад аст, балки сабаби ба вуҷуд омадани аразҳои муттасиларо низ Сино дар ваҳдат мебинад. Ҳама чиз дар худ дорои ваҳдат аст ва маҳз ба воситаи ваҳдати худ чиз дорои вуҷуд аст ва ин ваҳдат аз моҳияти он чиз фарқ мекунад.

Адад араз мебошад ва барои дорои сурат гардидани моҳият ҳеҷ нақшеро намебозад. Нахуст инсон, об ва чизҳое мисли ин вуҷуд доранд ва пас аз он мафҳумҳое, чун як инсон ва ё як об. Аз ин рӯ, “инсоният” ва ё “обият” ба моҳияти ашё тааллуқ доранд ва “якӣ” бошад, араз мебошад [1,с,230]. Вобаста ба мавзуъ ва ё ҷавҳари худ баъзе чизҳо дар ҳастии худ комил ва тақсимнашавандаанд ва баъзеи дигар на. Ин маъниро мо дар тафсири Сино аз дигар ҷониб низ метавонем дунболагирӣ намоем. Араз будани “якӣ” ҳамчун адад ба ду гурӯҳ тақсим мешавад. Якум, як ҳамчун адад, ки вобаста ба табиати он бисёрӣ зуҳур намекунад, ки мисоли он ҳамон Инсон аст; дувум, як ҳамчун адад, ки табиатан дорои бисёрӣ мебошад, масалан об ва ё хатти рост. Баъзан як об ба обҳои фаровон ва ё як хатти рост ба хаттҳои рости зиёд тақсим мегардад, аммо як инсонро ба инсонҳои зиёд тақсим намудан ғайриимкон аст. Сино ба ин масъала чунин равшанӣ меандозад, ки новобаста аз он ки инсонро аз ҷиҳати табиати он тақсим намудан ғайриимкон аст, аз дигар ҷиҳат чунин тақсим имконпазир мебошад. Масалан, инсонро метавон ба ҷисм ва нафс тақсим намуд. Аммо новобаста аз он ки ҳамаи қисматҳои обро об меноманд, ҷисм дар алоҳидагӣ ва ё нафс дар алоҳидагиро наметавон инсон номид. Дар як вақт Сино худи табиати якиро ҳамчун рақам бозкушоӣ менамояд, яъне якӣ дар адад, ки дорои бисёрӣ (касрат) нест низ қобили таъриф мебошад: новобаста аз он ки чунин навъи якӣ қобили тақсим намебошад ё дорои табиат мебошад ва ё дорои табиат намебошад. Агар он дорои табиат бошад, он гоҳ қобили ишора мебошад ва он нуқта мебошад, аммо агар ин табиат қобили ишора набошад, он гоҳ он ақл ва ё нафс мебошад. Дар ҳолати дувум, яъне агар вуҷуди ғайриқобили тақсим дорои табиат набошад, он гоҳ он худи якӣ мебошад, ки он дар худи зеҳн низ тақсимнопазир мебошад [3, с.75].

Дар идомаи баҳси худ Сино ҳолати дигар гурӯҳҳоро, ки вобаста ба табиаташон берун аз якӣ ҳамчун адад ва якӣ ҳамчун натиҷаи пайвастагиҳо дорои бисёрӣ мебошад, дар мисоли об ба миён мегузорад. Ба ақидаи ӯ, сабаби тақсимгардии об на моҳияти он, балки сабабест, ки бо об дар алоқамандӣ қарор дорад ва ин миқдор мебошад [3,с.75].

Яке аз фарқиятҳои бунёдии байни об ва инсон ҳамчун ду мисол дар мавриди якӣ дар адад табиати мавзуъҳои онҳо мебошад. Якӣ дар адад дорои ду навъ аст, баъзеи он дар мавзуи худ дорои якӣ мебошад ва баъзеи дигар дорои чунин якӣ намебошад. Бисёрии обҳо дорои як якии муносиб ва як дар мавзуашон мебошанд. Табиати мавзуи об тавассути муттаҳидшавии якҳои ададӣ дорои воқеият мегардад. Аммо инсон дорои чунин табиати мавзуъ нест. Ҳар инсони алоҳида дар худ дорои мавзӯи ягона мебошад, аммо ҳосили ҷамъи ҳамаи инсонҳо мавзуи ягонаро ба вуҷуд намеоварад [3,с.86].

Сино дар ҳамин замина боз як хусусияти дигари якӣ ҳамчун ададро ошкор месозад: баъзе якиҳо дар адад комил ҳастанд ва дар камоли худ онҳо як ва ё воҳид ҳастанд. Ва баъзеи дигар дар нокомилии худ воҳид ва ё ягона мебошанд, масалан, як доира ва ё як инсон воҳиди том ҳастанд, аммо баъзе чизҳои дигар дар худии худ комил нестанд, масалан, хатти рост ва ё об [3,с.76].

Воҳид, ки ба ақидаи Сино сабаби ҳамаи ашё аст ва ба ҳамаи ашё ориз мегардад, дар дорои шакл гардидани моҳияти он ашё ҳеҷ нақше намебозад, аз ин ҷиҳат он араз мебошад ва адад, ки аз воҳид ба вуҷуд меояд низ араз мебошад. Азбаски дар байни ададҳои гуногун як сарҳади умумӣ вуҷуд надорад ва дар байни онҳо низ воситаи пайвасткунанда вуҷуд надорад, адад ба намуди дувуми каммият, яъне каммияти мунфасила, тааллуқ дорад.

Кайфият. Қисмати дигари аразҳо, ки ба гурӯҳи аввал дохил мешавад, кайфият мебошад. Кайфият низ ҳамчун араз бидуни мавзуъ ва ба худии худ вуҷуд дошта наметавонад. Ҳамаи кӯшишҳое, ки ба хотири ҷавҳар нишон додани кайфият сурат мегиранд, бо маҳакҳое, ки барои ҷавҳар асосӣ ҳастанд, дар зиддият қарор мегиранд. Сино дар ин мавриди шарҳи худро дар заминаи таҳлили муқоисавии байни ҷавҳар ва кайфият

ҳамчун имкони ҷавҳар оғоз менамояд, ки мо ин методро ҳангоми баҳси кайфият дар метафизикаи Сино ба хубӣ мушоҳида менамоем. Ба хотири хубтар шинохтани назари Сино дар мавриди кайфият мо онро ба ду бахш тақсим менамоем:

1. Кайфиятҳои ҳисшаванда. Дар оғози баҳси кайфият Сино нахуст ақидаҳои зиёдеро, ки бо ҳам дар зиддият ҳастанд ва бидуни зикри номи муаллифонашон матраҳ мегардонад. Аммо ба хубӣ метавон ҳадс зад, ки ӯ асосан мутакаллимонро дар назар дорад. Ҳадафи ӯ аз кайфиятҳои ҳисшаванда, пеш аз ҳама, рангҳо, масалан, сафед, сиёҳ ва ё ҳарорат, масалан, гармӣ, ё хунукист. Нахуст Сино ҷонибдорони он ақидаеро, ки кӯшиш менамуданд кайфиятро ҳамчун ҷавҳар исбот намоянд, танқид менамояд ва пасон ақидаи худро, ки кайфиятро ҳамчун араз мешиносад, исбот менамояд. Дар ин ҷо мо ду далели асосии Синоро, ки кайфиятро ҳамчун араз исбот менамоянд, матраҳ мегардонем:

а) Фарз кардани кайфият ҳамчун ҷавҳар. Далеловарии Сино дар шакли як фарз сурат мегирад: “Агар ранг, масалан сафед, ҷавҳар бошад, он гоҳ он ё ҷавҳари ҷисмонӣ мебошад ва ё ҷавҳари ғайриҷисмонӣ.” Дар муносибат ба хусусиёти ҷавҳари ҷисмонӣ Сино ба ин натиҷа мерасад, ки сафед араз аст. Ба ақидаи ӯ, фарзи он ки аз ҳосили ҷамъи ҷавҳарҳои ғайриҷисмонӣ як ҷисми алоҳида ба вуҷуд меояд, ғайриимкон аст. Зеро ҷавҳари ғайриҷисмонӣ як чизи орӣ аз миқдор аст ва аз чизе, ки дорои миқдор нест, ба вуҷуд омадани чизе, ки дорои миқдор бошад, ғайримумкин аст. Сафед метавонад ё танҳо дар як ҷисм вуҷуд дошта бошад ва ё аз як ҷисм ба ҷисми дигар гузарад. Агар сафедӣ танҳо дар ҷисм вуҷуд дошта бошад, он гоҳ он мавзуъ мебошад, аммо агар мо вуҷуди сафедиро бидуни ҷисм фарз кунем, он гоҳ сафедии ин ҷисм ё бояд ба ҷисми дигар гузарад ва ё то ба ҷисми дигар мунтақил ёфтан дар худии худ пойбарҷо бошад, ки ғайримумкин мебошад [3,с.101]. Кайфиятҳои ғайриҷисмонӣ метавонанд худро танҳо дар омехтагӣ бо ҷисм шакл диҳанд, ки дар ин сурат онҳо ҷавҳар нестанд, балки араз мебошанд.

Агар кайфиятҳои ҳисшаванда, барои мисол сафедӣ, ҳамчун ҷавҳари ҷисмонӣ фарз шаванд, он гоҳ се андозаи хосси ҷисм, яъне дарозӣ, паҳноӣ ва умқ маънии “ин ранг аст”-ро надоранд, зеро сафедӣ метавонад аз байн равад, аммо ин се андоза метавонанд боқӣ монанд [2,с.229].

Агар сафедӣ худро аз андозаҳои ҷисмонӣ ҷудо намояд, он гоҳ ё сафедӣ дорои дигар андозаҳо мебошад ва ё он ҳеҷ гуна ҷавҳари ҷисмонӣ набуда, балки фақат араз мебошад. Агар сафедӣ дорои миқдор бошад, он гоҳ он дорои ду вуҷуд мебошад: миқдори худи ӯ ва миқдори ҷисмонии он ва агар сафедӣ дар ҷисм бошад, бояд андозаҳои ҷисмонӣ худро дигаргуна гардонанд, ки ин боз ҳам номумкин мебошад [2,с.103]. Натиҷаи ниҳоии ин фарзҳо бо он меанҷомад, ки ҷавҳар донистани кайфият ғайриимкон аст.

б) *Фарз кардани кайфият дар худии худ.* Яке аз мисолҳои дигари Сино фарз кардани кайфияти ҳисшаванда дар алоҳидагӣ ва ё дар худии худ, яъне дар новобастагӣ аз ҷисм аст. Имкони фарзи сафедии ҷудо аз ҷисм, ки новобаста аз ҷисм, ки мавзуи он аст, низ вуҷуд дорад. Дар ин сурат ё ин сафедӣ ғайриқобили тақсим ва ғайриқобили ишора аст ва ё онро метавон тақсим ва (ба он) ишора намуд. Ба ибораи дигар, ин сафедӣ ё дорои ҳеҷ гуна миқдор ва ҳолат нест ва ё баръакс, ҳам дорои миқдор аст, ҳам дорои ҳолат. Агар сафедии мустақил фарзшуда ғайриқобили тақсим ва ғайриқобили ишора ва ҳамчунин бидуни миқдор ва ҳолат бошад, он гоҳ он сафедӣ нест ва эҳсос онро дарк карда наметавонад. Аммо дар сурати дувум, яъне агар сафедии алоҳида ва дар худии худ вуҷуддошта қобили тақсим бошад, он гоҳ он аллакай ҷисм мебошад. Маънии сафедӣ ва сиёҳӣ аз ҳамдигар тавассути маънии ҷисмия фарқ мекунанд. Ҷисм бо рангҳо дорои муносибати якхела аст ва аз ин ҷиҳат на сафедию сиёҳӣ, балки худи ҷисм тақсимшаванда аст. Дар ин ҷо танҳо як натиҷа бармеояд, ки сафедӣ дорои андозаҳои худ нест ва дар худии худ низ вуҷуд дошта наметавонад. Он танҳо дар ҷисм вуҷуд дошта метавонад ва аз ин ҷиҳат он араз ва кайфияти ҳисшаванда аст.

2. *Шаклҳо ва ё фигураҳои ҳандасӣ.* Навъи дигари кайфиятҳо кайфиятҳое ҳастанд, ки дар миқдор ва ё дар каммиятҳои пайваста қарор доранд. Исботи он кайфиятҳое, ки дар миқдор мебошанд ниҳоят осон аст. Дар яке аз баҳсҳои боло дар мавриди модда мо мисоли Синоро, ки аз мум фигураҳои ҳандасӣ сохта мешуданд, оварда будем. Сино дар ин муносибат ҳамон мисолро бори дигар меоварад, яъне мо метавонем аз мум фигураҳои зиёдеро бисозем ва онҳоро дигарбора ба шакли дигар дароварем. Ҳангоми иҷрои ин амал

танҳо миқдор ва фигураҳо тағйир меёбанд, зеро онҳо аразанд. Ҳамзамон, боз ҷисме низ вуҷуд дорад, ки шакли худро тарк намекунад ва мисоли ин осмон мебошад ва Сино ин сурати осмонро барои осмон ҳамчун *арази лозим* қаламдод менамояд.

Аммо саволи ҷолибе, ки Сино дар ин муносибат матраҳ мегардонад ин аст, ки оё ин фигураҳои ҳандасӣ ва ё кайфиятҳои воқеъ дар каммиятҳо дар воқеият вуҷуд доранд ва ё на. Ба ақидаи Сино, риёзидон ва ё ҳандасадон вуҷуди дигар фигураҳоро дар муносибат бо вуҷуди фигураи доира исбот менамояд. Тамоили умумии Сино низ ба ҳамин ақида равон гардидааст. Мо ба мавҷудияти ин фигураҳо дар воқеият танҳо ҳамон вақт бовар карда метавонем, ки агар мавҷудияти доираро, ки ҳамчун модари ҳамаи фигураҳои дигар мебошад, исбот карда тавонем. Сино модари дигар фигураҳои геометрӣ будани доираро чунин исбот менамояд, масалан, мавҷудияти як кура замоне имкон дорад, ки агар як доира дар дохили доираи дигар чарх занад. Ҳамчунин вуҷуди силиндр ҳамон вақт имкон дорад, ки агар як доираро ончунон ҳаракат диҳӣ, ки маркази он бо хатти рост ҳамроҳ бошад ва оғози ин хат низ ба тариқи вертикалӣ аз маркази доира гузарад: “Ва аммо сиҳҳати вуҷуди кура вақтест, ки доирае дар даруни доираи дигаре бичархад; ва сиҳҳати вуҷуди устувона вақтест, ки доираеро тавре ҳаракат диҳӣ, ки маркази он мулозим бо хатти мустақиме бошад, ки оғози ин хат ҳам ба таври умумӣ аз маркази доира бошад” [3,с.109].

Ҳамчунин, фигураҳои дигар низ фақат дар муносибат бо доира дорои шакли муайяни худ мегарданд. Бинобар ин, нахуст бояд вуҷуди доира исбот гардад ва дар ин сурат дар мавриди мавҷудияти дигар фигураҳо дигар шубҳа боқӣ намемонад. Дар ҳамин асос Сино исбот менамояд, ки доира вуҷуд дорад ва барои ин якчанд далел меоварад ва яке аз чунин далелҳоро мо ин ҷо меоварем: Дар илми табииёт ин андеша маълум аст, ки ҷисми басит ва ё ҷисми сода вуҷуд дорад. Ҳамчун ҷисми сода онҳо ё дорои шакли муайян ҳастанд ва ё дорои шакли муайяне нестанд. Агар онҳо дорои шакли муайян набошанд, пас беохиранд, аммо агар онҳо беохир набошанд, пас дорои шакли муайян ҳастанд. Агар ин ҷисм, яъне ҷисми сода, дорои ҷавҳари ҳамвор ва табиати ҳамвор бошад, он гоҳ нобаробарӣ ва ё ноҳамворие аз он сар намезанад. Ба ибораи дигар, ин ҷисм дорои ҳеҷ гуна кунҷ ва ё хатте нест ва дар ин сурат ин ҷисм дорои сурати кура аст. Агар ин ҷисм аз байн бурида шавад, он гоҳ шакле намудор мегардад, ки дорои шакли доира мебошад [3,с.111]; [7,с.94]. Ин яке аз далелҳои Сино дар мавриди мавҷудияти доира аст ва агар доира вуҷуд дошта бошад, пас ҳамаи дигар фигураҳои геометрӣ низ вуҷуд доранд. Аммо чун онҳо на дар худии худ, балки дар чизи дигар ва ё мавзуъ қарор доранд, пас на ҷавҳар, балки араз ҳастанд.

Ба ғайр аз каммият ва кайфият боз ҳафт намуди дигари араз вуҷуд дорад, ки дар бахши минбаъда маҳз ҳамин намуди аразҳоро мухтарасан матраҳ мекунем.

Изофат. Ин бахши аразҳо дар муқоиса бо дигар қисматҳо муфассал мавриди таҳлил қарор намегиранд. Сино дар ин маврид ҳамон категорияҳои муайяннамудаи Арасту ва ҳамчунин мисолҳои онро зикр карда мегузарад.

Ҳафт арази боқимонда ба навъи дувуми аразҳо дохил мешаванд. Дар муқоиса бо каммият ва кайфият, ки мо онҳоро бо як тасаввур дарк мекунем ва ба ғайр аз ҷавҳари онҳо мо ниёз ба чизи савуми беруна надорем, барои дарки изофат бошад, ба ғайр аз ҷавҳари онҳо мо ниёз ба чизи берунаи дигар дорем. Изофат низ араз ҳастанд, зеро онҳо муносибати байни ду чизанд ва танҳо дар асоси муносибати ин ду ашё он худро ошкор мегардонад. Яъне, изофат дар мавзуъ қарор доранд. Нахуст чизе дар худии худ вуҷуд дорад ва танҳо пасон як муносибат ва ё як алоқа байни он ва дигар чизҳо ба вуҷуд меояд. Ба ибораи дигар, муносибат ба як чиз ориз мегардад ва далолат ба чизи дигар мекунад.

Ин навъи аразҳо инҳо ҳастанд:

- Изофа – ҳолати ҷавҳар, ки ҷавҳар бо он чиз дар муносибат буда, танҳо дар муносибат бо он чизи дар баробараш қарордошта шинохта мегардад. Масалан, падарӣ дар баробари писарӣ;

- айна (куҷоӣ) – будани ҷавҳар дар як макони муайян, масалан дар зер, дар боло, дар паҳлу ва ғайра;

- мато (кайӣ) – будани ҷавҳар дар замони муайян, масалан кореро дирӯз ва ё пагоҳ анҷом додан;

- Вазъ (ниҳод) – ҳолати ҷузъҳои ҷавҳар, ҳолати ҷавҳар дар ҳолатҳои гуногун, масалан дар ҳолатҳои нишастан, рост истодан ва мисли инҳо;

- мулк (дошт), яъне вуҷуд доштани чизе дар ҷавҳар, ки он барои Сино чандон равшан набуд ва Сино дар ин маврид мисоле ҳам наовардааст;

- куниш (ан-яафъал), масалан, буриш дар раванди буриш ва ё сухтан дар раванди сухтан;

- Бакунидан (ан-янфаил), яъне буронидан, ҳангоми буриш ва ё сӯзонидан ҳангоми сухтан.

Сино сари масъалаи изофа низ бештар равшангарӣ менамояд. Изофа дар худии худ қобили андешидан нест ва он танҳо дар нисбат ба чизи дигаре қобили шинохт аст. Сино мавҷудияти изофаро дар дигар навъҳои ҷавҳар татбиқ менамояд. Ду тарафе, ки изофаро ба вуҷуд меоваранд, на ҳамеша баробарвазн ҳастанд, гоҳе онҳо дар ихтилоф ҳастанд ва гоҳе баробаранд. Масалан, мисол барои ихтилофи тарафҳо дар чандӣ ва ё каммӣ ин “ду баробари дигаре” ва ё “нисфи дигаре” будан аст, ки далолат бар муайянии тарафҳо мекунад, аммо метавонад, ки тарафҳо номуайян низ бошанд. Аммо дар сурати номуайянӣ низ баъзан дар муносибат бо чизи муайян мебошад, масалан “чанд баробари дигарӣ” ва гоҳо бар чизи номуайян, ки дар ин сурат аз ифодаҳое, чун “зоид бар дигарӣ” ва ё “ноқис аз дигарӣ” истифода мегардад [3,с.114]. Сино масъалаи изофаро дар муносибат бо навъҳои дигари араз, аз қабили чигунагӣ, замон ва ё макон низ зикр менамояд [3,с.114].

Яке аз баҳсҳое, ки Сино матраҳ месозад, он аст, ки новобаста ба он, ки як изофа нисбат ба изофаи дигар дорои изофа аст, изофаи дигарӣ ғайр аз он изофаест, ки ин изофа нисбат ба аввалӣ дорад. Сино дар ин маврид қайд менамояд, ки “дар қиёс бо чизи дигар будан” маънии “баробар будан бо он чиз”-ро надорад. Ҳамин тавр, изофаи “падарӣ” танҳо дар қиёс бо писар вуҷуд дорад, аммо он дар писар нест, балки танҳо дар падар аст ва “писарӣ” низ дорои чунин хусусият мебошад [3,с.116].

Яке аз баҳсҳои дигари дар ин маврид матраҳгардида он аст, ки оё изофа танҳо дар ақл ва ё зеҳн вуҷуд дорад ва ё дорои вуҷуди хориҷӣ низ мебошад. Сино мавҷудияти хориҷии изофаро меписандад, аммо ин вуҷуди хориҷиро ҳамчун як араз, на як чизи бунёдӣ, нишон медиҳад. Изофа чизест, ки моҳияти он танҳо дар қиёс бо чизи дигар барои андеша ошкор мешавад, яъне ҳар чизи хориҷие, ки моҳияти он дар қиёс бо ғайри худи он қобили фаҳм мегардад, он қиёс мебошад ва дар ин сурат вуҷуди хориҷии изофаро инкор кардан ғайримумкин мебошад [3,с.118]. Аммо ин чизи хориҷӣ танҳо дар сурати қиёс дорои вуҷуд мегардад ва на берун аз он. Изофа пайвандкунандаи ду чизи аз ҳам ҷудо нест ва аз ин рӯ, он дар мавриди қиёс зуҳур мекунад ва ҳолати аразӣ дорад.

Хулоса. Дар ин бахш мо аз рӯйи имкон назари Сино дар мавриди аразро, ки аз ҷинси барини ҳастӣ ба ҳисоб меравад, мавриди таҳлил қарор додем. Сино ба мисли Арасту ҳастиро ба ҷавҳар ва нуҳ араз, ки дар маҷмуъ даҳ мақуларо ташкил медиҳанд, тақсим менамояд. Аразҳоро дар аввалин қадам ба ду гурӯҳ тақсим менамояд: аразҳое, ки барои ифодаи худ ба ҷуз аз ҷавҳари худ ба чизи дигаре ниёз надоранд ва ба ин гурӯҳ каммият ва кайфият ва ё миқдор ва сифат дохил карда мешавад. Каммиятҳо, дар навбати худ, ба ду навъ -каммияти гусаста, ки мисоли он адад мебошад ва каммияти пайваста, ки ба он дарозӣ, паҳноӣ, умқ ва замон дохил мешаванд, ҷудо карда мешаванд.

Ба гурӯҳи дувуми аразҳо аразҳое дохил мешаванд, ки барои тасаввури онҳо худи ҷавҳари онҳо кифоя нест ва онҳо ниёз ба чизи беруна низ доранд ва ба ин гурӯҳ ҳафт арази дигар дохил мешаванд, ки мақулаҳои боқимондаро ташкил мекунад.

Муқарриз: Аҳмадов Саид – д.и.ф., профессори ДМТ

АДАБИЁТ

1. Абуалӣ ибни Сино. Осор. “Донишнома”. Ҷ.1. – Душанбе, 2005.
2. Абуалӣ ибни Сино. Осор.”Наҷот”. –Ҷ.3. – Душанбе, 2007.
3. Абуалӣ ибни Сино. Китоб-аш-шифо (Илоҳиёт). Таҳия ва тарҷумаи Иброҳими Додҷу. –Теҳрон. 1388(2010).
4. Абуалӣ ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот (таҳия, тарҷума ва тафсири Ҳусайни Маликшоҳӣ). Қисми якум. Нашри шашум. –Теҳрон,1388 (2009). -С. 246.
5. Бушманн, Елизабет. Ҷустуҷӯҳо доир ба масъалаи модда дар фалсафаи Ибни Сино. - Франкфурти соҳили Майн, Берн, Лас Вегас. -1979.

6. Висновский, Роберт. Метафизикаи Сино дар контекст. –Лондон, 2003.
7. Ғазолӣ, Муҳаммад. Мақосид-ул-фалосифа. –Теҳрон, 1356.
8. Диноршоев, Мусо. Компендиуми фалсафаи Ибни Сино. –Душанбе, 2010.
9. Диноршоев, Мусо. Дар бораи фалсафаи Абунасри Форобӣ //Дар: Фалсафа дар аҳди Сомониён. –Душанбе, 1999.
10. Забеҳӣ, Муҳаммад. Фалсафаи машшоия. –Теҳрон, 1389 (2011).
11. Казем, Мусавӣ Бочнурдӣ. Буалӣ Сино. –Теҳрон, 2009.
12. Кобуш, Тео. Таърихи фалсафа. Қисми 5. (Фалсафаи асримиёнагии замони оғозин ва минбаъда). –Мюнхен, 2011.
13. Кутзарова, Тиана. Масъалаи трансендатсия дар фалсафаи Ибни Сино (Метафизика ҳамчун илм дар мавриди мафҳум ва қазоватҳои бунёдӣ). -Лайден/Бостон, 2009.
14. Маҳдӣ Ҳоири Яздӣ. Ҷусторҳои фалсафӣ. –Теҳрон, 2005.
15. Моревич, Парвиз. Таҳлили фалсафӣ ва “вуҷуд ва моҳият”-и Ибни Сино /П Моревич //Маҷаллаи ҷомеаи шарқии Амрико. -№92(3). -1972.
16. Моревич, Парвиз. Метафизикаи Ибни Сино (тарҷумаи интиқодӣ, шарҳ ва таҳлили масъалаҳои бунёдии метафизикаи Сино дар “Донишномаи Алоӣ”). –Лондон, 1973.
17. Нафисӣ, Сайид. Ибни Сино. –Теҳрон, 1389 (2011). -Нашри дувум.
18. Ниёзӣ, Ёрмуҳаммад. Андешаи файласуфони муосири араб дар бораи Ибни Сино. –Душанбе, 2008.
19. Ҳикмат Насруллоҳ. Метафизикаи Ибни Сино. –Теҳрон, 1389 (2011).
20. Ҷоливет, Ҷен. Аух оригинес де И онтологӣ де Ибни Сино. Дар: Ҷ. Ҷоливет ва Р. Рашед, Студес сур Ависенна. –Парис. 19-28.

АРАЗ ВА НАВЪҲОИ ОН ДАР МЕТАФИЗИКАИ ИБНИ СИНО

Дар мақола оиди ҷавҳар ва араз ҳамчун аърози хосси ҳастӣ ва ё аз ҷинсҳои барини он баҳс меравад. Ҳастӣ ва ё вуҷуд дар аввалин қадам ба ҷавҳар ва араз тақсим карда мешавад, ки онҳо даҳ мақулаи арастуиро ифода менамоянд. Аммо ин даҳ мақула баръакси Арасту дар фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино дорои маънии моҳиятӣ буда, маънии вуҷудӣ аз онҳо чудо ва фарқ менамояд. Фарқияти араз аз ҷавҳар дар он аст, ки баръакси ҷавҳар, ки ҳастии он худкифо буда, он ниёз ба чизи дигаре надорад, ҳастии араз худкифо набуда, ҳамеша ниёз ба ҳастии дигарӣ дорад, то ин ки дорои ҳастӣ гардад. Бояд дар байни араз ҳамчун нуҳ мақулаи дорои маънии моҳиятӣ ва ҳастӣ, ки дорои маънии аразӣ буда, ба моҳият ориз мегардад, фарқ гузошт. Ибни Сино аразҳоро, ки дар умум нуҳто мебошанд, боз ба ду гурӯҳ тақсим менамояд: якум аразҳое, ки барои тасаввури онҳо мо ба ҷуз аз ҷавҳари он ниёз ба чизи дигар надорем ва онҳо дуто мебошанд: каммият ва ё миқдор ва кайфият ва ё сифат. Миқдор, дар навбати худ, боз ба ду навъ тақсим карда мешавад: миқдори пайваста ва гусаста. Миқдори пайваста чаҳор то мебошад: дарозӣ, паҳноӣ, умқ ва замон. Миқдори гусаста адад мебошад. Сино исбот менамояд, ки сифат низ араз мебошад. Бо исботи вуҷуди доира, ҳамчун модари шаклҳои ҳандасӣ, Сино исбот менамояд, ки шаклҳои дигари ҳандасӣ низ дар воқеият вуҷуд доранд. Ба гурӯҳи дигари аразҳо ҳафт мақулаи дигар дохил мешавад, ки барои тасаввури онҳо ҷавҳари онҳо кифоя нест ва мо ниёз ба чизи беруна ва зиёдатӣ дорем.

Калидвожаҳо: мақула, араз, моҳият, миқдор, сифат, шаклҳои геометрӣ, изофат, замон, адад.

АКЦИДЕНЦИЯ И ЕЕ ТИПЫ В МЕТАФИЗИКЕ ИБН СИНЫ

Субстанция и акциденция считаются характерными признаками существования. На первом этапе существование делится на субстанцию и акциденцию, которые представляют десять аристотелевских категорий. Однако, в отличие от Аристотеля, эти десять максим имеют сущностное значение в философии аль-Фараби и Ибн Сины, а экзистенциальное значение отдельно и отлично от них. Разница между акциденцией и субстанцией заключается в том, что в отличие от субстанции, которая самодостаточна и не нуждается ни в чем другом, акциденция не самодостаточна, всегда нуждается в другой сущности, чтобы иметь существование. Необходимо различать акциденцию как категорию с сущностным значением и бытием, которая имеет акцидентальное значение. Ибн Сина далее делит акциденции которых вообще девять, на две группы: первая — это акциденции, для их воображения нам не нужно ничего, кроме их субстанций, и их две: количество и качество. Количество, в свою очередь, дополнительно делится на два типа: непрерывные и дискретные суммы. Непрерывных величин четыре: длина, ширина, глубина и время. Дискретная величина – это число. Ибн Сина доказывает, что качество также важно. Доказывая существование круга как материи геометрических фигур, он утверждает, что в реальности существуют и другие геометрические фигуры. В другую группу аргументов входят еще семь акциденций, для которых их содержания недостаточно, а нужно что-то внешнее и лишнее.

Ключевые слова: акциденция, значение, сущность, количество, качество, геометрические фигуры, пропорция, время, число.

ACCIDENCE AND ITS TYPES IN IBN SINA'S METAPHYSICS

Substence and accidence are considered to be as special accidence of existence. In the first step, existence is divided into substance and accidence, which represent the ten Aristotelian categories. However, unlike Aristotle, these ten categories have an accidential meaning in the philosophy of Al-Faroabi and Ibn Sina, and the existential meaning is separate and different from them. The difference between an accidence and a substance is that unlike an accidence, which is self-sufficient and does not need anything else, an accidence that is not self-sufficient always needs another entity in order to have an existence. It is necessary to make a distinction between accidence as a nine-word article with an

accidencial meaning and being, which has an accidencial meaning. Ibn Sina further divides the accidence, which are nine in general, into two groups: the first is the feelings for which we do not need anything other than its substance, and they are two: quantity and quality. The quality, in turn, is further divided into two types: continuous and discrete quality. Continuous quantities are four: length, width, depth, and time. A discrete quantity is a number. Avicenna proves that quality is also important. By proving the existence of the circle as the mother of geometric shapes, he proves that other geometric shapes also exist in reality. The other group of accidences includes seven other articles, for which their substance is not enoughfor their imegination, and we need something external.

Key words: accidence, meaning, essence, quantity, quality, geometric shapes, proportion, time, number.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шаҳовуддинов Нуриддин Субҳонқулович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктор Ph.D., и.в.дотсент, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail:: **shahobiddinov@yahoo.com**; Телефон**: 00 992 93 740 02 84**

Сведения об авторе: ***Шаховуддинов Нуриддин Субхонкулович*** **-** Таджикский национальный университет, доктор Ph.D., и.о. доцент, кафедра философии. **Адрес:** 734025, город. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93 7400284.** E-mail::**shahobiddinov@yahoo.com**

Information about the author: ***Shakhovuddinov Nuridin*** -Tajik National University, Ph. Doc. Department of Philosophy, **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue 17. E-mail: **hahobiddinov@yahoo.com**; Phone: **00 992 93 740 02 84**

ТДУ:17(575.3)

САЛАФИЯИ ҶИҲОДӢ ВА САРЧАШМАҲОИ ҒОЯВИИ ОН

Нурулҳақ Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баъди садаи XVIII дар натиҷаи дастрасӣ ёфтан ба тараққиёти илмӣ-техникӣ нуфузи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҳарбӣ-сиёсии Ғарби империалистӣ афзоиш ёфта, имконияти он барои ба мустамликаи хеш табдил додани ҷаҳони мусулмонӣ ба вуҷуд омад ва тули садаҳои XVIII-XIX воқеан ҷаҳони ислом ба мустамликаи Ғарб табдил ёфт. Ҳарчанд дар натиҷаи ҳаракатҳои зиддимустамликавии халқҳои мусулмон, ки дар он таъсири Иттиҳоди Шуравӣ зиёд аст, як гурӯҳ кишварҳои мусулмоннишин дар садаи XX истиқлолияти миллии худро аз Ғарб ба даст оварданд, вале то ба имрӯз Ғарб барои дар зери итоати худ нигоҳ доштани ҷаҳони мусулмонӣ бо шаклу усулҳои гуногуне мубориза мебарад. Яке аз чунин шаклу усулҳо истифода аз ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ-динии ифротӣ мебошад, ки ба сатҳи баланди дингароии мусулмонон созгор аст. Пас аз таҳаввулоти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX дар минтақаҳои мусулмоннишин, ки зери нуфузи давлатҳои абарқудрати онрӯза қарор доштанд, ҷунбишҳои озодихоҳона ва зиддимустамликавӣ ба вуқуъ пайвастанд, аммо пешвоёну намояндагони онҳо бо як идеологияи мукаммале муҷаҳҳаз набуданд. Зеро шуури сиёсии онҳо дар он давра ба таври зарурӣ инкишоф наёфта буд ва зери таъсири буржуазияи ғарбӣ ангезаи ташаккули буржуазияи миллӣ ва давлатҳои миллӣ доштанд. Даҳҳо афроди рушанфикри он давра дар андешаи таъсиси давлатҳои миллӣ афтоданд, ки умумиятҳои динӣ сарфи назар мешуд ва умумияти этникӣ-миллӣ дар меҳвари талаботи сиёсиашон ба таври номуназзам давр мезад. Вале шуури иҷтимоии омма чун зери тасаллути ҷаҳонбинии динӣ қарор дошт ва аз ҷаҳонбинии илмӣ дур буд, онҳо дастовардҳои назаррасе пайдо карда натавонистанд.

Дар пайвастагӣ бо ин ҳодисаҳо чеҳраҳои сиёсие рӯйи кор омаданд, ки ҳамин ҷунбишҳоро бо дин ва эътиқодоти динӣ рабт дода, аз идеологияи динӣ истифода намудан хостанд. Зеро оммаи аз истисмору истибдоди империалистони Ғарб ранҷдидаи шарқӣ, ки дар як халои мудҳиши маънавӣ қарор доштанд, ягон идеяи миллии муайяне надоштанд, ки онҳоро муттаҳид сохта, роҳи ояндасозе барояшон нишон диҳад. Маҳз дар ин давра онҳо кӯшиданд, ки тафаккури ислоҳотхоҳии хешро тавассути дину эътиқодот роҳандозӣ намоянд, ки аслан ҷойгузини ин халои маънавӣ буд, ки ҳанӯз дар асрҳои миёна дар натиҷаи ғолиб омадани таассуби динӣ аз маффкураи дунявӣ ба вуҷуд омада буд.

Пешвоёни сиёсиашон, ки чун муслиҳони иҷтимоӣ шинохта мешуданд, роҳи баромад аз ин мушкилотро дар ислоҳи ақида арзёбӣ намуданд, ки бо ҳадафи ҷаҳонисозии ислом сурат гирифтааст. Азбаски аксари ҳамон муслиҳони иҷтимоии ҷаҳони ислом дар доираи ҷаҳонбинии динӣ маҳдуд гардида буданд, фаъолияти ислоҳотхоҳиашон натиҷаи дилхоҳе надод.

Дар маркази таваҷҷуҳи бештари муслиҳони иҷтимоии шарқӣ дар ибтидо андешаи аз чунин ҳолати сангин раҳоӣ ёфтани ҷамъият қарор дошт, аммо баъдан дар манотиқи мухталифе ба бегонашавии арзишҳои миллӣ овард. Зеро идеологҳои ислом дар партави таълимоти фаромиллии ислом давлати ягонаи исломие барпо намудан хоста, нисбат ба мафкураи миллӣ назари манфӣ доштанд ва сабаби асосии истисмори иҷтимоиро дар боло гузоштани манфиати ин ё он миллат аз дигаре донистанд. Ба назари онҳо, эътиқоди исломӣ ва арзишҳои миллӣ бо ҳам ихтилоф доранд ва маҳз миллатгароӣ сабаби аслии зуҳури мустамликадорӣ гардидааст. Чуноне ки донишманди исломӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ гуфтааст: “Яке аз масоиле, ки дар қарни ҳозир мавриди баҳсу гуфтугӯ қарор гирифтааст, масъалаи миллият аст...фикри миллатпарастӣ бар хилофи усули таълимоти исломӣ аст...”[14,с.9]. Вале дар асл маҳз ҳамин андешаҳое, ки бо тафаккури миллӣ комилан зид буданд, сабаби нокомии фаъолияти онҳо гардид. Намунаи ҳамин гуна андешаҳои зиддимиллиро мо дар солҳои 90-уми садаи XX низ мушоҳида кардем, ки оқибат Тоҷикистонро ба ҷанги шаҳрвандӣ ва харобиҳои сангин кашиданд. Чуноне ки муҳаққиқ Ятимов С. С. мегӯяд: «Нуктаи ниҳоии буҳрони ақидатии аввали солҳои навадум пуштибонӣ аз назарияи босмачигарӣ ва хомӯшии риёзатмандонаи “мағзи миллат”-зиёиён

буд. Ҳамагӣ бо гузашти чанд моҳ ҷомеаи тоҷик аз назария ба амалии он -ҷиҳодгароӣ рӯ ба рӯ гашт. Акси садои ҷаҳонбинии зиддимиллӣ дар шаклҳои гуногун имрӯз ҳамчун шабаҳ баръало ба чашм мехӯрад ва ба гӯшҳо мерасад» [15,с.11]. Ин шабаҳ салафияи такфирӣ мебошад, ки бар алайҳи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пеш аз ҳама, сиёсати Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва низоми давлати дунявӣ ошкоро арзишҳои миллию низоми давлатдории миллию дунявии моро такфиру инкор менамояд. Вале аксарияти зиёиёну масъулини самти идеологии кишвар дар муқобили он хомӯширо ихтиёр кардаанд. Маҷмуи он корҳое, ки ин қишри шаҳрвандони кишвар бар муқобили ин падидаи хатарбор анҷом медиҳанд, барои бартараф кардани таъсири он ба мафкураи шаҳвандон, бахусус ҷавонони ноогоҳу камтаҷриба, кофӣ нест. Фаромӯш набояд кард, ки ҳам падидаи босмачигарӣ ва ҳам он ҳаракати ваҳҳобӣ-салафии такфирӣ-ҷиҳодие, ки солҳои навадум ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон замина гузоштанд, дар қатори сарчашмаҳои муқаддаси исломӣ ва таълимоти ҳанбалияю ваҳҳобия аз идеяи панисломизм низ сарчашма мегирифтанд.

Ҳамин тариқ, дар ин замина дар ҷаҳони ислом ҷараёни панисломизм ба вуҷуд омад, ки яке аз муҳимтарин даъвоҳояш мубориза бо мустамликадорӣ ва дурӣ ҷустан аз миллатгароӣ буд. Идеологҳои онҳо ба ин назаранд, ки “Худо ягона аст ва миллати мусулмон низ яктост, барои мусулмон миллату дин ягона аст” [13,с.247]. Аммо ин андешаҳои онҳо ба таври мушаххас ифода нашуда, бо услуби забони дин, ки рамзу маҷоз дар он фаровон аст, баён шуда буд. Чунки дар ҷомеаи мусулмонии суннатӣ, чуноне ки дар асрҳои миёна буд, ҳанӯз дин ва илоҳиёт ба сифати идеологияи расмӣ нақши муҳим дошт. Маҳз ҳамин боиси он гардид, ки чеҳраҳои сиёсии ҷараёнҳои радикаливу экстремистии баъдан ба вуҷуд омада, ба таври худ, муғризона, афкори ислоҳотхоҳони олами исломро барои манфиатҳои сиёсиашон, ки ба бегонашавии арзишҳои миллии мардумони олами ислом мусоидат намуд ва хатарҳои геосиёсӣ низ дар дунбол дошт, истифода намоянд.

Ба ҳар навъ, метавон натиҷагирӣ намуд, ки панисломизм бо вуҷуди хусусияти зиддимустамликавӣ доштанаш моҳиятан ҷараёни иртиҷоӣ буда, ба хотири дунбол намудани ғояҳои тахайюлию ғайривоқеӣ ба ҷунбишҳои миллӣ-озодихоҳии мардуми мусулмон на мусоидат, балки монеа эҷод намуд. Пайравони он кӯшиданд, ки бо вуҷуди дар ҷомеа мавқеи устувор доштани дин ҷанбаҳои мафкураи динии мардумро қавӣ намоянд, ки дар натиҷа, мардум аз арзишҳои дунявӣ дур шуданд ва он ба инкишофи иҷтимоию маънавии ҷомеа низ монеаҳо эҷод намуд. Зеро иттиҳоди диние, ки панисломизм тарғиб менамуд, аз воқеият дур буда, хусусияти зиддимиллӣ дошт ва боиси ҳароси давлатҳои миллии навтавлид гардида, ба парокандагии миллатҳои Шарқи мусулмон мусоидат кард. Зиёда аз ин, дар натиҷаи таҳрифи он ҷараёнҳои миллатгароӣ-сиёсие, ба мисли панарабизм, пантуркизм ва ғайраҳо низ ба вуҷуд омаданд, ки комилан аз моҳияти иттиҳод дуранд ва танҳо ғаразҳои миллатгароии хешро пайгирӣ мекарданд. Зиёда аз ин, ин ҳаракатҳо кӯшиш мекарданд, ки аз панисломизм ба манфиатҳои миллатчигии худ истифода баранд.

Панисломизм дар ҳаёти мардуми мусулмон аз ибтидо дар шакли духӯра ба вуҷуд омадааст ва нақши дуҷониба доштани онро ҳанӯз В.И. Ленин хуб эҳсос карда, объективона навишта буд, ки “Панисломизм кӯшиш менамояд, ки ҳаракати озодихоҳиро бар муқобили империализми аврупоӣ ва америкоӣ бо мустаҳкам сохтани мавқеи хонҳо, помешикҳо, муллоҳо ва ғ. пайванд созад” [7, с. 166].

Аксари муҳаққиқон Саид Ҷамолиддини Афғониро яке аз муассисони ин ҳаракат ҳисобидаанд. Ӯ идеяи иттиҳоди динӣ-сиёсии тамоми давлатҳои мусулмонро, дар асоси баробарии ҳамаи халқҳои мусулмон тарҳрезӣ намуд, ки дар ибтидо аз ҷониби бисёр идеологҳои олами ислом дастгирӣ ёфт. Аммо баъдтар бо ду сабаби ҷиддӣ тарафдорони ғояҳои Афғонӣ коҳиш ёфт. Сабаби аввал, ихтилофҳои мавҷудаи байни давлатҳои миллӣ-буржуазии олами ислом ва алоқамандии манфиатҳои мустамликадорони ғарбӣ бо манофеи баъзе аз ҳукуматдорони кишварҳои исломӣ. Ин маънои онро дорад, ки дар масъалаи иттиҳоди исломӣ ҳамаи давлатҳои мусулмонӣ ҳамраъй набуданд ва ба аҳдофи Ғарб низ мувофиқат намекард. Агар давлатҳои миллиро идеяи асосии панисломизм дар бораи эҳёи хилофат тарсонида бошад, Ғарбро идеяи иттиҳоди мусулмонон ба ташвиш оварад.

Сабаби дуюм, идеяҳои панисломистӣ бо миллатгароии сиёсӣ пайванд шуд ва идеологҳову сиёсатмадорони баъзе давлатҳо кӯшиданд онро ба мақсадҳои сиёсии хеш мутобиқ сохта, истифода намоянд. Масалан, дар таълимоти Номиқ Камол идеяи панисломизм бо пантуркизм тобеъ кунонида шуда буд. Зеро ӯ идеяи панисломизмро бо мақсади амалӣ сохтани стратегияи геосиёсии пантуркизм бо сарварии Туркия ба роҳ мондааст, ки як навъ маънои эҳёи империяи туркони усмониро дошт. Ин идея, албатта, бо манфиати давлатҳои туркии худмухтор низ ихтилоф дошт.

Намояндагони панарабизм то имрӯз мекӯшанд аз идеяҳои панисломистӣ барои эҳё кардани хилофати арабӣ истифода баранд. Масалан, пайравони “Ҳизб-ут-таҳрир”, ки омехтае аз панарабизму пантуркизм ҳастанд, таълимоти худро дар зоҳир бо оёти қуръонӣ, аҳодиси набавӣ ва истилоҳоти шаръӣ оро диҳанд ҳам, “агар ба таълимоти ақоидии эшон жарфтар диққат дода шавад, маълум мегардад, ки бо усули ақоидии мусулмонон, хусусан пайравони мазҳаби ҳанафӣ, ҳамоҳангӣ надорад” [2,с.271]. Аммо тааҷҷубовар он аст, ки тақвиятдаҳандагони ин ғояҳо аз намояндагони миллатҳои ғайриарабӣ низ кам нестанд. Беҳуда нест, ки идеяҳои панисломистӣ имрӯз яке аз сарчашмаҳои ғоявии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ-динии ифротӣ, ба мисли “Ихвон-ул-муслимин”, “Ҳизб-ут-таҳрир” ва “Салафия” мебошад. Дар айни замон, ташвишовар он аст, ки Ғарб низ тавассути ин ҳаракатҳо мехоҳад олами исломро ба низоъҳои мазҳабӣ кашида, онро дар бозмондагии асримиёнагӣ нигоҳ дорад, то олами ислом ҳамеша дастнигари Ғарб бошад. Ҳол он ки дар таълимоти Ҷамолиддини Афғонӣ ва Муҳаммад Абдуҳ панисломизм ҳамчун иттиҳоди баробарҳуқуқи динӣ-сиёсии тамоми давлатҳои мусулмонӣ тарҳрезӣ шудааст. Ба назари онҳо, иттиҳоди ислом ба ин маъност, ки давлатҳое, ки аксари шумораи шаҳрвандонашон мусулмон аст, бояд миёни худ равобити қавии иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангӣ дошта бошанд. Ҳеҷ кадоме аз ин давлатҳо набояд истиқлолияти сиёсиву иқтсодиашон маҳдуд карда шавад. Онҳо ҷонибдори иттиҳоди тамоми мусулмонон буданд, аммо на бо роҳи зӯрӣ ва дар зери назорати чеҳраи сиёсие ё халифае қарор додани олами ислом. Зеро хуб дарк карда буданд, ки мусулмононро дар манотиқи гуногуни олам бо забони мухталиф, расму таомули гуногун ва муҳимтар аз ҳама, иқтисоди миллӣ, арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои миллии гуногун наметавон дар ҳудуди як давлат муттаҳид намуд. Онҳо иттиҳоди давлатҳои исломиеро толиб буданд, ки равобити наздики сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ дошта бошанд ва дар ҳолати зарурӣ дастгири ҳамдигар бошанду ба ин васила таҳти фишори давлатҳои абарқудрат қарор нагиранд.

Ба назари Афғонӣ, илму фан яке аз муҳимтарин омилҳои тараққиёти ҷомеа буда, илм динро тақвият мебахшад. Ӯ ба бархе руҳониёни мутаассибе, ки баъзе илмҳоро хосси мусулмонон намедонистанд, хитоб мекунад, ки “Ҳар кӣ омӯзиши баъзе илмҳоро манъ карда, гумон дорад, ки ба дин хидмат мекунад, баръакс ба он душманӣ кардааст” [13, с. 247]. Вале афзалият додан ба ислом ҳамчун василаи ҳалли мушкилоти мусулмонон аз ҷониби панисломистон оқибат дар қатори ҳанбалияю ваҳҳобия барои ба яке аз сарчашмаҳои ғоявии исломгароии сиёсии ифротии замони муосир табдил ёфтани идеяҳои панисломистӣ мусоидат намуд. Маҳз ҳамин омил панисломизмро дар арсаи сиёсӣ камранг ва зидди арзишҳои миллию умумибашарӣ нишон медиҳад.

Исломгароии сиёсии муосир дар шаклҳои мухталиф зуҳур мекунад, ки ҷараёнҳои “салафия” аз ҷумлаи онҳо буда, ҳамчун ҳаракатҳои радикалӣ шинохта шудаанд. Солҳои охир ҳаракати “салафия” на танҳо аз ҷониби институтҳои махсуси иҷтимоӣ, ҳамчунин дар миёни мусулмонони зиёде низ маънои манфӣ касб намуда, чун ҷараёни хусусияти ифротиву иртиҷоидошта ва аз ҷониби баъзе муҳаққиқону уламои дин ҳаракати зиддиисломӣ низ маҳсуб мешавад. Аммо ин ҷо як нуктаро бояд ба инобат гирифт, ки дар кадом матн ва ба кадом маъно салафия хусусияти зиддиисломӣ дорад. Зеро, агар ба масъала воқеъбинона назар андозем, бояд эътироф намуд, ки дар таърихи мусулмонон аслан ду навъи ислом вуҷуд дорад. Навъи аввал, исломи сиёсии ҳанӯз парокандаи номуназзам, ки араб дар зери парчами он нахуст давлати этникӣ-миллии хеш - Уммаро ва баъдан аз роҳи истилои кишварҳои аҷам хилофатро бунёд карда буд ва хусусияти сахти ифротӣ дошт. Навъи дувум, исломест, ки дар раванди густариш бо фарҳангҳои дигар, бахусус фарҳангу тамаддуни мардумони эронтабор, рӯ ба рӯ омада, бо онҳо омезиш ёфта, аз тарафи имомону фақеҳон ва муфассирону муҳаддисон муназзам гардид. Дар он

фирқаҳои ақлонӣ ва мазҳабҳои ақлгарою таҳаммулпазир низ ба вуҷуд омаданд. Хато намекунем, агар эътироф намоем, ки маҳз аҷамиён буданд, ки исломро аз падидаи сиёсӣ ба падидаи динӣ-ахлоқӣ табдил доданд ва он ҳаёти маишӣ-фарҳангии мусулмонон ҷойгоҳи устувор пайдо намуд, ҳарчанд ислом бо бисёр унсурҳои фарҳанг, ба мисли илм, санъат, фалсафа ва ғайра ихтилофи ҷиддӣ дошта, онҳоро пайваста саркӯб кардааст. Ин раванд аз замоне оғоз ёфт, ки Имоми Аъзам Абуҳанифа тавассути таълимоти каломӣ-фиққии худ ба ислом ақлгароӣ ва таҳаммулпазириро ворид сохт. Аз ин нигоҳ, исломи навъи аввал, яъне исломи ибтидоии замони се насли нахустини мусулмонон (салаф) исломи арабӣ буда, онро аз араб ҷудо кардан ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, андешаи "ҳисоби арабро аз ҳисоби дини мубини ислом ҷудо" бояд кунем, [5] ва "эрониёни мусулмон ҳам ҳисоби ислому арабро аз ҳам ҷудо медонистанд" [8,с.107]. дар нисбати исломи замони салаф куллан нодуруст мебошад. Ваҳҳобия-салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ аз ибтидои зуҳураш то ба имрӯз маҳз ба ҳамин исломи панарабистӣ мансуб аст ва ба муқобили исломи дорои унсурҳои ақлгароӣ ва таҳаммулпазирӣ дошта, ки аз ҷониби аҷамиён, бахусус тоҷикон-эрониён коркард шудааст, ба мисли исломи ҳанифӣ мубориза мебарад, то ки ҳамон исломи арабиро бо номи "исломи ноб" аз нав эҳё намояд. Муҳимтарин хусусиёти салафияи такфирӣ дар мубоизаҳои сиёсӣ истифода бурдани ислом ба ҳисоб мераванд, ки дар шароити кунунӣ барои тамоми ҷаҳони ислом, бахусус низомҳои дунявӣ хатарнок маҳсуб мешавад. Бинобар ин, сарчашмаи ғоявии салафияи ифротиро асосан ҳамон тачрибаи назариву амалии исломи ибтидоии замони се насли салаф, ки дар зери парчами ислом на танҳо қабилаҳои мушрики арабро бо зарби шамшер ба Умма тобеъ сохтанд, ҳамчунин бо ҳамин усул халқҳои аҷамро истило намуда, хилофат барпо карда буданд, ташкил медиҳад. Дар ин хусус бисёр оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳои набавӣ ва гуфтору рафтори саҳобагону тобеин шаҳодат медиҳанд. Чуноне ки дар Қуръон омадааст: "Пас, чун ба кофирон рӯ ба рӯ шавед, гарданҳоро бизанед, то вақте ки дар онҳо хунрезии бисёр кунед, пас бандҳоро сахт устувор кунед!" [7]. Ҳамчунин, дар ҳадиси Паёмбари ислом омадааст: "Ва бидонед, ки биҳишт зери сояи шамшерҳост"[12,с.43]. Салафия дар давраи нав, чун як ҷунбиши бунёдгарои динӣ дар заминаи таълимоти Ибни Таймия (1263-1328) ва Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1703-1791) ба вуҷуд омада, ибтидоан, ба унвони "ваҳҳобия" паҳн гардид. Пас аз маълум гардидани ғаразҳои сиёсиаш ва бадном гардидани "ваҳҳобия" дар олами ислом пешвоёни ин ҳаракат номи "салафия"-ро, ки дар шуури мусулмонон тобиши мусбӣ дорад, барои мазҳабашон интихоб намуданд, то аз маломати руҳониёни олами ислом худро канора бигиранд.

Вале ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Айдин Ализода, тахминан дар асрҳои IV ҳичрӣ ҳаракати салафия пайдо шудаасту мақсадаш бозгашт ба исломи ибтидоист, ки дар даврони Пайғамбар ва наслҳои аввали мусулмонон вуҷуд доштааст [10,с.19]. Аз ҳамин нигоҳ, Абуҳомид Муҳаммад Ғазолӣ салафияро" мазҳаби саҳоба ва тобеини онҳо" донистааст [11,с.33].Ҳарчанд авомили зиёде, ба мисли арабгароиву ташкили хилофати арабӣ ҷой доранд, ки намояндагони салафияро ба ҳам мепайванданд, аммо пайравони он дар масоили зиёде бо ҳам ҳамраъй нестанд. Масалан, онҳоро ба салафияи муътадил ва ифротӣ, ки бо салафияи такфирӣ низ ёд мешавад, метавон ҷудо намуд. Салафияи ифротӣ таҳти таъсири идеологияи «Ихвон-ул-муслимин» ба вуҷуд омадааст. Зеро муассиси он Мустафо Шукрӣ (1942-1978) аз мубаллиғони афкори Саид Қутб буд ва бо ӯ ҳамкорӣ дошт. Шукрӣ худро бемазҳаб эълон намуда, нисбати ақидаи мусулмонони дигар, махсусан аҳли суннат валҷамоат, ки бо ӯ ҳамраъй набуданд, вожаи "куфр"-ро истифода намуд. Салафиёни ифротӣ тамоми мазҳабҳои олами исломро инкор намуда, ақидаи худашонро "исломи ноб" қаламдод намудаанд ва касоне, ки тарзи фаҳмиши ақидатии онҳоро қабул надоранд, "кофир" ба ҳисоб мераванд.

Даъвои салафияи ифротӣ дар мавриди бозгашт ба "исломи ноб" ва "исломи бемазҳабӣ" дар он аст, ки гӯё дар замони Паёмбари ислом ва хулафои рошидин дар ислом мазҳабҳо набудаанд. Сабаби зуҳури фирқаву мазҳабҳо гӯё ворид сохтани "навоварӣ" ("бидъат") дар ислом аз ҷониби намояндагони халқҳои ғайриараби мусулмоншуда, ба мисли Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит, Муҳаммади Шайбонӣ, Қозӣ Абуюсуф, Абдуллоҳи Муборак ва дигарон будааст. Салафияи ифротӣ фаромӯш кардааст ё то имрӯз нафаҳмидааст, ё фаҳмидан нахостааст, ки сабаби аслии ба равия, фирқа ва баъдан ба

мазҳабҳо тақсим шудани мусулмонон ин ҳамон муборизаи араб дар атрофи масъалаи имомат ва хилофат дар аҳди хулафои рошид барои ҳокимияти сиёсӣ ва дар сарчашмаи даромадҳо қарор гирифтан буд. Ин мафкура ҳанӯз баъди реҳлати Пайғамбари ислом мусулмононро ба гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ, яъне ҷонибдорони Абубакру Умару Усмон ва пайравони Алӣ ибни Абутолиб, баъдан хориҷиён, ки аз тарафдорони Алӣ ҷудо шуданд ва мавқеи сиёсии худро дар хилофат устувор кардан хостанд, ҷудо намуда, маҳз ҳамон қудратталабиашон боиси ташаккули мазҳабҳои мухталиф гардидааст. Ҳамзамон, сабаби ба фирқаҳо тақсим шудани равияҳои асосии ислом баҳсҳои каломӣ дар заминаи ихтилофи андешаҳо дар Қуръон буданд, ки ҳанӯз Муҳаммади Шаҳристонӣ ин фирқаҳоро дар асрҳои миёна мавриди таҳқиқ қарор дода буд. Масалан, ӯ ҷонибдорони исломи ибтидоиро ҳамчун “пайравони лафзгароён ва антропоморфистҳо”(Худоро дар шабеҳи инсон донистан) ҳисобидааст, ки имрӯз аз ҷониби салафиёни ифротӣ тарғиб мегардад [4]. Дуруст аст, ки дар замони зуҳури аввалин мазҳабҳо мушкилоти гуногуни ақидавӣ дар заминаи ҷоҳталабӣ дар миёни мусулмонон ба вуҷуд омада, ба парокандашавии мусулмонон мусоидат менамуд. Ин раванд наметавонист пешвоёни дар ҷодаи дин сарсупурдаеро, ба мисли Абуҳанифа бетараф гузорад. Аз ин рӯ, ин хатарро мутафаккирони мусулмон хеле хуб дарк карда буданд, бинобар ин донишмандоне ба мисли Абуҳанифа аз пайи ислоҳи он гаштанд. Аз ҷумла, Абуҳанифа кӯшиш ба харҷ дод, ки ахлоқро ҷузъе аз фуруи дин созад [3, с.50]. Чунин иқдом барои заиф сохтани хусусияти сиёсии ислом ва мусодат кардан ба амну суботи ҷомеа аҳаммияти хос дошт. Зеро дар замони Аббосиён муборизаи сиёсии ин равияҳо ва боз дигар фирқаҳое, ки аз ин равияҳои исломӣ ба вуҷуд омаданд, буҳрони сиёсӣ-диниро дар хилофат афзоиш дод. Маҳз Имоми Аъзам Абуҳанифа буд, ки бо як таълимоти каломӣ-фиқҳии пургановату муътадили худ тавонист буҳрони сиёсӣ-диниро дар хилофати араб нарм созад. Зиёда аз ин, ҳамин имомон, ба мисли Абуҳанифа ва шогирдони онҳо буданд, ки исломи сиёсии замони хулафои рошидро ба эътиқоди динӣ-ахлоқӣ табдил дода, дар ҷаҳонӣ гардидидани он мусоидат намуданд.

Вале салафияи ифротӣ аз кӯрнамакӣ ва нотавонбинии қавмӣ, ки маблағгузоронашон онҳоро дар ҳамин руҳия тарбият мекунанд, нақши ин имомону донишмандони ғайриарабро дар густариши нуфузи ислому араб дидан намехоҳад ва ҷиҳодро ба муқобили пайравони мазҳабҳои исломӣ, бахусус пайравони мазҳаби ҳанафӣ, ки зиёда аз 60% мусулмононро ташкил медиҳанд, рукни шашуми ислом медонад. Тааҷҷубовар аст, ки дар ин маврид, яъне ба усули ислом “навоварӣ” ворид намудани худро бидъат ҳам намеҳисобанд, ки воқеан бидъат аст. Аслан, таҳти мафҳуми “бозгашт ба исломи ноб” салафияи ифротӣ даъвои бори дигар эҳё кардани хилофати арабро дорад, ки як “ормон”-и ғайривоқеӣ мебошад. Вале ин “ормон” хусусияти иғвоангезӣ, ба низоъ кашидани мусулмонон ва дар бозмондагӣ нигоҳ доштани онҳоро дорад, ки аз ҷониби қудратҳои ҷаҳоние, ки дар олами ислом манофеи геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ доранд, пуштибонӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар фаъолияти онҳо имрӯзҳо тавҳид, ки дар замони Паёмбару саҳобагон ба маънои эътиқод ба Худои якто буд, сирф хусусияти сиёсӣ касб карда, маънои дар як давлат (хилофат) муттаҳид сохтани тамоми мусулмонони ҷаҳонро дорад. Масалан, яке аз идеологҳои онҳо Муҳаммад Ҷалили Зайну мегӯяд: “Тавҳид тавонист, ки дар гузашта миллатҳои мусулмонро ба ҳайси як миллат ва давлати ягона муттаҳид намояд ва тавҳид аст, ки имрӯзҳо қодир аст, бори дигар мусулмонони ҷаҳонро муттаҳид созад, ҳар гоҳ ба сӯйи он баргарданд” [9, с.27].

Дар фаъолияти онҳо ҳатто муносибат ба расму таомул ва маросимҳои исломӣ хусусияти сиёсӣ касб намудааст. Масалан, “талошҳои онҳо баҳри ширк ҳисобидани зиёрати қубур, ки аз тарафи аксари мусулмонон сурат мегирад, на баҳри рафъ намудани аъмоли ширкии мусулмонон, балки аз нав зери идеологияи дини нав ҷамъ овардани халқҳо мебошад” [1,с.95].

Хуллас, салафияи ҷиҳодӣ хусусияти ошкорои зиддибашарӣ ва зиддитамаддунӣ дорад, ки ин моҳиятҳои он дар “баҳори араб”(2011), “Давлати исломӣ” (ДИИШ) ва дигар ҳаводиси даҳшатбори ҷаҳони ислом ба намоиш гузошта шуд. Амалияи хусусияти зиддибашарӣ ва зиддитамаддунӣ доштани ин ҳаракатҳоро муҳаққиқони зиёде бо далелҳои қавии илмӣ исбот намудаанд. Масалан, яке аз пажуҳишгарони сермаҳсули тоҷик Пояндашоев О.П. дар асоси маводу далелҳои мушаххас афкори зиддимиллӣ ва

зиддибашарӣ доштани салафияи такфириро исбот намудааст [11,с. 276-278]. Ҳарчанд бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти салафия дар қаламрави кишвар манъ шудааст, вале ҷонибдорони ин ҳаракат, ки бештар афроди ноогоҳанд, ба таври пинҳонӣ дар мамлакат фаъолият доранд, ки он барои амну суботи ҷомеаи Тоҷикистон метавонад хатарҳои ҷиддӣ ба бор орад. Аз ин рӯ, шиносонидани ғаразҳои нопоки зиддимиллии салафияи ҷиҳодӣ ба омма аз ҷониби мутахассисон хеле муҳим мебошад.

АДАБИЁТ

1. Абулҳаев К. Таносуби аҳдофи динӣ ва сиёсӣ дар фаъолияти салафия К.Абулҳаев //Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ифротгароии салафӣ: масъалаи давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ”, ш. Душанбе, 27-уми майи соли 2015. –Душанбе: Дониш, 2015. -217 с.
2. Амондуллоев Б.С. Моҳияти иртиҷоӣ ва зиддимиллии таълимоти Ҳизби таҳрир / Б.С. Амондуллоев //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои муҳимми рушди фалсафа дар Тоҷикистони муосир”. –Душанбе, 2019. -213 с.
3. Аҳмадов С. Баъзе хусусиятҳои фиқҳу каломи Имоми Аъзам Абуҳанифа / С.Аҳмадов. -Душанбе, 2009. -204с.
4. Аш-Шахрастани. Книга о религиях и сектах. Часть 1. Перевод с арабского, введение и коментарий С. М. Прозорова. -М., 1964. -270 с.
5. Имрӯз нюс, 24.11.2015.
6. Қуръон (Сураи «Муҳаммад», ояти 4).
7. Ленин В.И. Асарҳо / В.И. Ленин. - М.,1986. –Ҷ. 41.– 345 с.
8. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Ба алифбои кириллии тоҷикӣ баргардони Дорои Дӯст. –Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 338 с.
9. Муҳаммад Ҷалили Зайну. 77 саволу ҷавоб дар ақидаи исломӣ. –Хуҷанд, 2003. – 88 с.
10. Нурулҳақов Қ. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он. –Душанбе, 2018. – 148 с.
11. Пояндашоев О.П. Россия под прицелом / О.П. Пояндашоев. –Москва, 2015. – 429 с.
12. Саҳеҳи ал-Бухорӣ. -Ҷ. 3. Аз арабӣ тарҷумаи М. Умаров ва Ф. Бобоев. –Душанбе: Эр-граф, 2008. - 515 с.
13. Степанянц М.Т. Мусульманские концепции философии и политики XIX-XXвв. / М.Т. Степанянц. –М.: Наука, Гл. ред.вост.лит.,1982. - 248 с.
14. Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобили Ислом ва Эрон. Ройзании фарҳангии Сафорати ҶИ Эрон дар Тоҷикистон. -Душанбе, 2007, 583 с.
15. Ятимов С. Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) / С.Ятимов //Илм ва ҷомеа. -№ 1(31). -2023. -312 с.

САЛАФИЯИ ҶИҲОДӢ ВА САРЧАШМАҲОИ ҒОЯВИИ ОН

Ба вазъи сиёсии ҷаҳони муосир омилҳои гуногуне таъсиргузоранд ва ташкили гурӯҳҳои тундгарову террористӣ ва экстремистӣ дар миёни ин авомил ҷойи намоёнтаре дорад. Махсусан, созмони «Салафияи ифротӣ» дар манотиқи мухталифи дунё нооромиҳои зиёдеро ба вуҷуд оварда, сафи пайравонашро аз ҳисоби ҷавонони ноогоҳу эҳсосӣ пур менамояд ва барои рӯйпӯш намудани аъмоли нангинашон асосан аз мубаллиғонашон истифода намуда, фаъолияти давлатҳои миллию дунявиро зери суол бурдан мехоҳанд. Ин хатарҳо ба ҳамаи давлату миллатҳои мусулмонӣ таҳдиди ошкоро доранд. Аз ин нигоҳ, дар мақола моҳияти салафияи ҷиҳодӣ ва сарчашмаҳои ғоявии он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мубаллиғони салафия таълимоти ислому сиёсатро дар радифи ҳам мегузоранд ва ташвиқот мебаранд, ки мусулмони воқеӣ он аст, ки эътиқод ба Худо дошта, ҷиҳод кунад ва аз нигоҳи ақоиди динӣ, дар фаъолияти давлат ва масоили миллиаш таъсиргузор бошад. Ба алоқамандон маълум аст, ки ин андешаҳо бо қонунҳои низомҳои демократӣ ва дунявӣ мувофиқат надоранд ва чун нақзи қонунгузорӣ шинохта мешаванд. Агар ба таърихи ташаккули салафия таваҷҷуҳ намоем, он чун як ҷунбиши бунёдгарои динӣ дар заминаи таҷрибаи сиёсӣ-динии се насли мусулмонони исломи ибтидоӣ (салаф), таълимоти ҳанбалияю таълимоти Ибни Таймия (1263-1328) ва Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1703-1791) ва панисломизм ба вуҷуд омада, ибтидоан, чун “ваҳҳобия” паҳн гардид. Пас аз маълум гардидани ғаразҳои сиёсиаш ва бадном гардидани “ваҳҳобия” дар олами ислом пешвоёни ин ҳаракат номи “салафия”-ро, ки дар шуури мусулмонон тобиши мусбӣ дорад, барои мазҳабашон интихоб намуданд, то аз маломати руҳониёни олами ислом худро канора бигиранд.

Калидвожаҳо: салафияи ҷиҳодӣ, салаф, салафияи ифротӣ, ваҳҳобия, ҷиҳод, мазҳаб, ислом, манфиатҳои миллӣ, ҳанафия, тавҳид, панисломизм, давлати дунявӣ.

ДЖИХАДИТСКИЙ САЛАФИЗМ И ЕГО ИДЕЙНЫЕ ИСТОЧНИКИ

На политическую жизнь современного мира воздействует несколько религиозных факторов, среди которых особо выделяется исламский радикализм, в частности радикальный салафизм. Салафисты-экстремисты в настоящее время в различных уголках мира создают напряженную обстановку, своей организационно-идеологической пропагандой привлекают молодёжь, расширяют свой состав за счет неопытных молодых людей с целью использовать их против национальных светских государств. Они всячески дестабилизируют обстановку в этих государствах. Подобная опасность угрожает почти всем мусульманским государствам. С учетом этого фактора, данная статья рассматривает угрозу деятельности салафитов безопасности и независимости тех стран, где действуют салафитские организации. Салафитские идеологи проводят исламизацию политики, считают политику и

ислам тождественными, исходя из чего, призывают мусульман к джихаду, к активной политической борьбе против существующих политических режимов. Разумеется, что их учения и призывы никак не соответствуют развитию демократии светских государств и направлены против их законодательств. В статье обращено внимание на историю салафизма, которая охватывает три периода салафизма, три поколения салафистов: фундаменталический период раннего ислама,ханбалитский период-Имам Ханбал, Ибн Таймия(1263-1328) и Мухаммед ибн Абдулваххоб (1703-1791) и современный панисламизм (в основном в виде ваххабизма). Современные салафиты используют в своих грязных целях, предрасположенность большинства верующих суннитов к первоначальному исламу, исламу периода пророка и праведных халифов. В статье на основе многочисленных фактов всесторонне раскрыта реакционность, экстремистский характер учения и практики салафизма.

Ключевые слова: джихадистский салафизм, салаф, экстремистский салафизм, джихад, национальные интересы, ваххабизм, монотеизм, ислам, мазхаб, ханифизм, панисламизм, светское государство.

JIHODI SALAFISM AND ITS IDEAL SOURCES

The political life of the modern world is influenced by several religious factors, among which Islamic radicalism, in particular radical Salafism, stands out. Extremist Salafists today in various parts of the world create tense situations with organizational and ideological propaganda, attract young people to their side, and expand their composition from among inexperienced young people with the aim of using them against national secular states. They are doing their best to destabilize the situation in these states. A similar danger threatens almost all Muslim states. Taking this factor into account, this article examines the threat of Salafist activities to the security and independence of these countries where Salafist organizations operate. Salafi ideologists carry out the Islamization of politics and consider politics and Islam to be identical, based on which they call Muslims to jihad, to an active political struggle against existing political regimes. It goes without saying that their teachings and calls are in no way consistent with the development of democracy and secular states and are directed against their legislation. The article draws attention to the history of Salafism, which covers three periods of Salafism, three generations of Salafists: the fundamental period of early Islam, the Hanbali period - Imam Hanbal, Ibn Taymiyyah (1263-1328) and Muhammad ibn Abdulwahhob (1703-1791) and modern pan-Islamism (in mainly in the form of Wahhabism). Modern Salafis use for their own dirty purposes the disposition of the majority of Sunni believers towards original Islam, the Islam of the period of the prophet and the righteous caliphs. The article, based on numerous facts, comprehensively reveals the reactionary, extremist nature of the teaching and practice of Salafism.

Key words: jihadist Salafism, Salaf, extremist Salafism, jihad, national interests, Wahhabism, monotheism Islam, madhhab, Hanifism, pan-Islamism, secular states.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нурулҳақ Қамар*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи диншиносӣ, номзади илмҳои фалсафа, профессор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93-315-02-46.**

Сведения об авторе: ***Нурулхак Камар*** – Таджикский национальный университет, кафедра религиоведения, кандидат философских наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-315-02-46.**

Information about the author: ***Nurulkhak Kamar*** - Tajik National University, Department of Religious Studies, Candidate of Philological Sciences, Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **93-315-02-46**

ТДУ:165

НАЗАРИЯҲОИ АСОСНОККУНИИ МАЪРИФАТӢ

***Сулаймонов Б.*С.**
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар ин мақола мустақиман ба моҳияти асосноккунии маърифатӣ мепардозем ва дар ҷустуҷӯйи посух ба ин пурсишҳо мешавем, ки кадом корҳо фароҳамоварандаи асоснокунии маърифатӣ буда метавонанд? Ҳамчунин, то кадом андоза ин пурсишҳо боварибахшанд? Барои ба ин саволҳо посухи дуруст пайдо кардан ба ду назарияи рақиб – назарияи деонтологӣ ва назарияи эътимодпазирӣ рӯ овардан мумкин аст.

Маърифат дарки олам ва шинохти ҷузъиёти он аст. Он дорои категорияҳои зиёди соҳавӣ буда, ҳар яке аз онҳо аз ҳамдигар бо хусусият ва нишонаҳои хос фарқ мекунанд. Ғояҳои мазкур ҳанӯз аз тарафи донишмандони асримиёнагии тоҷик, махсусан, Форобӣ таҳқиқ шуда, ӯ дар асари иҷтимоии худ - «Андешаҳои мардуми шаҳри босаодат», оид ба ин масъала чунин қайд карда буд: «Вобаста ба ин масъала агар ғояти асосноккунии ахлоқӣ ин расидан ба хайр ва ғояти бо маслиҳат расидан ба манфиати бештар бошад, он гоҳ ғояти асосноккунии маърифатӣ расидан ба ҳақиқат дониста мешавад» [5, с.116]. Ба ҳамин шакл, ҳадафи асосии ба ҳақиқат расидан бештар намудани муқаддимаҳои ҳақ ва кам намудани муқаддимаҳои дурӯғ ба воситаи маҷмуи донишҳои маърифатӣ мебошад.

Таълимоти маърифатиро ба инобат гирем, шахс бояд назари хуб ба ҳақиқат дошта бошад, то ки боварӣ сабаби афзоиши эҳтимоли ҳақиқат ва муҳтавои он гардад. Ба ибораи дигар, бояд асосноккунии маърифатӣ ҳақиқатро инъикоскунанда бошад, зеро ки он самти ояндабиниро ҳам дар бар мегирад. Агар талаботи ин гуфтаҳоро риоя намоем, мумкин аст, ки назари ду шахс нисбат ба як масъала гуногун бошад ва бояд эътироф кард, ки тафовути ин ду назар бо сабаби мушоҳидаҳои воқеии онҳо бошад. Масалан, фарз мекунем, ки Аҳмад ба донишгоҳ дохил мешавад ва дарк мекунад, ки дар он ҷо синфхонаҳои алоҳида барои донишҷӯён вуҷуд доранд. Маҳмуд низ ба ин донишгоҳ дохил мешавад ва ҳамон мушоҳидаи Аҳмадро пеши назар мебинад, аммо, ба ӯ гуфта шудааст, ки ин синфхонаҳо барои омӯзгорон ва донишҷӯён омода шудаанд. Пас, гуфтан мумкин аст, ки нигоҳи онҳо дар ин самт на якранг, балки гуногун аст. Дар ин ҳолат, ки мушоҳидаҳо мухталифанд, вазъият тақозо мекунад, ки бо асосноккуниҳои илмӣ ҳақиқати маърифатӣ муайян карда шавад.

Ин гуна масъалагузории маърифатӣ донишмандони соҳаро водор намудааст, ки асоснокунӣ ва сохтори дугонаи онро ба риштаи таҳқиқ кашида, сохти ягонаи онро муайяну ошкор созанд, то аз ҳадаф манфиати мусбат бардошта шавад.

Вобаста ба талаботи илмӣ ҳар мафҳуме то бо далел исбот нагардад, натиҷаи он муайян намешавад. Мутобиқи ин сохтор, шахс вазифадор аст, ки усули маърифатиро риоят кунад, яъне ӯ масъул аст матолиби пешниҳодшударо аз бар намуда, аз гуфтаҳои беасос канора гирад, чун: Дониши S аз рӯйи фаҳмишаш ба дониши P баробар аст, агар ва танҳо агар S дар касби P ба пешниҳодҳои маърифатии худ амал карда бошад. Агар ин масъаларо амиқтар таҳқиқ кардан хоҳем, саволе ба миён меояд, ки кадом корҳо метавонанд шахсро муътақид созанд? Албатта, аз рӯйи муқоиса уҳдадориҳои маърифатӣ нисбат ба таклифҳои ахлоқӣ возеҳтаранд. Дар иҷрои уҳдодорие аз масъалаҳои ахлоқӣ аз рӯйи сохтори он амал кардан маънои иҷрои онро дорад. Аммо инсон танҳо ба корҳое вазифадор аст, ки тавони анҷоми онро дошта бошад. Масалан, омӯзгор дар аснои имтиҳон ба донишҷӯе рӯ ба рӯ мешавад, ки дар раванди дарсҳо ба дарсшиканӣ хеле зиёд роҳ додаву ба имтиҳон бе тайёрӣ омадааст. Сарфи назар аз ин ҳама, ӯ ба таври буҷавӣ таҳсил мекунаду дар хобгоҳи донишгоҳ иқомат дорад. Аз рӯйи низоми корӣ ва уҳдадориҳои омӯзгор ӯ, ҳама ин кирдори донишҷӯро ба инобат гирифта, ба ӯ баҳо намегузорад. Ибтидо ӯ аз гирифтани идрорпулӣ маҳрум мешавад, дар навбати дуюм аз хобгоҳ ронда мешавад ва дар фарҷом аз донишгоҳ хориҷ карда мешавад. Агар раваду чунин кор ба амал ояд, касе омӯзгорро аз назари ахлоқӣ масъул намедонад. Аз ин хулоса бароварда мешавад, ки уҳдадорӣ вобаста ба қудрату тавоноӣ аст. Агар аз он беш шуд хато

хоҳад шуд. Масалан, агар омӯзор ба хотири хотирҳо баҳои донишҷӯро мегузошт, он гоҳ шарафи омӯзгории ӯ доғдор мешуд ва ғайра.

Ба ин монанд, агар пешниҳоди уҳдадорие аз асосноккунӣ пазируфта шавад ва он маҳз уҳдадории маърифатӣ бошад, ба гурӯҳи корҳое дохил мешавад, ки муҳаққиқ битавонад онҳоро дар шакли дуруст ба кор барад. Дар шакли мисол далеловарӣ ҳамчун асосноккунӣ чунин аст: S ба P баробар аст, агар ва танҳо агар S дар T дорои далеле бошад, ки ба нафъи P бошад.

Ривояте, ки аз далеловарӣ ироа шуд, шарти кофӣ барои қаноатманд шудан нест. Дар муносибатҳои иҷтимоӣ мумкин аст касе дорои далеле ба нафъи ҳадафе бошад, аммо дар бовараш ба он қонеъ набошад. Масалан, фарз мекунем, ки профессори доно ва ассистент барои кашфи моддаҳои химиявӣ ба озмоишгоҳ мераванд. Онҳо дар раванди таҳқиқу баррасии ҳадафи дарпешгузошта маводи зиёде гирдоварӣ кардаанд. Албатта, аз рӯйи таҷриба ва дониши азбаркардаи солиёни дароз профессор аз ассистент дар ин масъала кордонтар аст ва дар заминаи ин маънавиёти ғанӣ дарк мекунад, ки бо омехта кардани кадом маводҳо натиҷаи назаррас ба даст оварда мешавад. Фарз мекунем, ки далелҳои профессор ва ассистент бо ҳам мувофиқанд, аммо профессор тезҳуштар аз ассистент аст ва бо иртиботи хубе, ки байни далелҳо барқарор мекунанд, ба моҳияти моддаҳои химиявӣ сарфаҳм меравад ва бовар дорад, ки натиҷа чи мешавад. Дар ин ҷо ассистент низ моҳияти моддаҳои химиявиро дуруст дарк кардааст, аммо ин бовари худро ӯ на аз тариқи донишҳои худ, балки аз тариқи хушхаёлӣ ва пайравӣ ба профессор ба даст овардааст. Метавон натиҷаи раванди озмоишро ба профессор марбут донист, зеро ассистент боварии худро аз роҳи пайравӣ ба даст овардааст, на аз роҳи маърифатӣ. Ин мисол бо истилоҳоти мантиқӣ дар чунин шакл оварда мешавад: S ба P дар замони T баробар аст, агар ва танҳо агар S дар T дорои далеле ба нафъи P бошад ва S боварашро ба P вобаста ба далелҳо равона кунад.

Мушкили дигари далеловарӣ ҳангоми асосноккунӣ ин ба инобат гирифтани замону ҳолат аст. Чуноне ки қаблан гуфта шуд, мафҳумҳои асоснокшаванда бояд бо ҳам алоқаманд бошанд ва дар асоси далелҳое таҳқиқ шаванд, ки ба синфи таҳқиқшаванда марбут бошанд.

Дар баъзе ҳолатҳо бинобар сабаби зиёд будани мафҳумҳои бо ҳам муродиф (алоқаманд) бисёре аз гуфтори мо пурра баррасӣ нашуда, қисмате аз онҳо дар шакли ноошкор боқӣ мемонанд. Онҳо (мафҳумҳо) метавонанд фарогири ҳама самт бошанд, яъне таърихӣ, фалсафӣ, физикӣ, риёзӣ ва ғайра. Масалан: Ибни Сино дар қарни даҳуми мелодӣ мезист; Душанбе пойтахти Тоҷикистон аст; ҷаҳон дар ҳоли тағйирёбандагӣ қарор дорад ва қонуни асосии кофӣ аз ҷониби Лейбнитс тасдиқ шудааст. Вақте ки ба ҳар яке аз ин чаҳор муқаддима бовар ҳосил мекунем, далелҳои муносибе бояд дар ихтиёр дошта бошем, то ба ин васила онҳоро тасдиқ карда тавонем. Масалан: дуруст омӯхтан таърихи фалсафаеро, ки марбути замон ва худи Ибни Сино бошад, бо душанбегие ҳамсуҳбат шудан, ки таърихи ин шаҳрро хуб медонад, бо ақли фаъол ва тафаккури густурда масъалаҳои ҷаҳони имрӯзро баррасӣ карда тавонистан ва мантиқи шаклиро хуб донистан, зеро қонуни Лейбнитс аз рӯйи ин фан омӯхта мешавад. Дар баробари ин матолиб, донистаниҳои зиёде дар зеҳни мо ҳаст, аммо ҳар он чизе ки оид ба масъалаи баррасишаванда мутааллиқ асту қолаб ва низоми фаҳмишро ба вуҷуд меорад, онро пешниҳод мекунем, то аз мавзуъ дур нашуда, ҳадафро ошкор кунем.

Сабаби асосии ин гуна мушкилот дар он аст, ки шахс танҳо ба далелҳое, ки хосияти билфеъл ва билқувва доранд, уҳдадор мешавад онҳоро бартараф намояд: «Шавоҳиди бисёре аз боварҳои маҳфуз дар ҳофизаи билфеъл дар дастраси шиносо нест, аммо агар ӯ фурсати тааммулӣ меёфт, метавонист онҳоро ба ёд оварад. Яъне, агарчи шиносо ба шавоҳиди худ ба наҳви билфеъл дастрасӣ надорад, ба наҳви билқувва ба онҳо дастрасӣ дорад. Чунонки афрод бисёре аз хотироти худро дар замони ҳол ба ёд намеоваранд, аммо метавонанд онҳоро бо каме тааммул ба ёд оваранд» [15,с. 125].

Агар ба масъалаи овардашуда ба таври амиқ назар кунем, маълум мешавад, ки сарчашмаҳо ва донишҳои замонӣ хулосае барои рушди оянда дониста мешаванд, вале гоҳо дар ин самт бартарият ба донишҳои замонӣ нисбат дода мешавад, чунки онҳо алоқаи ногусастанӣ ба оянда доранд. Масалан: «Мабногаро (нафаре, ки ба сарчашма такя

мекунад (С.Б.)) муътақид аст, ки як бовари ғайрипоя ба он бастагӣ дорад, ки он бовар дар нисбати мантиқӣ эҳтимолоте ё табйине муносибе бо боварҳои поя бошад, аммо инсиҷомгаро тавҷеҳро амре медонад, ки бо созгории мантиқӣ созгории эҳтимолӣ ва табйини як бовар бо маҷмуи боварҳои шиносо, таъин мешавад» [15, с.127].

Дар ҳолате ки бурҳони асосии кас эътимоди ӯ дониста мешавад, бархе вежагиҳои мантиқӣ, эҳтимолӣ ва ғайриэҳтимолӣ ба он мутааллиқ дониста мешаванд.

Эътимодҳое, ки дар асоси онҳо асосноккунӣ устувор мегардад, дар савияи равандҳои асосноккунӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Дар ҳама ҳолатҳое, ки шарти кифояти ҳар назария ва тавоноию таъмини ҳадаф ҳақиқат аст, сараввал асосноккунӣ дар назар дошта мешавад. Дар назарияи асосноккунӣ бояд боварҳоеро асос донем, ки донистани онҳо муҷиби боварҳои ҳақиқӣ гарданд. Чунки натиҷаҳои бовари ғайриҳақиқӣ ҳамеша дурӯғ аст. Агар саволе пайдо шавад, ки оё онҳо метавонанд хулосаи ҳақ пешниҳод кунанд? Бо таваҷҷуҳ ба ин ки афзудани бовари ғайриҳақиқӣ ба дастгоҳи маърифатӣ теъдоди ҳамин гуна боварҳоро афзоиш медиҳад, лозим мешавад, ки камаҳаммиятӣ ва бепарвоӣ бартараф карда шавад ва боварӣ ба ҳақиқат бо дастгоҳҳои маърифатӣ роҳандозӣ гардад. Агар дар ҳамин шакл таҳқиқот дуруст ба роҳ монда шаванд, ба чунин натиҷаи илмӣ расидан мумкин аст: якум, агар ҳар гуна пиндору кирдори ғайриҳақиқие пайваста пайгирӣ шавад, он гоҳ теъдоди боварҳои дурӯғин бештар мешавад; дуюм, агар мафҳумҳои номуайяни ҳақиқӣ пайваста пешниҳод шаванд, он гоҳ теъдоди ҳамин гуна боварҳо камтар мешаванд; сеюм, дар шакли муҷодала ироа намудани пиндори ғайриҳақиқӣ боис мегардад, ки гуфтори дуруст нодуруст фаҳмонда шавад; чаҳорум, бояд гуфтори ҳақиқӣ дар шакли эътимодбахш пешниҳод шавад, то ки тамоми мавзуоти номаълум ошкор гарданд; панҷум, агар ин чаҳор усул дуруст риоя шаванд, он гоҳ ҳақ аз дурӯғ чудо шуда, ҳақиқат ошкор мегардад.

Дар ин ҷо ба воситаи муқоиса қазияҳои ҳақ ё дурӯғ натиҷаи дарназардошта муайян карда мешавад. Чуноне ки маълум аст, «Ибни Халдун дар оғози кор фикри хешро бар рӯйи баҳс дар заминаи маърифати таърихӣ мутамарказ карда будааст, сипас батадриҷ бо шуури комиле, ки бар кори хеш пайдо кардааст, ба мавзуи илми таърих, ё фалсафаи таърих, пардохтааст. Яъне, бо эҷоди равише, ки худ онро «дониши нав» номидааст, поягузори мабодии таҳқиқ дар кори таърихнигорӣ гардида, мабодие, ки доманааш ба фалсафаи таърих ва ҷомеашиносӣ ва иқтисод ва риштаҳои дигари илмӣ кашида шудааст» [4,с.161] густариш додааст.

Агар талаботи пешниҳодшуда, ки дар заминаи шартҳо ба вуҷуд омадааст, дуруст ба роҳ монда шавад, метавон гуфт, ки натиҷаи он низ эътимодбахш хоҳад буд. Масалан, яке аз воситаҳои асосии натиҷаҳои боварисози истидлолӣ аз шартҳо бунёд ёфтани онҳост, аммо боварҳои маҳсули натиҷаҳои дастаи дувум ба сарчашмаи гуфтор алоқамандӣ доранд. Чунончи, дар натиҷа идроки басарӣ аз таҷриба асос меёбад. Аз ин рӯ, ин натиҷаҳоро тобеи натиҷаҳои эътимодпазири номашрут меҳисобанд. Мантиқшиносон таърифи натиҷаи эътимодпазирро чунин меҳисобанд: Натиҷаи боварибахши шахси S дар замони t ба муқаддимаи P эътимодпазир аст, агар ва танҳо агар бовари S ба P ба воситаи натиҷаи боварисози мустақил аз боваре бошад, ки ба таври номашрут эътимодпазир бошад ва ё бовари S ба P натиҷаи боварибахши вобаста ба боваре бошад, ки ба таври машрут эътимодпазир бошад. Агар татбиқи амалии натиҷаҳо асоснок бошад, он гоҳ аз онҳо низ натиҷаи боварибахш ҳосил мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки ду нукта дар тадқиқи эътимодпазирии як натиҷаи боварисоз қобили зикр аст. Нахуст ин ки эътимодпазир будани натиҷаҳои боварсоз ба муҳити иҷтимоӣ вобаста аст. Масалан, натиҷаи идроки басарӣ дар муҳит бештар бовариҳои дурӯғро ба бор меорад. Ҳол он ки дар муҳити гуногунранг бештар бовариҳои ҳақро ба бор меорад. Дуюм ин ки ба чизе эътимоди бештар дода шавад, дар баъзе ҳолат он метавонад бархилофи ҳадаф натиҷа диҳад. Метавон гуфт эътимодро, ки сутуни асосии асосноккунӣ маҳсуб мешавад, ки онро мо дар ду маънии таърихӣ арзёбӣ намудем. Аз рӯйи масъалагузориҳои маърифатӣ ин матлаб каме пурпечутоб буда, маънии қисмати аввали он таъкиди эътимодпазирии натиҷа мебошад. Аммо қисмати дуюмин каме мукаммал буда, барои асоснок будани як бовар бояд тамоми натиҷаҳои боварисозе, ки дар мавзуъ дарҷ гардидаанд, омӯхта шаванд. Яъне, як натиҷа вақте эътимодпазир аст, ки бештар

бовариҳои ҳақро ба вуҷуд меорад. Ба ибораи дигар, эътимодпазирии натиҷаҳо дар асоси хулосаи ҳақ ё дурӯғест, ки онҳо натиҷаҳои мусбатро пешниҳод мекунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти ҷойдошта ва васеъ будани доманаи мавзуи таҳқиқ барои таъбири басомаде аз эътимодпазирӣ бояд дар ҷустуҷӯйи таъбири дигаре аз эътимодпазирӣ буд. Чунонки пештар оид ба ин масъала қайд намудем, барои фарқи байни маҷмуъҳои иттифоқӣ ва муқаддимаҳои куллии гуфташуда аз қонунҳои табиӣ ба шартҳои воқеӣ ва хилофӣ бархӯрдор шудем. Агар мулоҳизаҳо дуруст бошанд, муқаддимаҳои куллӣ хабар аз қонунҳои табиӣ медиҳанд, ки ҳам аз рӯйи қонунҳои тафаккур ва ҳам аз рӯйи қонунҳои метафизикӣ дар ҷаҳони воқеӣ мазмуни мусбатро инъикос мекунанд. Дар ин ҷо низ ҳадафи асосӣ он аст, ки байни ду гуна натиҷаи боварсоз фарқият гузошта шавад. Якум, натиҷаҳои боварисозе, ки ба таври иттифоқӣ ҳақ маҳсуб мешаванд ва дуюм, натиҷаҳои боварисозе, ки ба таври ғайрииттифоқӣ ҳақ шуда метавонанд. Яъне, дар муносибат байни ин ду нисбият вуҷуд дорад. Чунин таъбири эътимодпазириро метавон таъбири истеъдодӣ номид. Барои боз ҳам дурусттар фаҳмидани фарқияти боварии иттифоқӣ аз ғайрииттифоқӣ донистани на шартҳои воқеӣ, балки шартҳои хилофӣ хеле муҳим аст.

Аз рӯйи сохтори олами объективӣ ва ҷузъиёти таркибии он, ки ҳамеша дар ду самт (асли-нисбӣ; ҳақ-дурӯғ) баррасӣ мешавад, таърифи эътимодпазириро ба ин сурат ислоҳ кардан мумкин аст:

Таърифи ислоҳшудаи эътимодпазирӣ як натиҷаи боварисоз дар муҳити боварибахш аст, ки агар он натиҷаи боварисоз дар шароити созгор мафҳумҳои бо ҳам монанди ҳақ ва дурӯғро тавлид карда тавонад.

Аз рӯйи нишондоди масоили маърифатӣ мумкин аст боваре маҳсули натиҷаи эътимодпазир бошад, вале ҳақиқӣ набошад. Ба ибораи дигар, эътимодпазирӣ шарти кофӣ барои асосноккунӣ нест. Фарз кунем, ки Аҳмад дар утоқе аст, ки гулдоне дар он вуҷуд дорад ва аз тариқи идроки басарӣ ӯ боварӣ ҳосил мекунад, ки гулдоне муқобили ман аст. Аз тарафи яке аз дӯстони Аҳмад, ки ҳамеша ба ӯ рост мегӯяд, гуфта мешавад, ки дар воқеъ гулдоне дар утоқ вуҷуд надорад, балки зарфи гулдонмонанд дар утоқ ҳаст. Аҳмад ба ҳеҷ далеле гуфтаи дӯсташро намепазирад, вале ба шаҳодати дӯсти қобили эътимодаш ҳанӯз бовар дорад. Бовари Аҳмад ба дӯсташ маҳсули натиҷаи эътимодпазири идроки басарӣ аст. Пас тибқи эътимодпазирӣ дар раванди асосноккунӣ бояд ӯро дар боварӣ ба дӯсташ ҳақ донист. Аммо, агар ашёи мавҷударо ба инобат гирем, шоҳидии ӯро дар бовараш ба дӯсташ ҳақ намедонем. Зеро ки ӯ бархе мушоҳидаҳояшро дар сохти бовараш ба дӯсташ дар назар нагирифтааст. Ин мисол нишон медиҳад, ки ду натиҷаи боварисози эътимодпазир ду бовари мутаноқизро ба вуҷуд меоранд, масалан, бовар ба Q ва Q-. Агар ҳарду натиҷаи эътимодбахши гуфташуда ба як андоза эътимодпазир бошанд, мафҳуми шинохташаванда на дар бовар ба Q ҳақ аст ва на дар бовар ба Q-. Ҳар он чизе тибқи таърифе, ки аз эътимодгароӣ дар асосноккунӣ ироа шуд бовар ба ҳар кадом аз ду муқаддимаи мутаноқизи ҳақ аст. Пас, бояд илова бар натиҷаи боварисозе, ки дарвоқеъ боварро ба дигар натиҷаҳои боварисоз сохтааст ва маҳсули онҳо ҳам, таваҷҷуҳ кард. Бо таваҷҷуҳ ба ин мулоҳизот таърифи пешин аз эътимодпазирии асосноккунӣ ба ин сурат ислоҳ мешавад:

Агар бовари шахси S дар замон t ба муқаддимаи P ҳақ аст, агар ва танҳо агар бовари S ба P маҳсули натиҷаи боварисози эътимодпазирӣ бошад. Инро низ метавон гуфт, ки натиҷаи эътимодпазири дигаре дар лаҳзаи сохти бовар дар дастраси S набошад, агар S аз рӯйи кор мегирифт, дигар ба P бовар намедошт.

Оид ба ин масъала агар мушкилии ҷиддие пайдо шавад ва ё ҳама паҳлуҳои он баррасӣ шаванд, боз ҳам иддао мешавад, ки таърифи эътимодбахши асосноккунанда на шарти лозим ва на шарти кофӣ барои дарки ҳақиқат аст, ҳамчун ин рукнҳо:

Эътимодпазирӣ шарти лозим барои ҳақиқат будан нест. Фарз кунем, Аҳмад дорои тавоноии ғайбатгӯии эътимодпазирӣ аст. Ӯ дар ин масъала ҳамеша қудрати худро сарф мекунад ва ҳеҷ рақибе надорад. Ӯ бе он ки рақиб дошта бошад, бовар дорад, ки муваффақ аст. Дарвоқеъ, ин дуруст аст ва ӯ ба сабаби қудрати ғайбатгӯии худ ба ин бовар расидааст. Дар ин шароит тибқи пешниҳодоти эътимодбахши асоснокшавандаи бардавом Аҳмад ба хулосае омадааст, ки пиндор ва кирдори ӯ дуруст аст. Чунки бовари ӯ маҳсули натиҷаи

эътимодпазир аст, аммо чи гуна мумкин аст касе ҳатто надонад, ки бовари ӯ аз чи тариқе сохта шудааст ва дар бовараш ҳақиқат вуҷуд дорад ё не!?

Эътимодгарой шарти кофӣ барои асоснокунӣ нест. Фарз кунем Аҳмад ва ҳамтое, ки ӯро Аҳмади осмонӣ мемонанд дар ҷаҳон вуҷуд доранд. Аҳмад ва Аҳмади осмонӣ дар тамоми ҳолоти зеҳнӣ ва равонӣ бо ҳам монанд мебошанд. Ин ду ҳатто дар гароиши билқувваи маърифатии худ низ мушобеҳанд ва хулосаи дарки ҳиссии Аҳмад ҳам монанди дигар инсонҳои дар ҷаҳони воқеъ эътимодпазир аст ва ӯ ба хубӣ аз ин истифода мекунад. Аммо боварҳо ба фаҳмиши Аҳмади осмонӣ содиқ нестанд, зеро дар ин ҷаҳон ҳеҷ чизе, ки Аҳмади осмонӣ дар бораи онҳо бовари ҳосил мекунад, вуҷуд надоранд. Дар чунин шароит натиҷаи идроки ҳиссӣ эътимоднопазир аст, зеро аксаран ва шояд ҳамеша бовари дурӯғ ба вуҷуд омадаанд. Пас, бояд Аҳмади осмониро дар боварҳояш ғайриҳақиқӣ бидонем, аммо чӣ гуна мумкин аст ду шахс аз назари вежагиҳои зеҳнӣ ва арзёбии мушоҳидаҳо ва сохти бовариҳояшон комилан монанди ҳам бошанд, вале яке аз онҳо дар боварҳояш ҳақ бошад, дигаре ноҳақ ва номаълум!?

Ба ду масъалае, ки роҳи ҳалли онҳо каме мушкилиро ба бор оварда буд, Гелдман дар такя ба донишҳои маърифатӣ роҳи кушоишро пешниҳод намудааст, ки дар ду маъно – заиф ва қавӣ дониста мешаванд: якум, асоснокунии қавӣ, ки устувор ва ҳақиқӣ аст, агар дуруст бунёд ёфта бошад. Он натиҷаи натиҷаҳое мебошад, ки фароянди он дар ҷаҳон вуҷуд дошта бошад; дуюм, асоснокунии заиф мебошад, ки танҳо як бовар ба таври заиф ҳақиқат аст, агар бардошти он бовар қобили сарзаниш набошад, яъне маҳсули натиҷаи натиҷаҳои боварисози эътимоднопазире бошад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин масъала метавон иброз намуд, ки ҳастии маънавии Аҳмади осмонӣ бо асоснокуниҳои заиф бунёд ёфта, дар он асоснокунии қавӣ мушоҳида намешавад.

Хулоса, мулоҳизаҳо моро водор месозанд, ки сохтори илми маърифатшиносиро ба инобат гирифта, қайд намоем, ки дар ин илм маълумотҳо бештар дар раванди таҳқиқ матраҳ мегарданд: «Бо дарназардошти ин, таҳқиқи моҳияти назарияи маърифат, муайянкунии моҳият ва ҳадафҳои он, ин маърифати он аст, ки тавассути равандҳои маърифат ба ҳисоб меравад ва вобаста ба ин дар илм якчанд шарҳи моҳияти он, ҳамчун масъалаи фалсафӣ пайдо шудааст» [17, с. 161]. Ҳатто дар баъзе ҳолатҳо барои нишон додани фарқият маънои гуногуни асоснокунии ҳақиқиро дар мафҳуми ҷавоз (ваколатнома) метавонем баён созем. Пас, саволи аслӣ ин аст, ки кадом яке аз ин ду асоснокуниро мавзуи маърифатшиносӣ донем? Агар ҳадаф асоснокии маърифатиро ҳақ бидонем, бояд ҳақиқати мутлақро баргузинем ва дигар ҳадафҳои маърифатиро дар ҷойи худ баъд аз ин қабул ва эътироф намоем.

Муқарриз: Сайфуллоев Н.М. – д.и.ф., профессори ИФСҲ ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ

АДАБИЁТ

1. Абуалӣ ибни Сино. Осор. - Ҷ.3. - Душанбе, 2007. - 528 с.
2. Абуалӣ ибни Сино. Осор. -Ҷ.2. - Душанбе, 2005. - 801 с.
3. Аль-Фараби, Абу Наср. Логические трактаты. - Алма-Ата, 1975.- 478с.
4. Ал-Фороби. Эҳсо-ул-улум (бо забони тоҷикӣ таҳияи Сулаймонов Б.С.). - Душанбе, 2023. – 113 с.
5. Абунасри Форобӣ. Ора‘ аҳл-ул-мадинат ал-фозила (Андешаҳои мардуми шаҳри босаодат). - Қоҳира, 2002. - 227 с.
6. Аль-Фараби. Историко-философские трактаты. - Алма-Ата: Наука, 1985. - 624 с.
7. Аристотель. Категории //Сочинения. -Т.2. - М., 1978. - 685 с.
8. Багоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии / А.М. Багоутдинов. - Душанбе, 1961.
9. Болтаев, М. Н. Вопросы гносеологии и логики в произведениях Ибн Сины и его школы / М. Н. Болтаев. – Душанбе, 1965. - 600 с.
10. Герман Л. Очерки истории средневекового материализма / Л. Герман. - М., 1962. - 586 с.
11. Диноршоев М. Компендиум философии Ибн Сины / М. Диноршоев. - Душанбе, 2010. – 341 с.
12. История таджикской философии. – Т.2. - Душанбе, 2011. - 788 с.
13. История таджикской философии. - Т.1. - Душанбе, 2010. - 504 с.
14. Логика и методология науки. – М., 1967. – 339 с.
15. Муҳсин Замонӣ. Ошноӣ бо маърифатшиносӣ. – Теҳрон, 1391ҳ. -183с.
16. Рассел Б. История западной философии / Б.Рассел. - М., 1959. - 935 с.
17. Сулаймонов Б.С. Назарияи мантиқӣ-маърифатшиносии Абунасри Форобӣ / Б.С. Сулаймонов. - Душанбе, 2023. - 207 с.

НАЗАРИЯҲОИ АСОСНОККУНИИ МАЪРИФАТӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами маърифатшиносиро баррасӣ намуда, ҷойгоҳ ва низоми таъсирбахши ин соҳаи фалсафаро бо истифодаи дурусти методҳои мантиқӣ муайян намояд. Муаллиф, агарчи ба тавзеҳи масъалаҳои маърифатӣ пардохта бошад ҳам, вале дар асл ҳадафи асосияш нишон додани тавонии мақулаҳои гносеологӣ буда, дар шарҳу баёни мавзуъ хусусиятҳо ва манфиатҳои онҳоро дар раванди мисоловарӣ инъикос намудааст. Таҳлилҳои муаллифи мақола назаррас буда, ҷавҳари усули маърифатиро роҳи дурусти расидан ба саодат дониста, хушбахтии воқеиро дар рушди тафаккури алтернативӣ донистааст. Аз таҳлилу баррасиҳои муаллиф ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки ӯ дар таҳияи ин мақола ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ рӯ оварда, масъалагузориҳои маърифатии худро дар пояи мақулаҳои «асосноккунӣ», «эътимодпазир» ва дигар истилоҳоти соҳавӣ бо далелҳои мантиқӣ асоснок намуда, кӯшиш намудааст, ки нақши онҳоро дар раванди ягонаи маърифат нишон диҳад. Ба андешаи ӯ, муҳимтарин восита ё худ унсурҳои маърифат мақулаҳои ин соҳа ба ҳисоб рафта, дар таҳлили мавзуоти маърифатӣ бо ҳам иртиботи ногусастанӣ доранд. Ӯ чунин мепиндорад, ки маърифати олами объективӣ ҳолати яклухт нест, балки дар раванди таҳқиқ вобаста ба нерумандӣ ва сустӣ, равшанию торикӣ, куллияту ҷузъият, комилию нуқсонии он дорои якчанд зина маҳсуб мешавад. Аз гуфтаҳои муаллиф бармеояд, ки дар сохтори илми маърифатшиносӣ маълумотҳо (гуфторҳо) бештар дар раванди таҳқиқ ҷойи худ ва ба кадом самт равона шуданашонро меёбанд.

Калидвожаҳо: маърифатшиносӣ, асоснокунӣ, эътимодбахш, тафаккур, қазия, деонтологӣ, мушоҳида, натиҷа, ҳақ, дурӯғ, заиф, қавӣ.

ТЕОРИИ ГНОСЕОЛОГИЧЕСКОГО ОБОСНОВАНИЯ

В данной статье автор попытался раскрыть один из важнейших и актуальных вопросов познания, раскрыть место и эффективную систему этой области философии при правильном использовании логических методов. В этой статье, хотя он и уделил внимание объяснению познавательных вопросов, его основная цель – показать силу гносеологических категорий, а при объяснении и представлении темы, он отразил их особенности и преимущества путем приведения примеров. Значительным является анализ автора статьи, где он рассматривает суть гносеологического метода как верный путь достижения счастья, а существование настоящего счастья рассматривает в развитии альтернативного мышления.Из анализа и исследования автора нетрудно видеть, что при подготовке данной статьи он обратился к достоверным историческим источникам и попытался обосновать свои познавательные вопросы на основе категорий «обоснование», «достоверность» и других отраслевых терминов с логическими аргументами и попытался показать их роль в едином процессе познания. По его мнению, важнейшими средствами или элементами познания являются категории этой области, и они неразрывно связаны с анализом познавательных тем.Он считает, что познание объективного мира не является абсолютным состоянием, но в процессе исследования оно рассматривается как имеющее несколько уровней в зависимости от его силы и слабости, светлоты и темноты, полноты и детализации, совершенства и несовершенства. Из выводов автора следует, что в структуре науки гносеологии информация (суждение) находит свое место и направление в основном в процессе исследования.

Ключевые слова: гносеология, обоснование, достоверность, мышление, суждение, деонтологический, наблюдение, результат, истина, ложь, слабость, твердость.

THEORIES OF GNOSEOLOGICAL JUSTIFICATION

In this article the author tried to open one of the most important and sensitive issues of knowledge, to open the place and the effective system of this field of philosophy at the correct use of logical methods. In this article though he also paid attention to an explanation of informative questions, its main objective – to show force of gnoseological categories, and at an explanation and representation of a subject, he reflected their features and advantages in the course of reduction of examples.Are considerable the analysis of the author of article where he considers an essence of a gnoseological method as a right way of achievement of happiness, and existence of the real happiness considers in development of alternative thinking.From the analysis and a research of the author it is easy to see that by preparation of this article he addressed reliable historical sources and tried to prove the informative questions on the basis of categories "justification", "reliability" and other industry terms with logical arguments, and tried to show their role in uniform process of knowledge. According to him, the major means or elements of knowledge are categories of this area, and they are inseparably linked in the analysis of informative subjects.He considers that knowledge of the objective world is not an absolute state, but in the course of the research it is considered as having several levels depending on its force and weakness, lightness and darkness, completeness and specification, perfection and imperfection.From conclusions of the author follows that information (judgments) finds the place and the direction in structure of science of gnoseology generally in the course of the research.

Keywords: Gnoseology, justification, reliability, thinking, judgment, deontological, observation, result, truth, lie, weakness, hardness.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Муҳаммадиев, 17/6, Телефон: **(+992) 938384345.**

Сведения об авторе: ***Сулаймонов Бахманёр Сайдихсонович*** – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, кафедра философии и политолоии, кандидат философских наук, доцент. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева, 17/6. Телефон: **(+992) 938384345.**

Information about the author: ***Sulaymonov Bahmanyor Saidehsonovich*** – Tajik International University of foreign Languages named after Sotim Ulughzoda,candidate of Philosophy, Department of Philosophy and Politology, associate professor**. Address**: 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadiev str. 17/6. Phone: **(+992) 938384345.**

ТДУ:128 (575.3)

АНДЕШАҲОИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ ДАР БОРАИ ИНСОН

Зиёев И.Ғ., Элчибекова Б.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Масъалаи инсон ҳамчун ҷузъи таркибии таълимоти Фахриддини Розӣ маҳсуб ёфта, ӯ кӯшиш намудааст ба он ҳам аз мавқеи каломи фалсафӣ ва ҳам фалсафӣ муносибат намояд. Инсон ҳамчун мавҷуди мураккаб, субъекти фаъолу эҷодкори ҳама гуна равандҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ дониста мешавад. Инсон табиатан ҳам дорои фитрати фардӣ ва ҳам иҷтимоист ва чун ҳама афроди ҷомеа дорои истеъдодҳои гуногун буда, ҳар кадоми онҳо дорои хулқу атвор ва истеъдодҳои мухталиф мебошанд. Ба ақидаи Фахриддини Розӣ бошад, инсон бо тамоми хусусият ва моҳияти худ аз дигар мавҷудот фарқи куллӣ дорад, ки ҳар яке аз ин тақсимбандиҳо мартабаи инсонро дар миёни ҳама мавҷудот мушаххас месозад: а) бо хусусияти моддӣ ва ҷисмонӣ; б) бо хусусияти гиёҳӣ; в) бо хусусиятҳои ҳайвонӣ; г) бо хусусиятҳои инсонӣ [6,с.243-243], ки ду қисмати аввалро мутафаккир ба табиат ва сеюминро ба ғариза ва чоруминро ба фитрату сиришти инсонӣ мансуб донистааст.

Фахриддини Розӣ агарчи ягон асари алоҳидае ба масъалаи инсон таълиф накардааст, вале дар аксар асарҳояш паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкурро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Барои мисол метавон асарҳои «Тафсири кабир», «Бароҳин дар илми калом», «Ал-рисолат-ул-камолия фил ҳақоиқ-ул-илоҳия», «Ал-масоил-ул-хамсуна фи илми калом», «Рисолат-ун-нафс», «Ал-арбаин фӣ усули дин», “Тафсири кабир”-ро ном бурд. Табиат ва моҳияти инсон дар доираи талаботҳои моддӣ ва маънавӣ ва руҳии ӯ баррасӣ намудааст. Муҳимтарин масъалаи табиати инсонро тафоввутҳои нафсонии ӯ ташкил медиҳад. Дар мавриди тафовути инсонҳо Фахриддини Розӣ чунин мегӯяд, ки иллати ин ҳама дар ду сабаб аст: умури зотию ҷавҳарӣ ва умури хориҷ аз зоту ҷавҳар [7,с.24]. Доир ба умури хориҷ аз зот ва омилҳои таъсиркунанда ситорагон (ҳадаф аз ситорагон мучал аст, ки таъсири онҳо дар рафтору кирдори одамон дида мешавад - Э.Б.) ва муҳити онҳоро иҳотакарда мебошад, ки мурод аз тафовутҳои зотӣ ва мизоҷианд. Масалан, мутафаккир дар “Тафсири кабир” ин тафовутҳоро чунин зикр менамояд: “Гоҳе мизоҷи фардӣ аз гармӣ ба сардӣ ё аз мартуб ба хушкӣ тағйир меёбад, аммо дар қувваи идрок ва ахлоқи ӯ аз оғоз то поёни умраш тафовути ҳосил намешавад... ва ихтилофи инсонҳо дар ихтилоф ношӣ аз ихтилоф дар моҳияти нуфуси инсонӣ аст” [17,с.145-46].

Мутафаккир ҳақиқати инсонро таркибе аз нафсу ҷисм дониста, ҷое онро асоси ҷисми моддӣ ва ҷое чун чизи латиф дар ҷисми инсон меҳисобад. Масалан, дар асари «Ал-арбаин фӣ усули дин» чунин таъкид менамояд: «Чаро раво набошад, ки бигӯем ҳақиқати инсон аҷзои латиф мебошад, ки дар бадани ӯ сорӣ ва ҷорианд ва то поёни умури дунявӣ ҳамроҳи инсон аст ва чун аз назари моҳият бо аҷсоми унсурӣ (моддӣ) мутафовитанд, фасоднопазиранд ва дучори ҳеҷ тағйире ва табдиле намешаванд» [12,с.20, 59]. Дар баробари он ки асли одамиро аз олами моддӣ ҷузъе мешуморад, инчунин онро таркибе аз олами сифлӣ низ медонад ва ҷисмро пойбанду мубталои руҳ меҳисобад. Мутафаккир ҷое дар «Тафсифи кабир»-и худ «инсонро мавҷуди ғайримоддӣ медонад, ки сатҳ ва ранг надорад ва ҳаргиз қоил ба руъёт нест» [17,с.21-44].

Дар хусуси моҳияти ҷисмонӣ ва маънавии инсон аз ибтидо байни файласуфон баҳсҳои зиёд вуҷуд дошт, файласуфони асримиёнагии Шарқ низ зери таъсири онҳо қарор гирифта, ҷое аз онҳо ҷонибдорӣ ва ҷое муқобилият нишон додааст. Махсусан, Ибни Сино зери таъсири Арасту доир ба ҷавҳарияти ҷисми инсон, ки ӯ мегуфт: «Ҷисм мураккаб аз аҷзое иборат мебошад, ки онҳо қобили тақсим набуда, он аз иҷтимоъҳо ба вуҷуд меояд» [2,с.660], яъне аз назари Арасту ҷисми ягона дорои хусусият ва моҳиятҳоест, ки аз як ҷиҳат билфеъл ва ё сурат ва аз ҷониби дигар билқувва ё модда аст. Ин назари Арастуро Ибни Сино ҷонибдорӣ намуда, чунин меҳисобад, ки «вуҷуди ҷавҳари фардӣ ба далели қисматпазирии ҳар мавҷуде дорои миқдорҳои бомаъност» [3,с.513].

Ҳамчунон ки қаблан ишора намудем, Фахриддини Розӣ ба масъалаҳои ҳусн ва қубҳ, ахлоқи неку бад, ҷабру ихтиёр, саодат, камолоти инсон ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Муҳимтарин хусусияти созгорию носозгории ҳусн ва қубҳро марбути табъи инсон медонад, яъне манзури мутафаккир аз ин табъ на табъи оммӣ, ки ҳамон табъи ҳайвонист, бошад, балки табъи малакутию руҳонии инсонӣ мебошад. Бо таваҷҷуҳ дар баррасии гуногунии сифот дар нафс қисме аз онҳо сарчашмаи нуқс ва қисме маншаи камоли он маҳсуб меёбанд [19,с.85].

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар раванди омӯзишҳои инсонӣ дар таълимоти Фахриддини Розӣ мақоми асосиро касб намудааст, назарияи ҳусн ва қубҳ мебошад, ки созгорӣ ва носозгории он бо табъи инсонӣ асту он дорои табиатҳои мухталиф мебошад. Ҳадафи мутафаккир низ аз ин гуфтаҳо доир ба «ҳусну қубҳ бар асоси мулоимат ва адами мулоимат бо табъи малакутии инсон аст» [19,с.147], ки дар афкори Фахриддини Розӣ арзишгузорӣ мешавад. Дар ин ҷода мутафаккир зери таъсири дин қарор гирифта, қубҳро дар зоти худовандӣ номумкин ва ба афъоли ихтиёрии инсон маҳдуд месозад. Чуноне ки ӯ мегӯяд: «Ба назари ман, раъйи мухтор он аст, ки таҳсин ва тақбеҳи ақлӣ дар мавриди бандагони муътабар, аммо дар мавриди Худованди мутаол ботил аст» [14,с.10-66]. Аммо дар асари дигараш бошад, чунин меҳисобад, ки «гоҳе аз ҳусн ва қубҳ манифат ва мазарат ирода мешавад. Ҷойгоҳи ҳусули ин ду бандагон аст, на Худованд; чаро ки нафъу зарар дар бораи Парвардигор маврид надорад, пас масъалаи ҳусн ва қубҳ дар мавриди Парвардигор муҳол аст ва матраҳ намешавад» [15,с.290].

Ҳамчунон ки қаблан ишора намудем, моҳият ва табиати инсон аз ҷониби муҳаққиқон ба таври гуногун таҳлилу баррасӣ шудааст ва мураккабтарини ин табақабандиро марбути инсон донистаанд, ки он фарогири ҳама аҷсоми табиат (аҷсоми табиии ғайриҷондор, гиёҳон, ҳайвон ва инсон) аст. Ба қавли М. Муттаҳарӣ, инсон дар моҳияти худ чор хусусиятро дорад, ки онҳо ба дигар мавҷудот хос нестанд: а) вижагии моддӣ ва ҷисмонӣ; б) вижагиҳои гиёҳӣ; в) вижагиҳои ҳайвонӣ; г) вижагиҳои инсонӣ, ки вижагии инсонӣ маъмулан ба вижаи аввал «табиат» ба вижаи ҳавонӣ «ғариза» ва ба вижаи инсонӣ «фитрат» ва «сиришт» [6,с.463-466]. марбутанд. Вале муҳаққиқи аврупоӣ Сартр бошад, чунин мешуморад, ки дар ибтидо моҳияти инсон холӣ буд ва ҳама унсурҳои ташкилкунандаи моҳияти ӯ дар раванди зиндагияш ба вуҷуд омадаанд. Чуноне ки ӯ мегӯяд: «Ин ки инсон таърифпазир нест, ба ин далел ки дар ибтидо ҳеҷ будааст ва чизе нахоҳад буд, магар ин ки баъдҳо бишавад ва дар он ҳангом ӯ ҳамон чизе хоҳад шуд, ки аз худаш месозад» [1,с.321]. Ин гуфтаҳои Сартр баёнгари он мебошанд, ки бинобар сабаби он ки инсон аз аввал набуд, вале қабл аз ӯ нестӣ буд, аммо ҷуз андешае набуд, ки баъдҳо сурат бигирад ва он лаҳзае шакл гирифт, ки дар раванди шаклгирӣ аз худаш сохт, яъне мавҷуд дорои моҳиятест, ки инсон низ чун дигарон дар раванди зиндагӣ онро ба вуҷуд оварад. Ҳамчунон ки зикр намудем, Фахриддини Розӣ дар хусуси моҳияти инсон байни файласуфон ва мутакаллимон қарор гирифта, гоҳе ҳақиқати инсонро «руҳи муҷаррад, яъне рухе, ки малакутию осмонист» [12,с.267] ва гоҳе «нафси муҷаррад ё руҳи муҷаррад» ном мебаранд [12,с.377-379]. Зимни баррасӣ намудани нафси муҷаррад, онро базъе аз муҳаққиқон ба ду қисм ҷудо намудаанд: нахуст муҷарраде, ки зотан ва феълан муҷарраданд, мисли ақл, ки зотан муҷаррад аст, на феълан, мисли нуфуси инсонӣ ва фалакӣ [5,с.199]. Вале Фахриддини Розӣ бошад, дар ин хусус ба чор ҷиҳати он ишора менамояд:

1) Бадани инсон ҷавҳарест муттасиф ба ҳарорат ва рутубат ва ин ду омил ҳар гоҳ бо якдигар таомил дошта бошанд, бухор тавлид мекунанд ва ҳамин муҷиби инҳилоли бадан мешавад ва далели тавлиди бухор аз бадани инсон, ба ғизо ниёзманд будани ӯ аст.

2) Бадани инсон дар давраи тифлият мавҷуди кӯчаку заиф ва дар давраи ҷавонӣ мавҷуди бузург ва тавонманд аст ва ин аз табдили доимии аҷзои бадан вобаста аст.

3) Бадани инсон ҳамвора байни ду ҳолат: пирию ҷавонӣ дар норасоӣ аст, ки ҳамагӣ аҷзои бадани инсонанд.

4) Бадани инсон инфисоли (аз ҳам гусастан ва ҷудо шудан - Э.Б.) рутубатҳои зиёд ва аз он дар ҳоли инҳилол аст ва ин баёнгари вуқуи табдил ва ин инҳилоли бадан ба наҳваи истиқрорӣ аст [15,с.100-101].

Ин баёнияҳои мутафаккир аз он шаҳодат медиҳанд, ки нафсу бадани инсон ҳамеша дар ҳоли тағйирёбӣ буда, ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам мазмун дар ҳоли дигаргуншавианд. Ҳатто дар «Ал-арбаин» ва «Ан-нафс вал руҳ» низ таъкид месозад, ки «ба бадоҳати ақл дармеёбам, ки ман ҳамон шахсе ҳастам, ки бист сол пеш буд, ҳоло он ки аҷзои бадани ман имрӯз ғайр аз он аҷзои пешанд» [12,с.264-265]. Тибқи ақидаи Фахриддини Розӣ нафс бо ин аҷзои зоҳирӣ ва ботинии бадан ё худ вуҷуди инсон шоҳиди мавҷудест, ки ҳеҷ яке аз аҷзои зоҳирӣ ва ботинӣ нест, ки номи он нафс аст. Албатта, мутафаккир дар ин ҷода зери таъсири таълимоти файласуфон қарор гирифтааст. Ӯ дар бурҳони ваҳдати нафс чунин мешуморад, ки нафси ҳар касе амри воҳидест ва лозимаи ваҳдати воҳид, нафйи ҷисмияти нафс мебошад, зеро он амри воҳидест ва лозимаи ин амр, адами ҷисмонияти нафс аст. Фахриддини Розӣ дар хусуси муҳиммияти воҳидии нафс дар асари «Ал-матолиб-ул-олия»-и худ чунин овардааст: а) маҷмуи ҳамаи бадан бо таоми аҷзои худ ҳамон нафс аст; чизи дохил дар бадан ҳамон нафс аст; б) ҷисми хориҷ аз бадан ҳамон нафс аст [15,с.102-103]. Ва ё дар “Ал-арбаин” чунин иброз медорад, ки “аҷзои бадан ду қисманд: бархе аҷзои аслӣ, ки боқиянд ва ғайриқобили тағйир ва бархе дигар аҷзои фаръӣ ва қобили тағйир ва нафс иборат аз ҳамон аҷзои аслӣ” [12,с.27].

Масъалаи ахлоқ низ ҷузъи муҳимтарини инсоншиносии Фахриддини Розӣ доир ба моҳият ва табиати инсон буда, он дар доираи назарияи ҳусн ва қубҳ ва баъзан илмулахлоқ баррасӣ шудааст, чуноне ки таъкид месозад: “Бидон, ки кайфиёт баъзан ҷисмонӣ ва баъзан нафсонист ва сухани мо дар ҷисмонӣ нест” [18,с.460]. Дар ҷодаи ахлоқ низ Фахриддини Розӣ зери таъсири дину фалсафа ва афкори Абубакри Розӣ, Форобию Сино ва Ғазолӣ қарор гирифта, чунин мешуморад: «ахлоқ монанди табибест, ки симои зоҳирӣ ва ботинии шахсро зебо ва муолиҷа мекунад» [15,с.114].

Фахриддини Розӣ ба ҳайси як файласуф, олим, мутакаллим ва фақеҳ кӯшидааст ин масъаларо дар фаъолияти инсон ҳам аз нигоҳи ақлию нақлӣ ва ҳам мантиқию фалсафӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад. Ӯ мафҳумҳои ҳусну қубҳро гоҳо ба таври ошкор ва гоҳо печида баррасӣ намуда, онро ҷое аз доираи қаламрави афъоли худовандӣ хориҷ ва ҷое маҳдуд медонад. Чуноне ки таъкид менамояд: «Гоҳе аз ҳусн ва қубҳ манфиат ва манзалат ирода мешавад. Ҷойгоҳи ҳусули ин ду бандагон аст, на Худованд, чаро ки нафъ ва зарур дар бораи Парвардигор маврид надорад, пас ҳусн ва қубҳ дар мавриди Худованд муҳол аст ва матраҳ намешавад» [15,с.290]. Агарчи байни муҳаққиқони Фахриддини Розӣ дар ин ҷода баҳсу ихтилофҳои зиёд мавҷуд аст, гурӯҳе ӯро мутакаллим, гурӯҳе файласуф ва гурӯҳе ӯро шаккок ном бурдаанд. Дар ҳоле, ки ашоираи қабл аз Фахриддини Розӣ дар баррасии чунин масъалаҳо бештар зери таъсири аҳкоми шаръӣ монданд ва мақоми ақлро дар ин раванд оҷиз донистанд, вале аксари осори мутафаккир нишон медиҳанд, ки дарвоқеъ таълимоти ӯ ба ҳайси мутакаллими шаккок наздик буда, байни калому фалсафа қарор гирифтааст. Аммо муҳаққиқи Фахриддини Розӣ Қаландаров М.И. ӯро дар таҳқиқоти худ зери унвони «мутакаллими файласуфмашраб» ном бурдааст. Ва ё муносибати ӯро Иброҳим Дийнонӣ чунин мегӯяд: “Фахри Розӣ дорои зеҳни виқод ва фикри нақод буд…дигаргунии андеша ва фикри пурфарози ӯ беш аз ҳар чизи дигаре натиҷаи табъи ниқод, зеҳни тез ва ҷустуҷӯгари ӯ буд» [4,с.325]. Ба қавли ин муҳаққиқ Фахри Розӣ дар таърихи маорифи исломӣ аз ҷумлаи касонест, ки бо осоннависӣ, баёни андеша, таҳзибу пиростани китобҳои мушкили каломӣ-фалсафӣ маҳорати хосса дошт.

Маълум аст, ки дар фарҳанги истилоҳот ҳусн ба маъни нек ва қубҳ ба маънои зишт, нозеб ишора гардидаанд, ки баёну баррасии ин мафҳумҳоро метавон бештар дар таълимоти намояндагони калом мушоҳида намуд, вале аксари намояндагони фалсафаю ахлоқ ин мафҳумҳоро мутаносиби некию бадии дар ахлоқ ифодагардида ном мебаранд. Пеш аз баррасии ин масъала мехоҳам нигоҳи худи яке аз муҳаққиқони Фахриддини Розиро, ки аз асари “Муҳасил-ул-афкор ал-мутақаддимин ва мутааххирин минал уламон вал ҳукамо вал мутакаллимон” зикр менамояд, ёдоварӣ намоям: а) ҳусн ба маънои маломат бо табъ ва қубҳ ба маънои муфохират бо табъ; б) ҳусн ба маънои сифати камол ва қубҳ ба маънои сифати нуқс; в) ҳусн ба маънои муҷиби савоб ва мадҳ будан, қубҳ ба маънои муҷиби иқоб ва зам будан [8,с-34] зикр гардидааст. Албатта, дар ин назарияҳои ақлгароёни Фахриддини Розӣ нисбати неку бад дар раванди муайянсозии афъол равиши муътазилиён бештар мушоҳида мешавад. Зеро муътазилиён низ чунин мешумориданд, ки

хубу бад сифати зотии афъоли ихтиёрӣ аст ва он барои ақли башарӣ қобили дарк аст, дар ҳоле ки ашоираи қаблӣ онро на зотӣ ва на ақлӣ меҳисобиданд. Фахриддини Розӣ низ чун муътазилиён нақши ақлро дар муайян намудани неку бад мухтор меҳисобид. Шинохти ҳусну қубҳи афъоли башарӣ, ки тавассути ақл ба даст меояд, дар афъоли илоҳӣ бо шаръ ҳосил мешавад, аз ин хотир ҳусну қубҳи афъоли инсонӣ ақлиянд, вале савобу иқоби онҳо бошанд, шаръӣ. Аз ин хотир ақли инсон дар зинаи аввал мустақил ва ба ҳеҷ шаръе ниёзмандӣ надоранд, вале дар марҳилаи дувум бошад, ниёзманди он аст. Маҳз дар ин ҷо худи Фахриддини Розӣ онро ба се маъно истифода мекунад: а) созгорӣ ва носозгории ботини инсон; б) камол ва нуқси нафсонӣ ва в) шоистагӣ ва ношоистагии афъоли ихтиёрӣ. Ин гуфтаҳои мутафаккир баёнгари онанд, ки ҳусну қубҳ дар ин ҷо ақлӣ ва созгори инсон буда, илоҳӣ донистани онҳо марбути шаръанд. Аз нигоҳи ақлӣ онҳоро метавон ба чанд қисм ҷудо намуд:

1) Нахуст нишонаи ақлӣ будани ҳусн ва қубҳро бояд дар ниҳоди худи инсонҳо ҷустуҷӯ кард, зеро бадеҳист, ки инсон пеш аз зуҳури шаръӣ ва илмии онҳо ба некии бархе афъол ва бадии бархеи дигар ҳукм кард. Пазириши некӣ эҳсон ва бадӣ зулм аст, ки ин ба шариат ниёз надорад ва муъмину ғайримуъмин дар тасдиқи ин аҳкоми ахлоқӣ тафовутие надоранд. Аз ин рӯ, афъоли башарӣ аз ҳайси маърифатшиносӣ ба шариат ва амри илоҳӣ вобастагие нест.

2) Қубҳи шаръӣ, яъне агар касе коре хилофи шаръ кунад, уқубат ва мазаммат мешаваду онро мепарастад: ҳусн ва қубҳи афъоли ихтиёрии инсони муътақид буда, матлуб ҳосил шудан аст, аммо дар сурати набудани ҳукми ақл, ҳукми шаръӣ дигар бояд ҳукми шаръи нахустинро қабул кунад, зеро ҳукми шаръӣ ба худии худ ҳеҷ ҳуҷҷате надорад, дар натиҷа нақли калом ба ҳукми дувум шаръӣ мешавад ва онро қабул месозад. Лозимаи он, адами ҳусули илм ба ҳусн ва қубҳи афъоли одамӣ аст, ҳол он ки ҳусули чунин илми бадеҳӣ назди одамӣ бадеҳист. Аз ин рӯ, ақли амалӣ дар идроки афъоли инсонӣ ниёзманди шариат нест ва фақат ба худ муттакӣ аст.

3) Шакке нест, ки чизҳое монанди саломатӣ, матлаби инсон чизҳое чун беморӣ номатлуб аст. Лизо сурури матлуб биллаззат ва дарду нороҳатӣ номумкин биллаззоти ӯст. Агар матлаб аз номумкин будани ҳукм ба лаззати ақлӣ набошад, ба ҳукми дигаре зарурат пеш меояд ва мутааллиқи онҳо ба гум мешавад. Дар чунин ҳолат ақл байни ҳусн ва қубҳ дар раванди фаъолият ҳукм мекунад.

Бинобар ин, феъле ки дар масири камол қарор дорад, нек ва зебо буда, зидди он ҳама нозебу зишт накӯҳиш мешаванд. Ин аст, ки дар низоми фикрӣ адлия, ақл анҷоми адолатро шоиста шуморида, анҷомдиҳандаи онро мадҳ намудааст ва дар муқобили он зулмро ношоиставу анҷомдиҳандаи онро мазаммат кардааст. Дар ин ҷода мутафаккир кӯшиш менамояд, ки маҳалли ташаккули ҳардуро ошкор созад ва мақоми ақлро дарку равшансозии неку бадро дар ҷойи аввал гузорад. Худи Фахриддини Розӣ низ доир ба ин масъала чунин ақида дорад: «Муҳимтарин ва арҷмандтарин чиз дар ин масъала равшан сохтани маҳалли низоъ аст. Мо эътиқод дорем, ки ақл бархе аз маонии ҳусну қубҳро дарк ва фаҳм менамояд, ҳаммонанди малоим ва манофот бо табъи инсон ва ё сифоти камол ва нақс масали илм ва ҷаҳл. Дар ин ду маврид ҳеҷ кас низоъ надорад, балки ихтилоф ва даргирӣ дар он сурат аст, ки ҳусн ва қубҳ ба маънои мадҳу зам ва ё савобу иқоб зикр шудааст. Ин ҷост, ки мутакаллимон ба гуфтугӯ ва даргирӣ пардохт, бархе назарияи ҳусн ва қубҳи зотӣ пазируфтаанд ва гурӯҳе ба назарияи амри илоҳӣ ва шаръ тавоҷҷуҳ намудаанд” [12,с.242].

Чунин назарпардозиҳои мутафаккир бозгӯкунандаи маҳдудияти афъоли инсон назди қазову қадари илоҳӣ мебошад. Ҳамчунон ки худи ӯ қайд мекунад: «Ба назари ман, раъйи мухтор он аст, ки таҳсин ва тақбеҳи ақл дар мавриди бандагон муътабар аст, аммо дар мавриди Худованди мутаъол ботил аст” [14,с.10-22]. Аммо дар ҷойи дигар бошад, бар он назар аст, ки: «гоҳе аз ҳусн ва қубҳ манфиат ва маъсияте ирода мешавад. Ҷойгоҳи ҳусули ин ду бандагон аст, на Худованд; чаро ки нафъ ва зарар дар бораи Парваридгор маврид надорад. Пас, масъалаи ҳусн ва қубҳ дар мавриди Худованд муҳол аст ва матраҳ намешавад» [15,с.25].

Аз ин муҳокимаронихои Фахриддини Розӣ маълум мешавад, ки агарчи ӯ дар як ҳолат ҷонибдори раъйи ақлӣ бошад, аз сӯйи дигар, нигоҳдорандаи ҳамон афкори ашоираи

қалбӣ, яъне пойбанди номухторию пойбандии инсон назди қазову қадари илоҳӣ, яъне касб мебошад. Ӯ чунин мешуморад, ки оё ҳусн ва қубҳ ҳимоятгари воқеият аст ё тобеи қарордодҳои иҷтимоию салиқаҳои фикрӣ ё амри илоҳӣ? Ҳамин тавр, Фахриддини Розӣ дар пайравӣ аз ашоираи қаблӣ ба тақвияти «назарияи амри илоҳӣ» пардохта, кӯшиш намудааст, ки ҳусн ва қубҳро тобеи амри илоҳӣ донад. Мутафаккир бо пуштибонии андешаи каломии худ, ҳусн ва қубҳи зотиро нафй намуда, қайд месозад, ки Худованд молики мутлақ аст ва Ӯ ҳар гуна тасрифро дар мулки худ дорад ва ҳеҷ кас ҳаққи пурсиш аз ӯро надорад. Бинобар ин, афъоли бандагонашро низ бо хоҳишу иродаи худ меофарад.

Аз ин муҳокимаронихои мутафаккир маълум мешавад, ки агар ӯ дар аввал ба ин масъала ҷонибдорӣ аз ашоираи қаблӣ намуда бошад, дар марҳилаи дуюм ҷонибдорӣ аз фалосифа карда, мақоми ақлро дар муайян сохтани афъоли неку бад дар раванди зиндагӣ озод маънидод кардааст. Аввалин истидлоли Фахриддини Розӣ ба инкори ҳусн ва қубҳи зотӣ аз он иборат аст, ки феъли инсон аз ду ҳолати изтирорӣ ва иттифоқӣ холӣ нест ва дар ҳарду сурат сабаби ботилии ҳусн ва қубҳи зотӣ мешавад. Бо тааллуқи ирода ва қудрат, феъли зарурӣ ва тарқи он муҳол мегардад, яъне: а) агар ҳусн ва қубҳ зотӣ бошад, афъоли ибод бояд ихтиёрӣ бошад; б) вале афъоли ибодӣ ихтиёрӣ нестанд, пас, хулоса бароварда мешавад, ки ҳусн ва қубҳ низ зотӣ нестанд.

Инсон дар раванди дигаргунсозии тақдиру сарнавишти хеш то андозае озод аст, зеро нақшаҳои ӯ метавонанд ҳам огоҳона ва ҳам озодона сурат гиранд, яъне инсон ҳам ба худу муҳити хеш озод аст ва ҳам бо таваҷҷуҳ ба ояндаи худ, ки бо ҳукми ақл ва неруи ирода онро муайян месозад. Пас, маълум мешавад, ки феъли созгор бо табъ, хуб ва феъли носозгор ба он (табъ) баду нозебо дониста шавад. Чунин амали ихтиёрии инсон ва сифоташро дар бар мегирад, монанди шунидани сурати зебо ва зишт, ки ба хубу бад ифода меёбанд. Ин ояндабинии инсон дар асоси се шарт сурат мегирад:

А) ҷаҳонбинӣ ва худшиносӣ, ки инсон бо неруи донишу илм ва огоҳии ботинию зоҳирии неруи табиии хеш кӯшиш менамояд, то марҳилаи охирин ба моҳияти ашёву зуҳурот сарфаҳм равад ва онҳоро инкишоф дода, қонунҳои онро дарк намояд ва бо неруи хирадаш он чи барои зиндагияш созгор аст, мувофиқ созад;

Б) зиёдталабӣ дар хостаҳои нафсонию шаҳвонӣ, ки баъзан ҳастии инсонияшро ба олами ҳайвонӣ наздик мебарад;

В) истеъдоди худташаккулдиҳӣ, ки дар табиати инсон аст, ки мутааллиқи ҳеҷ мавҷуди дигаре нест.

Ин гуфтаҳо баёнгари он мебошанд, ки инсон монанди дигар мавҷудот таҳти таъсири омилҳои моддӣ ва табиии дигаре, монанди майл ба ғизо, майл ба хоб, майл ба умури ҷинсӣ, майл ба истироҳату осоиштагӣ ва ғайра қарор гирифта, наметавонад аз онҳо даст кашад. Аммо дар баробари ин як қатор омилҳои ғайримоддии дигаре низ мавҷуд мебошанд, ки ҳадде надоранд ва онҳоро наметавон бо омилҳои моддӣ муқоиса кард, монанди: донишу илм, ахлоқи наку, зебоии ботинӣ, тақдису пурсиш ва ғайра, ки марбути мухторияти инсон мешаванд. Вале бо вуҷуди он ки мутафаккир мухторияти инсонро тавассути ақл мепазирад, вале ӯро ба пуррагӣ соҳибихиёр намедонад. Мутафаккир зимни баррасии масъалаи мазкур онро ба се марҳала ҷудо месозад:

а) марҳилаи ихтиёргузории инсон;

б) марҳилаи баъдӣ айни пазириш аст, ки ӯ тавфизро бутлон медонад;

в) марҳалаи батавҳидасӣ [17,с.164].

Аз ин гуфтаҳои Фахриддини Розӣ чунин бармеояд, ки инсон дар ҳар марҳилаи ҳаёташ аз мавқеъҳои гуногун ба фалсафа, калом, тафсир, фиқҳ, усул, иҷтимоиёт ва ғайра муносибат мекунад. Ин масъаларо мутафаккир дар асарҳои “Тафсири кабир”, “Бароҳин дар илми калом”, “Маъолим фӣ усул ад-дин”-аш аз мавқеи калом ва фалсафа баррасӣ намуда, байни озодӣ ва ҷабр қарор гирифтааст, вале муҳим аз ҳама, дар ҳар мавриде ки ба ин масъала муносибат намудааст, саодати инсон ва дарки моҳияти инсониро дар ҷойи аввал гузоштааст. Масалан, дар асари “Маъолим фӣ усул ад-дин” чунин иброз медоранд, ки “инсон фарқи ошкор байни ҳаракоти иродаи худ ва осоре, ки табиӣ мисли оташ содир мешавад, мебинад” [12,с.63-64]. Вале ҷойи дигар қайд менамояд, ки фарқи ошкор байни ҳаракоти ихтиёрӣ ва ҳаракоти ғайриихтиёрӣ вуҷуд дорад, ки гуфтаҳои ӯ табиатан, баёнгари эътирофи соҳибмухтории инсон дониста мешавад. Ҳамчунин, дар асари

“Матолиб-ул-олия” зикр менамояд, ки “инсон ба воситаи қасд ва ихтиёр кор мекунад” ва ё “фоили мухтор ба воситаи қасд ва ихтиёр кор мекунад” [15,с.14-32]. Чунин баёнияҳои мутафаккир арзёбии инсон аз соҳибмухторияти ӯ буда, қодир дар анҷом додан ва ё надодани ҳар амалест. Ҳатто аз фитрату моҳияти инсон дар соҳибмухторияти ӯ, ки роҳест барои ба даст овардани ниёзҳои иҷтимоию маънавӣ ва биологию психологияш ҳангоми посух ба муътазилиён дар хусуси он ки агар инсон қодир ва фоиил набудӣ, саҳеҳ набудӣ, ки Худованд хорулрозиқин биномад, ки дар қодир будани инсон баҳсе нест, чунин посух мегӯяд: “Мо борҳо гуфтаем, ки инсон дар қудрате бар анҷом ва тарки феъле дорад” [17,с.18-19]. Ҳамин тавр, Фахриддини Розӣ зимни баррасии ин масъала қайд менамояд, ки банда ҳангоми анҷоми як феъл, чи қудрат бар тарк дошта бошад ва ё чи надошта бошад, тарҷеҳи феъл бар тарк ниёз ба марҷеҳ доштан дорад.

Фахриддини Розӣ дар зиндагӣ ба ҳайси як шахси пӯёву ҷӯёи ҳақиқат ҳамвора нафсро сарзанишу маломат намудааст. Мутафаккир ғаризаҳои нафсониро саркӯб карда, дар ошкор намудани дарки ҳақиқат, ки инсон ҳеҷ гоҳ наметавонист ба моҳияти онҳо сарфаҳм равад, мушарраф гардад. Чуноне ки ӯ баён месозад: «Инсон гоҳе ғарқ дар зулмоти ъалал аҷсом мешавад ва гоҳе аз он раҳоӣ меёбад ва ба анвори олами қудсӣ роҳ меёбад…ва чун аз зулмат ба нур ва аз ҳиҷоб ба вусул мерасад, лаззати азим ба ӯ даст медиҳад ва аз лаззатҳову саодатҳо чизҳое дармеёбад, ки ҳеҷ чашме надида ва ҳеҷ гӯше нашунидааст» [9,с.9].

Фахриддини Розӣ ба ин масъала назари хосса намудааст, яъне чунин табъ на табъи омм, ки ҳамон табиати ҳайвонӣ маҳсуб меёбад, дониста мешавад, балки мақсуд аз чунин табъ табъи малакутӣ ва руҳонии инсонӣ дониста мешавад, ки он ифодагари моҳияти табиати инсонист. Дар ҳар сурат, моҳияти табиати инсонро Фахриддини Розӣ ба таври мухталиф арзёбӣ намуда, дар ҳар маврид инсонро ба шинохти худии худ даъват намудааст. Зеро, тибқи ақидаи мутафаккир, ҳама унсурҳои олам таркибёфта аз ду асл: руҳонӣ ва ҷисмонӣ буда, камолоти инсонӣ низ аз ин ду таркиб ёфтааст. Камолоти ҷисмонӣ ба василаи ҷисм ва руҳонӣ ба кумаки руҳу маънавиёт анҷом меёбад. Бинобар ин, мутафаккир таъкид месозад, ки “бидон матлуб ё ҷавҳар чизе бувад ё адами чизе ва ҳарду мунқасим мешавад ба ду қисм, зеро лаззат матлуб бувад ё лиғайриматлуб. Чун аз ин қисмат берун ояд, он ба чаҳор қисм ҷудо шавад: 1) вуҷуди ӯ матлуби лаззот бошад ва ӯро хайр гӯянд; 2) вуҷуди ӯ матлуби лиғайрӣ бошад ва ӯро ноеъ гӯянд; 3) он ки адами ӯ матлуби лаззот бошад ва ӯро шарр гӯянд; 4) он ки адами ӯ лиғайрӣ бошад ва ӯро мавзеъ гӯянд [18,с.460]. Мақсади Фахриддини Розӣ аз баррасии лаззат аз рӯйи хусусияташ, ки ба навъҳои мухталиф ҷудо мешавад, ҳар кадомеро фарогири маънои хосси худ медонад ва накутарини онро лаззати хайр ва нофеъ меҳисобад. Мақсад аз илми ахлоқро низ мутафаккир дарки моҳияти инсон аз моҳияти лаззат, шинохти нафс ва навъҳои он медонад. Ӯ лаззатро зери таъсири назарияҳои файласуфон, махсусан Форобию Ибни Сино ва мутакаллимон баррасӣ намудааст. Бо он ки мутафаккир доир ба моҳияти лаззат назари Форобиро пазируфтааст, онро ба унвони “идроки малоим” зикр мекунад. Ба ақидаи ӯ, “идроки малоим машрут ба ҳусули малоим аст ва ҳусули машрут ба ин аст, ки зоти мударрик, қобили зиёдӣ ва нуқсон бошад ва ин навъи лаззат ҳамоно лаззати ҷисмонист, на руҳонӣ, зеро зиёдату нуқсон ва зубул аз вижагиҳои ҷисм аст, дар ҳоле ки соҳати воҷибулвуҷуд биллаззот ва муҷаррадот аз ин вижагиҳои ҷисмонӣ муназзаҳ аст...” [13, с.112]. Ин гуфтаҳои Фахриддини Розӣ бозгӯкунандаи он мебошад, ки лаззат ба ду навъ: ҷисмонӣ ва руҳонӣ ҷудо мешавад. Маҳз масъалаи лаззату ранҷ ва иртиботи он бо саодати инсон яке аз муҳимтарин масоилест, ки аз ибтидо ифодагари табиат ва моҳияти инсон дониста мешуданд. Ҳамчунон ки дар боло ишора намудем, нақши лаззатҳои ҷисмонӣ ва руҳонӣ барои ифшои моҳияти табиати инсон, роҳҳои расидан ба саодат, инсони комил ва ғайра нақши муассире доранд. Доир ба ин масъала мавқеи Фахриддини Розӣ равшан буда, барои ошкор намудани моҳияти масъала кӯшиш менамоем дар қисматҳои баъдӣ ба он равшанӣ андозем.

АДАБИЁТ

1. Cottingham, John, Western Philosophy, Black Well, USA. 2008.
2. Аристотель. Этика Аристотеля. –Лондон: Оксфорд, 1908.

3. Ибни Сино. Ал-Наҷот. Таҳқиқи Муҳаммадтақии Донишпажуҳ.–Теҳрон, 1379.
4. Иброҳи Дунёнӣ. Моҷарои фикри фалсафӣ дар Ислом. –Теҳрон, 1379.-С. 325.
5. Ҷаъфари Субҳонӣ. Фарҳанг ва истилоҳоти фалсафии Муллосадро. Ҷ.1.-Теҳрон «Вазорати фарҳанги исломӣ». -1379.
6. Муртазо Муттаҳарӣ. Фитрат. Маҷмуаи осор. -Ҷ.3. –Теҳрон, 1370.
7. Муҳаммадтақии Суҳробфарӣ. Тафовутҳои инсонҳо дар андешаҳои Фахри Розӣ // Маҷаллаи “Фаслномаи илмӣ”. Соли чаҳордаҳум. Шумораи 38. Поиз ва зимистони 1396.
8. Наргиси Назарнажод. Муқоисаи орои ахлоқии Имом Фахри Розӣ ва Ойр // Маҷалаи «Фиқҳ ва ҳуқуқи хонавода». Зимистони соли 1376. Шумораи 6.
9. Фахриддини Розӣ. Ан-нафс вал руҳ. Таҳқиқи Муҳаммад Ҳусайни Маъсумӣ. –Исломобод, 1388.
10. Фахриддини Рози. Матолиу-л-олия. –Бейрут: Дорул китоб-ул-арабия,1990.
11. Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир. –Бейрут, 1407. -Ҷ. 7.
12. Фахриддини Розӣ. Ал-арбаин фӣ усули дин. –Бейрут, 1486.
13. Фахриддини Розӣ. Ал-мабоҳис-ул-Машриқия. -Ҷ.2.
14. Фахриддини Розӣ. Ал-маъолим-ул-усули дин. –Қоҳира, 1992.
15. Фахриддини Розӣ. Матолиу-л-олия. –Бейрут: Дорул китоб-ул-арабия, 1990.
16. Фахриддини Розӣ. Муҳасал-ул-афкор-ул-мутақаддимин вал мутааххирин минал уламо вал ҳукамо вал мутакаллимин.-Миср: Ал-ҳусняту-л-Мисрия. -С.147. Ал-арбаин фӣ усули дин.-Ҳайдаробод: Доират-ул-маориф ал-усмония,1353.
17. Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир. –Бейрут, 1420. -Ҷ.15.
18. Фахриддини Розӣ. Ҷомеъ-ул-улум. Тасҳеҳи Сайидалии Олидовуд. -Теҳрон, 1382.
19. Ҳидоятҳусайни Маҳсулӣ. Ҳусн ва қубҳ дар нигоҳи Фахриддини Розӣ //Маҷалаи “Кавари маориф”. Соли чаҳорум. Шумораи 8. Зимистони соли 1387.

АНДЕШАҲОИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ ДАР БОРАИ ИНСОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ таҳқиқ шуда, масъалаи мазкур аз мавқеи каломи фалсафӣ ва фалсафаю мантиқ баррасӣ гардидааст. Инсон ҳамчун мавҷуди мураккаб, субъекти фаъолу эҷодкори ҳама гуна равандҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дониста шудааст. Ҳамчунин, хусусиятҳои инсон аз дигар мавҷудот дар низоми тақсимбандиҳои Фахриддини Розӣ: а) бо хусусияти моддӣ ва ҷисмонӣ; б) бо хусусияти гиёҳӣ; в) бо хусусиятҳои ҳайвонӣ; г) бо хусусиятҳои инсонӣ нишон дода шудааст. Тафовути инсонҳо бо умури зотию ҷавҳарӣ ва умури хориҷ аз зоту ҷавҳар дар асарҳои “Тафсири кабир”, «Ал-арбаин фӣ усули дин» ва дигар асарҳояш таҳқиқ гардидааст. Инчунин, ба назарияи ҳусн ва қубҳ, ахлоқи неку бад, ҷабру ихтиёр, саодат, камолоти инсон ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Назарияи нафсу бадан низ ҷузъи таркибии ақидаи Фахриддини Розӣ дар масъалаи инсон буда, он аз мавқеи калому фалсафа омӯхта шудааст.

Калидвожаҳо: инсон, нафс, бадан, саодат, табиати инсон, ҳусн ва қубҳ, ҷабру ихтиёр, лаззат, руҳ, моҳият ва ҷавҳари инсон.

ВЗГЛЯДЫ ФАХРИДДИНА РАЗИ НА ЧЕЛОВЕКА

В статье данный вопрос рассматривается с позиций, которые существовали в философии периода Фахриддина Рази. Проблема человека в философии Фахриддина Рази представлена как сложная, многосторонняя проблема. Человек, по мнению Фахриддина Рази, является продуктом социальных отношений и отличается от других существ, имеет свои особенности, которые связаны с его социальной и индивидуальной жизнью. Наряду с этим, Фахриддин Рази показывает, что человек полностью не отчуждается от своих природных, естественных качеств, с этой точки зрения он рассматривает человека как носителя совокупности социальных, природных качеств. Однако он отмечает, что в человеке есть такие качества, которые роднят его с растениями и животными. Сущность человека, его природных и социальных качеств обсуждается в его раборах “Тафисри кабир” (Большое талкование) “Ал-Арбаин фи усули дин”. При общуждении проблемы человека он особо обращает внимание на нравственность, проблему свободы воли человека, счастье и становление развитой личности. Позиции Фахриддина Рази соответствуют позициям философского калама, одним из основателей которого был он сам.

Ключевые слова: человек, душа, счастье, природа человека, положительное и отрицательное поведение, идея, сущность, субстанция.

FAHRIDDIN RAZI'S VIEWS ABOUT MAN

In the article, this question is considered from the position that was considered in the philosophy of the period of Fahriddin Razi. The problem of man in the philosophy of Fakhriddin Razi is presented as a complex, multifaceted problem. According to Fakhriddin Razi, a person is a product of social relations and differs from other creatures, has its own characteristics that are associated with its social and individual life. Along with this, Fakhriddin Razi shows that a person is not completely alienated from his natural, natural qualities from this point of view, he considers a person to be a resident of a set of social, natural qualities. However, he notes that in a person there are such qualities that will radiate him with plants and animals. The essence of man, his natural and social is discussed in his works “Tafisri kabir”, (Great Interpretation) “Al-Arbain fi usuli din”. When discussing the problem of man, he especially pays attention to morality, the problem of human free will, happiness and the formation of a developed personality. The position of Fahriddin Razi corresponds to the position of the philosophical kalam, one of the founders of which was himself.

Key words: man, soul, happiness, human nature, positive and negative behavior, idea, essence, substance.

Маълумот дар бораи муаллифон*: Зиёев Идибек Ғозиевич* - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи онтология ва назари маърифат, доктори илмҳои фалсафа, профессор. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17.
Элчибекова Баҳригул Идибековна – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** ш734003,. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,146. Телефон: **989-11-84-91**

Сведения об авторах: *Зиёев Идибек Ѓозиевич* – Таджикский национальный университет, кафедра онтологии и теории познания, доктор философских наук, профессор. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,17.
Эльчибекова Бахригуль Идибековна- Таджикский аграрный унивеститет имени Шириншоха Шохтемура, кафедра философии и политологии, соискатель. Адрес: 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,146. Телефон: **989-11-84-91**

Information about the authors: *Ziyoev Idibek Gozievich* – Tajik National University, Department of Ontology and Theory of Knowledge, Doctor of Philosophy, Professor. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17.
Elchibekova Bakhrigul Idibekovna - Tajik Agrarian University named after Shirinshokh Shokhtemur, Department of Philosophy and Political Science, applicant. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 146. Phone: **989-11-84-91**

ТДУ: 165.63 (167.7)

ЗАМИНАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБИИ РАТСИОНАЛИЗМИ ИНТИҚОДИИ КАРЛ ПОППЕР

Назариев Р.З., Шодиев К.О.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии Данғара

Ратсионализми интиқодӣ яке аз ҷадидтарин мактабҳои фалсафӣ ба шумор рафта, дар садаи 30-юми қарни XX аз ҷониби Карл Поппер тарҳрезӣ шуда, пешниҳод шудааст. Дар инкишофи дидгоҳи Поппер дар хусуси ратсионализми интиқодӣ файласуфони зерин, аз қабили Ҷозеф Аггаси (Joseph Agassi), Ҳанс Алберт (Hans Albert), Уилям Бартли (William Bartley), Дэвид Миллер (David Miller) ва Алан Масгрейв (Alan Musgrave) саҳми зиёд гузоштаанд. Масалан, Дэвид Миллер дар яке аз китобҳои машҳуртарини Карл Поппер "Ҳадсҳо ва ибтолҳо: афзоиши донишҳои илмӣ" ("Conjectures and refutations: the growth of scientific knowledge") [16, с.410] хатоҳои зиёде пайдо намуда, онро ислоҳ намудааст [5, с.33].

Пеш аз ҳама, барои возеҳтар дарк намудани ратсионализми интиқодии Карл Поппер бояд заминаҳои асосии инкишофи он ва ратсионализми анъанавиро мавриди баррасӣ қарор дод. Барои ин матлаб мо дар аввал ратсионализми анъанавиро бо ратсионализми интиқодии Карл Поппер муқоиса намуда, бартариятҳо ва камбудиҳои онро дар миён мегузорем. Дар забони юнонӣ, ақл бо мафҳумҳои логос (**logos**) ва нус **(nous)** [1] ифода карда мешавад. Логос маънои сухан, тавзеҳ, ҳисоб, сабаб, таъриф, ақлро дорад. Эквиваленти ин калима дар забони англисӣ нутқ, ҳисоб, сабаб, таъриф, нутқи оқилона аст. Нус, аз тарафи дигар, маънои руҳ ва ақлро дорад. Дар забони англисӣ, муодили ин калима интеллект (хирад) аст.

Калимаи ақл дар забони фаронсавӣ **"raison"** аст. Калимаи "raison" аз калимаи лотинии **"ratio"** гирифта шуда, "система" тарҷума шудааст. Дар ин ҷо система маънои системаи фикр, ҳисоб, тарҳро дорад. Мафҳуми **"ratio"** синонимҳоеро, ба мисли қобилият, ақл ва фикрро соҳиб аст. Ин истилоҳ, инчунин, ба тафаккур ва эътиқоди табиӣ низ дахл дорад. Вақте ки мо мафҳуми **"raison"** ё **"система"**–ро бо имон муқоиса мекунем, он маънои дониш ё инстинкт, фаъолияти тафаккур, руҳ, ташкили даркҳо, қобилияти фарқ кардани зебоии некиву бадӣ, нодурустӣ, дурустӣ, зиштӣ, тартиби ҳақиқат ва ғайра ифода меёбад. Ин мафҳуме, ки мо онро дар забони тоҷикӣ истифода мебарем, яъне "ақл", маънои хирад, дарёфти идрок, қобилияти фикр, зеҳн, яке аз қувваҳои нафси инсонӣ, ки феълаш тафаккуру андеша аст, бо худ дорост. Яъне, чизест, ки сабабҳои мавҷудотро дарк карда, хайрро аз шарр ҷудо мекунад [8, с.70].

Агар андешаҳои ратсионализми анъанавиро (аз Афлотун то ба Декарт) дар заминаи касби маърифат баррасӣ кунем, мутаваҷҷеҳи мавриди зайл хоҳем шуд: пайравони ратсионализми анъанавӣ дар таҳсили (ҷамъоварии) маърифат истидлолро бартар аз таҷриба мепиндоштанд ва бар ин ақида буданд, ки бо истидлол метавон боварҳо, иддаоҳо ва назарияҳоро дифоъ (асоснок) кард [9, с.14-16]. Аз назари онҳо, дастёбӣ ба шинохти қатъӣ ва шакнопазирӣ аз тариқи истидлол мумкин аст. Истидлолҳое, ки ратсионализми анъанавӣ барои исботи дурустии назарияҳо фароҳам меовард, бар асоси бовариҳои бунёдӣ ё асосӣ ва ё иддаоҳое танзим мешаванд, ки ба ақидаи Афлотун аз шуҳуди зеҳнӣ маншаъ мегиранд ва ба назари Декарт бошад, аз возеҳӣ ва муайянӣ (Clear and Distinct) оғоз меёбанд [13, с.58]. Ба таври комил такя ба тавоноии ақл ва пазируфтани ин, ки ақл дорои иддаоҳо, ғояҳо ва принсипҳои бунёдӣ аст, ки бо ба кор бурдани онҳо, метавон ба шиносоии ҳақиқати чизҳо расид, аз вижагиҳои возеҳи ратсионализми анъанавӣ ба шумор мерафт.

Баъдтар дар таърихи тафаккур тасвиреро, ки ратсионалистони анъанавӣ аз нақши ақл дар маърифат ба даст оварда буданд, ба дасти таҷрибагароён, бахусус аз назароти Дэвид Юм хисорот дид. Д. Юм кори худро бо таъкид бар таҷрибагароӣ оғоз намуда, бунёди ҳар гуна шинохтро таҷрибаи ҳиссӣ хонд [3, с.106]. Ба ақидаи Д. Юм, ҳамаи далелҳои эмпирикии (таҷрибавии) мо бар асоси фарзияи ҳаммонанд будани оянда бо гузашта аст ва миёни пешомадҳо ва чизҳо ҳеҷ пайвандии лозима ва мантиқӣ наметавон

ёфт, на пайванде, ки аз истидлол ба вуҷуд меояд ва на пайванде, ки аз таҷрибаи ҳиссӣ ошкор мегардад [3, с.115]. Бинобар ин, дар бораи мавҷудияти ашё хулосаи дақиқ баровардан ва ба итминон расидан, инчунин пайдо кардани ягон робитаи зарурии байни ҳодисаҳо, яъне расидан ба қонунҳои умумӣ ғайриимкон хоҳад буд.

Назарияи эмпирикии Д. Юм дар баробари он, ки тавонист дар ростои нуфузи назарияи Декарт истодагарӣ кунад, бо скептитсизм (шаккокӣ, шакгароӣ) ба натиҷаҳои ҳалокатовар оварда расонд, ки бо ин тартиб ӯ, асосҳои назариявии илмро вайрон намуд. Бо ин ҳама, илм, ба вижа илми эмпирикӣ, ки аз маҳдудиятҳои фалсафаи асрҳои миёна раҳо шуда буд, бо кӯшиши донишмандони бузург, ба мисли И. Нютон қадамҳои устувор бармедошт [3, с.119]. Назария ва илми Нютон чунон мукаммал ба назар мерасид, ки дар охири асри XVIII математики машҳури фаронсавӣ Пер-Симон Лаплас ин сухани машҳураш дар бораи Нютонро гуфта буд: “Агар мавҷуде дар ҳисоббарорӣ қудрати бепоён дошта бошад ва вазъияти ҳамаи зарраҳоро дар як лаҳзаи муайян комилан бишносад, метавонад бо истифода аз қонунҳои Нютон оянда ва гузаштаи ҳамаи кайҳонро пешбинӣ кунад” [19, с.3]. Аммо, вазъият ба чунин тартиб боқӣ намонд, кашфи назарияи квантӣ дар аввали асри XX боиси таҷдиди назарияе шуд, ки аз замони Нютон то ба имрӯз дар пайроҳаи тафаккури мо дар бораи ҷаҳони физикӣ таъсири зиёд расонид. Ин кашфиёт нишон дод, ки чизе ки то ин замон фарояндаи равандҳои равшан ва объективӣ ҳисобида мешуд, дар решаҳои субъективии худ рафтори норавшан ва аҷибро дорост [19,с.1]. Пешравиҳое, ки дар механикаи классикии Нютон ба вуҷуд омада буданд, бешакк бо инқилоби методологии Эйнштейн ба чолишҳои бузург рӯ ба рӯ шуданд.

Аз як ҷониб, таъсироти скептитсизми (шаккгароӣ) Д. Юм ба мактабҳои фалсафию назариявӣ ва аз ҷониби дигар, ба вуқуъ пайвастани инқилоби эйнштейнӣ дар ҳавзаҳои илмӣ, заминаро барои шаклгирии як дидгоҳ ё мактаби интиқодӣ фароҳам овард. Дидгоҳи интиқодӣ бо равиши ратсионалӣ ва пайравоне, ки даъвои ҳифзи шаъну шарафи илмро доштанд, мактаби худро ратсионализми интиқодӣ номиданд. Ратсионализми интиқодӣ аз ратсионализми анъанавии файласуфоне, чун Афлотун ва Декарт бо баъзе ҷиҳатҳои бунёдии худ фарқ мекард. Ратсионалистони интиқодӣ дар масири касби маърифат, на истидлолро бартар аз таҷриба медонанд ва на таҷрибаро бартар аз истидлол мешуморанд. Илова бар ин, онҳо ҳеҷ гуна исрор надоранд, ки ҳадди ақал байни таҷриба ва истидлол баробарӣ эҷод кунанд. Растсионализми интиқодӣ аз таҷриба ва истидлол танҳо барои ислоҳи иштибоҳот истифода мебаранд [13, с.58-59].

Истидлол дар ин мактаби фалсафӣ, марбут ба шуҳуди зеҳнӣ, ки ҳар шахс метавонад аз он бархӯрдор бошад, нест, балки нозир ба тафаккури интиқодӣ ва асосан иҷтимоӣ аст, ки дар тамоили афрод бо якдигар рушд хоҳанд кард. Ратсионализми интиқодӣ бар асоси равиш ва усуле, ки Суқрот дар пурсишҳои интиқодӣ ба кор мебурд, моделсозӣ (қолабсозӣ) шудааст. Дар ин модел (тарҳ ё система) танҳо амалкарди истидлол ва таҷриба, баррасии нодурусти эътиқодҳо ва назарияҳост ва дар беҳтарин ҳолат он чи аз ин баррасӣ насибамон мешавад, исботи нодурусти назария ва ҳифзи хатоҳои мавҷуда дар он аст [13, с.59]. Ба ҳамин хотир ратсионализми интиқодӣ равиши радикалиест, ки аз анъанаи эпистемологияи (гносеологияи) ратсионалӣ фосилаи зиёде дорад. Ҳамин тавр, пас аз назар андохтан ба заминаҳои асосии зуҳури ратсионализми интиқодӣ, яъне ратсионализми ғайрианъанавӣ ва ошноӣ бо қисме аз омӯзишҳои он, моро лозим аст, ки дақиқтар ба пайдоиш ва хусусиятҳои хосси ин мактаби фалсафӣ диққат бидиҳем.

Ратсионализми интиқодӣ асоси сарчашмаи худро аз пажуҳишҳои равоншиносии мактаби Вуртсбурги Олмон [2] гирифтааст. Поппер ҳамроҳи муҳаққиқони ин мактаб дар такопӯи густариши як навъи фалсафаи илмии дедуктивӣ ва қиёсгаро, бо ибрози такмили равиши қиёсӣ бо равоншиносӣ буд, ки ба назарияи ғайритавҷеҳгароёнаи илм даст ёфт. Илова бар таҳқиқоти равоншиносӣ, мухолифати Поппер бо бархе аз ақоиди позитивизм (позитивистҳо) ба ӯ ангезаи бештаре барои асос ёфтани чунин дидгоҳе бахшид. Позитивистҳо ба мавҷудияти ду намуди дониш (маърифат) боварӣ доштанд: 1. маърифати таҳлилӣ, ки бо далелҳои сурӣ асоснок мешавад; 2. Маърифати илмӣ, ки бо таҳқиқпазирии (verification) таҷрибавӣ асоснок мегардад. Онҳо бо интиқоди пешниҳодҳои илмӣ мухолифат надоштанд, вале исботи ин пешниҳодҳоро низ имконпазир мешумориданд. Поппер аз бархе ҷиҳатҳои асосии зерин бо онҳо ихтилофи назар дошт:

- яке ангоштани (баробар намудани) умури таҳқиқшаванда бо умури таҷрибавӣ;
- рад намудани метафизика ба унвони умури холӣ аз маъно;
- исботпазирии пешниҳодҳои илмӣ [12, с.3].

Поппер методологияи алтернативӣ бар зидди методологияи позитивистҳоро пешниҳод кард, ки он таҳаввулоти ҷиддиро дар муносибати донишмандону файласуфон нисбат ба илм ба вуҷуд овард. Барои Поппер, асосан ду масъала – масъалаи индуксия ва масъалаи демаркатсияи илми таҷрибавӣ аз соири ҳавзаҳои маърифатшиносӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошт. Қабл аз муаррифии мушаххасоти методологияи илмии Поппер дар чаҳорчӯбаи ратсионализми интиқодӣ, беҳтар аст мазмуни асосии бархӯрдаш бо ин ду масъаларо мавриди баррасӣ қарор бидиҳем.

Поппер бо баррасии осори Д. Юм ба масъалаи индуксия шинос шуд. Ба ақидаи ӯ, масъалаи индуксия аз 3 асли зерин иборат аст:

1. Каши Юм, мабнӣ бар асосноккунии як қонун аз тариқи мушоҳидот ё таҷриба маҳдуд намудан ғайриимкон аст, чаро ки қонун фаротар аз таҷриба мебошад.
2. Илм қонунро дар қалби “ҳар замон ва ҳар макон” пешниҳод мекунад ва ба кор мебарад.
3. Асли таҷрибагароӣ, ки мутобиқи он дар илм танҳо мушоҳида ва таҷриба аст, ки метавонад барои рад ё пазириши пешниҳодҳои илмӣ, аммо аз қонун ва назария тасмим бигирад [18, с.6-7].

Зиддияте, ки аз ҷойгиршавии ин се принсипи дар боло зикршуда бармеояд, масъалаи мантиқии индуксия мебошад. Аммо Поппер чунин мешуморад, ки принсипҳои “1” то “3” ба ҳамдигар мухолиф нестанд. Қонунҳо ва назарияҳо гипотезаҳои тахминӣ мебошанд, ки санҷида мешаванд ва метавонанд бо баъзе далелҳои таҷрибавӣ рад карда шаванд (ва ё таҳрифсозӣ ё ибтолсозӣ карда шаванд [5, с.11]). Тибқи принсипи “1”-ум, Д. Юм иддао мекард, ки як назария наметавонад ба таври мантиқӣ аз изҳороти мушоҳидатӣ натиҷагирӣ кунад, аммо ин иддао ба имкони таҳрифсозӣ ё ибтолпазирии назарияҳо бо изҳороти мушоҳидатӣ таъсире намерасонад [18, с.8].

Қобили зикр аст, ки Д. Юм масъалаи индуксияро дар чаҳорчӯбаи ду пурсиши мантиқӣ ва равоншиносӣ чунин баррасӣ намудааст:

1. Пурсиши мантиқӣ: Оё истидлол аз намунаҳои такрор таҷрибашуда, ба намунае, ки то кунун таҷриба нашудааст, бо лиҳози мантиқӣ муътабар ва мувоҷеҳ аст?
2. Пурсиш аз диди равоншиносӣ: Чӣ гуна аст, ки ҳамаи инсонҳои маъқул, бар асоси таҷрибаҳои гузаштаашон, интизори намунаҳои таҷрибанашудаи ояндаро мекашанд ва ба онҳо боварӣ доранд?

Ҷавоби Д. Юм ба масъалаи мантиқи индуксия ин гуна буд: “Ҳар гуна истидлол аз намунаҳои таҷрибашуда, ба намунаҳои таҷрибанашуда, асоснокии мантиқӣ доранд”. Ӯ муътақид аст, ки бо истинод ба таҷрибаҳое, ки дар боло аз бархе намунаҳои он баҳс намуда будем, ҳатто муҷоз ба қазоват дар мавриди эҳтимоли намунаҳои таҷрибанашуда нестем, чи расад ба он ки иддаои дар мавриди эътимоднокии (дурустии) онҳо дошта бошем. Д. Юм бо таъкид бар ғайримантиқӣ будани индуксия аз пурсиши мантиқӣ мегузарад ва ба пурсиш аз диди равоншиносӣ чунин посух медиҳад: “Эътиқод (бовар) ва интизорӣ барои намунаҳои таҷрибанашуда натиҷаи одатест, ки намунаҳои таҷрибашуда бароямон ба вуҷуд овардаанд”. Воқеан, мо ба воситаи такрорҳои гузашта хусусияти “шарт” гузоштанро ба худ касб мекунем ва ин механизми “шарт” гузоштан аст, ки интизорӣ аз ояндаро дар мо ба вуҷуд меоварад [18, с.7-16].

Агар посуххои Д.Юм ба ин ду пурсишро канори якдигар қарор диҳем, ба натиҷаи ирратсионалӣ (ғайриақлонӣ) мерасем: яъне метавон гуфт, инсоне, ки рафтори ратсионалӣ (ақлгароёна) дорад, ба рафтори ирратсионалӣ (ғайриақлгароёна) одат мекунад. Ба назари ӯ, тамоми маърифат, бахусус маърифати илмӣ, одати ғайримантиқӣ мебошанд. Ин натиҷа, скептитсизмро (шакгароиро) дар назарияи Д.Юм тақвият мекард, вале ратсионализми интиқодии К. Поппер ӯро водор месохт, то аз ин ақидаи худ худдорӣ намояд.

Поппер барои пешгирӣ кардан аз оқибатҳои ғайриилмии ирратсионализм, зимни тартиб додани методологияи ҷадид аз масъалаи мантиқи индуксия, ба пурсиши равоншиносонаи он низ ҷавоби мутафовит медиҳад. Таҷдиди ӯ аз масъалаи мантиқи индуксия чунин аст: “Оё истидлол аз намунаҳо, ё мисолҳои аз доираи илм берун будаи

таҷрибавӣ, ба ростӣ (саҳеҳ) ё дурӯғ (ботил) будани қавонини марбут ба ин намунаҳо асоснокии ратсионалӣ дорад?" [18, с.8].

Мо метавонем дарк кунем, ки масъалаи ҷадиде, ки Поппер матраҳ намудааст, ҷузъе аз тавзеҳоти кӯчаки масъалаи мантиқи Д.Юм ба шумор меравад, вале посухи Поппер хеле мутафовит аз посухи Д.Юм аст. Дар баёни ростии (саҳеҳияти) назарияҳо бо истифода аз намуна ва мисолҳо, ҳеҷ асоси мантиқие вуҷуд надорад, вале таҳрифсозӣ (**falsification**), ё ибтолсозии назарияҳо тавассути мисолҳои инкорпазир, бо лаҳни мантиқӣ асоснок ва қобили эътибор аст. Мувофиқи ақидаи Поппер, натиҷаи манфии Д. Юм ҳамаи қонунҳои умумӣ ё назарияҳоро дар як сатҳ, он ҳам бошад дар сатҳи ҳадсҳои пешниҳодӣ ва фарзияҳо боқӣ мегузорад. Аммо посухи ниҳоӣ бо бакоргирии мисолҳои нақзӣ метавонад назарияҳоро дар тарзҳои мухталиф гурӯҳбандӣ кунад. Табиист, он гурӯҳи назарияҳое, ки барояшон мисолҳои нақзӣ пайдо нашудааст, ба он гурӯҳҳое, ки саҳеҳияташон бо мисолҳои нақзӣ зери шубҳа қарор доранд, афзалият доранд ва дар индуксия монеа барои бартарии як назария ба назарияи дигар нахоҳад дошт. Пас беҳтар нест, ки ба ҷойи умед бастан ба индуксия, мунтазири назарияи самараноке аз муқоиса ва тарҷеҳи назарияҳои илмӣ бошем? [18, с.9-10]. Поппер бо Д. Юм дар посух ба масъалаи бо равиши равоншиносӣ афзалият бахшидан ба равиши индуктивиро ҷонибдорӣ намекунад. Ба ақидаи ӯ, ин ақидае, ки бар асоси индуксия амал мекунем, иштибоҳ аст. Он чи мо анҷом медиҳем, аз тариқи санҷиш ва хатое сурат мегирад [5, с.11]. Равиш ё усуле, ки мушкилоти индуктивиро надорад, вале мумкин аст бо индуксия бар асоси такрори мисолҳо ошуфта шавад [18, с.2]. Бо ин тартиб, посуххои Поппер ба масъалаи мантиқ ва масъалаи бо равиши равоншиносӣ афзалият бахшидан ба равиши индуктивиро метавон канори якдигар қарор дод, бе он ки натиҷаи ирратсионалӣ (ғайриақлгароӣ) ба бор ованд.

Яке аз асоситарин кашфиёти К. Поппер дар методологияи илм, ин тартиб додани меъёр ё чаҳорчӯбае барои санҷиши назарияҳо, ки кадомаш илмӣ ва кадомаш ғайриилмӣ мебошад, ба шумор меравад. Дар ин росто ратсионализми итиқодии Карл Поппер қисми ҷудонашавандаи ин меъёр ё чаҳорчӯба мебошад.

Поппер исрор мекард, ки ҳама гуна унсури дониши тахминӣ бояд шартан, барои танқиди эҳтимолӣ кушода нигоҳ дошта шавад. Аз ин лиҳоз ратсионализми интиқодии ӯ таъкид мекунад, ки ҳамаи шаклҳои таҷрибавии дониш бояд ба санҷиши танқид гузошта шаванд ва танҳо онҳоеро, ки ба озмоиши танқид гузошта шудаанд, ба таври бояду шояд «илмӣ» номидан мумкин аст [15, с.36]. Ба ибораи дигар, Поппер қоил бар он буд, ки ҳар чизе ки илмӣ шуморида мешавад, бояд аз "ғалбери таҳрифсозӣ" [5, с.11] гузаронида шавад. Инчунин, Поппер бо таъкид ба мавқеи Д.Юм чунин иброз медорад: "Мо наметавонем, дар мавриди ҳаққонӣ будани назарияҳоямон итминони комил дошта бошем ва ҳарчанд аз рӯйи натиҷаҳои мушоҳидавӣ наметавон назарияро исбот кард, онро бояд дар маърази ибтолпазирӣ (ботилсозӣ) қарор дод" [5, с.11].

Поппер фалсафаи худро дар атрофи вижагии хатопазирии хосси маърифати инсонӣ мутамарказ намудааст ва тамоми шинохти илмро фарзия ё ҳадсӣ (тахминӣ) медонад. Ба ақидаи ӯ, назарияҳои илмӣ чизе ҷуз фарзияҳо, афсонаҳо ё асотирҳои барсохтаи худи мо нестанд. Ӯ барои он ки назарияҳои илмиро аз соири афсонаҳо ҷудо кунад, меъёре барои ҷудосозии пешниҳодоти илмӣ аз пешниҳодоти ғайриилмӣ дар миён гузоштааст. Талошҳои Поппер барои фарқ кардани пешниҳодҳои илмҳои таҷрибавӣ дар ду бахш сурат мегирад:

1. фарқи пешниҳодҳои илмҳои таҷрибавӣ аз ҳукмҳои риёзӣ ва мантиқ;
2. фарқи пешниҳодҳои илмӣ аз илми сохтаю қалбакӣ ва метафизика.

Бахши аввали талошҳои Поппер барои ин ҷудосозии улуми таҷрибавӣ аз риёзиёт ва мантиқ бахшида шудааст ва ба назар чунин менамояд, ки он як масъалаи одӣ аст. Хусусияти асосии пешниҳодҳои мантиқӣ ва риёзӣ дар он аст, ки ин навъи пешниҳодҳоро метавон аз рӯйи сохти суриашон собит кард, дар ҳоле ки пешниҳодҳои илмҳои таҷрибавӣ бояд тавассути таҷриба санҷида шаванд. Бешак, риёзиёт ва мантиқ низ илм мебошанд, вале на илми таҷрибавӣ, балки илми сурӣ. Баръало метавон мушоҳида намуд, ки меъёрҳои тавсия (пешниҳод) намудаи Поппер барои ин ҷудосозӣ бар асоси мулоҳизоти мантиқӣ сурат гирифтааст. Ифодаҳои умумии таҷрибӣ, бар хилофи ҳукмҳои риёзӣ ва масъалаҳои мантиқ, қобили исбот нестанд. Барои мисол, ҳеҷ теъдоди ниҳоии мушоҳидаҳои мурғобиёни сафед ҳаққонияти ҷумлаи **«ҳама мурғобиҳо сафеданд»**-ро кафолат намедиҳанд.

Магар ин ки мушоҳидаҳои мо ҳамаи мурғобиёнро фаро гирад ва ин дар суратест, ки «**ҳама мурғобиҳо сафеданд**» аз ҷиҳати фазо ва вақт маҳдуд гардад [14, с.31].

Бахши дуюми ин тарҳрезӣ, ба ҷудосозии илми таҷрибавӣ аз метафизика ва илми сохта ё қалбакӣ марбут мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки пеш аз Поппер дар миёни намояндагони доираи Вена (Доираи Вена- Vienna Circle - иттиҳодияи ғайрирасмии файласуфон ва олимон (математикҳо ва физикҳо), ки дар солҳои 30-юми қарни XX таъсис ёфтааст. Дар маркази таваҷҷуҳи идеявии Доираи Вена позитивизми мантиқӣ қарор дорад [4, с.379]) таҳқиқот барои дарёфти меъёри таҷрибавии маънодоре оғоз шуда буд. Пешниҳоди ибтидоии онҳо ин буд, ки ҳукм ба таври таҷрибавӣ (эмпирикӣ) маъно дорад, агар ва танҳо дар сурати имконпазир будани муайян кардани шароите, ки ҳукми зикршударо тасдиқ созад. Табиатан аҳкоми метафизикӣ наметавонистанд ин шартро бароварда созанд. Ба далели маҳдудияте, ки ин навъи ҷудосозӣ бар худ дошт ва он ҳам марбут ба фароҳам сохтани шароити амалӣ барои баррасии таҷрибае, ки тасдиқшаванда аст. Аммо баъди муддате Доираи Вена ба натиҷаи дигаре расиданд, ки чунин аст: "Як воқеа танҳо ба шарте аз назари таҷрибавӣ маънодор аст, ки таҳқиқи таҷрибаи он мантиқан имконазир бошад" [20, с.31]. Меъёри дар боло зикршудаи Поппер боиси он мегардад, ки масъалаҳои умумии назарияҳо, аз қабили «ҳамаи ҷисмҳои шоржи (заряди) мусбат дошта, ҷисмҳои шоржи (заряди) манфӣ доштаро ба худ ҷалб мекунанд» аз доираи илм берун карда шаванд, чунки ҳеҷ як маҷмуаи ниҳоии гузоришҳои марбут ба мушоҳидаҳои таҷрибавӣ ҳаққонияти ин ҳукмро исбот карда наметавонад [10, с.41-63].

Гузоришҳои марбут ба мушоҳидаҳои таҷрибавӣ наметавонанд ҳаққонияти ин ҳукмро исбот кунанд. Азбаски бисёре аз қонунҳои илмӣ дар шакли ҳолатҳои умумӣ ҳастанд, меъёри пешниҳодшуда нокифоя ба назар мерасад. Поппер аз ҷумлаи олимон ва файласуфоне буд, ки ба ин меъёр мухолифат мекард ва кӯшиш мекард, ки алтернативаи мувофиқ барои фарқ кардани пешниҳодҳои илмӣ пайдо намояд [11, с.112]. Чаҳорчӯба ва меъёри Поппер барои ҷудосозии назарияҳои илмӣ аз ғайриилмӣ ин ибтолпазирӣ ва таҳрифсозӣ (фалсификатсия) ба шумор меравад. Поппер танҳо он қисмат ифодаҳои таркибиро дар замири ифодаҳои илмии таҷрибавӣ дар назар мегирад, ки таҳрифсозӣ ё ибтолсозии таҷрибавӣ бошанд. Мафҳуми куллӣ дар сурате ибтолпазир хоҳанд буд, ки барои он дурустии ифодаҳои ассосии ибтолкунандаеро пешбинӣ кунад (яъне ифодаҳои мушоҳидавие, ки бо ифодаҳои куллӣ дар низоъ бошанд) [14, с.32].

Ҳамин тавр, заминаҳои асосии инкишоф ва пайдоиши ратсионализми интиқодӣ ба равиш ва методологияи илмии ратсионализми анъанавӣ ва равиши индуктивии Д.Юм вобаста аст. Аз ин лиҳоз, Карл Поппер назарияҳои ибтолнопазирро аз доираи илм берун бароварда, ба илми метафизика ворид мекунад. Бар хилофи позитивистҳо Поппер, шаъну эътибори метафизикаро то ҷое паст намекунад, ки он холӣ аз маъно ва муҳтаво бошад ва чунин қайд мекунад: «Ин дуруст нест, ки хатти марзӣ миёни илм ва метафизика ба тавре бошад, ки метафизикаро ба баҳонаи холӣ аз маъно будан аз забони маънодор берун андохт» [16, с.32]. Ҳодии Самадӣ дар китоби "Сохтори назарияҳои илмӣ дар улуми табиӣ ва иҷтимоӣ"-и худ дар бораи унсурҳои ратсионализми интиқодӣ чунин ибрози андеша намудааст: "Муҳим нест, ки метафизика аз ҷиҳати таҷрибаӣ (эмпирикӣ) санҷида намешавад; ҳар назарияро то он ҷое, ки тавонем ба сурати ақлонӣ, яъне ратсионалӣ интиқод кунем, бояд онро ба инобат гирифт. Ба ибораи дигар, бояд ба самаронок будани он ва тавоноии он дар ҳалли масъалаҳо таваҷҷуҳ кард" [7, с.84]. Карл Поппер дар китоби "Мантиқи таҳқиқоти илмӣ"-и [17, с.516] худ дар хусуси баёни имкони самарабахши метафизика, ба назарияҳои илмии бузурге ишора мекунад, ки аз асотирҳо сарчашма мегиранд. Ба ҳамин хотир, ӯ нақши метафизикаро дар шаклгирии назарияҳои илмӣ ва посухҳои ҳадсӣ ба масъала, бисёр муҳим ва бузург мебинад.

АДАБИЁТ

1. Академик. [Электронная ресурс] Большой англо-русский и русско-английский словарьhttps://dic.academic.udic.nsf/eng_rus/638804/nous. (Дата обращения: 23.09.2021).
2. Большая российская энциклопедия. Вюрцбургская школа. [Электронный ресурс] //https://bigenc.ru/psychology/text/2380707 (Дата обращения: 10.05.2022).
3. Нақибзода М. Фалсафаи Кант. – Техрон: Огоҳ, 2014. – С. 106-115.

4. Новая философская энциклопедия: В 4 томах. Том первый // Ред. совет: Степин В.С., Гусейнов А.А., Семигин Г.Ю., Огурцов А.П. и др. -М.: Мысль, 2010. – С. 379.
5. Поппер К.Р. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. -Ҷ. 1: Афсунҳои Афлотун / К.Р. Поппер. Тарҷумаи Р.З. Назариев аз забони русӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2020. – 376 с.
6. Поппер К.Р. Ҷомеаи кушода ва рақибони он. -Ҷ. 2: Замони пайғомбарони дуруғин: Гегел, Маркс ва ғайбдонони дигар / К.Р. Поппер. Тарҷумаи Р.З. Назариев аз забони русӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2020. – 436 с.
7. Ҳодии Самадӣ. Сохтори назарияҳои илмӣ дар улуми табиӣ ва иҷтимоӣ. -Теҳрон: Gisoom, 2011. – С. 84.
8. Шерназаров Д.Т. Нигоҳе ба таърихи пайдоиш ва инкишофи ақлгароӣ ва таъсири он ба фалсафа / Д.Т. Шерназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -№ 2. -2022. – С. 70.
9. Bhaskar R.A. Realist Theory of Science // 2end Edition, London, Routledge, 2010, p. 14-16.
10. Carl G.H. Problems and Changes in the Empiricist Criterion of Meaning. //Revue Internationale de Philosophie, Janvier 1950, Vol. 4, No. 11 (Janvier 1950), [Electronic resource: URL: https://www.jstor.org/ stable/23932368]. pp. 41-63.
11. Carl G.H. The Empiricist Criterion of Meaning //Chicago: University of Chicago Press. -1952. P.112.
12. David M. “Overcoming the Justificationist Addiction” // Bri. J. Phil. No.3. 2008. P.3.
13. Gurol I. “Critical Rationalism”. In The Routledge Companion to Philosophy of Science by Stathis Psillos //London: Taylor & Francis e-Library, 1965. P. 58-67.
14. Herbert K. The Philosophy of Karl Popper // Cambridge University Press, 2005, p.31-32.
15. Oseni T.A. Karl Popper’s critical rationalism and the politics of liberal-communitarianism // A thesis submitted in partial fulfilment of the requirements for the Degree of Doctor of Philosophy in Philosophy in the University of Canterbury, By Oseni Taiwo Afisi. Department of Philosophy and Political Science University of Canterbury, 2015. p.36.
16. Popper K.R. Conjectures and refutations: the growth of scientific knowledge. Karl R. Popper 1962 Manufactured in the United States of America. New York London, 1962. 410 p.
17. Popper K.R. The Logic of Scientific Discovery // London-New York, Routledge, 2002. pp. 516.
18. Popper K.R. “The Problem of Induction”, Popper Selections, Ed. David Miller // Princeton-New Jersey, Princeton University Press, 1985, p. 6-16.
19. Polkinghorne J. The Quantum World // Physics, Philosophy and Theology // Ed. by R. J. Russell, W. R. Stoeger, G. V. Coyne. Vatican: Vatican Observatory, 2005. P. 1-3.
20. Reichenbach H. “The Verifiability Theory of Meaning”. In Readings in the Philosophy of Science, by H. Feigl and M. Brodbeck // New York, Applton-Century-Crofts, 1953. p.31.

ЗАМИНАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛЁБИИ РАТСИОНАЛИЗМИ ИНТИҚОДИИ КАРЛ ПОППЕР

Дар мақола масъалаи заминаҳо, сарчашмаҳои асосии инкишоф ва пайдоиши ратсионализми интиқодии Карл Поппер баррасӣ шудааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, то мушкилоти равишшиносии фалсафиеро, ки сабабгори ба вуҷуд овардани ратсионализми интиқодӣ дар зеҳни Карл Поппер гардидааст, дар миён гузоранд. Муаллифони мақола муътақиданд, ки ратсионализми интиқодӣ асоси сарчашмаи худро аз пажуҳишҳои равоншиносии мактаби Вуртсбурги Олмон гирифтааст. Поппер ҳамроҳи муҳаққиқони ин мактаб дар такопӯи густариши як навъи фалсафаи илмии дедуктивӣ ва қиёсгаро, бо ибрози такмили равиши қиёсӣ бо равоншиносӣ буд, ки ба назарияи ғайритавҷеҳгароёнаи илм даст ёфт. Илова бар таҳқиқоти равоншиносӣ, мухолифати Поппер бо бархе аз ақоиди позитивизм ба ӯ ангезаи бештаре барои асос ёфтани чунин дидгоҳе бахшид.

Калидвожаҳо: Карл Поппер, назария, метод, методҳои фалсафӣ, методология, назарияҳои фалсафӣ, озмоиш, ибтолпазирӣ, индуксия, дедуксия.

ГЛАВНЫЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ КРИТИЧЕСКОГО РАЦИОНАЛИЗМА КАРЛА ПОППЕРА

В данной статье особое внимание уделено вопросу об основаниях, основных источниках развития и возникновения критического рационализма Карла Поппера. Авторы попытались поднять проблемы философского подхода, обусловившего возникновение критического рационализма в сознании Карла Поппера. Авторы статьи полагают, что критический рационализм берет свое начало из психологических исследований вюрцбургской школы в Германии. Вместе с исследователями этой школы Поппер занимался поиском развития своеобразной дедуктивной и сравнительной научной философии выражая усовершенствование сравнительного подхода к психологии. Помимо психологических исследований, оппозиция Поппера некоторым принципам позитивизма дала ему дополнительную мотивацию для обоснования такой точки зрения.

Ключевые слова: Карл Поппер, теория, метод, философские методы, методология, философские теории, эксперимент, фальсифицируемость, индукция, дедукция.

THE MAIN FOUNDATIONS OF THE FORMATION OF KARL POPPER`S CRITICAL RATIONALISM

This article pays special attention to the question of the foundations, main sources of development and emergence of Karl Popper's critical rationalism. The authors tried to raise the problems of the philosophical approach that led to the emergence of critical rationalism in the mind of Karl Popper. The authors of the article believe that critical rationalism originates from the psychological studies of the Würzburg school in Germany. Together with the researchers of this school, Popper sought to develop a distinctive deductive and comparative scientific philosophy, expressing an improvement in the

comparative approach with psychology, which led to a non-explanatory theory of science. In addition to his psychological research, Popper's opposition to some of the tenets of positivism gave him additional motivation to argue for such a view.

Keywords: Karl Popper, theory, method, philosophical methods, methodology, philosophical theories, experiment, falsifiability, induction, deduction.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Назариев Рамазон*** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои фалсафа, профессор. Суроға: 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,33. Телефон: **(+992) 918854054**. E-mail: **hobiljon1981@mail.ru**
Шодиев Комрон Олимҷонович **–** Донишгоҳи давлатии Данғара, кафедраи фанҳои гуманитарӣ, омӯзгори калон. **Суроға: Суроға:** 735140, шаҳраки Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992) 004666765**; E-mail**: komronshodiev92@gmail.com**

Сведения об авторах: ***Назариев Рамазон*** – Национальная академия наук Таджикистана, доктор философских наук, профессор. Адрес: 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,33.
Телефон: **(+992) 918854054**. E-mail: **hobiljon1981@mail.ru**
Шодиев Комрон Олимджонович – Дангаринский государственный университет, кафедра гуманитарных дисциплин, старший преподаватель. **Адрес:** 735140, городок дангара, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Маркази, 25. Телефон: **(+992) 004666765**; E-mail**: komronshodiev92@gmail.com**

Information about the authors: ***Nazariev Ramazon*** – National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Philosophy, Professor. Address: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. Phone: **(+992) 918854054**.
E-mail**: hobiljon1981@mail.ru**
Shodiev Komron Olimdzhonovich – Dangara State University, Department of Humanities, senior lecturer. Address: 735140, Dangara town, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Markazi street, 25. Phone: **(+992) 004666765**;
E-mail: **komronshodiev92@gmail.com**

ТДУ: 73

ТАҒЙИРЁБИИ ШУУРИ МИЛЛӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Устобоева Д.М.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Таҷрибаи ҷомеасозии муосир, аз он ҷумла ҷомеаи Тоҷикистон собит намуд, ки худшиносии миллӣ яке аз воситаҳои муҳимми ба даст овардан ва устуворгардонии истиқлолияти давлатӣ маҳсуб меёбад. Азбаски шуури миллӣ бевосита ба омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ вобастагӣ дорад, аз ин боис дар солҳои соҳибистиқлолӣ, ки омилҳои мазкур ба куллӣ тағйир ёфтанд, мазмуну мундариҷа ва рисолати худшиносии миллӣ низ дигаргун гашт. Дар ин солҳо парадигмаи арзёбии шуури миллӣ дар тадқиқоти илмӣ, асарҳои бадеӣ ва интишори маводҳо дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори умум тамоюлоти нав касб намуд. Муҳтавои умдаи ин раванд аз ин иборат аст, ки агар солҳои пешин ба донистани ҳодисаҳои таърихӣ диққат дода мешуд, акнун дар шароити соҳибистиқлолӣ на фақат донистани таърих, балки то кадом андоза шуури таърихии одамон ба ташаккули шуури миллии онҳо таъсир мерасонад, ба яке аз масъалаҳои мубрами воқеияти имрӯзаи ҷомеа табдил ёфтааст. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро тавре муҳаққиқ А.Самиев таъкид менамояд: “Аз лиҳози методологӣ таҳқиқи заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии шуури миллӣ ҳамеша аз маърифати шуури таърихии ҳамчун худшиносии фарди алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимою этникӣ оғоз меёбад. Барои он ки вокуниши мазмуну мундариҷаи шуури таърихӣ ҳамчун дарки меросияти наслҳо ва фарҳанг, алоқамандии замонҳо, анъана ва расму оинҳо ва ҷойгоҳи созовори онҳо дар бедорӣ ва худшиносии миллиро дар бар мегирад” [5, с.50].

Барои дарки табиат, мазмун ва вижагиҳои шуури таърихӣ ва таъсири он ба худшиносии миллӣ таҳлили воқеияти таърихии миллати тоҷикро ба риштаи қазовати илмӣ кашидан зарур аст. Худшиносии миллӣ сатҳи баланди худшиносии инсон аст. Дар мадди аввал чунин ба назар мерасад, ки вожаҳои “худшиносии инсон” ва “ худшиносии миллӣ” муродифи якдигар мебошанд. Чунин ҳолат табиист, зеро умумияти ин мафҳумҳо дар он аст, ки онҳо ҷараёни як воқеият, шинохти худии худ ва ҳама гунаҳои худро ифода менамоянд. Аммо таҳлили иҷтимоӣ- фалсафӣ имконият медиҳад, ки фарқияти онҳо низ муайян карда шавад.

Худшиносии миллӣ сатҳи мураккабтар, зинаи нисбатан олитари худшиносии инсон аст, чунки дар ин ҷо на фақат оид ба раванди шинохти худии худи инсон, балки муносибати инсон ба қавми муайян аз фарҳанги ягонаи этникӣ сухан меравад.

Муаллифони китоби “Фалсафаи худшиносӣ” ба падидаи худшиносӣ чунин таъриф додаанд: худшиносии миллӣ падидаест, ки инъикоскунандаи хусусиятҳои руҳиву равонии аҳли ҷомеа, дараҷаи шинохти мақом ва нақши таърихию сиёсии миллат, шуури таърихӣ, шуури миллӣ ва шинохти ҷойгоҳи худ дар тамаддуни ҷаҳонӣ, ташаккули ғурури созандаи миллат аст [13, с. 13].

Мафҳуми “шуури миллӣ” нисбат ба мафҳуми “тафаккури миллӣ” васеътар буда, ба ғайр аз равандҳои маърифатию ақлонӣ, инчунин рафтор, муносибат ва фаъолияти одамонро низ дар бар мегирад. Бо ин мафҳум ба таври ҷамъбастӣ шуури умумиятҳои миллию этникӣ ифода карда мешавад. Бо ҳамаи он, ки ин ифода хосияти шартӣ дорад, имконият медиҳад, ки шуури миллӣ дар таносуб бо шуури фардӣ, синфӣ, гурӯҳӣ ва ғайра таҳлил гардида, хислатҳои умумӣ ва фарқияти онҳо муайян карда шаванд. Ҳарчанд шуур ҳамчун хосияти майнаи сари одам ҳама вақт фардӣ мебошад, афрод, донишҳо, ғояҳо, назарияҳои умумиро кор карда, дар асоси онҳо амалиёти мушаххасро амалӣ месозанд. Шуур фаъолияти олӣ, фақат ба одамон хос ва ба нутқ марбути вазифаи мағзи сар аст, ки аз инъикоси ҷамъбастию мақсадноки воқеият, аз эҷоди пешакии фикрии амалиёт ва пешбинии натиҷаи он, аз танзиму худназоратии оқилонаи рафтору кирдори инсон вобаста мебошад. Чизи умумӣ дар шуури одамони зиёде, ки ба як умумияти миллӣ мансубанд, шуури миллиро ташкил медиҳад. Шуури миллӣ на танҳо тавассути тафаккур, балки ба воситаи рафтор, робита ва фаъолияти амалии одамон зоҳир мешавад. Дар илмҳои ҷомеашиносӣ омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои моҳият, мазмун ва раванди ташаккули шуури

миллӣ аз тариқи як қатор муносибат ва нуқтаи назар ба амал бароварда мешавад. Дар байни онҳо муносибати таърихӣ, иҷтимоӣ, аксиологӣ, аз рӯйи барандагони шуури миллӣ ва ғайраро зикр кардан мумкин аст. Муҳаққиқони тоҷик ин масъалаҳои илмӣ ё худ муносибати таърихӣ ва хосиятҳои барандагони шуури миллиро истифода бурдаанд. Моҳияти масъала аз он иборат мебошад, ки ҳар як миллат дар ташаккули худ унсурҳои гуногуни этникиро фаро мегирад. Ба ҳамин монанд, арзишҳои миллӣ ва минтақавию маҳаллӣ дар сохтори тафаккури миллӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд ва рушди шуури миллиро устувор мегардонанд. Аммо барои он ки чунин шавад, шароити иҷтимоию таърихие лозим аст, ки барои иштироки ҳамаи минтақаҳо дар ташаккули шуури миллӣ имконият муҳайё созад. Дар акси ҳол шуури маҳаллӣ аз таркиби шуури миллӣ берун монда, ба падидаи манфӣ, ки маҳалгароӣ номида мешавад, табдил меёбад.

Шуури миллӣ заминаи муҳимтарини ҳаёти пурмазмуни шахс, сулҳу суботи ҷомеа ва давлат буда, бе он инсон мансубияти миллии худро аз даст дода, ба бозичаи дасти дигарон табдил меёбад [13, с.121]. Чунин муайян намудани шуури миллӣ эътирози ҷиддиро ба миён намеорад, вале бояд зикр кард, ки дар ин ҷо мафҳуми “шуури миллӣ” ба мафҳуми “ҳувияти миллӣ” омезиш ёфтааст. Барои муайян намудани ин нуқта рӯ меорем ба таърифи ҳувияти миллӣ. Муҳаққиқон ҳувияти миллиро ҳамчун маҷмуи эҳсосоте, ки қавмҳо, қабилаҳо ва миллатҳои мухталифро дар як сарзамини муайян бо ҳам пайванд дода, дар раванди такомул қарор дорад ва дорои мушаххасоти хос мебошад, муайян менамоянд. Дар ин ҷо мо мазмуни ҳувияти миллиро мушаххас намуда, таъкид намудаанд, ки вай баёни рӯҳ ва равони шаҳрвандони як кишвар аст, ки ба марҳалаи “миллат” расида бошад. Пеш аз марҳалаи давлат – миллат ва ташкили давлати миллӣ ҳувиятҳои мухталифи фарҳангӣ, динӣ, қавмӣ ва қабилавӣ вуҷуд доранд. Бинобар ин, ҳувият: арзишҳо, хотирот, устураҳо ва суннатҳое мебошад, ки мероси фарҳунандаи “миллатҳо”-ро ташкил медиҳад. Тавре мебинем, он унсурҳое, ки дар таърифи шуури миллӣ дар боло оварда шудаанд, дар таърифи ҳувияти миллӣ такрор ёфтаанд. Аз ин лиҳоз, таърифи мазкурро аз ҷиҳати методологӣ нуқтаю назари ягонаи дуруст қабул намудан нашояд.

Ба ндешаи мо, мазмуну моҳияти шуури миллиро муҳаққиқи тоҷик Ғаффорова М.Қ. нисбатан дуруст баён намудааст: “Шуури миллӣ – ин инъикоси объективонаи ҳастии ҷамъиятии миллат бо ҳамаи робитаҳою хусусиятҳои хосаш ба воситаи забони миллӣ, анъанаҳо, ҳарактери ммиллӣ, маънавиёти фарҳанги миллат мебошад” [12, с.80]. Таърифи мазкур, аз назари мо, нисбатан қобили қабул мебошад, зеро дар он таъкид гаштааст, ки манбаи объективии шуури миллӣ – воқеияти миллат – умумияти иҷтимоӣ – этникӣ ва муносибатҳои миллӣ ҳамчун маҳсули инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ – сиёсӣ ва идеологии ҷамъият мебошад.

Шуури миллӣ дар ҷамъият ду вазифаи муҳимро иҷро менамояд: 1) қобилияти муттаҳидкунандагии аъзоёни ҷомеа; 2) ташаккул додани худшиносии миллӣ ҳамчун василаи муҳимтарини аз ҷониби афроди алоҳида бо шакли миллӣ шинохтани робитаҳои ҷамъиятӣ, шинохтани мансубияти худ ба умумияти муайяни миллӣ–этникӣ, шинохтани ягонагии худ бо ҳамин миллат.

Дар ҷомеаи муосири тоҷик қобилияти муттаҳидкунандаи шуури миллӣ дар ваҳдати миллии тоҷикон зуҳур ёфтааст. Дар силсилаи арзишҳои даврони соҳибистиқлолӣ, ба даст омадани ваҳдати миллӣ чун арзиши воло мақоми хосса дорад, зеро маҳз тавассути он мо тавонистем ҷомеаи хешро муттаҳид намуда, давлату миллатамонро аз вартаи нобудӣ, бенизомиҳо ва аз ҷанги ҳалокатбори таҳмилии шаҳрвандӣ халос намуда, истиқлолияти давлатии хешро таҳким бахшем. Ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик бозёфти арзишмандтарин мебошад, зеро он барои амалӣ гардидани ормонҳои халқамон, ки бо қалби пур аз умед интизори сулҳу оромӣ ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ буд, заминаи воқеӣ гузошт. Зиёда аз ин, ваҳдати миллӣ истиқлолияти давлатии моро мустаҳкам гардонид. Вобаста ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд: “Истиқлолият ва танҳо истиқлолият, имконият дод, ки мо ғояи худшиносии миллиро парчами замон кунем ва ба пояи сиёсати давлатӣ барорем, то ин ки ифтихори миллӣ бо шири модар, бо аллаи фаромӯшнопазири ӯ ва бо нахустин ҳарфҳои устод дар мактаб ба дилу шуури ҳар фарди тоҷик абадан ҷой гирад”[10, с. 57].

Дар ин масир боз як нуқтаро зикр намудан зарур аст. Заминаҳои ташаккули шуури миллии мо дар таърих решаҳои амиқ доранд. Имрӯз ба гузаштаи пурғановати миллатамон назар афканда, бояд эътироф намоем, ки озодӣ ва истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои пурифтихори озодихоҳиву ватанпарварии мардуми мо бо хуни ҳазорон фарзандони сарсупурда навишта шудаанд. Аз ин лиҳоз, истиқлолияти тоҷикон ва шинохтани худии худ ҳамчун миллати фарҳангофар ва тамаддунсоз ба бунёди мустаҳками иҷтимоиву фарҳангӣ такя менамояд. Агар ба таъриху фарҳанг ва адабиёти оламшумули миллатамон назар афканем, мағз андар мағзи осори безаволи Одамушшуаро Рӯдакиву Фирдавсӣ, ғазалҳои оламгири Ҳофизу Саъдӣ, ғазалҳои дар ғарибӣ сурудаи Камоли Хуҷандӣ, фалсафаи Форобию Ибни Сино, Аҳмади Дониш руҳияи истиқлолхоҳӣ меояд. Қаҳрамониҳои Спитамен, Абумуслим, ватанхоҳиву муборизаҳои Темурмалику Шерак, исёни адолатхоҳонаю озодихоҳонаи Восеъ ва даҳҳо дигар мисоли равшани муборизаи аҷдодони мо баҳри дарёфти асолату рисолати миллати хеш мебошад.

Моҳияти мафҳуми “худшиносии миллӣ” мақому манзалати инсонии худро дар пайвастагӣ бо решаҳои таърихӣ, бо тақдиру сарнавишти миллату халқи худ дарк кардан аст, ки мушаххасан дар истифодаи номи ягонаи миллат аз ҷониби гурӯҳи муайяни одамон зоҳир мегардад. Худшиносии миллӣ ҳамчун байъона, гарав дар як вақт бо шуури миллӣ ба вуҷуд меояд ва маҳсули он мебошад, вале худашро дар зинаи баландтари инкишофи миллат нишон медиҳад. Худшиносӣ ҳаминро дар назар дорад, ки инсон бояд худашро аз дигарон, “Ман”-и хешро аз атрофиён ҷудо ва фарқ бикунад. Худшиносӣ ин амалиёт, эҳсос, фикр, сабабҳои рафтор, манфиат, мақоми худро дар ҷамъият дарк кардани инсон аст. Барои ҳалли самараноки масъалаи ташаккули тафаккури миллӣ, қабл аз ҳама, хусусиятҳои таърихии ин равандро таҳлил намуда, сабақҳову таҷрибаи онро ба назар гирифтан лозим аст. Ташаккули тафаккури миллии тоҷикон таърихи тулонӣ дорад. Он дар зери таъсири омилҳои гуногун қарор дошт, ки гоҳе барои инкишофи ҳамвори он мусоидат мекарданду гоҳе онро халалдор месохтанд. То замони шуравӣ дар сарзамини тоҷикон мафкураи исломӣ ҳукмрони мутлақ буд ва он ғояи миллиро умуман инкор мекард. Шиори он, ки дар ислом миллатҳо ҷой надоранд ва ҳамаи мусулмонон уммати як пайғамбаранд, ташаккули тафаккури миллии тоҷиконро бозмедошт. Бузургтарин неъмат, ки бидуни он аз истифодаи дигар неъматҳо маҳрум мешавем, истиқлолият аст. Истиқлолият дар ҳама ҳолат ва хосияти мавҷудияти хеш дар ҳастӣ, шаклгирӣ, худмуайянсозӣ ва рушди падидаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ нақши марказиро мебозад. Истиқлолияти фикрӣ, андешавӣ ва ақидатӣ дар инкишофи ҳар фард, истиқлолияти миллӣ дар худмуайянкунии миллат ва истиқлолияти давлатӣ дар муайян кардани иродаи сиёсии халқ тақдирсоз мебошад. Бидуни истиқлолият ва мухторият мавҷудияти ҳар ҳодисаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҳамчун зуҳуроти мушаххас ва мустақил зери шубҳа меафтад. Дар шароити вусъати равандҳои пуртаҳлука ва хатарзои ҷаҳони муосир таҳқиқи муаммоҳое, ки ба мустаҳкам намудани пояҳои маънавии ҷомеа вобастаанд, самти афзалиятнок касб намудаст.Таҷрибаи навини иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии ҷаҳони муосир собит менамояд, ки амалкарди субъектҳои байналхалқӣ баҳри бақои хеш ва яккатоз будан дар арсаи ҷаҳони муосир дар шакли муборизаҳои мафкуравӣ ва ғасби ақли инсон сурат мегирад. Ҳамин, ки ақлу ҳуши инсон бо ҳар гуна ғояҳои барои миллат бегона олуда мегардад, ӯ ба “зомби” ё ба истилоҳе ба “манқурт” табдил меёбад ва чунин шахс ба ҳар гуна амалҳои сӯзандагӣ, куштор ва ҷабру зулм қодир аст. Чунин ашхос аз таъриху фарҳанг ва дастовардҳои миллату давлати хеш бегона гашта, гирифтори ғояҳои иртиҷоӣ мегардад.

Мавриди зикр аст, ки миллати тоҷик дар охири асри XX ва остонаи қарни XXI ҳодисаҳои пуртаҳлука ва даргирӣ иҷтимоию сиёсиро аз сар гузаронид. Боиси сарбаландӣ ва ифтихори мост, ки миллати соҳибфарҳанг ва тамаддунсози мо бо сарварии фарзанди фарзонаи худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давраи сӯзандагиро паси сар намуда, рӯ ба ризоият, ваҳдати миллӣ ва шоҳкориҳои беназир баҳри ободии Ватан оварданд.

Муҳимтарин дастоварди миллати мо дар даврони соҳибистиқлоли ин аст, ки ҷомеаи тозабунёди мо тавонист дар як давраи кӯтоҳ таъриху фарҳанги бойи ниёгонро эҳё намояд,

ки заминаи боэътимоди дигаргуншавии симои маънавии одамон гашт. Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ифтихор ва ғурури ватандорӣ чунон боло рафт, ки имрӯз ба шоҳсутуни давлати соҳибистиқлоли мо табдил ёфтаанд.

Дар баробари ин бояд тазаккур дод, ки имрӯз дар шароити авҷгирии муборизаҳои мафкуравӣ баҳри манфиатҳои геополитикӣ, кӯшишҳои аз нав тақсим намудани ҷаҳони муосир ва дар ин робита арзи вуҷуд намудани минтақаҳои ҷангзада дар гӯшаю канори гуногуни олам масъалаи таҳқиқ ва таҳким бахшидани шуури миллӣ ва худшиносии миллиро ба яке аз масъалаҳои мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ табдил додааст. Вобаста ба ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимону зиёиёни тоҷик дар арафаи Наврӯз (19 марти соли 2020) чунин қайд намуданд: “Дар шароити ҷаҳонишавӣ, вусъати рақобатҳои геополитикӣ, авҷгирии зуҳуроти хатарноки ифротгароиву терроризм ва дигар мушкилоти глобалӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи афкори фалсафию ҳуқуқӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва ахлоқиву маънавӣ талаби замон буда, олимони сиёсатшинос, файласуфҳо ва умуман, ҷомеашиносонро зарур аст, ки сабабу омилҳои зуҳури ақидаҳои ҳурофотӣ, шиддат гирифтани ифротгароии диниро дар шуури одамон ва оқибатҳои онҳоро таҳқиқ карда, роҳҳо, сабабу омилҳои ин равандро ҳамаҷониба мавриди арзёбӣ қарор диҳанд” [12, с. 40].

Вобаста ба чунин вазифагузорӣ омӯзиш ва таҳлили амиқи мазмуну муҳтавои мафҳуми «шуури миллӣ» ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар бунёд ва таҳкими пояҳои маънавии ҷомеа вобаста ба равандҳои тағйирёбии низоми ҷаҳони муосир ба яке аз масъалаҳое муҳимми илмҳои ҷомеашиносӣ табдил ёфтааст.

Андешаҳои ҷолибе, ки мутафаккирони атиқа баён кардаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки барои инсон аз худаш дида падидаи асрорангезтаре вуҷуд надоштааст. Инсон дар тули ҳазорсолаҳо оламро тағйир дод, дар баробари ин худ низ дигаргун гашт, аммо то ҳол барои инсон дар байни асрори дунёи азал шинохти худи инсон ҳамчун муаммои шавқангезтарин боқӣ мемонад, зеро инсон барҳақ қувваи бузурги таҳаррукдиҳандаи ҳама гуна тағйирот дар олам буда, сирру асрори олам низ дар ҳастии ӯ ниҳон аст. Дар ин робита, аз ҷониби ҷомеашиносон чунин таъкид мегардад: “Калобаи сарбастаи ҳамаи муаммоҳо дар ҳастии инсон ниҳон аст, маҳз дар вуҷуди ӯ ҳақоиқи олам, ибтидову интиҳо, орзуву ормонҳо, майлу рағбат, сарбаландиву нокомиҳо ҷойгузин аст. Ва агар мо куллияти ҳастиро дарк кардан хоҳем, пас дар маркази андешарониҳои мо бояд шахсияти инсон, воқеият ва имкониятҳои ӯ қарор дошта бошад” [4, с.119].

Дар адабиёти фалсафӣ худшиносии инсонро ҳамчун амалиёт, эҳсос, фикр, сабабҳои рафтор, манфиат, мақоми худро дар ҷамъият дарк кардани одам тавсиф менамоянд [13, с.133]. Таҷрибаи таърихи инсоният собит менамояд, ки дар тули тамоми зиндагӣ инсон барои шинохти худии худ кӯшиш менамояд ва ҳастии худро маърифат намояд.

Сатҳи баланди худшиносии инсон худшиносии миллӣ мебошад. Мафҳуми шуури миллӣ дар адабиёти фалсафӣ ба таври гуногун тавсиф гаштааст. Масалан, дар адабиёт шуури миллиро ҳамчун маҷмуи андешаҳо, афкор, муносибат ба худ ва олам, ки дар тули таърих зери таъсири омилҳои табиӣ, ҷуғрофӣ, иқлим ва шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ташаккул меёбад, муайян менамоянд. Он дар давоми ҳаёту зиндагии наслҳои гуногун ташаккул ёфта, дар он таҷрибаи табиӣ, иҷтимоию таърихӣ, ҷаҳонбинии ақлониву ғайриақлониро дар бар мегирад.

Дар ин масир, муборизаи сиёсиву мафкуравии фарзандони барӯманди миллати мо, ба мисли Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов ва даҳҳо дигарон набояд аз ёдҳо зудуда гардад. Онҳо, барҳақ, барои бедорӣ ва худогоҳии миллӣ ба тариқи таҳқиқу таблиғи таърихи бисёрҳазорсолаи ниёгон ва мероси оламгиру ҷовидона мубориза бурда, халқи моро ба шоҳроҳи манфиатҳои аслии миллӣ ҳидоят намуданд. Ин ҳақиқати таърихиро набояд аз ёд барорем, зеро “зудуда гаштани хотираи таърихӣ, маҳдудияти шуури таърихӣ ва ҳифз карда натавонистани боигарии иҷтимоию фарҳангии ниёгон масъулияти инсонро дар назди миллату ватан коста гардонида, пояҳои давлат ва истиқлолиятр заиф мегардонад” [10, с. 21].

Нигоришоти боло боз як нуқтаи муҳимми шуури миллӣ, яъне алоқамандии онро бо шуури таърихӣ пеши назар меорад. Маълум аст, ки шуури таърихӣ кулли хосиятҳои ин ё

он миллатро дар худ инъикос менамояд. Аз ин рӯ, таҳлили амиқи шуури миллӣ муроҷиат намуданро ба гузашта ва муайян намудани тамоюлҳои муосири рушди ҷомеа тақозо менамояд, чунки таҳлили фалсафии шуури миллӣ муроҷиати тадқиқотчиро ба равандҳои рушди маънавиёт, кӯшишҳо, орзую ормонҳои ҷомеа, ки тули ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтаанд, талаб менамояд. Чунин зарурият аз он бармеояд, ки маҳз собиқаи ниёгони мо оид ба инкишоф додану ғанӣ гардонидан ва аз ҳама муҳимаш, нигоҳдории он дар хотираи таърихӣ имкон дод, ки дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI тоҷикон баҳри бунёди давлати соҳибистиқлол, демократию дунявии худ ҳусни оғоз бахшанд.

Дар ҷаҳони муосир шуури миллӣ ва худшиносии миллӣ бояд бо назардошти равандҳои эҳтимолии рушди равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳони муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шавад, зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ воқеият чунин аст, ки ягон давлат ё ҷомеа аз равандҳои хатарзо, таҳдиду чолишҳо эмин буда наметавонад. Эҳтимолияти рушди равандҳои сиёсиро дар ҷаҳони муосир таҳлил намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудааст, ки “сабақи талхи таърихи кишварамон ба ҳар як шахс ҳушдор медиҳад, ки дигар ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсӣ ва ҳушёрии зеҳниро аз даст надиҳад, ватандӯсту ватанпарвар бошад, аз гузаштаи пурғановати ниёгон ифтихор кунад ва ба ин роҳ ваҳдати миллӣ, ягонагии кишвар, марзу буми аҷдодиашро эҳтиёт ва ҳифз намояд” [9, с.35]. Бинобар ин, зарур аст, ки дар зеҳну шуури афроди ҷомеа сатҳи мувофиқ ва муассири масъулияти иҷтимоӣ тарбия карда шавад, то ҳар фард дар назди Ватан ва сарнавишти он, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ масъулияти хосса эҳсос намуда, барои иҷрои қарзи фарзандии худ ҳамеша омода бошад. Дар ин радиф, бояд зикр кард, ки дар ташаккули шуури миллӣ асарҳои бунёдии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши муассир доранд. Хусусан китоби Пешвои миллат «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» хеле арзишманд аст. Саҳифаҳои таърихи халқи тоҷикро варақгардон намуда, муаллифи он дар бораи муборизаи тоҷикон баҳри нигоҳдорӣ ва мустаҳкам намудани пояҳои давлатдорӣ ва соҳибистиқлолӣ, раванди мураккабу пурихтилофи худшиносии тоҷикон андеша меронад. Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки зудуда гаштани ҳофизаи таърихӣ, бефарқ нигоҳ кардан ба таърихи миллати хеш, муқаддасоти он, дар ниҳоят ба суст гаштан, ҳатто аз байн рафтани давлату миллат боис мегарданд. Муаллиф қайд менамояд, ки мисоли равшани ин гуфтаҳо ҳодисаҳои хунбори солҳои 90-уми асри XX дар кишвари мо мебошанд. Зеро маҳз ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтани таърихи давлату миллат, коста гаштани ҳисси ифтихори миллӣ, ватандорӣ ба як гурӯҳ ифротгарон имконият дод, ки тоҷиконро, ки он қадар тафрибаи бои сиёсӣ надоштанд, ба вартаи ҷанги даҳшатовари шаҳрвандии таҳмилӣ бикашанд.

Омӯзиши таърихи давлатдории тоҷикон ба мо имкон медиҳад, ки роҳҳои озод намудани ғояи миллии давлатдориамонро аз шиканҷаи карахтӣ ва тақлиди кӯр-кӯрона берун орем. Вобаста ба ин ӯ менависад: «Мо мехоҳем зери парчами ниёгони худ муттаҳид шавем, сохибистиқлолӣ, ягонагии ҳудуди худро мустаҳкам намуда, воқеан ҳам давлати демократию ҳуқуқбунёд барпо намоем» [3].

Андешаҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба худшиносии миллӣ, истиқлолият, ифтихори миллӣ, шаъну шарафи ҳар як фарди ватандӯст аст, хеле ҷолибанд. Фақат ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги миллати хеш метавонад худшиносии миллии инсонро боло барад. Ӯ таъкид намудааст, ки миллате, ки забону адабиёт, расму оин ва дигар арзишҳои фарҳангии миллати худро эҳтиром намекунад, соҳибистиқлолии худро дифоъ карда наметавонад. Ин масъала барои давлатҳои пасошуравӣ, аз он ҷумла барои Тоҷикистон низ, муҳиммияти хосса касб намудааст, зеро ҳамаи давлатҳои навбунёд кӯшиш ба харҷ медоданд, дар гузаштаи дуру наздики худ пойгоҳе ё такягоҳе дарёфт намуда, онро барои бунёди давлати соҳибистиқлоли худ истифода баранд.

Дар китоб таъкид мегардад, ки мо ба таърих, ба хотири эҳёи он дар аслаш муроҷиат намекунем, балки мо бо мақсади эҳё намудани руҳи созандагиву бунёдкории ниёгонамон ва зиндагардонии хотираи падарон ва бобоёни худ муроҷиат менамоем ва ба ин васила дар ниҳоди мардумамон ҳисси худшиносиву ватанхоҳиро ташаккул медиҳем. Аз ин лиҳоз, мо ба таърих ҳамчун тафрибаи ташаккули худшиносии миллӣ, соҳибистиқлолӣ, давлатсозӣ ва пешгӯӣ кардани ояндаи худ муроҷиат менамоем. Худшиносию ватанхоҳӣ

мисли решаест, ки ба туфайли он дигар арзишҳои волои миллӣ (анъанаҳои миллӣ, расму оинҳо) барқароранд. Дар ин радиф қобили зикр аст, ки ҳатто дар даврaҳое, ки тоҷикон зери юғи ин ё он аҷнабиҳо қарор доштанд, ин решаи амиқи таърихӣ имкон надод, ки илму фарҳанг, адабиёту санъати миллӣ, таҷрибаи фарҳангофарину сулҳофарини миллати мо ба нестӣ равад. Маҳз ҳамин решаи таърихӣ имкон фароҳам овард, ки арзишҳои иҷтимоиву фарҳангии миллии мо аз умқи таърих то ба насли имрӯза ҳамчун неъмати бебаҳо ирсол дода шуда, дар даврони соҳибистиқлолӣ заминаи боэътимоди ташаккули шуури миллӣ ва худшиносии миллати тоҷик гардиданд [11, с.16].

Муқарриз: Солиҷонов Р.- д.и.ф., ДИС ДДТТ

АДАБИЁТ

1. Ғафорова М.Қ. Асосҳои фалсафа / М.Қ. Ғафорова. – Душанбе, 2012. - 184 с.
2. Олимов Карорматулло. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ / К. Олимов. - Душанбе: ЭР –граф, 2013.
3. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013.
4. Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо олимон ва зиёиёни мамлакат аз 19.03. 2020. [Манбаи электронӣ]. www.tvt.tj/ Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санаи муроҷиат 15. 05. 2022.
5. Самиев А.Х. Историческое сознани как самопознание общества / А.Х. Самиев. –Душанбе, 2009. -411 с.
6. Спиркин А. Асосҳои фалсафа / А. Спиркин. – Душанбе: Маориф, 1991. -544 с.
7. Турсунов А. Эҳёи Аҷам / А. Турсунов. - Душанбе: Ирфон, 1984.
8. Холиқов А. Н. Тарбияи ҳуқуқӣ ва худшиносии миллӣ / А. Н. Холиқов. -Душанбе: Ирфон, 2010.
9. Ҳасанов Ш.Қ. Худшиносии миллӣ ва худогоҳии ҷавонон / Ш.Қ. Ҳасанов. - Душанбе: ЭР –граф, 2017.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. -Ҷ. 14. –Душанбе: Ирфон, 2017.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. -Душанбе, 1999.
12. Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд . -Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 2000.
13. C:\Users\Мохира\AppData\Roaming\Microsoft\Word\5. Национальное самосознание. https:\dic.academic.ru › dic.nsf › politology. Санаи муроҷиат 14. 05 2022.
14. Элназаров М. Фалсафаи худшиносии миллӣ / М.Элназаров. Ш.Амирхонов, П. Давлатов. –Душанбе, 2019. -280 с.

ТАҒЙИРЁБИИ ШУУРИ МИЛЛӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф заминаҳои иҷтимоӣ–фарҳангии ташаккули шуури миллиро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон баррасӣ намуда, муаммоҳо ва зиддиятҳои ин ҷараёнро ҳамчун падидаи таърихӣ-иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф омилҳои иҷтимоӣ – фарҳангиро ҳамчун заминаи бунёдии ташаккули шуури миллӣ тадқиқ намудааст. Муаллиф шуури миллиро ҳамчун шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ, чун тарзи хоссаи эҳсос, дарк ва фаҳмиши олам аз ҷониби намояндагони миллат, ифодагари моҳияти шуури миллӣ ва худшиносӣ ва ҳамчун василаи тавсифи хусусиятҳои миллат муайян кардааст. Дар ҷаҳони муосири пуртазод шуури миллӣ ва худшиносии миллӣ бояд бо назардошти равандҳои эҳтимолии рушди равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳони муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шавад, зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ воқеият чунин аст, ки ягон давлат ё ҷомеа аз равандҳои хатарзо, таҳдиду чолишҳо эмин буда наметавонад. Дар мақола таъкид гаштааст, ки як сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол, рӯй овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад.

Калидвожаҳо: шуур, шуури миллӣ, фарҳанги миллӣ, худшиносии инсон, шуури таърихӣ, хотираи таърихӣ, худшиносии миллӣ, истиқлолият, ваҳдат, ризоияти миллӣ, умумияти миллӣ.

ИЗМЕНЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО СОЗНАНИЯ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются социокультурные предпосылки формирования национального самосознания в современном обществе Таджикистана, а также проблемы и противоречия этого процесса. Автор исследует социокультурные факторы как фундаментальную основу формирования национальной идеи. В статье национальное сознание определяется как особая форма общественного сознания, как своеобразный способ ощущения, осмысления мира представителями нации, выражающий сущность национального самосознания, а также средство описания нации. В современном мире национальное сознание и национальное самосознание должны изучаться с учетом возможных процессов развития общественно-политических процессов в современном мире, поскольку в условиях глобализации реальность такова, что ни одно государство или общество не может быть в безопасности от угроз и поисков врагов. Ведь реальный источник национального самосознания – это, прежде всего, создание независимого государства, национальное единство, обращение к славному прошлому, защита цивилизации и культурного наследия предков и память о сильных личностях и великих сынах нации.

Ключевые слова: национальное самопознание, социально-исторические факторы, национальная культура, самопознание человека, историческое сознание, историческая память, суверенитет, национальное единство, национальное согласие, этническая общность.

CHANGES IN NATIONAL CONSCIOUSNESS DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses the socio-cultural background of the formation of national consciousness in modern society in Tajikistan, and examines the problems and contradictions of this sensitive process. The author explores socio-cultural factors as a fundamental basis for the formation of the national idea. The article defines the national consciousness as a special form of public consciousness, as a unique way of feeling, understanding and understanding of the world by the representatives of the nation, expressing the essence of national consciousness and self-awareness, as well as a means of describing the nation. In the modern world, national consciousness and national self-awareness should be studied taking into account the possible processes of development of socio-political processes in the modern world, because in the context of globalization the reality is that no state or society can be safe from threats, threats and dangers. After all, a real source of national self-awareness is, first of all, the establishment of an independent state, national unity, turning to the glorious past, protection of civilization and cultural heritage of ancestors and the memory of strong personalities and great sons of the nation.

Keywords: socio-historical factors, national culture, human self-knowledge, historical consciousness, historical memory, national self-awareness, independence, unity, national accord, national commonality.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Устобоева Дилафрӯз Муҳидиновна*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, кафедраи ҷомеашиносӣ номзади илмҳои фалсафа, дотсент. **Суроға:** 734019, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Исмоли Сомонӣ, 169. Телефон **(+992) 92-816-69-50** E-mail: **ustoboeva88@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Устобоева Дилафруз Мухидиновна*** **-** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кафедра общественных наук, кандидат философских наук, доцент.
Адрес: 7340019, город Худжанд, Республика Таджикистан, улица Исмоила Сомони,169. Телефон: **(+992) 92-816-69-50** E-mail: **ustoboeva88@mail.ru**

Information about the author: ***Ustoboeva Dilafruz Muhidinovna*** **-** Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce, Department of Social Sciences, Candidate of Philosophy, Associate Professor. **Address**: 7340019, Khujand city, Republic of Tajikistan, Ismoil Somoni street, 169.. Phone: **(+992) 92-816-69-50.** E-mail: **ustoboeva88@mail.ru**

ТДУ:101.1.316 (575.3)

АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФИИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ВА ҶАНБАҲОИ ТАМАДДУНИИ ОН

Зумратбии Муродалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар мақола бо истифода аз адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, умумиятҳо ва хусусиятҳои мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар фарҳангҳои шарқӣ ва ғарбӣ, вижагиҳои таълимоти буддоия ва динҳои дигари Ҳинди қадим дар бораи таҳаммулпазирӣ ҳамчун падидаи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, ба як силсила мафҳумҳои хосси фалсафаи Ҳинди қадим, аз ҷумла, дхарма, карма, сансара ва ғ. равшанӣ андохта шудааст. Муносибат ба дин, ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини тавсифи тамаддун мебошад, дар Шарқ аз Ғарб хеле фарқ мекунад. Динҳои гуногун, ки дар Шарқ зуҳур кардаанд ва ҳоло вуҷуд доранд, аз бисёр ҷиҳатҳо ба масеҳият монанд нестанд. Динҳои Шарқ, пеш аз ҳама, роҳҳои худтакмилдиҳӣ ва бо ин восита такмилдиҳӣ ва ободонии олами атроф мебошанд.

Роҳу воситаҳои камолот ва худтакмилдиҳии ахлоқии инсон, ки дар маъхазҳои динӣ ва фалсафии буддоия ва падидаҳои дигари фарҳангии Ҳинди Қадим нишон дода шудаанд, дар замони муосир низ аҳаммияти амалии худро гум накардаанд ва воқеан ҳам шарти муҳимми таҳким ва густариши фарҳанги таҳаммулпазирӣ дар ҷаҳони муосир маҳсуб мешаванд.

Дар ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва фаҳмиши илмии он таҳаммулпазирӣ яке аз муҳимтарин падидаҳое мебошад, ки ба равандҳои мураккаби муоширати байналмилалӣ, байниконфессиявӣ ва фарҳангии халқҳо мувофиқ аст. Таҳаммулпазирӣ як навъ амри замон, стратегия (санъат) ва тактикаи муносибатҳои байналмилалӣ, иҷтимоӣ ва байнишахсӣ гардидааст. Он муносибати эҳтиромона ба намояндагони қавмҳо, дину фарҳангҳои гуногунро ифода мекунад ва шарти ҳатмии бақо мондан ва рушди тамаддуни муосир мебошад. Дар айни замон, ки дар ҷаҳон авҷ гирифтани таҷовуз ва истифодаи густурдаи усулҳои зӯроварӣ барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-сиёсӣ, динӣ ва этникӣ мушоҳида мешавад, саъй кардан барои паҳншавии фалсафаи нави таҳаммулпазирӣ, ки низоми гуногуни арзишҳо ва афзалиятҳои ҳаётро асоснок мекунад, комилан табиист. Он омодагии қабули дигаронро, ҳамчунон ки ҳастанд ва бо онҳо тавассути муколама ва созиш муошират карданро дар бар мегирад. Аҳаммияти ин мавзуъро тазоди эҳтиёҷоти афзояндаи ҷомеа ба таҳаммулпазирӣ ҳамчун стратегияи (санъати) ҳамкории байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва одамон, ҳамчун арзиш ва ҷолиб набудани меъёрҳои намунаҳои рафтори таҳаммулпазирӣ, ки дар ҷомеа мавҷуд аст, муайян мекунад. Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, вуруди он ба фазои сиёсии байналмилалӣ танҳо бо азхудкунии арзишҳои бунёдии демократӣ имконпазир аст, ки яке аз онҳо таҳаммулпазирӣ мебошад. Масъалаи таҳаммулпазирӣ барои Тоҷикистони муосир инчунин бинобар дигаргуншавии ҷомеаи Тоҷикистон, пешгирии хатари дар шуури оммавӣ густариш ёфтани зуҳуроти таассуб ва тарсу изтиробҳои гуногун ва коҳиш ёфтани эҳсоси ризоияту таҳаммулпазирӣ, ки таҳти таъсири иттилоотию равонии рӯйдодҳои сиёсию иҷтимоии глобалию минтақавӣ зоҳир шуданашон мумкин аст, хеле муҳим аст.

Имрӯз тамоми ҳодисаҳои ҳаёт ва шуури одамонро мушкилоти тафовут фаро гирифтааст. Маҳз фарқият омили асосии сохти ҳаёти ҷамъиятии муосир мегардад. Ғояи тафовути ҳастӣ маъно ва ҳақиқат дар шуур ва ҳастии экзистенсионалии инсон аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунад. Таҳаммулпазирӣ ба тафовути этникӣ, иҷтимоӣ ва гуногунрангии фарҳангӣ, хоҳиши саъй кардан ба пойдории ҷамъият асос ёфтааст. Танҳо дар асоси принсипҳои таҳаммулпазирӣ инсоният метавонад дар ҷаҳони муосири гуногунандешӣ ва бисёрфарҳангӣ зинда монад.

Аз ин рӯ, дарки амиқ ва тафсири таҳаммулпазирӣ дар заминаҳои мухталифи воқеияти фалсафӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ зарур аст. Падидаи таҳаммулпазирӣ мавзуи таваҷҷуҳи хосса дар психология, педагогика, сиёсатшиносӣ, этнология ва ҷомеашиносӣ мебошад. Аммо азбаски мушкилоти таҳаммулпазирӣ бо як қатор масъалаҳои бунёдии

фалсафӣ ва идеологии марбут ба фаҳмиши инсон, ҳувияту шахсияти ӯ, имкониятҳо ва сатҳи донишу маърифат, ҳамдигарфаҳмӣ, муколамаи фарҳангу тамаддунҳо иртибот дорад, бинобар ин, шарҳу тафсири фалсафии таҳаммулпазирӣ, аз ҷумла дарёфти асосҳои иҷтимоию фалсафии таҳаммулпазирӣ имрӯз як зарурати объективӣ мебошад, ки ҳалли таъхирнопазири худро тақозо менамояд.

Маҳз фалсафаи иҷтимоӣ даъват шудааст, ки равандҳои дар ҷомеаи муосир баамаломадаро дарк намояд ва ба онҳо фаъолона таъсир расонад, асосҳои фалсафӣ ва ҷаҳонбинонаи фаъолияти инсонро ташаккул диҳад. Муносибати феълӣ ба ин мавзуъ, ки дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ амалӣ мегардад, табиати ахлоқии таҳаммулпазириро равшан мекунад, ки ба муносибати фаъолонаи шахс бо мавҷудият ва ҳамзистии худ бо дигарон, масъулият барои интихоби амал асос ёфта, зимнан, барои меъмории механизми таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад. Роҳ ба сӯйи таҳаммулпазирии ҳамарӯза дарк ва эътирофи тафовуту фарқиятҳо ва гуногуниҳоро дар бар мегирад. Кӯшишҳо ҷиҳати кушодан ва ҳамвор кардани ин роҳ танҳо дар заминаи пажуҳиши тафсири фалсафии афкору тасаввуроти таърихӣ дар бораи таҳаммулпазирӣ, ки «реша» дар тамаддунҳои гуногун доранд, муваффақона буда метавонанд. Бо дарназардошти муҳокимаи пуршиддати роҳҳои инноватсионии тарбияи инсони таҳаммулпазир ва дорои мавқеи фаъоли ҳаётӣ, масъалаи таҳқиқшаванда аз нуқтаи назари таълимӣ-тарбиявӣ низ хеле мубрам мебошад. Аз ин рӯ, таҳияи асосҳои иҷтимоӣ-фалсафии таҳаммулпазирӣ, равшан кардани вазъи печидаи гносеологии консепсияи таҳаммулпазирӣ ва стратегияи таъсиси он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани асосҳои ахлоқӣ ва иқтидори маънавии он муҳим мегардад.

Агар асоси таҳаммулпазирӣ дар Ғарб таҳаммулпазирии динӣ ва инчунин ҳуқуқу озодиҳои инсон бошад, пас дар Шарқ ба далели вижагиҳои тамаддуни Шарқ заминаи дигари асосӣ вуҷуд дошт. Мушкилоти «Шарқ - Ғарб» мавзуи тадқиқоти сершумор гардид, ки ба муайян кардани нуқтаҳои алоқаи тамаддунҳои гуногун нигаронида шудааст. Дар байни шарқшиносони шуравӣ ва рус В.В.Бартолд, Е.Е.Бертелс, С.Н.Григорян, Г.Е.Грунебаум, Н.С.Кирабоев, А.Е.Кримский, В.В.Наумкин, Е.П.Островская, Ю.М.Пост, В.И.Рудой, А.В.Сагадеев, А.В.Смирнов, М.Т.Степанянс, аз муҳаққиқони ғарбӣ Т.Ҷ. де Боэра, Р.Леви, Л.Массинйон, П.Николсон, Г.Корбэн ва дигаронро ба ин масъала дар асарҳои худ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Ба Шарқу Ғарб тақсим шудани ҷаҳон шартӣ буда, камтар аз ҳама аҳаммияти ҷуғрофӣ дорад. Инҳо, пеш аз ҳама, мафҳумҳои фалсафию фарҳангӣ буда, ду ҷаҳонбинӣ ва роҳҳои инкишофи фарҳангиро муайян мекунанд. Барои чунин тақсимот аз бисёр ҷиҳат парадигмаҳои бо ҳам зидди фарҳангҳои Аврупои Ғарбӣ ва Осиёи Шарқӣ ҳамчун асос хизмат кардаанд. В.С. Ротенберг ва В.В.Аршавский менависанд, ки ҳар як фарҳанги (тамаддуни) ҳам Шарқ ва ҳам Ғарб ба маънои дурусти калима ва мантиқи дохилии (ceteris paribus) инкишоф генотипи махсуси худро дорад. Бархе аз файласуфони дигар низ, масалан, пажуҳишгари ироқӣ Ал-Ҷанобӣ, бар ин назаранд [1, с**. 177**].

Ҳамин тариқ, шарқшиносон дар бораи «гуногунии асосҳои тамаддунии Шарқу Ғарб» баҳс мекунанд, аммо оё ин маънои мавҷуд набудани пояҳои таҳаммулпазирӣ дар Шарқро дорад? Муносибат ба дин, ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини тавсифи тамаддун мебошад, дар Шарқ аз Ғарб хеле фарқ мекунад. Ва худи динҳо дар ин ҷо гуногунанд ва ба масеҳият монанд нестанд. Динҳои Шарқ, пеш аз ҳама, роҳҳои худтакмилдиҳӣ ва бо ин восита такмилдиҳӣ ва ободонии олами атроф мебошанд. Барои мисол, динҳои Ҳинди қадимро дида мебароем.

Фарҳанги Ҳинди қадим (аз ҷумла, тартиботи динию фалсафии буддоӣ, ки дар Шарқ хеле маъмул аст), яке аз барҷастатарин ва қадимтарин навъи фарҳанги шарқӣ аст, ки дар он ақидаҳои космосентрикӣ ва муносибати ирратсионалӣ-мистикиро нисбат ба инсон, ҷомеа, табиат ва коинот ташаккул додан мумкин буд [2, с. **336**].

Мувофиқи ақидаи дар Ҳиндустон барои ҳама мақбул ва маъмул, олами моддӣ (табиӣ) барои татбиқи қонуни ахлоқӣ – дхарма офарида шудааст. Як нуқтаи муҳиме, ки дар матнҳои ведӣ сабт шудааст, мафҳумҳои карма ва сансара мебошанд, ки на танҳо дар чаҳорчӯбаи браҳмания, балки дар буддоия ҳам аҳаммияти бузург доранд. Ин мафҳумҳо дар Аранякҳо ва Упанишадҳо ба назар мерасанд, вале бо мурури замон онҳо тағйир ёфта,

маъноҳои нав пайдо кардаанд. Дар фаҳмиши фалсафӣ маънои асосӣ собит аст: карма - механизми таъсири мутақобилаи кулл ва ҷузъ (кайҳон ва инсон) мебошад, ки дар он ҳама гуна тағйироти дар ҷузъ баамаломада ногузир ба кулл таъсир мерасонад. Албатта, чунин равиш дар зуҳуроти иродаи илоҳӣ ҷойи пешбаранда намегузорад, балки дар ҳоле масъулияти бузургеро ба дӯши инсон мегузорад, ки тамоми ҳодисаҳои зиндагӣ, саломатӣ ва сарнавишти наздиконаш ба фаъолияти худи ӯ вобаста аст. Дар достони бузурги қадимии ҳиндӣ «Маҳабҳарата», ки маънавият ва ягонагии зебоиро бо некӣ тасдиқ мекунад, сатрҳоеро дидан мумкин аст, ки муносибати инсондӯстиро нисбат ба одамон васф мекунанд.

Ҳамин тариқ, тибқи мафҳуми инсон, ки дар фарҳанги Ҳиндустон таҳия шудааст, инсон як мавҷуди руҳонӣ аст, ки натиҷаи зуҳури Худост. Тамоми фаъолияти инсонро қонуни ахлоқии дхарма пешакӣ муайян мекунад, ки риояи қатъии қоидаҳои ахлоқии рафторро муқаррар мекунад ва дар он қоидаҳо инсондӯстӣ, тобоварӣ, мубориза бо эҳсосоти манфӣ, эҷоди муносибатҳои мусбӣ мувофиқи тақсимоти табақаҳои одамон дар ҷамъият ҳамчун асосҳои таҳаммулпазирӣ муқаррар карда шудаанд. Бо омӯхтани асосҳои таҳаммулпазирӣ дар фарҳанги Ҳинд ба баррасии фарогир рӯ овардан лозим аст, ки таҳлили вижагиҳои тамаддунӣ - шарқии фаҳмиши таҳаммулпазириро тақвият мебахшад. Яке аз бузургтарин ҳиндушиносони асри ХХ Пол Ҳакер фарогириро таҳаммулпазирии зоҳирӣ номидааст. Истилоҳи «инклюзивизм»-ро ҳиндушиносони муосир П.Ҳакер, В.К.Шоҳин раванди ҳамчун ҷузъҳои тобеи фарҳанги худӣ пазируфтани урфу одатҳо, падидаҳои фарҳангии бегона, ғайримиллӣ ё фаромиллӣ тафсир мекунанд [3, с. **240**].

Пол Ҳакер исбот мекунад, ки он чизе ки одатан ҳамчун таҳаммулпазирии ҳиндуҳо, яъне омода будани онҳо ҷиҳати ба эътиқод ва назари дигарон бо фаҳмиш ва ҳамдардӣ муносибат кардан, дар асл чизи тамоман дигар аст. Ба гуфтаи Ҳакер, ҳиндуҳо на он қадар майл доранд, ки нуқтаи назари дигаронро дарк кунанд ва эҳсос кунанд, балки онҳоро ҳамчун нусхаҳои хусусӣ ва нопурраи ақидаҳо ва эътиқодҳои худ, ки албатта, дурусттарин ва ҳамафарогир эълон карда мешаванд, муаррифӣ (тафсир) мекунанд. Далели он ки «инклюзивизм» (ба маънои дар боло зикршуда) дар ҳақиқат аксар вақт дар «суҳбатҳои» ҳиндуҳо (ва махсусан нео-ҳиндуҳо) мавҷуд аст, дар байни муҳаққиқон шубҳаи зиёдро ба вуҷуд намеорад [4, с. **591**].

Савол ин аст, ки оё онро таҳаммулпазирӣ ҳисоб кардан мумкин аст? Ба фикри мо, ҷавоб мусбат буда метавонад. Мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар тули садсолаҳо ташаккул ёфтааст. Ин раванд то имрӯз идома дорад. Ба андешаи В.А.Лекторский, таҳаммулпазирӣ метавонад ба он асос ёбад, ки ақидаҳое вуҷуд доранд, ки ҳақиқати онҳоро исбот кардан ғайриимкон аст, зеро онҳо ба далелҳои ғайриақлӣ асос ёфтаанд. Масалан, эътиқоди динӣ, мавқеъҳои фалсафӣ, ҷаҳонбинӣ, арзишҳои тамаддунҳои гуногун, фарҳангҳо, гурӯҳҳои этникӣ ва ғайра. Ин фикру мулоҳизаҳо дар он маврид қобили қабул буда метавонанд, ки ба қоидаҳои умумии тамаддуни ҷамъияти одамон мухолиф набошанд [5, с.526].

Л.В.Сквортсов робитаи байни шуури ҷамъиятии ҳукмрон дар як лаҳзаи муайяни таърихӣ ва навъи бартарии таҳаммулпазириро муайян мекунад. Вобаста ба ин, аломатҳои таҳаммулпазирӣ тағйир меёбанд. Ҳамин тариқ, дар сохтори шуури мифологӣ (асотирӣ) таҳаммулпазирӣ аз ҷиҳати консептуалӣ дарк карда нашудааст. Ҷомеа нисбат ба вижагиҳои тафаккури фалсафӣ таҳаммулпазир аст, зеро он ҳанӯз боиси вайрон шудани тасвирҳои шуури мифологӣ нашудааст. Л.В.Сквортсов ин ҳолатро таҳаммулпазирии «пинҳон» меномад. Таҳаммулпазирӣ ҳамчун дараҷаи таърихию фалсафӣ дар марҳилаҳои муайяни рушди ҷомеа ташаккул ёфта, бештар аз ҷониби шуури ҷамъиятии дар айни замон мавҷудбуда муайян карда мешавад [6, с. 429].

Ҳамин тариқ, дар асоси ақидаҳои В.А.Лекторский, Л.В.Сквортсов, М.Волтсер ва чанде дигар муҳаққиқони таҳаммулпазирӣ (С.К.Бондирева, Д.В.Колесов) метавон фарогириро ҳамчун як навъи таҳаммулпазирӣ қарор диҳем. Аммо тахмин кардан мумкин аст, ки Пол Хакер таҳти мафҳуми таҳаммулпазирӣ на ин ки хосияти махсуси «менталитет»-и ҳиндуҳоро, балки як навъ падидаи умумибашариро тавсиф кардааст, ки ба ин ё он дараҷа ба ҳамаи анъанаҳои гуногуни фарҳангӣ хос аст, чандон дар доираи тамаддуни ҳинду буддоӣ таҳаммулпазирии хосси анъанавӣ ташаккул ёфтааст [7, с. 46-54].

Он ба мафкураи дахлнопазирии мутлақи тартиботи мавҷудаи коинот асос ёфтааст. Бинобар ин, ҳама гуна эътирози иҷтимоӣ ва ҳатто кӯшиши таҳаввулоти хушунатомез, бемаънӣ аст, зеро тартиботи олам барои қудрати инсон дастнорас аст. Маънои чунин таҳаммулпазир, ба назари мо, пеш аз ҳама, дахолат накардан аст [8, с. 7].

Омӯзиши анъанаи динии таҳаммулпазирӣ комилан табиист, ки муроҷиат ба буддоияро дар бар мегирад. Буддоияро, ки тафаккури шарқиро аз нигоҳи ягонагии инсон (олами асғар) бо кайҳон (олами акбар) ифода мекунад, метавон дини хирад номид. Матнҳои муқаддаси буддоия, бешубҳа, масъалаи таҳаммулро дар бар мегиранд. Дар як қатор ҷойҳо дар Трипитака дар бораи ғамхорӣ, раҳмдилӣ, саховатмандӣ, таҳаммулпазирӣ сухан меравад, аммо фаҳмиши таҳаммулпазирӣ дар матнҳои муқаддаси буддоӣ аз фаҳмиши масеҳӣ ва исломӣ, ки бо тафсири гуногуни инсон алоқаманд аст, фарқ мекунад. Дар масеҳият шахси руҳонӣ шахсест, ки руҳи Худо дар он сокин аст ва амал мекунад. Дар масеҳият таҳаммулпазирӣ туҳфаи Худост, дар буддоия ин танҳо як амали иродаи инсон аст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ бо Худо алоқаманд нест.

Ҳамин тариқ, тафовут дар рушди мушкилоти таҳаммулпазирӣ дар Трипитака, пеш аз ҳама, дар инкори ақидаи Худост, ки метавонад ба фард сифатҳои таҳаммулпазириро ато кунад ё ба хотири ташвиқ, ки ин сифатро бояд дар худ инкишоф диҳад, метавонад кӯшиш кунад. Сониян, буддоия авлавияти варзишҳои мушаххаси амалиро дар шакли тамаркузи ақл ва хоҳиши пок кардани фикру гуфтор ва хоҳишҳои худ аз кинаву тамаъ ва ҷаҳолат барои ноил шудан ба муносибати таҳаммулпазирона нисбат ба ҳамсоягон эълон мекунад. Сеюм, буддоия таҳаммули душманони динро пешниҳод мекунад, зеро иҷтиноб аз зӯровариро муҳимтар аз ҳифзи покии эътиқоди худ мешуморад.

Буддоия таълимоти аслӣ оиди зӯроварӣ накарданро дорад. Ҳадафи ҳаёти буддоӣ як навъ ҳолати мувозинат, ҳамоҳангии комил, сулҳ, муҳаббат ва таҳаммулпазирӣ нисбати одамони гирду атроф мебошад. То он даме, ки буддоӣ ба ин бадӣ вокуниш нишон надиҳад, ҳеҷ бадӣ ва нафрат касеро аз ноил шудан ё шикастани ин ҳолат боздошта наметавонад. Дар ин ҷо баъзе мисолҳо аз ин ақида оварда шудаанд. «Эй бародарон, агар шахси бегона бар зидди ман ё бар зидди имон ё бар зидди фармуда сухан гӯяд, шумо дар ҳаққи ӯ бадӣ накунед, кина нагиред ва набояд эҳсосоти бад дошта бошед» [9, с.168-176].

Ҳангоми таҳқиқи шартҳои таҳаммулпазирӣ дар буддоия, бешубҳа, маҳдуд шудан бо баррасии он ҳамчун дин кофӣ нест, аммо муҳим аст, ки дар бораи баъзе анъанаҳои фалсафӣ тавассути призмаи таҳаммулпазирӣ таваққуф кунем. С.Ю.Лепехов чунин таъкид мекунад: «Муносибат ба буддоия, дурусттараш ба Дхарма, ки фарҳанг ва тамаддун фаҳмида мешавад, ба мо имкон медиҳад, ки аз баҳс дар масъалаи «буддоия дин аст ё фалсафа?» даст кашем ва мушкилоту ҳодисаҳоро дар миқёси ҳақиқӣ ва муносибатҳои ҳақиқӣ ба назар гирем» [10, с.168].

Хулоса, дар таълимоти фалсафии буддоия мавқеи марказиро ғояи тағйирпазирии умумӣ, инчунин вобастагии умумӣ ва байниҳамии падидаҳо ишғол мекунад. Ба намояндагони мактабҳои фалсафии буддоӣ тафсири барҷастаи равонии мавҷудият хос аст, ки дар он тамоюли идеализми субъективӣ мушоҳида мешавад. Моҳияти тафаккури афкори фалсафии буддоӣ асолати дарки таҳаммулпазириро дар фарҳанги шарқӣ муайян мекунад, ки моҳияти он дахолат накардан аст ва дар айни замон буддоия такмили равонии шахс, баробарии руҳониро эълон мекунад, ки он то як андоза нобаробарии иҷтимоии одамонро ҷуброн мекунад. Назарияи шуур аз даврaҳои аввали инкишофи худ мавзуи асосии таълимоти динию фалсафии буддоӣ мебошад, дар сурате ки мушкилоти онтологӣ ё пурра бо мақсаду вазифаҳои сотериолгоӣ муайян карда мешаванд, ё аз призмаи равоншиносӣ дида баромада мешаванд. Аз тарафи дигар, худи психология дар буддоия характери онтологӣ дошт ва буддоиён дар бораи ҷаҳон ҳамчун шуури беруна ҳарф намезананд, онро танҳо ҳамчун психокосм, яъне он чизе, ки дар шуур мавҷуд аст, дар он "инъикос" ёфтааст, дарк мекунанд.

Ифодаи умумии фалсафӣ ва равоншиносӣ ба муносибати танқидии буддоиёни аввал дар постулати маъруфи мавҷудият дар ҳоли ранҷу азоб дода шудааст. Худи ранҷу азоб аз субъекти ранҷдида ва аз ин рӯ, аз руҳи ӯ ҷудонашаванда аст. Дар баробари ин, буддоия иддао мекунад, ки ҳар як шахс тавассути кӯшишҳои ихтиёрӣ ва амалҳои худ қодир аст аз ҳолати ранҷу азоб ба ҳолати оромии комил, сулҳи олӣ, хирадмандии амиқ гузарад. Аз ин

рӯ, дар мафҳуми буддоӣ дар бораи «наҷот» аз гумроҳӣ ва ранҷу азоби дунявӣ мавқеи марказиро таълимоти расидан ба ҳолати «маърифат» ё «бедоршавӣ» ишғол мекард, ки ҳадафи олии сотериологии тамоми мактабҳои буддоӣ мебошад [11, с.50-56].

«Чаҳорумин Ҳақиқати шариф» як роҳи амалӣ аст, ки ба фурӯ нишондани хоҳишҳо мебарад. Ин роҳро маъмулан "роҳи миёна" ё "роҳи ҳаштгонаи наҷиб"-и наҷот меноманд. Он се ҷузъи асосиро дар бар мегирад: фарҳанги рафтор (фикри дуруст, сухан, амал), фарҳанги мулоҳиза (огоҳии дуруст ва тамаркуз) ва фарҳанги хирад (назари дуруст).

Фарҳанги рафтор панҷ (ё даҳ) амри асосӣ аст: накушед, моли бегонаро тасарруф накунед, дурӯғ нагӯед, май нахӯред, зино накунед; инчунин хислатҳои саховатмандӣ, ҳулқу одоби нек, хоксорӣ, покдоманӣ ва ғайра. Аз ҳамаи чаҳор ҳақиқати наҷиб, ин роҳи ҳаштқабата наҷиб аст, ки фалсафаи буддоияро ташкил медиҳад. Буддо на танҳо дар бораи имконияти озодшавӣ сухан меронад, балки роҳеро низ нишон медиҳад, ки бо он ҳар як одам мустақилона, бе ёрии Буддо метавонад ба озодӣ ноил шавад ва худаш Буддо шавад. Буддоия бо ҳамаи ин хусусиятҳои худ аз дигар динҳои машҳур фарқияти калон дорад - ягон таълимоти дигари динӣ эътироф намекунад, ки шахс метавонад бо саъю кӯшиши худ худро ба Худо монанд кунад [14, с.263-269].

Л.Е.Янгутов таълимоти «наҷот»-ро таҳқиқ намуда, менависад: «Аъмоли ахлоқии шахс дар ниҳояти кор на он қадар аз мавқеи неку бад, инсоф ва беадолатӣ, балки аз нуқтаи назари «равшанӣ» ё «норавшанӣ» аз шуур баҳо дода мешавад. Амалҳои бад ба он дараҷае маҳкум мешаванд, ки хоҳишу ҳавасҳои навро ба вуҷуд меоранд, шахсро дар ғурур ва худтасдиққунии ӯ қавӣ мегардонанд» [12, с.544].

Таълимоти «наҷот» барои тамоми мактабҳо ва самтҳои буддоӣ аҳаммияти истисноӣ дошт. Ҳамин тариқ, дар буддоия ғояи асосии ягонаи ахлоқӣ ҳамчун омили наҷот барои ҳар як шахс, сарфи назар аз мансубияти миллӣ ё иҷтимоӣ ифода ёфтааст, ки ин яке аз шартҳои ҳатмӣ ва асосӣ барои татбиқи таҳаммулпазирӣ дар ҳаёти фардӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб мешавад [13, с.110].

Таълимоти таҳаммулмеҳвари динӣ-ахлоқии буддоия ба намояндагони дигар фарҳангҳо имкон медиҳад, ки анъанаҳои этнофарҳангӣ ва миллию динии худро этноконфессиониро пурра вайрон накунанд ва дар айни замон ба таълимоти Буддо мувофиқ амал кунанд. Маълум аст, ки Далай Лама ҳангоми боздид аз кишварҳои ғарбӣ пайваста таъкид мекунад, ки барои амалӣ кардани таълимоти буддоӣ дини ислом, насронӣ ё яҳудӣ даст кашидан асло шарт нест. Масалан, Далай Лама тавсия медиҳад, ки аврупоиҳо ва амрикоиҳо аз буддоия танҳо унсурҳои муайяни медитатсия ва фалсафаро қабул кунанд, ки ба ақидаҳои насронӣ ва яҳудӣ мухолиф нестанд. Дар натиҷа, дар Ғарб бисёре аз масеҳиён ва яҳудиён ба буддоия пайравӣ мекунанд ва аксар вақт дорои ҳувияти дугонаи мазҳабӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, буддоия дорои потенсиали назарраси таҳаммулпазирст ва ин яке аз сабабҳои берун аз қитъаи Ҳинд ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб васеъ интишор ёфтани он мебошад. Муносибати таҳаммулпазиронаи буддоия ба дигар арзишҳои фарҳангӣ ва динӣ, кушодагии ин дин ба муколамаи байни динҳо боиси афзоиши таваҷҷуҳ ба буддоия дар ҷаҳони муосир шудаанд, он симои маънавиёти алтернативӣ, ки буддоия дар тавозун бо фарҳанги муосири ғарбии дунявӣ ба вуҷуд овардааст, бо низоми арзишҳои муосири умумбашарӣ воқеан ҳам ҳамоҳанг мебошад ва ба фазои гуногунандешӣ мувофиқат мекунад. Гуманизм, таҳаммулпазирӣ ва меъёрҳои баланди ахлоқии фарҳанги буддоӣ на танҳо имкони муколамаи байнифарҳангӣ, балки имкони дар амал татбиқ намудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии шаҳрвандиро низ дар назар дорад.

Муқарриз: Маҳмадизода Н.Д.- д.и.ф., профессори ДМТ

АДАБИЁТ

1. Аникеев, Е. Н. Диалог цивилизаций: Восток - Запад / Е. Н. Аникеев, А. В. Семушкин // Вопросы философии. - 1998 - № 2. - С. 177.
2. Бондырева, С. К. Нравственность / С. К. Бондырева, Д. В. Колесов. - М.: МПСИ, МОДЭК, 2008. - 336 с.
3. Бондырева, С. К. Толерантность (введение в проблему) / С. К. Бондырева, Д. В. Колесов. - М.: Издательство Московского психолого-социального института. - Воронеж: Издательство НПО «МОДЭК», 2003- 240 е.
4. Всемирное писание: Сравнительная антология священных текстов / Пер. с англ, Бурмистровой Л. М. и др. Под общ. ред. Гуревича П. С. - М.: Республика, 1995. - 591 с.

5. Всемирное писание: Сравнительная антология священных текстов / Пер. с англ. Бурмистровой Л. М. и др. Под общ. ред. Гуревича П. С. - М.: Республика, 1995 - С. 526.
6. Культура древней Индии / Г. М. Бонгард-Левин, А. В. Герасимов. Сост. и отв. ред. А. В. Герасимов - М.: Наука, 1975. - 429 с.
7. Лекторский, В. А. О толерантности, плюрализме и критицизме / В. А. Лекторский // Вопросы философии. - 1997. - №11. - С. 46-54
8. Лысенко, В. Г. Ранняя буддийская философия. Ранняя буддийская философия. Философия джайнизма/ В. Г.Лысенко, А. А.Терентьев, В. К. Шохин. - М., 1994. - С. 7 -358
9. Маҳмадизода Н.Д. Таҳаммулпазирӣ ҳамчун омили муқовимат бо ифротгароӣ ва низоъҳои динӣ / Н.Д.Маҳмадизода, *С. Н.* Сатторзода //Маҷаллаи "Идоракунии давлатӣ". –Душанбе, 2021. -№4. -С.168-176.
10. Маҳмадизода Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистана: дисс. канд. филос. наук.-Душанбе, 2012.-168 с.
11. Маҳмадизода Н.Д. Экстремизми динӣ – сиёсӣ: хосияти хос ва омилҳои зоҳиршавии он дар ҷомеаи муосир // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. - (№1) – С. 50 – 56.
12. Розенберг, О. О. Избранные труды по буддизму / О. О. Розенберг - Москва: Наука, 1991. - С. 205; Ермакова, Т. В., Классическая буддийская философия. / Т. В. Ермакова, Е. П. Островская, В. И. Рудой. - СПб.: Лань, 1999. - 544 с.
13. Сатторзода С. Н. Низоъҳои динӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. -№2. -С.263-269.
14. Шохин, В. К. Брахманистская философия. - М.: Восточная литература, 1994. - С. 110.

АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФИИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ВА ҶАНБАҲОИ ТАМАДДУНИИ ОН

Дар мақола бо истифода аз адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, умумиятҳо ва хусусиятҳои мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар фарҳангҳои шаркӣ ва ғарбӣ, вижагиҳои таълимоти буддоия ва динҳои дигари Ҳинди қадим дар бораи таҳаммулпазирӣ ҳамчун падидаи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, ба як силсила мафҳумҳои хосси фалсафаи Ҳинди қадим, аз ҷумла, дхарма, карма, сансара ва ғ. равшанӣ андохта шудааст. Муносибат ба дин, ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини тавсифи тамаддун мебошад, дар Шарқ аз Ғарб хеле фарқ мекунад. Динҳои гуногуне, ки дар Шарқ зуҳур кардаанд ва ҳоло вуҷуд доранд, аз бисёр ҷиҳатҳо ба масеҳият монанд нестанд. Динҳои Шарқ, пеш аз ҳама, роҳҳои худтакмилдиҳӣ ва бо ин восита такмилдиҳӣ ва ободонии олами атроф мебошанд. Роҳу востаҳои камолот ва худтакмилдиҳии ахлоқии инсон, ки дар маъхазҳои динӣ ва фалсафии Буддоия ва падидаҳои дигари фарҳагии Ҳинди қадим нишон дода шудаанд, дар замони муосир низ аҳаммияти амалии худро гум накардаанд ва воқеан ҳам шарти муҳимми таҳким ва густариши фарҳанги таҳаммулпазирӣ дар ҷаҳони муосир маҳсуб мешаванд.

Калидвожаҳо: таҳаммулпазирӣ, дхарма, карма, сансара, буддоия, фалсафаи наҷот, иҷтиноб аз зӯроварӣ, дахлнопазирӣ, қонуни ахлоқ.

СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКИЕ ОСНОВЫ ТОЛЕРАНТНОСТИ И ЕЕ КУЛЬТУРНЫЕ АСПЕКТЫ

Дар коркарди ин муаммо саҳми олими машҳур И.Г. Песталотсси назаррас аст. Вай зарурияти бо ҳам алоқаманд кардани бисёр фанҳоро дар синфҳои ибтидоӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда, амалан исбот кардааст. Песталотсси чунин қайд кардааст: «Агар майдонро омӯхтан лозим бошад, пас дар бораи майдон суҳбат барпо мегардад ва баъд расми майдон кашида мешавад» [12, с. 102]. Яке аз намояндагони машҳури педагогикаи немис И.Ф. Гербарт ба омӯзиши асосҳои психологии алоқаҳои байнифаннӣ машғул буд.

Вай самараи алоқаи байни фанҳоро дар омӯзиши як қатор фанҳои таълим асоснок кард. Вай инчунин алоқаи дохилифаннӣ ва байнифанниро муайян кардааст [5, с. 75].

Олими бузурги рус К.Д. Ушинский дар асарҳои педагогии худ ба масъалаҳои алоқаи байнифаннии фанҳои таълимӣ диққати зиёд додааст. Вай аҳаммияти алоқаи байни фанҳоро дар таълими фанҳои гуногун махсус таъкид намудааст. К.Д. Ушинский қайд карда буд, ки «саре, ки бо донишҳои нобаробар ва ба ҳам алоқаманд мусаллаҳ шудааст, ба анбори бетартиб монанд аст, ки дар он ҳатто соҳибаш чизе ёфта наметавонад». Вай чунин мешуморид, ки ба хонандагон донишу малакаро дар алоқа бо табиат, бо ҳаёт, бо далелҳое, ки якдигарро ҳамаҷониба пурра мекунанд ва алоқаи байни фанҳо асоси он гардад, таълим дод. Вай инчунин методологияи амалӣ гардондани алоқаҳои байнифанниро дар таълими як қатор фанҳои таълимӣ ошкор намудааст.

Инак, дар таърихи педагогика мероси гаронбаҳо дар назария ва амалияи алоқаҳои байнифаннӣ андӯхта шудааст, аз ҷумла:

- зарурати объективии дар дониши таълимӣ инъикос намудани муносибати воқеии ашё ва ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият ташаккул ёфта (аз нуқтаи назари психология, педагогика ва методикаи таълим);

- вазифаҳои ғояҳою инкишофдиҳандаи алоқаҳои байнифаннӣ, таъсири мусбати онҳо ба ташаккули низоми ҳақиқии донишҳои илмӣ ва инкишофи умумии психологии хонанда ҷудо карда шуданд;

- методикаи таълими мутобиқ кардани фанҳои гуногун таҳия карда шуд, барои дар амал татбиқ намудани алоқаҳои байнифаннӣ омода намудани омӯзгорон кӯшиш ба харҷ дода шудааст.

Дар асоси таҳлили адабиёти психологию педагогӣ алоқаҳои байни фанҳо мафҳуми умумии дидактикӣ мебошанд, ки вобаста ба сатҳи омӯзиши олами атроф дар дидактика мақоми гуногун доранд, яъне:

- алоқаи байнифаннӣ инъикоси алоқаҳои байни илмҳо дар раванди таълим (дар сатҳи падидаи дидактикӣ);

- алоқаи байнифаннӣ воситаи таъмини мувофиқати ҳамдигарии нақшаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои гуногун бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи илмии таълими асосҳои илм, ташаккули ҷаҳонбинии диалектикии хонандагон, инкишофи қобилияти эҷодии онҳо;

- алоқаи байнифаннӣ омили ҳамкории илмҳо дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии диалектикии хонандагон ва афзоиши қобилияти эҷодии онҳо (дар сатҳи раванди дидактикӣ);

- алоқаҳои байнифаннӣ воситаҳои муттаҳидкунандаи низоми принсипҳои дидактикӣ: илмӣ, систематикӣ, якпорчагӣ, муттасилӣ мебошанд, зеро онҳо самти ҳадафноки ҳамаи принсипҳои дар боло зикршударо барои дар шуури инсон ташаккул додани низоми ягонаи донишҳо дар бораи табиат ва ҷамъият муайян мекунанд (дар сатҳи принсипи дидактикӣ);

- дониши байнифаннӣ як соҳаи мустақили донишҳои дидактикӣ буда, асоснокии психологию педагогӣ дошта, бо сохтори ягонаи принсипҳо, методҳо ва воситаҳои таълим тавсиф мешавад, ки бо ёрии онҳо навъи дониш – «донишҳои байнифаннӣ», ки барои ташаккули услуби консептуалии тафаккури хонандагон, ки бо диди ҳамаҷонибаи ҷаҳони атроф (дар сатҳи методология) хос аст, имкон медиҳад [15, с. 21].

Алоқаҳои байнифаннӣ категорияи педагогӣ барои муайян кардани муносибатҳои синтезӣ, интегративии байни объектҳо, падидаҳо ва равандҳои воқеият мебошанд, ки дар мазмун, шакл ва методҳои раванди таълим инъикос ёфта, дар ягонагии маҳдуди худ вазифаҳои таълимӣ, инкишофдиҳанда ва тарбиявиро иҷро мекунанд.

Муайян кардан ва амалӣ намудани алоқаҳои байнифаннӣ яке аз масъалаҳои мубрами методикаи таълим мебошад. Аҳаммияти дидактикии ин технология дар ақидаҳои марбут ба тафриқа ва ҳамгироии донишҳои илмӣ дар зинаҳои гуногуни рушди ҷомеа асоснок карда мешавад. Олимон - педагогон (И. Гербарт, Ҷон Локк, А. Дистервег, Я.А. Коменский, К.Д. Ушинский) дар даврaҳои гуногун дар барои самарабахш будани алоқаҳои байнифаннӣ навиштаанд [5,7,8,9,15].

Кор дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ имкон медиҳад, ки алоқаҳои байнифаннӣ байни физика ва фанҳои махсус (тиҷорат, технология, санитария ва гигиена) амалӣ карда шаванд. Чунин алоқаҳо ба ташаккули малакаҳои татбиқи донишҳои худ дар ҳолатҳои гуногун мусоидат мекунанд, барои омӯхтани падидаҳо аз паҳлӯҳои гуногун мусоидат мекунанд, яъне ба ташаккули тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунанд.

Яке аз методҳои самараноки татбиқи алоқаҳои байнифаннӣ ҳалли мушкилот мебошад. Аммо ҳангоми ҳалли масъалаҳои навъҳои гуногун раванди татбиқ метавонад ҳам ба алоқаҳои байнифаннии навъҳои гуногун [14, с. 47] ва ҳам ба гурӯҳҳои гуногун таъсир расонад.

Ҳангоми ташкили алоқаҳои байнифаннӣ, пеш аз ҳама, қонунҳо, қонуниятҳо ва мафҳумҳои физика, химия, биология бояд ба назар гирифта шаванд [13, с. 11].

Ҳар як асбоби техникӣ шакли махсуси амалӣ гардондани қувваҳои табиат мебошад. Мафҳуми "принсипи амал" таърифи умумии ин шаклро дар бар мегирад ва баррасии раванди табиие, ки хусусиятҳои функсионалӣ ва морфологии предмет ба он вобаста аст, аҳаммияти аввалиндараҷа дорад [4, с. 11].

Барои амалӣ намудани алоқаҳои байнифаннӣ методҳои муайян ва шаклҳои ташкилии таълим истифода мешаванд: дарсҳои умумӣ, семинарҳо, экскурсияҳо, конференсияҳо, лоиҳаҳои эҷодӣ.

Алоқаи мазмуни фанҳои таълимӣ, пеш аз ҳама, ба алоқаи байни соҳаҳои илм асос меёбад. Ғайр аз ин, он ба алоқаи илм бо технология, техника ва фаъолияти дигаргунсозандаи инсон асос ёфтааст. Зарурати амалӣ гардондани алоқаҳои байнифаннӣ дар худи принсипҳои дидактикии таълим, вазифаҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соҳаи тарбия, ба фаъолияти амалӣ тайёр кардани хонандагон вобаста аст. Аз ҷониби дигар, аҳаммияти барқарор намудани алоқаҳои байнифаннӣ дар ҷараёни таълим ба раванди ҳамгироӣ, ки имрӯз дар илм сурат мегирад, вобаста аст.

Мавҷудияти ин алоқаҳо ба беҳтар шудани на танҳо кори амалӣ, балки аз ҷиҳати илмӣ-назариявии хонандагон ҳам ёрӣ мерасонад. Тавассути алоқаҳои байнифаннӣ хонандагон дар бораи ҳодисаҳои табиат, муносибати байни онҳо тасаввуроти пурра пайдо мекунанд. Ба шарофати ин дониши амалӣ пурмазмунтар ва ба амалия нигаронида мешавад. Қобилияти татбиқи дониш ва малакаҳои дар доираи як мавзуи таълимӣ гирифташуда ҳангоми омӯзиши дигарҳо имкони татбиқи онҳоро дар ҳолатҳои мушаххаси ҳаёт зиёд мекунад. Қобилияти татбиқи донишҳои назариявӣ дар ҳалли масъалаҳои амалӣ на танҳо дар алоқа бо корҳои таълимӣ, балки берун аз синф низ ташаккул меёбад. Ин маҳоратҳои асосӣ барои ҳаёти ояндаи таълимӣ, касбӣ ва иҷтимоии хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ заруранд.

Ташкили фаъолияти таълимӣ дар асоси муҳокима ва таҳқиқи алоқаҳои бисёрҷонибаи байнифаннӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои таълим, инкишоф ва тарбияи хонандагон дар сатҳи сифатан нав ҳал карда шаванд. Ин гуна муносибат барои гузоштани таҳкурсии тафаккури интиқодӣ, қобилияти дидан ва ҳалли мушкилоти мураккаби воқеияти атроф заминаҳои зарурӣ фароҳам меорад. Аз ин ҷост, ки татбиқи алоқаҳои байни фанҳо шарти муҳимми муносибати низоми фаъолнокӣ дар таълиму тарбияи хонандагон мебошад.

Таҳлили асарҳо оид ба мавзуи мазкур имкон медиҳад, ки мавҷудияти шартҳои муайяни асоснокии назариявии татбиқи алоқаҳои байнифаннии технология ва физикаро дар асоси муносибати вазифавӣ баён намоем. Принсипҳои асосии муносибати вазифавӣ мураттаб гардида, имкониятҳои татбиқи он дар соҳаи таҳсилоти мактабӣ баррасӣ гардида, асосҳои илмию методии ҳамгироии таълими хонандагон омӯхта мешаванд [3, с. 81].

Максимова В.Н. бо назардошти алоқаҳои байнифаннӣ дар раванди таълими хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, онҳоро ҳамчун як принсипи таълим ҷудо мекунад (гарчанде ки он вазифаҳои меъёрӣ ва моҳияти онро муайян намекунад), ки самти мақсадноки тамоми принсипҳои дигарро муайян мекунад ва ба ҳалли вазифаи асосӣ -ташаккули ҷаҳонбинӣ, яъне низоми ягонаи дониш дар бораи табиат ва ҷамъият нигаронида шудааст [10, с. 17].

А.И. Гурйев якчанд самтҳои таъсири принсипи алоқаи байнифанниро ба раванди педагогӣ муайян мекунад:

- баланд бардоштани иқтидори иттилоотии консепсияи ташаккулёфта;
- амиқтар кардани ҷанбаи муҳими мафҳумми ташаккулёфта;
- такмили методикаи ташаккули мафҳумҳо, татбиқи муттасилӣ дар рушди онҳо;
- ташаккули тафаккури консептуалӣ;
- дарк кардани фан дар низоми умумии илмҳои дигар;
- гузориш ва ҳалли масъалаи муайян намудани характери алоқаҳои омӯхташаванда;
- инкишоф додани фаъолияти маърифатии хонандагон ва амиқ дарк намудани донишҳои гирифташуда;
- ташаккул додани маҳорат ва малакаи истифодаи мунтазами донишҳои гирифташуда;
- муайян намудани роҳҳои гирифтани донишҳои нав [6, с. 72].

Дар луғати педагогӣ алоқаҳои байнифаннӣ ҳамчун мувофиқати мутақобилаи барномаҳои таълимӣ, аз рӯйи низоми илмҳо ва ҳадафҳои дидактикӣ шарҳ дода шудаанд. Азбаски муносибатҳо на танҳо ба мундариҷаи таълим, балки ба ҷузъҳои дигари раванди таълим низ дахл доранд, дурусттар ба назар мерасад, ки онҳоро ҳамчун «муносибати байни ду ё зиёда фанҳои таълимӣ тавсиф намуд, ки истифодаи мутақобила ва ғанӣ гардонидани донишҳои умумӣ, малакаҳои амалӣ, инчунин методҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълимро дар бар мегирад» [1, с. 66].

Бо вуҷуди ин, алоқаҳои байнифаннии технология ва физика то ҳол бо истифодаи методи вазифавӣ дар раванди таълим алоқаманд нестанд. Дар баробари ин бояд таъкид кард, ки вазифаҳо воситаи муҳимми дидактикӣ мебошанд, ки ба татбиқи алоқаҳои байнифаннӣ мусоидат мекунанд.

Алоқаи фанни технология бо физика имкон медиҳад, ки маводи физика барои ҳамаи фанҳои дигар, хусусан фанҳои технологӣ ва политехникӣ, истифода шаванд. Равандҳои истеҳсолӣ ва мошинҳо ба назарияҳои физикӣ, қонунҳо ва методҳои физикии тадқиқот асос ёфтаанд. Техника бо физика алоқаи зич дорад. Физика техникаро бо воситаю методҳои ифодаи умумӣ ва аниқ алоқамандии байни бузургиҳои миқдорӣ, тавсифи принсипҳои кори асбобҳои гуногуни техникӣ таъмин менамояд.

Дар вақти таълими физика ва технология диққати хонандагонро ба он ҷалб кардан лозим аст, ки шарҳ додани бисёр равандҳои технологии истеҳсолӣ танҳо бо ёрии мафҳумҳо ва қонунҳои физикӣ имконпазир аст. Ҳалли масъалаҳои физикӣ бо мундариҷаи технологӣ ба мо имкон медиҳад, ки ин корро ба таври беҳтарин иҷро намоем.

Сарфи назар аз нақши масъалаҳои таълимӣ дар таълим, бар хилофи фанҳои табиию риёзӣ, ки супориш дар раванди таълим мавқеи мустаҳкам ишғол кардааст, дар фанни технология масъалаҳо хеле кам истифода мешаванд. Гузашта аз ин, имрӯз китобҳои вуҷуд надоранд, ки масъалаи маскурро дар бар гирифта бошад.

Ҳалли масъалаҳо на танҳо ба мустаҳкам шудани дониш ва маҳорати дар амал татбиқ намудани онҳо мусоидат мекунад, балки тафаккури эҷодиро ташаккул медиҳад. Методи ҳалли масъала хонандагонро бо методҳои ибтидоии тадқиқоти илмӣ шинос мекунад.

Аммо дар айни замон дар сохтори манзараи умумии ҷаҳон дар баробари манзараи табиӣ, иҷтимоӣ-таърихӣ ва техникӣ як намуди технология низ мавҷуд аст, ки маҷмуи воситаҳо ва методҳои фаъолияти дигаргунсозии инсонро дар низоми мафҳумҳои донишҳои илмию техникиро инъикос мекунад. Он якҷоя бо соҳаи техникӣ дар бораи сохтори умумии ҷаҳон тасаввурот медиҳад, ки бидуни он фаъолияти технологӣ дар шинохти минбаъда ва тағйир додани воқеияти атроф ба таври кофӣ самаранок намешавад» [11, с.17].

Масъалаҳо оид ба технология ба амиқтар ва мустаҳкам шудани донишҳои назариявии хонандагон мусоидат мекунанд. Низоми технологии омӯхташавандаро ба ҳаёти атроф наздик намуда, шавқу рағбатро ба ин фан зиёд мекунанд, ба инкишофи мушоҳида мусоидат мекунанд, инчунин дар давоми тамоми дарс дарки фаъолонаи маводи таълимии хонандагонро дастгирӣ мекунанд.

Ҳалли масъалаҳо воситаи самараноки баланд бардоштани сифати дарси технология, рафъи абстрактӣ дар таълим, инчунин методи амиқсозӣ, таҳким ва санҷиши донишу малакаи хонандагон ва воситаи муҳимми ташкили корҳои мустақилона ва беруназсинфӣ мебошад [2, с.3] .

Ҳамин тавр, ҳалли масъалаҳои физикии ба технология нигаронидашуда пурратар татбиқи алоқаҳои байнифаниро таъмин менамояд, барои ба низом даровардани дониши хонандагон, ташаккули маҳорат ва малакаҳои онҳо оид ба техникаю технология мусоидат мекунанд.

Муқарриз: Азизов А.А. – д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

АДАБИЁТ

1. Акманова Г.Р. Межпредметные связи дисциплин естественно-научного цикла / Г.Р. Акманова, Р.З. Хизбуллина // Тезисы докладов VIII Международной школы-конференции для студентов, аспирантов и молодых ученых. - 2015. -С. 37-39.
2. Атутова П.Р. Дидактика технологического образования. Книга для учителя. Часть I / П.Р. Атутова. -М.: ИОСО РАО, 1997. - 203 с.
3. Бабина С.Н. Интеграция технологического и физического образования учащийся школ и студентов педагогический вузов: Дис. ... д-ра пед. наук / С.Н.Бабина.- Челябинск, 2003. - 463 с.
4. Буглак П.А. Электрические методы обработки конструкционных материалов. Сборник материалов / П.А. Булглак. -Новосибирск: Издательство ЦРНС, 2013.-121с.
5. Гербарт И.Ф. Введение в философию. Учебник / И.Ф. Гербарт.-М., 1985.-177с.
6. Гурьев А.И. Статус межпредметных связей в системе современного образования. Учебное пособие / А.И. Гурьев.-М., 2002.- 145с.
7. Джон Локк. Энциклопедический словарь / Локк Джон. Брокгауза и Ефрона. -СПб., 1890-1907.
8. Дистервег А. Избранные педагогические сочинения. Учебное пособие/ А. Дистервег. -М.: Учпедгиз, 1956.- 374 с.
9. Коменский Я. А. Большая советская энциклопедия: [в 30 т.] / Я. А. Коменский. Под ред. А. М. Прохоров -3-е изд. - М.: Советская энциклопедия, 1969.-150с.
10. Максимова В.Н. Межпредметные связи и совершенствование процесса обучения: Книга для учителя / В.Н. Максимова. - М.: Просвещение, 1984. - 143 с.
11. Насипов А.Ж. Качественные задачи в предметной области «Технология» / А.Ж. Насипов, В.Г.Петросян, Э.Л. Гагиева // Школа и производство. -М., 2013. - №2. - С. 12-14.
12. Песталоцци И.Г. Педагогическая теория и практическая деятельность. Учебное пособие / И.Г. Песталоцци. – Иркутск, 2016.-200с.
13. Сидоров О.В. Роль интеграции учебных предметов в формировании у учащихся фундаментальных, естественнонаучных и технологических понятий / О.В. Сидоров, Л.В. Яковлева// Вестник Ишимского государственного педагогического института им. П.П. Ершова, 2013. -№6 (12). - С77-85.
14. Сторчилов П.А. О проблеме реализации внутрипредметных связей при решении задач по физике / П.А. Сторчилов// Современные проблемы науки и образования. -М., 2015. -№ 2-1. -С.7-10.
15. Ушинский К. Д.Русская школа Архивная копия от 26 октября 2020 на Wayback Machine. Сост., предисл., коммент. В.О. Гусаковой. Отв. ред. О.А. Платонов. -М.: Институт русской цивилизации, 2015. -688 с.
16. Федорец Г.Ф. Межпредметные связи в процессе обучения. Учебное пособие / Г.Ф. Федорец. - СПб., 1994. - 250 с.

МУНОСИБАТИ АЛОҚАИ БАЙНИФАННӢ ҲАМЧУН АСОСИ МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ МАШҒУЛИЯТҲОИ БАЙНИФАНИИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ФИЗИКА

Татбиқи алоқаҳои байнифаннӣ барои низомсозии раванди таълим мусоидат мекунад. Дар баробари ин, самараи таълиму тарбия зиёд шуда, имконияти истифода бурдани дониш, малака ва маҳорати дар дарсҳо аз фанҳои гуногун гирифташуда таъмин мегардад. Ҳамаи соҳаҳои илми муосир бо ҳам алоқаи зич доранд ва бинобар ин фанҳои мактабро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин нест. Барқарор намудани алоқаҳои байнифаннӣ дар курси физикаи мактабӣ ба амиқтар аз худ намудани донишҳо, ташаккули мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ, такмили раванди таълим ва ташкили оптималии он, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат мекунад. Татбиқи алоқаҳои байнифаннӣ барои ташаккули малакаю маҳорати умумии таълимии хонандагон шароити мусоид фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: алоқаи байнифаннӣ, низом, методология, физика, муносибат, алоқа, дониш, маҳорат, малака, фан

МЕЖДИСЦИПЛИНАРНЫЙ ПОДХОД КАК МЕТОДОЛОГИЧЕСКАЯ ОСНОВА ПРЕДПОДАВАНИИ ТЕХНОЛОГИИ И ФИЗИКИ

Реализация межпредметных связей способствует систематизации, а следовательно, глубине и прочности знаний, помогает ученикам составить целостную картину мира. При этом повышается эффективность обучения и воспитания, обеспечивается возможность сквозного применения знаний, умений, навыков, полученных на уроках по разным предметам. Учебные предметы в известном смысле начинают помогать друг другу. В последовательном принципе межпредметных связей содержатся важные резервы дальнейшего совершенствования учебно-воспитательного процесса.Новая программа современного образования выдвигает на первый план личностно-ориентированное обучение, которое обеспечит развитие и саморазвитие ученика, исходя из его индивидуальных особенностей как субъекта обучения и предметной деятельности.Все отрасли современной науки тесно связаны

между собой, поэтому и школьные предметы не могут быть изолированы друг от друга. Установление межпредметных связей в школьном курсе физики способствует более глубокому усвоению знаний, формированию научных понятий и законов, совершенствованию учебно-воспитательного процесса и оптимальной его организации, формированию научного мировоззрения. Реализация межпредметных связей устраняет дублирование в изучении материала, экономит время и создаёт благоприятные условия для формирования общеучебных умений и навыков учащихся.

Ключевые слова: междисциплинарность, система, методология, физика, взаимосвязь, связь, знание, умение, навык, дисциплина.

INTERDISCIPLINARY APPROACH AS A METHODOLOGICAL BASIS FOR THE DEVELOPMENT OF TECHNOLOGY AND PHYSICS

The implementation of interdisciplinary connections contributes to the systematization, and consequently, the depth and strength of knowledge, helps to give students a holistic picture of the world. At the same time, the effectiveness of training and education increases, and the possibility of cross-cutting application of knowledge, skills, and abilities acquired in lessons in various subjects is provided. School subjects in a certain sense begin to help each other. The consistent principle of interdisciplinary connections contains important reserves for further improvement of the educational process.The new program of modern education highlights student-centered learning, which will ensure the development and self-development of the student, based on his individual characteristics as a subject of learning and objective activity.All branches of modern science are closely interconnected, and therefore school subjects cannot be isolated from each other. The establishment of interdisciplinary connections in the school course of physics contributes to a deeper assimilation of knowledge, the formation of scientific concepts and laws, the improvement of the educational process and its optimal organization, the formation of a scientific worldview. The implementation of interdisciplinary connections eliminates duplication in the study of material, saves time and creates favorable conditions for the formation of general educational skills and abilities of students.

Key words: interdisciplinarity, system, methodology, physics, interconnection, connection, knowledge, skill, skill, discipline.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Холбоев Рафиқҷон Яҳёевич-*** Донишкадаи кӯҳию металургии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон, кафедраи фанҳои табиӣ- илмӣ, муаллими калон. **Суроға:** 735730, шаҳри Бӯстон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Баротов, 106. Телефон: **92-751-31-31**

Сведения об авторе: ***Холбоев Рафикджон Яхьёевич*** - Таджикский горно-металлургический институт в городе Бустон, кафедра естественных наук, старший преподаватель. **Адрес:** 735730, город Бустон, Республика Таджикистан, улица А. Баротова, 106 Телефон: **92-751-31-31**

Information about the author: ***Holboyev Rafikjon Yakhьoyevich*** - Tajik Mining and Metallurgical Institute in Buston, department of natural sciences, senior lecturer. **Address:** 735730, Buston city, Republic of Tajikistan, A. Barotov street, 106 Phone: **92-751-31-31**

ТДУ:372.3/.4 (575.3)

ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ МУСИҚИИ КӮДАКОН ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ ПСИХОЛОГӢ ВА ПЕДАГОГӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Маҷидова Б., Рамазонов Д.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Давраи томактабӣ, ки ҳамчун аёми мувофиқ барои тарбия ва инкишофёбии сифатҳои ақлию зеҳнӣ, иродавию ахлоқӣ эътироф шудааст, поягузори шахсияти инсон ҳисобида мешавад, дар таълиму тарбия ва ташаккули қобилияти инсон нақши муҳим дорад. Бинобар ин, масъалаи рушди қобилият ва иқтидори эҷодии кӯдакону наврасон тавассути талаботи заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномавӣ-методии соҳаи таълиму тарбияи томактабӣ пайгирӣ карда мешавад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» чунин таъкид карда шудааст: таълиму тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади инкишоф додани қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ ва ёрии амалӣ бо волидон (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар таълиму тарбияи кӯдакон, инчунин омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда мешавад [6, с.20].

Дар тарбия, инкишоф ва ташаккулёбии маҳорат, қобилият ва истеъдоди эҷодии кӯдакон истифодабарии жанрҳои гуногуни санъат дар ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои бозикунӣ, таълимгирӣ нақши муҳим дорад. Назария ва амалияи таълиму тарбияи насли наврас нишон медиҳад, ки санъати мусиқӣ ба ҳалли масъалаҳои рушди эҷодӣ ва инкишофи бадеӣ-эстетикӣ ва тарбияи кӯдакон кумак мекунад, зеро он ҳамеша ҳамчун рамзи некӣ, зебоӣ, ҳамоҳангии ҳиссиёт ва таҷрибаҳои инсонӣ хидмат кардааст. Инкишофи қобилияти мусиқӣ–эҷодӣ ҳамеша яке аз вазифаҳои муҳим дар назди омӯзгорони муассисаҳои таълимии томактабӣ будааст, зеро маҳз синни томактабӣ ба рушди тамоми равандҳои асосии равонӣ, қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ ҳассос аст.

Имрӯзҳо рушди қобилияти эҷодии кӯдак тавассути василаи санъат ва бозикунӣ аҳммияти бештар пайдо карда истодааст. Дар айни замон зарур аст, ки проблемаи рушди қобилияти мусиқӣ ва иқтидори эҷодии кӯдакони синни томактабӣ тавассути талабатҳои стандартҳои муосир баррасӣ карда шавад. Дар Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти инкишоф ва омӯзиши кӯдак аз рӯзи таваллуд то 7 (6) -солагӣ ба тарбия, инкишоф ва ташаккулёбӣ ба имкониятҳои бадеӣ-эстетикӣ ва маҳорату қобилияти онҳо диққати махсус дода шудааст [12, с.345].

Дар барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон», ки ҳуҷҷати барномавӣ-методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ мебошад, мазмуни фаъолияти таълиму тарбиявии соҳаро муайян мекунад. Он инчунин ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳар яке аз панҷ самти рушд ва таълиму тарбияи кӯдаконро баррасӣ менамояд. Фаъолияти мусиқӣ ба самти рушди бадеӣ ва эстетикӣ ишора мекунад, ки ташаккули заминаҳои дарки арзишӣ-семантикӣ ва дарки асарҳои бадеӣ, санъати тасвирӣ (шифоҳӣ, мусиқӣ, биноӣ), олами табиӣ, ташаккули муносибати эстетикиро ба олами гирду атроф пешбинӣ мекунад. Дар як вақт ташаккули донишҳои ибтидоӣ дар бораи намудҳои санъат, мусиқӣ, садою оҳангҳои мусиқӣ, асарҳои бадеӣ, фолклор ва ғайраҳоро таъмин намуда, ҳамдардӣ ба персонажҳои асарҳои бадеӣ, татбиқи фаъолияти мустақили эҷодии кӯдаконро дар раванди бозиҳо, фаъолияти расмкашӣ, суробсозӣ, тартибдиҳӣ, мусиқӣ ва ғайраҳоро пешниҳод менамояд [9, с.95].

Дар асоси талаботи заминаи меъёрӣ, ҳуқуқӣ ва барномавӣ-методии таҳсилоти томактабӣ, амалӣ намудани рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ бидуни фароҳам овардани шароити зарурӣ ва интихобу истифодабарии роҳу усулҳои таъсиррасонии мақсаднок амалӣ намешавад. Рушди мусиқӣ ва эҷодии кӯдак маънои маҷмуи қобилиятҳои мусиқӣ ва фаъолияти эҷодии ӯро дорад.

Масъалаи тарбияи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ дар марҳилаи кунунӣ мураккаб ва актуалӣ мебошад. Беҳуда нест, ки онро «мушкилии аср» меноманд, зеро ҳалли он ба масъалаҳои рушд ва тарбияи умумии кӯдак, ташакулли шахсияти ӯ алоқаманд аст.

Қобилияти эҷодкории он чунин сифати фардии шахсиятӣ аст, ки ҳамеша дар падидаи фаъолияти инсонӣ муайян карда мешавад. Фаъолияте, ки дар он зуҳуроти эстетикӣ ва эҷодӣ бештар мутамарказ карда мешаванд, ба санъати мусиқӣ зиёдтар ниёз дорад.

Мусиқӣ санъати таъсири мустақим ва пурқуввати эмотсионалӣ мебошад. Иҷрои амалҳои оҳангсозӣ, иҷрокунӣ, шунидану ҳаловат бурдан мебошад. Фаъолияти эҷодӣ барои рушди мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ имкониятҳои зиёд фароҳам меорад. Қобилияти мусиқӣ ва эҷодӣ универсалӣ буда, иҷрои бомуваффақияти намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқиро таъмин менамояд, ки бештар дар давраи томактабӣ дар раванди бозикунӣ зоҳир гардида, минбаъд инкишоф меёбад, шакл мегирад [5, с.22].

Дар баробари ин, мусиқӣ мушоҳидакорӣ, хотира, тафаккур, тасаввурроти кӯдакони томактабиро инкишоф медиҳад. Давраи томактабӣ барои ташаккул додани қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ аз ҳама мувофиқ аст. Ин синну сол, ба гуфтаи равоншиносон (Б.М.Теплов, А.В. Запорожес), хусусиятҳои хосси синнусолӣ дорад: меҳрубонии эмотсионалӣ, таваҷҷӯҳ ба вазифаҳои ҳаяҷонбахш ва эҷодӣ, рушди тафаккур. Бинобар ин, омӯзонидани кӯдакон ба фаҳмидану ҳаловат бурдан аз асарҳои мусиқӣ, бедор намудани шавқу рағбат ва дар онҳо тарбия намудани эҷодкорӣ, яке аз вазифаҳои муҳимми муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ маҳсуб меёбад.

Мусиқӣ аз рӯйи хусусиятҳои худ метавонад ба рушди хаёлот, ки асоси эҷодиёт мебошад, таъсир расонад. Дар синну соли томактабӣ, ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ бо қонеъ гардонидани талаботи маърифатӣ, донистагирии кӯдак алоқаманд аст, ба аз худ кардани ҳама чизи иҳота карда имконият медиҳад ва қаноатмандӣ аз ёдгириро таъмин менамояд.

Иқтидори таълиму тарбияи калонсолон бештар аз он вобаста хоҳад буд, ки ин имкониятҳои кӯдак чӣ гуна истифода мешаванд. Тавассути шиносоӣ бо санъати мусиқӣ дар инсон неруи эҷодӣ фаъол мегардад, оғози рушди зеҳнӣ ва эҳсосотӣ ба амал меояд.

Инкишофи завқи мусиқипарастӣ ва мусиқишиносӣ дар айёми кӯдаки заминаи фарҳанги мусиқии инсонро ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумии маънавии ӯ дар оянда таъмин менамояд. Олимон, омӯзгорон навозандагон ба хулосае омадаанд, ки ҳар як кӯдак дорои қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ мебошад. Дар баъзеҳо қобилиятҳои асосии мусиқӣ ва эҷодӣ фавран зоҳир мешавад, дар дигарон баъдан инкишоф ва ташаккул меёбанд. Қобилиятҳои дарк кардани қувваи садоҳо, бо ҳам мувофиқат кардани лаҳну суръати оҳанги мусиқӣ дар кӯдакон ба вуҷуд меояд ва минбаъд рушд меёбад.

Ташаккули баргузории озмунҳои “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Илм –фурӯғи маърифат”, “Тоҷикистон ватани азизи ман” ва ғайраҳо, ки бо пешниҳод ва дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пайгирӣ карда шуда истодаанд, маҳз ба ҷустуҷӯ, дарёфти кӯдакону наврасони қобилиятноку эҷодкор, соҳибмаърифату соҳибистеъдод аз байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ва синну соли хурду бузург равона карда шудаанд [4, с.87].

Масъалаи нишонаю аломати қобилияту истеъдод, зуҳурот, рушд ва ташаккулёбии он на танҳо таваҷҷуҳи мутахассисону муҳаққиқони илмҳои педагогикаю психология, инчунин диққати волидони кӯдакону наврасонро низ ба худ ҷалб намудааст. Онҳо дар ҳар як дастоварду комёбӣ, эҷодкориву муваффақияти фарзандон аломату нишонаҳои қобилияту лаёқатмандиро дарк намуда, кӯшиш менамоянд ӯро ба ҳамсолон муқоиса намоянд, барои рушду такомули фарзандон шароиту имкониятҳоро таъмин намоянд. Дида тавонистан ва баҳо додан бо маҳорат, қобилият ва лаёқатмандии кӯдак, таъмин намудани шароиту имкониятҳо барои тарбия, таълим ва ташаккулдиҳии онҳо дар ҳамкорӣ бо мутахассисон вазифаи иҷтимоии волидайн ба ҳисоб меравад, ки он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” махсус таъкид карда шудааст [7, с.23].

Дар илми ҷомеашиносӣ қобилиятнокӣ ҳамчун сарвати ботинии шахс шинохта шудааст ва қобили қабул гардида, он дар иҷрои фаъолиятҳо зоҳир мегардад. Маҳз қобилият имконият медиҳад тарзи самарабахши иҷрои фаъолият таъмин карда шавад ва минбаъд он такмил ёбад.

Бояд қайд кард, ки мафҳум ё худ истилоҳи “қобилият”, “қобилиятнокӣ” дар соҳаҳои забоншиносӣ, психология, педагогика, сотсиология, фарҳангшиносӣ, тибб ва ғайраҳо,

инчунин дар забонҳои дунё мувофиқи мақсаду вазифаҳои соҳаи омӯзиш мавриди тавзеҳу истифодабарӣ қарор гирифтааст.

Аз нигоҳи сотсиологӣ ҳамон вақт қобилияти одам арзишманд ва муваффақона ҳисобида мешавад, ки муҳити фарҳангӣ – иҷтимоӣ онро ба таври мусбат қабул намояд, иҷрои фаъолият мусбат баҳодиҳӣ гардида, минбаъд ифодагари лаёқатмандӣ бошад.

Ба андешаи Н. А. Аминов аз нигоҳи физиологӣ қобилиятҳои инсонро ҳамон вақт арзёбӣ намудан мумкин аст, ки агар дар синни барвақти рушди ҳаётӣ (онтогенез) он зуҳур гардида, ӯ аз ҳамсолон дида дар рушди ҷисмонӣ, маърифатӣ ва эмотсионалӣ пешрафта гардидааст [3, с.54].

Аз нигоҳи психологӣ қобилиятҳои инсонро ҳамон вақт тавзеҳ додан мумкин аст, ки ӯ барои талаботҳои худро қонеъ гардондан кӯшиш намояд, талаботи ботинии тавоною қавӣ будан дошта бошаду салоҳиятнокии худро нишон диҳад, мустақилона ва озодона амал карда тавонад, аз иҷрои амалу супоришҳо қаноатмандии шахсиро ҳис карда, сазовори эҳтирому эътироф гардад.

Қобилият чист? Дар таҷриба ва андешаи мардумӣ қобилият тарзи иҷрои амал аст, ки он на содаю маъмулӣ, балки бунёдӣ бошад. Тарзи иҷрои амалро ҳар як инсон ба таври инфиродӣ аз худ мекунад ва онро ба таври инфиродӣ зуҳур менамояд. Бинобар ин, ҳар як одам тарзи ба худ хосси иҷрои амалҳоро дорад. Фарқият дар он аст, ки яке онро тез, дигаре суст, сеюмин ба таври эҷодӣ, чорумӣ дар заминаи интуитсия фаҳмишу тавоноии шахсӣ аз худ менамояд. Табиатан қобилияти худро ҳар як хурду бузург ба таври ба худ хос дар заминаи таҷрибаи шахсӣ, дониш, маҳорату малакаҳо, зери таъсири муҳити иҳотакардаи таълиму тарбия ташаккул медиҳад.

Истеъдоднокӣ, лаёқатмандӣ дараҷаи рушдёфтаи қобилият буда, ба сатҳи иҷрои амалҳои фикрӣ такя менамояд. Аз ин рӯ, онҳоро ба қобилиятҳои ақлӣ мутааллиқ дониста, одамон такрор менамоянд: “шахси соҳибистеъдод, дар ҳама ҷо соҳибистеъдод аст”. Масалан, кӯдаконе, ки лаёқатмандии математикӣ доранд, метавонанд соҳиби дараҷаи баланди инкишофи нутқ, забондонӣ ҳам гарданд.

Дар таҷрибаи амалӣ омӯзгорон кӯдаконро чун кӯдакони “ҳушёру зирак”, “боақл”, “қобилиятнок”, “бофаҳм”, “бофаросат” эътироф намуда, бо ҳамин дараҷаи қобилиятнокии онҳоро арзёбӣ менамоянд, ки он низ характери нисбӣ дорад. Масалан, кӯдак метавонад дар машғулиятҳои ташаккулдиҳии тасаввуротҳои аввалини математикӣ ҳушёрию зиракӣ, тафаккури мантиқии математикии худро зоҳир намояд, вале ҳангоми бозиҳои якҷоя бо ҳамсолон муваффақ нагардад. Таҷрибаи зиндагӣ, таҳқиқоти илмӣ исбот кардаанд, ки мавҷудият ва зуҳуроти майл, шавқу ҳавас, меҳр заминаи рушд ва шаклгирии қобилият эътироф карда мешавад, вале он на ҳама вақт бо далелҳои аниқ исбот шуда метавонад, чунки майлу рағбат, шавқу ҳавас ҳолати тезтағйирёбанда мебошанд.

Қобилият сифати фардӣ, психологии шахс буда, пайдоиш, зуҳурот ва рушди он яке аз масъалаҳои муҳимми илми педагогика ва психологияи муосир мебошад. Зуҳурот ва рушди қобилият аз давраи томактабӣ оғоз гардида, дар ин раванд бозӣ ҳамчун фаъолияти пешбаранда нақши муҳим дорад.

Истеъдод-қобилияти худодод, фитрӣ аст, ки комёбиҳои назаррасро дар фаъолият таъмин мекунад. Дар “Словарь иностранных слов” омадааст; “истеъдод (аз калимаи юнони talant) сифати барҷастаи модарзодӣ буда, дар қобилияти махсуси фардӣ зоҳир мегардад”. Аз ин рӯ, истеъдодро ҳамчун дараҷаи баланди лаёқатмандӣ вобаста ба зуҳуроти он ҳисобидан мумкин аст.

Бо сабаби он ки мафҳуми “қобилият” ва дараҷаи баланди пайдоишу зуҳурот ва рушди он дар мафҳумҳои “лаёқатмандӣ” ва “болаёқат”, “соҳибистеъдод” ва “истеъдоднокӣ” ифода мегардад, дараҷаи олии он “нобиға” эътироф гардидааст.

Ба андешаи мо, дараҷаи болотари қобилиятнокӣ ва лаёқатмандӣ бояд истеъдод бошад, ки дар навбати худ, он ифодагари дар сатҳи олӣ иҷро намудан ва ба дараҷаи арзишманд ноил гардидани натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ, касбӣ, эҷодии кормандро дар соҳаи адабиёт, санъат (тасвирӣ, иҷрокунандагӣ) ва кулли одамони касбу кори гуногунро таъмин менамояд. Он маҷмуи маҳорату қобилиятро ба вуҷуд оварда, минбаъд рушд меёбад ва шакл мегирад. Дар навбати худ, қобилият такя менамояд ба зеҳн, умқи фикр, хулосаю ҷамъбасткунӣ ва дигар амалҳои фикрӣ, ки барои шаклгирии лаёқати шахсӣ ё худ

лаёқатмандӣ, рушду такмилёбии қобилиятҳо замина мегузорад. Чунки қобилият дар раванди таъсиррасонии мақсадноки кори таълиму тарбиявӣ, муҳити эҷодии иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Нишонаю аломатҳо, хусусиятҳои анатомию физиологии майна, фаъолияти системаи марказии асаб, узвҳои ҳискунӣ, маҳорату малака ва ғайраҳо ба раванди шаклгирии қобилияту лаёқатмандӣ ва зуҳуроти он ба рафтору фаъолияти шахс таъсир мерасонад.

Лаёқат ба рушди бомуваффаққияти шахсият мусоидат мекунад. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар дар Тоҷикистон барои рушду такомули қобилияту лаёқат ва ҳунаромӯзии кӯдакону наврасон муассисаҳои таҳсилотии махсус таъсис дода шудаанд, ки дар онҳо барои ташаккулёбии шахсияти эҷодкору навовар шароиту имкониятҳо таъмин карда шудаанд.

Хулоса, ҷомеаи тезтағйирёбандаи муосир волидону кормандони муассисаҳои таълимӣ вобаста ба пешрафти илму технологияҳои муосир, баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, таъсири фарҳангу маданияти маънавию моддии умумибашарӣ, миллӣ ва дигар омилҳо таҳҷиқу баррасии рушди қобилиятро дар раванди фаъолиятҳо талаб менамояд.

АДАБИЁТ

1. Алиев А.П. Методика музикального воспитании детей (от детского сада до школе) /А.Б. Алиев. – Воронеж, 1998. -100с.
2. Алиев А.П. Музикальное воспитании в детском саду. Мет.пособие в помощ восп. и родителям / А.Б. Алиев. – Душанбе, 2009. -48с.
3. Аминов Н.А. Диагностика педагогических способностей / Н.А. Аминов. - Москва- Воронеж -1997. -80с.
4. Асосҳои тарбияи мусиқии кӯдакони синни томактабӣ. Мураттибон: Маҷидова Б., Мирзоев В.М.- Душанбе, 2011.
5. Зеҳнӣ Т.Н. Санъати бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ.– Сталинобод, 1960.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. –Душанбе, 2013.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”. – Душанбе, 2011.
8. Маҷидова Б. Ватанам ифтихорам. Таълими Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷидова Б. Тургунова З.М. Дастури таълимӣ. –Душанбе, 2004. -56с.
9. Рангинкамон. Барномаи тарбия таълиму ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ. –Душанбе, 2012.-143с.
10. Раҳнамои мураббӣ. Барномаи таълимӣ, тарбиявӣ дар кӯдакистон. –Душанбе, 2002. -214с.
11. С. Сулаймонӣ. Донишномаи фарҳангшиносии навин. – Душанбе, 2018.-524с.
12. Стандартҳои давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2014, №785 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2012.-88с.
13. Теплов Б.М. Психология музыкальных способностей / Теплов Б.М. Издательства Академии педагогических наук. -1947. -334с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд]. Дар зери таҳрири М.Л.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошим, Н.А.Маъсумӣ. -Ҷилди 2. -М., 1969. - 952с.
15. Элконин. Д.Б. Психология игры / Д.Б. Элконин. -2 е изд. - М: ВЛОДОС, 1999. -С.96. -360с.

ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ МУСИҚИИ КӮДАКОН ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ ПСИХОЛОГӢ ВА ПЕДАГОГӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Чи тавре ки аз мақола бармеояд, сермаъно будани мафҳумҳои қобилият, лаёқатмандӣ, истеъдод муносибати комплексӣ-маҷмуиро дар таҳқиқи масъала талаб менамояд. Онҳо аз нигоҳи психологӣ таҳлилу таҳқиқи психологӣ-физиологӣ, тафриқавӣ-психологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ (мавҷудият ва мубрамияти таъмин намудани шароит ва муҳити инкишофдиҳанда), истифода аз роҳу усулҳои таъсиррасонии мақсаднокро дар рушди сифатҳои шахсиятӣ аз солҳои аввали ҳаёти кӯдак, махсусан давраи томактабӣ, дар раванди фаъолиятҳои мусиқию таълимӣ, махсусан, бозикуниро талаб менамоянд. Баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва фаъолиятҳои кӯдакон муайянкунандаи самтҳои инкишофи қобилияту истеъдоди онҳо шуда метавонад. Инчунин, омӯзонидани кӯдакон ба шунидани мусиқӣ, аз он ҳаловат бурда тавонистан дар педагогика ва психологияи тарбияи мусиқӣ вазифаи муҳимми муассисаҳои таълимӣ, падару модарон буда, инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодкорӣ ба шаклгирии маънавиёт, ахлоқ, ҳисси зебоипарастӣ, зебоиофарӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: инкишоф, волидайн, қобилият, мусиқӣ, эҷодкорӣ, кӯдак, психолог, педагог, таҳсилоти томактабӣ, қобилият, лаёқатманд, истеъдод.

РАЗВИТИЕ МУЗЫКАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ ДЕТЕЙ КАК ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА ДОШКОЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматривается множественность понятий способности, компетентности, таланта которые требуют общекомплексного подхода в исследовании проблемы. С психологической точки зрения, они анализируют и исследуют психолого-физиологические, дифференциально-психологические, социально-психологические (существование и значение обеспечения условий и среды для развития), использование приемов и условий целенаправленного воздействия на развитие человека, личностных качеств с первых лет жизни ребенка, особенно в дошкольном периоде. Необходимо использование игры в процессе музыкально-образовательной деятельности. Учет возрастных особенностей в деятельности детей позволяет определить направление развития их способностей и талантов. Также необходимость научить детей слушать музыку и уметь получать от нее удовольствие является важной задачей образовательных учреждений и родителей в педагогике и психологии музыкального образования, а развитие музыкально-творческих способностей способствует формированию духовности, нравственности, чувственности, красоты.

Ключевые слова: развитие, родители, способности, музыка, творчество, ребенок, психолог, педагог, дошкольное образование, способности, одаренность, талант.

DEVELOPMENT OF MUSICAL ABILITIES OF CHILDREN AS A PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL PROBLEM PRESCHOOL EDUCATION

As can be seen from the article, the plurality of concepts of ability, competence, talent requires an integrated approach to the study of the problem. From a psychological point of view, they analyze and explore the psychological-physiological, differential-psychological, socio-psychological (existence and importance of providing conditions and environment for development), the use of methods and techniques of targeted influence in human development. personal qualities from the first years of a child's life, especially in the preschool period. The process of musical and educational activities especially requires the game. Taking into account the age characteristics and activities of children makes it possible to determine the direction of development of their abilities and talents. Also, teaching children to listen to music and be able to enjoy it is an important task of educational institutions and parents in the pedagogy and psychology of music education, and the development of musical and creative abilities contributes to the formation of spirituality, morality, and sensuality. beauty, beauty.

Key words: development, parents, abilities, music, creativity, child, psychologist, teacher, preschool education, abilities, giftedness, talent.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Маҷидова Бибиҳафиза*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **918230147**

Рамазонов Давлат Сулаймонович - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, муаллими калон кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **985831902**

Сведения об авторах: ***Маджидова Бибихафиза*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра теории и методики музыкально-художественного образования, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес**: 734003 город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **918230147**

Рамазонов Давлат Сулаймонович **-** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра теории и методики музыкально-художественного образования, старший преподаватель. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон**985831902**

Information about the authors: ***Madzhidova Bibihafiza*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, department of theory and methodology of music and art education, Doctor of Pedagogical Sciences, professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue. 121**. Phone: 918230147.**

Ramazonov Davlyat Sulaimonovich **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, department of theory and methods of music and art education, senior lecturer. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121. Phone: **918230147**

УДК:371 (575.3)

МУЛОҲИЗАҲО ВА НАТИҶАГИРИҲО ОИД БА ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ АСОСӢ

Ёрматов А.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мафҳуми худшиносӣ таърихи дуру дароз, маъно ва мазмуни васею фарох дорад ва ба муҳтавои он на ҳама мактаббача ба таври зарурӣ ва ба пуррагӣ сарфаҳм меравад. Мушоҳидаҳо ва озмоишҳои гузаронидаи мо нишон медиҳанд, ки аксарияти мактаббачагон дар ростои худшиносӣ тасаввуроти умумӣ доранд, вале ба умқи ин масъала ба дараҷаи даркорӣ намерасанд. Ба ақидаи мо, сабаб дар он аст, ки на ҳама муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ на дар ҳама дарсу машғулиятҳо ба масъалаи дар руҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ин аст, ки масъалаи ташаккули худшиносии мактаббачагон ба талаботи давр чандон ҷавобгӯ нест ва вазъи мазкур аз муаллимон корбарии қатъию доимиро тақозо дорад.

«Худшиносии мардуми мо решаҳои амиқи таърихӣ дошта бошад ҳам, мо ҳанӯз худро ба пуррагӣ нашинохтаем... маҳз дар натиҷаи ҳамин, яъне худро надонистану нашинохтан гоҳо мешавад, ки ҳам ба худ зарар меоварему ҳам ба мулку соҳа» [2, с. 268].

Ҳангоме ки аз ахлоқи инсонӣ сухан меравад, дар мадди аввал яке аз пояҳои ин ахлоқ–худшиносӣ ба миён меояд. Дар ҳақиқат, фарде, ки як узви ҷомеа аст, худро нашиносад, мавқеи худро муайян карда натавонад, чӣ гуна ӯ метавонад аз ахлоқи ҳамида бархӯрдор бошад?

Худшиносӣ амалиёти шахсӣ ва натиҷаи он аст, ки аз дуриҳои дури асрҳо инҷониб фикру андешаҳои файласуфон, уламои дин ва шоирону нависандагони бузургро ба худ ҷалб намудааст. Чуноне ки файласуфи машҳури рус Бердяев Н. А. навиштааст, «юниён ибтидои фалсафаро дар худшиносӣ дида буданд» ва идомаи фикраш чунин аст: «Шахси ман як воқеияти таҳияшуда нест, ман худ шахси худро дар он ҳангоме, ки ба шинохтани худ машғул ҳастам, меофарам» [1, с. 316].

Таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба тарбияи насли наврас, аз як тараф, боис ба соҳибхираду соҳибдониш ва ба аҳлоқи ҳамидаи инсонӣ ноил гардидани онҳо гардад, аз тарафи дигар, яке аз омилҳои мубориза бар зидди падидаи нанговари ҷомеаи имрӯза - терроризм ва ифротгароӣ низ маҳсуб меёбад. Ба ибораи дигар, мактаббачагон идомадиҳанда ва посдорандаи арзишҳои инсонӣ мебошанд ва дар сурати тарбияи дурусту солим диданашон, ки ҷаҳони маънавӣ ва сиёсию фарҳангии онҳо ба ин омилҳо сахт марбут аст, ҳамчунин, рисолати ояндаи ҷомеа аз онҳо вобастагӣ дорад. Умуман, мактаббачагон дорои қувваи зиёди ҷисмонӣ, маънавӣ, захираи асосии зеҳнӣ ва меҳнатӣ буда, ба ҳама дигаргуниҳои ҳаёт, ки тавассути ақли расову гиро роҳандозӣ мегарданд, тобовар мебошанд. Худшиносӣ раванди фаҳмишу дарк ва эътироф намудан аст, ки он тавассути дониш, фаҳмишу хулосабарориҳо ва таассуроти шахсӣ мукаммал мегардад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Б. А. Чунин қайд намудааст: «...Худшиносӣ раванди фаҳмидан, дарк намудан, эътироф кардан, муҳокимаронии шахс оид ба сабабҳои амал, кирдор, рафтор таассуротҳое мебошад, ки ӯ онҳоро дар шаклҳои махсус дар лаҳзаҳои гуногуни ҳаётӣ аз сар гузаронидааст» [3, с. 175-421].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бошад, худшиносӣ ба маънои худшиносӣ, худро омӯхтан ва санҷидан омадааст [10, с. 475].

Олимони тоҷик Х. А. Афзалов, М. Орипов, М. Д. Ашуров, А.К. Асроров, М. Дадабаев, Х. А. Ҷалилов, О. А. Исломов, М.Лутфулло, Ҳ. Маҳмудов, Ф. Шарифзода, И. О. Обидов, Х. Раҳимов, А. Нуров ва педагогҳои машҳури Русия – Г. Н. Волков, Л. Толстой, К. Д. Ушинский, В.Т.Лихачёв, И. Я. Яковлев ва дигарон тавассути асарҳои хеш дар баробари дигар паҳлуҳои педагогикаи халқӣ ба ахлоқи ҳамида, ташаккули шахсияти мактаббачагон ва худшиносию худогоҳии миллӣ низ диққати махсус равона кардаанд ва марбут ба масъалаи мазкур тавассути ақидаҳои солиму нишонрас изҳори афкори судманд кардаанд, ки айни замон дархӯри ҷомеаи мо мебошанд.

Вазъи босуръати рушди илм ва технологияҳои замони муосир, бахусус ҷомеаи кунунии мо ба мутахассисони соҳибилму соҳибхирад ва навовару ташаббускор, ватандӯсту худогоҳ, ки қобилияти касбӣ ва сатҳи мутамаддини хешро доимо сайқалу рушду такмил диҳанд, сахт ниёзманд аст. Тавассути динамикае, ки дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа тағйирот ба амал меояд, муносибати гуногун, ғайримуқаррарӣ тарбияи босифати педагогии мутахассис, бахусус, омӯзгорро тақозо дорад. Талаботи рӯзафзун нисбат ба таълими самарабахши мактаббачагон ва, махсусан хатмкунандагон, торафт бештар мегардад, ки ин тақозои замони муосир аст. Аз ин лиҳоз, талабот ба фаъолияти касбии омӯзгор дар санадҳои меъёрие таҷассум ёфтаанд, ки сифатҳои тахассусии мутахассисро дар бар мегиранд ва барои ҳар як ихтисос бо назардошти хусусиятҳои мавзуи таълим ва усулҳои таълими он таҳия ва дастрас гардидаанд ва ин талабот дар профессиограмма инъикоси худро ёфтааст. Дар луғати энсиклопедии педагогӣ доир ба он чунин омадааст: профессииограммаи омӯзгор–ин системаи талаботи оқилона ба малака, дониш, маҳорат ва сифатҳои шахсии коршиносест, ки мавзуи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Дар алоқамандӣ ба масъалаи фавқ педагоги рус Сластенин В. А. чунин ибрози ақида намудааст: «Хусусиятҳои шахсӣ ва педагогии омӯзгор бо эътиқоди ғоявӣ, сиёсӣ, идеологӣ, маънавӣ, ангеза барои кор, фаъолияти касбӣ, неруи эҷодӣ ва қобилияти татбиқ кардани онҳо ифода карда мешавад» [4, с. 60].

Тибқи таҳлили нақшаҳои таълимии давлатии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ самтҳои зерин муайяну мушаххас карда шуданд:

-ниёз ба таълим ва тарбияи худшиносӣ ҳамчун як ҷузъи тарбияи ахлоқии мактаббачагон; қаноатмандии мактаббачагон аз сифати таҳсилоте, ки тавассути корбаст гардидани худшиносӣ гузаронида мешавад; -қаноатмандии шахсии мактаббачагон; дар асоси талаботи замон ба роҳ мондани тарбияи худшиносӣ.

Аз таҳлили маводи китобҳои дарсии фанҳои таълимӣ бармеояд, ки барои дар руҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон имкониятҳои хеле фаровон мавҷуданд. Бо вуҷуди фаровонии маводи таълимӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба дар руҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани мактаббачагон дар сатҳи зарурӣ диққат дода намешавад. Ҳол он ки дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ мондани ин намуди тарбия ҳеҷ мушкилӣ пеш намеорад. Дар даврони барҳӯрди тамаддунҳо, мухолифати расму оинҳо ва дину мазҳабҳо, ба ақидаи мо, ҳамчун фанни таълимӣ ба роҳ мондани худшиносӣ аз аҳаммият холӣ нест. Соатҳои таълимии худшиносро дар мавзуъҳои худшиносӣ, худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ, эҳтиром ва бузургдошти миллати хеш ва миллату халқиятҳои дигар, сулҳу вахдат, амнияти миллӣ ва ҷаҳонӣ, таърихи ниёгон, адабиёт, маданият, санъат ва расму оини аҷдодӣ, оштинопазир будан ба дуруғгӯйӣ, фитнаангезӣ, буғзу кина, ифрот ва ифротгароӣ, буздилию тарсӯӣ… ва монанд ба инҳо ба роҳ мондан мувофиқ аст.

Барои амалан татбиқ намудани ин раванд байни мактаббачагон ташкил ва гузаронидани шабҳои саволу ҷавоб, конференсияҳо, озмунҳо байни синфҳо, иншоҳои озмунӣ, вохӯриҳо бо падару модарон, пирони рӯзгордида ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти калони тарбиявӣ дорад.

Бо мақсади мушаххас намудани дараҷаи малакаи назариявӣ пурсишҳои тестӣ (санҷишӣ) омода шуданд: дараҷаи 1 (сифрӣ); дараҷаи 2 (суст); дараҷаи 3 (кифоя); дараҷаи 4 (баланд). Тест бо дарбаргирии 5 савол дар давоми 30 дақиқа гузаронида шуд ва чор вазифаро фарогир буд. Ба натиҷаҳои дурусти бадастомада1 хол (балл) гузошта мешуд.

Тавассути коркарди математикӣ дониши назариявӣ оид ба худшиносиро дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ то ва баъд аз гузаронидани таҷриба қиёс кардем.

Натиҷаҳои санҷиши дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои IX «а»,«б»-и муассисаи таҳсилоти асосии №3, 9, 40, 41-и шаҳри Кӯлоб, ки 213нафар хонандаро дар бар мегирифт, дар аввали соли таҳсили 2017- 2018 аз фанни таърихи Тоҷикистон дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаи назариявии мактаббачагон дар ҷодаи дарки худшиносӣ то гузаронидани таҷриба

Дараҷа	Шумораи мактаббачагон (%)			
	Гурӯҳи таҷрибавӣ (27н)		Гурӯҳи назоратӣ (25н)	
Дараҷаи 4– баланд	0	0	0	0
Дараҷаи 3 – кифоя	16,4	16,3	34,5	34,4
Дараҷаи 2 – суст	62,9	62,7	32,4	32,5
Дараҷаи 1 – сифрӣ	20,7	21	33,1	33,1

Расми 1. Нишондиҳандаи назариявии мактаббачагон дарҷодаи дарки худшиносӣ то гузаронидани таҷриба



Натиҷаҳои санҷиши дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои IX «а», «б»- и муассисаи таҳсилоти асосии №3,9,40,41-и шаҳри Кӯлоб, ки 213 нафар хонандаро дар бар мегирад, дар охири соли таҳсили 2017- 2018 аз фанни таърихи Тоҷикистон дар ҷадвали 2 ҷой дода шудаанд.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаи назариявии мактаббачагон дар ҷодаи дарки хештаншиносӣ баъди гузаронидани таҷриба

Дараҷа	Шумораи мактаббачагон (%)	
	Гурӯҳи таҷрибавӣ (27н)	Гурӯҳи назоратӣ (25н)
Дараҷаи 4 – баланд	52,7	44
Дараҷаи 3 – кифоя	47,3	41
Дараҷаи 2– суст	0	15
Дараҷаи 1 – сифрӣ	0	0

Натиҷаҳои санҷиши дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои IX «а», «б» -и муассисаи таҳсилоти асосии № 23-и ноҳияи Темурмалик дар аввали соли таҳсили 2017- 2018 аз фанни адабиёти тоҷик

Расми 2. Нишондиҳандаи назариявии мактаббачагон дар ҷодаи дарки хештаншиносӣ баъди гузаронидани таҷриба



Дараҷаи 4 (баланд) пеш аз гузаронидани санҷиши дараҷаҳо дар байни пурсидашудагон дида намешуд. Баъди гузаронидани машғулият ва аз рӯйи натиҷаҳои пурсиш мо ба хулосае омадем, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ (дараҷаи чаҳорум) дарк ва азхудкунии худшиносӣ то 55,5 % ва дар гурӯҳи назоратӣ ба 31,3% расидааст, ки 24,1% кам мебошад; дар дараҷаи сеюм нишондиҳандаҳо чунин аст: 17,3% дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва 33,54% дар гурӯҳи назоратӣ. Натиҷаҳо пас аз гузаронидани машғулият муайян намуданд, ки дар дараҷаи сеюм 50,7% ва дар гурӯҳи санҷишӣ 43,4%-ро ташкил дод. Сатҳи азхудкунӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба 34,4% ва дар гурӯҳи назоратӣ 6,7% зиёд шудааст. То давраи

гузаронидани таҷриба, то ба роҳ мондани курси махсус барои омӯзгорон («Усулҳои дар руҳияи худшиносӣ тарбия намудани хонандагон») дараҷаи 2 дарккунӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ 62,8% ва дар гурӯҳи назоратӣ 32,3% ба назар расид. Пас аз таҷриба, буриши назоратӣ нишон дод, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ тағйир наёфта, дар гурӯҳи назоратӣ то 15,7 % кам шудааст. Тибқи натиҷаҳои бадастомада мо гуфта метавонем, ки баъди гузаронидани машғулият дар гурӯҳи таҷрибавӣ шумораи мактаббачагони дараҷаи 2 20,6% ва дар гурӯҳи назоратӣ 32,9% кам шудааст. Буриш нишон дод, ки дараҷаи 2-юми азхудкунӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ тағйир наёфта, дар гурӯҳи назоратӣ то 16 % кам шуд.

Тибқи нишондоди натиҷаҳои санҷиш ҳангоми гузаронидани машғулият дар гурӯҳи санҷишӣ шумораи мактаббачагони дорои дараҷаи 2 донишу малака ба 62,8 % ва дар гурӯҳи назоратӣ 15,7 % кам шуд, дараҷаи 1 сатҳи азхудкунӣ (сифрӣ) муқаддам гузаронидани корҳои санҷишӣ ба 20,3% дар гурӯҳи санҷишӣ ва дар гурӯҳи назоратӣ ба 34,9% баробар буд. Натиҷагирии корҳои гузаронидашуда собит намуд, ки дар дараҷаи 1 сатҳи дониш ва малака дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз мо ба хулосаи муайян омада гуфта метавонем, ки дар дараҷаи 1 азхудкунӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ 20,5% ва дар гурӯҳи назоратӣ 34,9% коста шудааст.

Аз бар намудани дониш, маҳорат ва малакаи зарурӣ барои дар руҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин баҳогузорӣ карда шуд:

-истифодаи роҳу усулҳои мувофиқ, навгониҳо ва технологияи навин (чун компютер ва дигар таҷҳизоти техникӣ) барои гузаронидани машғулиятҳо марбути худшиносӣ;

-мустақилона аз уҳдаи навиштани нақлҳои хаттию иншоҳо ва тайёр намудани баромаду маърузаҳо баромадан ҳангоми иҷрои супоришҳо вобаста ба худшиносӣ.

Аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳо дар раванди азназаргузаронӣ, ки мактаббачагон дар ҷараёни машғулиятҳо аз худ намудаанд, тибқи натиҷаҳои санҷиш (дониш, маҳорат, малака, қобилият ва дараҷаи дарку ҷаҳонбинии онҳо баҳогузорӣ гардида буд), анҷом дода шуд. То кадом дараҷа боло рафтани дониши ҳар як мактаббача дар хусуси худшиносӣ аз рӯйи ҷадвали низоми панҷбалӣ санҷида шуд. Дар ҷамъ балҳо то 20 баҳогузорӣ карда шуд. 1 бал бо ҳисоби % ба 5 баробар буд.

Бо мақсади мушаххас намудани қимати миёнаи азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаи мактаббачагон марбути хештаншиносӣ дар шаш машғулияти беруназсинфию маҳфилҳои фаннӣ 6 воҳидро ташкил медиҳад. Дараҷаи омодагии мактаббачагонро мо барои иҷрои машғулиятҳои амалӣ, ки тибқи ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои фаннию корҳои беруназсинфӣ корбандӣ мегардид, таҳия ва корбандӣ кардем: дараҷаи 1- аз 0 то 25%; дараҷаи 2-аз 25 % то 50 %; дараҷаи 3–аз 50 % то 75%; дараҷаи 4 - аз 75 % то 100 %.

Пас аз ташкил ва гузаронидани семинари махсус дар мавзӯи худшиносӣ дар гурӯҳҳои назоратию санҷишӣ вазъу ҳолат тағйир ёфт. Баландравии сатҳи дониш дар дараҷаи панҷуми гурӯҳи санҷишӣ 17,7% дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ, ки ба сифр (0) баробар мебошад, ташкил дод. Сатҳи дониш мутаносибан ба 52,3% ва 45,1%, дараҷаи сеюм дар гурӯҳи таҷрибавӣ то гузаронидани семинар ба 35,9% ва, баръакс, дар гурӯҳи назоратӣ ба 14,3%, дар ҳолате ки баъди гузаронидани семинари махсус (бо омӯзгорон) дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба 37,02% ва назоратӣ ба 58,4 мактаббачагон дараҷаи маҳорат, малака ва дониши худро сайқал доданд. Дар сатҳи якум то гузаронидани семинар 72,4% ва баъди гузаронидани семинар 89,6%-ро ташкил дод.

Ҷадвали 3. Дараҷаи омодагӣ ва донишандӯзии мактаббачагон вобаста ба истифодаи дониш ва малакаи худшиносӣ дар раванди омӯзиш то таҷриба

Дараҷа	Шумораи мактаббачагон (%)	
	Гурӯҳи таҷрибавӣ	Гурӯҳи назоратӣ
Дараҷаи 4 – баланд	0	0
Дараҷаи 3 – кифоя	8,1	14,4
Дараҷаи 2 – суст	47,3	22,4
Дараҷаи 1– сифрӣ	44,3	63,2

Расми 3. Дараҷаи омодагӣ ва донишандӯзии мактаббачагон вобаста ба истифодаи дониш ва малакаи худшиносӣ дар раванди омӯзиш то таҷриба



Вазъи омодагӣ ва донишандӯзии мактаббачагон вобаста ба худшиносӣ дар раванди омӯзиш, махсусан, санҷиши назоратӣ собит намуд, ки онҳо ин дараҷаи даркориро на дар гурӯҳи таҷрибавӣ ва на дар гурӯҳи назоратӣ соҳиб мебошанд.

Бо мақсади муайян намудани дониш, маҳорат, малака ва ташаккули ҷаҳонбинии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба тарбияи худшиносӣ ба роҳ монда шуданд, ки ба инобат гирифтани натиҷаи онҳо дорои аҳаммияти калони таълимию тарбиявӣ мебошанд.

Мо модели низоми омодакунии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро тавассути тарбияи хештаншиносӣ (дар асоси барномаи таълимӣ ва стандартҳо) таҳия намуда, гузаронидани таҷрибаи педагогӣ барои муайян намудан ва ҳалли масъалаҳои омодакунии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро ба нақша гирифтем.

Муқарриз: Ҷ.Алимӣ – профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ

АДАБИЁТ

1. Бердяев, М.А. Самопазнание / М.А. Бердяев. – Масква, 1991. –316с.
2. Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик /М. Лутфуллоев. – Душанбе: Сифат, 2015. – 703 с.
3. Маҷидова, Б. Роҳнамои волидон барои тарбияи кӯдакони хурдсол /Б. Маҷидова. – Душанбе: Эр-Граф, 2014. – 232 с.
4. Сластинин, В.А. Общая педагогика. В дувх частях. Ч.1. [Электронный ресурс] / В.А. Сластинин, Ф.И. Исаев, Е.Н.Шиянов. – М.: Владос, 2002. http //mnoogoknig/ru/.
5. Султонов, А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ / А.Султонов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 210
6. Сухомлиниский, В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ / В.А. Сухомлиниский. – Душанбе: Маориф, 1982. – 48 с.
7. Сухомлинский, В. А. О воспитании / В. А. Сухомлинский. – М: Политиздат, 1973. – 272 с.
8. Сухомлинский, В.А. Как воспитать настаящего человека / В.А. Сухомлинский. – Киев: 1975. – 210с.
9. Сухомлинский, В.А. Сердце отдаю детям /В. А. Сухомлинский. – Киев: 1974. – 160с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ (зери таҳрири Сайфиддин Назардоза (раис) Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон) ҷилди ll Душанбе 2010. – 996
11. Эмомалӣ, Раҳмон. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 180
12. Эмомалӣ, Раҳмон. Рушди маориф-асоси таҳкими аркони давлат. – Душанбе: Шарора, 2009. –
13. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. –Душанбе: Ирфон, 2009. – 682 с.
14. Эмомалӣ, Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат аст. –Душанбе: Матбуот, 2001.-320 с.
15. Юнусов, И. Педагогика / И. Юнусов. – Душанбе, 2005. – 320с.

МУЛОҲИЗАҲО ВА НАТИҶАГИРИҲО ОИД БА ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ АСОСӢ

Мақола фарогири ҷамъбасту натиҷагириҳои таҳқиқу пажуҳиши масъалаҳои вобаста ба худшиносии хонандагон мебошад. Ба ақидаи муаллиф, мафҳуми худшиносӣ таърихи дуру дароз, маъно ва мазмуни васею фарох дорад ва ба муҳтавои он на ҳама мактаббача ба таври зарурӣ ва ба пуррагӣ сарфаҳм меравад. Мушоҳидаҳо ва озмоишҳои гузаронидаи мо гувоҳи онанд, ки аксарияти мактаббачагон дар ростои худшиносӣ тасаввуроти умумӣ доранд. Сабаб дар он аст, ки на ҳама муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба масъалаи дар руҳияи худшиносӣ тарбия намудани мактаббачагон диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ин аст, ки масъалаи тарбияи худшиносии мактаббачагон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва вазъи мазкур аз муаллимон корбарии қатъию доимиро тақозо дорад. Ҳамин тариқ, омодагии хонандагон ба худшиносии мактаббачагон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ дар асоси талаботи замони муосир, татбиқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан, истифодаи даъватҳои хирадмандонаи Сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати омӯзиши таъриху тамаддуни гузашта, адабиёту санъат, расму оинҳои миллии ниёгон ва замони муосир, ки барои шинохти сарвати маънавӣ ва ахлоқи башарият имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, алалхусус дар худшиносӣ ва дарки санъати миллӣ. Нақш ва ҷойгоҳи худшиносӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқии мактаббачагон низ баҳо дода, дар баробари мерос мондани рафтору одобу ахлоқ, хислатҳои неки инсонӣ аз наслҳои оянда, махсусан насли наврас

истифода бурда, раванди таълиму тарбия дар муассисахои таълимии асосӣ ба таври шавковар ва мароқангез мегузарад.

Калидвожаҳо: хонандагон, худшиносӣ, муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таълим ва тарбия, ҷамъбаст ва натиҷагириҳо, маҳорат ва малака.

МНЕНИЯ И ВЫВОДЫ О САМОСОЗНАНИИ УЧАЩИХСЯ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

В статье приведены обобщения и результаты исследований по вопросам, связанным с самосознанием учащихся. По мнению автора, понятие самосознания имеет давнюю историю, широкий смысл и содержание, и не каждый школьник правильно и полно понимает его содержание. Наблюдения и тесты показывают, что большинство школьников имеют общее представление о самопознании, но они не углубляются в этот вопрос до необходимого уровня. Причина в том, что не все педагоги учреждений основного образования уделяют серьезное внимание вопросу воспитания школьников в духе самосознания на всех занятиях. Это связано с тем, что вопрос самосознания школьников не в полной мере отвечает требованиям эпохи, и такое положение требует от педагогов строгой и постоянной работы. Таким образом, подготовка к самосознанию школьников в основных образовательных учреждениях основывается на требованиях современности, реализации решений Правительства Республики Таджикистан и, в частности, использовании постоянно действующих мудрых призывов Главы государства, Основателя национального мира и единства, уважаемого Эмомали Рахмона, к изучению прошлой истории, цивилизации, литературы, искусства, национальных обычаев наших предков и нашей современности, что дает широкие возможности для познания духовного богатства и нравов, человечества, в частности, самопознания понимания и национального искусства. Также оценивается роль и место самосознания в формировании нравственных качеств школьников, при этом используется наследование поведения и манер, хороших человеческих качеств будущими поколениями, особенно подрастающим поколением, а процесс обучения и воспитания в основных учебных заведениях ведется интересно и увлекательно.

Ключевые слова: учащиеся, самосознание, образовательные учреждения, учреждения общего среднего образования, обучение и воспитание, итоги и результаты, навыки и умения.

OPINIONS AND CONCLUSIONS ABOUT THE SELF-AWARENESS OF STUDENTS OF EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The article presents generalizations and results of research on issues related to the self-awareness of students. According to the author, the concept of self-consciousness has a long history, broad meaning and content, and not every student correctly and fully understands its content. Observations and tests show that most schoolchildren have a general idea of self-knowledge, but do not delve into this issue to the required level. The reason is that not all teachers of basic education institutions pay serious attention to the issue of educating schoolchildren in the spirit of self-awareness in all classes. This is due to the fact that the issue of self-awareness of schoolchildren does not fully meet the requirements of the era, and this situation requires strict and constant work from teachers. Thus, the preparation for the self-awareness of schoolchildren in the main educational institutions is based on the requirements of the present, the implementation of the decisions of the Government of the Republic of Tajikistan and, in particular, the use of the permanent wise calls of the Head of State, the Founder of National Peace and Unity, respected Emomali Rahmon, the study of past history, civilization, literature, art, national customs of our ancestors and our present provide ample opportunities for the knowledge of spiritual wealth and customs, humanity, in particular, self-knowledge and national art. The role and place of self-awareness in the formation of the moral qualities of schoolchildren is also assessed, while the inheritance of behavior and manners, good human qualities to future generations, especially the younger generation, is used, and the process of education and upbringing in basic educational institutions is interesting and exciting.

Key words: students, self-awareness, educational institutions, institutions of general secondary education, training and education, outcomes and results, skills and abilities.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ёрматов Алишер Ҷолматович*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, омӯзгор. **Суроға:** 735360, шаҳри Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С. Сафаров,16.Телефон: **988536962.**

Сведения об авторе: ***Ёрматов Алишер Джолматович*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллаха Рудаки, преподаватель.**Адрес**: 734065, город. Куляб, Республика Таджикистан, улица. С. Сафаров, 16. Телефон: **988536962.**

Information about the author*: Yormatov Alisher Dzholmatovich* - Kulob State University named after Abuabdullah Rudaki, teacher. **Address:** 735360, Kulyab city, Republic of Tajikistan, S. Safarova Street, 16. Phone:**988536962**

ТДУ:372.8 (575.3)

ИСЛОҲИ ЛАКНАТЗАБОНӢ - ВОСИТАИ АСОСИИ ТАБОБАТӢ ВА ТАРБИЯВӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Салямова Д.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Лакнатзабонӣ як ҷанбаи маъмули осебпазирии нутқ аст ва аксаран дар кӯдакони хурдсол мушоҳида мешавад, минбаъд дар сурати ислоҳ нашуданаш ба инкишофи нутқ ва шахсияти онҳо ва умуман ба ташаккули солими хислатҳои зиёди кӯдак халал мерасонад, мутобиқшавии иҷтимоии ӯро душвор мегардонад. Фаҳмидани механизмҳои лакнатзабонӣ ва донистани хусусиятҳои гуногуни зуҳури он зарурати муносибати ҳамаҷониба барои бартараф кардани онро муайян мекунад.

Ҳамчунин, лакнати забон дар кӯдакон ба он боис мешавад, ки онҳо аз муҳитҳои иҷтимоӣ бештар канорачӯйӣ мекунанд ва барои барқарор кардану нигоҳ доштани муошират бо атрофиён азият мекашанд. Чунин ҳолат тадриҷан ба раванди ҷомеапазирии шахс таъсири манфӣ мерасонад. На танҳо инкишофи шахсият бо рушди забон марбут аст, балки чигунагии зиндагии иҷтимоии мо бо рушди забони мо вобастагӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯдакони зиёде ҳастанд, ки ба ин нуқсон мубтало ҳастанд ва аз он пайваста ранҷ мебаранд. Зеро лакнати забон дар фарқият аз шаклҳои дигари халалдоршавии овоз хусусиятҳои хосси худро дорад, ки ба моҳияти онҳо бидуни таҳқиқи ҳамаҷониба сарфаҳм рафтан мушкил аст.

Матлабе, ки дар ин ҷо баён мешавад, метавонад ба логопед, омӯзгорон, мураббиён ва наздикони кӯдаконе, ки дорои нуқсони лакнатзабонӣ мебошанд, муфид бошад. Зеро онҳо кӯдаконро роҳнамоӣ мекунанд ва бо кӯдакон бояд чунин рафтор кунанд, ки дар муошират нуқсон ворид нагардад ва монеае дар ҷиҳати табобат эҷод накунад. Корҳои ҳамаҷониба оид ба ислоҳи лакнатзабонӣ метавон ба ду қисм ҷудо кард: табобатӣ ва фароғатӣ ё ислоҳӣ ва тарбиявӣ. Бо таъсири комплексӣ ба кӯдаки лакнатзабони аҳаммияти муносибати дифференсионалии инкишофи шахсият ва нутқи кӯдаки калонсол, аз нав тарбия карданро таъкид кардан лозим аст. Фаъолияти пешбари кӯдакони таҳсилоти томактабӣ бозӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз бозӣ дар машғулиятҳои логопедӣ қобилиятҳои нутқ, тафаккур, хотира, мустақилият, фаъолият, ҳаракат, фаъолона инкишоф ёфта, қобилияти идора кардани рафтори худ ташаккул меёбад. Ҳар як бозӣ як фаъолият аст. Бо ин фаҳмиш, доираи васеи имкониятҳои истифодаи бозӣ бо мақсадҳои ислоҳӣ кушода мешавад [2, с.288].Ба кӯдакони лакнатзабон ташаккул наёфтани маҳорати бозӣ хос аст. Зеро кӯдакони лакнатзабон дар омӯхтани шаклҳои гуногуни рафтори иҷтимоӣ душворӣ мекашанд, зеро муҳити онҳо ба синну сол, фаъолияти бозиашон мувофиқ нест. Омӯзиши фаъолияти бозикунии кӯдаки лакнатзабонро логопед ва муаллими динамика анҷом медиҳанд. Ғайр аз ин, хусусиятҳои бозии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ дар хона муайян карда мешаванд. Агар дар ибтидои таълими педагоги логопед муайян намояд, ки ҳар як кӯдак ба яке аз чор гурӯҳи клиникӣ мансуб аст, дар натиҷаи тадқиқоти динамикии психологию педагогӣ дараҷаи фаъолияти бозичаи дузандагиро муайян мекунад.

Манзараи клиникии лакнатзабон муайян шуда, пурра карда мешавад ва бо ба назар гирифтани дараҷаи фаъолияти бозӣ ба логопед имкон медиҳад, ки мақсаднок гурӯҳҳои бозии устувори кӯдакони лакнатзабонро ташкил намояд. Ин ба тарбияи рафтори иҷтимоии онҳо ва умуман барқарорсозии иҷтимоии онҳо мусоидат мекунад. Якчанд бозиҳо барои ислоҳ намудани лакнатзабонӣ истифода бурда мешаванд:

Ба бозиҳои мобилии нақлӣ метавонанд ҳамсолон, калонсолон назорат кунанд. Дар ҳолати аввал, ҳар як дузабон дар бозии умумӣ саҳми имконпазирро илова мекунад ва дуюм, талабот ба рафтори ҳар як бозигар меафзояд, ки ин дар кӯдакон сифатҳои ташкилотчигиро ошкор мекунад. Бо мақсади ба ҳам пайвастанӣ рафтори фаъол ва гуфтор, бозиҳои дорои хусусияти варзишӣ ва фароғатӣ (сангпуштҳо, бибиҳо, тӯббозӣ) гузаронида мешаванд, ки кӯдакон берун аз фаъолиятҳои бозӣ озод муошират мекунанд. Ҳама бозиҳо дар кӯдакон хислат, мустақилият, ташаббус, истодагарӣ, қатъият ва дӯстиро ташаккул медиҳанд [9, с. 42-43].

Дар зери таъсири логопед кӯдакон нақши ташкилкунандаи бозиро фаҳмида, хоҳиши баланд бардоштани фаъолияти бозӣ ба вуҷуд меояд. Кӯдакон қоидаҳои бозиро риоя мекунанд, онҳоро бошуурона тағйир медиҳанд, пурра мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки нақшҳоро одилона тақсим кунанд, дар баҳо додан ба натиҷаҳои бозӣ ва рафтори бозии рафиқонашон мунтазам ва объективӣ бошанд.

Аз ин рӯ, бозиҳо бо қоидаҳо ба кӯдакони лакнатзабон таъсири мусбӣ мерасонанд ва барои бо нармӣ ислоҳ кардани инҳирофҳои онҳо кӯмак мекунанд.

Ғайр аз ин, машқҳои артикулятсия • «Аспча» •«Дандоншуяк» • «Тамошо» • «Забони нозанинро ҷазо диҳед» •Автоматикунонии садоҳо • «Моторҳои қавӣ» • «Моторҳои заиф» • «Тӯп» • «Тасодуф», “Инкишофи шунавоии фонематикӣ” •«Пинҳон кардани дастаҳо» •«Пайраҳаҳои ҳиҷоӣ» •«Ду баҳр» •«Туфон» •«Ду шаҳр»; ташаккули сохтори ҳиҷогии калима •«Тасмаҳо» •«Хаторо ислоҳ кунед” •«Калимаро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед»; кори лексика •«Калимаҳои мураккаб» •«Калимаҳои модарӣ» •«Кӣ дам - кардам»; такмили сохтори грамматикии нутқ • «Чӣ рафт» • «Калимаро бигир» "Садо” барои ислоҳ намудани лакнатзабони истифода бурда мешавад [3, с.329].

Барои кӯдаконе, ки дар оила тарбия меёбанд, бештар бозиҳои артекулятсионӣ, ки барои ислоҳи лакнатзабонӣ хусусияти табобатии бештар доранд («Аспча», «Дандоншуяк», «Тамошо», «Туфон», "Садо”, «Бо оби даҳон пуфак кардан» ва ғайра), истифода бурда мешаванд) [5, с. 97].

Бозиҳо бо тӯб, садо ва бо оби даҳон пуфак кардан, нисбат ба дигар намудҳои бозиҳо дар оила бештар истифода бурда мешаванд. Ба андешаи мо, сабаби асосӣ инҳоянд:

1) бозии бо оби даҳон пуфак кардан ба кӯдаки синни таҳсилоти томактабӣ тез одат мешавад ва барои ислоҳи лакнатзабонӣ, инчунин, барои фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ҳисобида мешаавад;

2) бозиҳои садо дар кӯдакони синни томактабӣ барои хондани суруду таронаҳо, рақс, ритмикаи логопедӣ истифода бурда мешаванд;

3) бозӣ бо тӯб на танҳо барои чусту чолокӣ, инчунин (тӯбчаҳои худро дар таги забон монда ҳарфи “Р”-ро талаффуз мекунем) барои ислоҳи лакнатзабонӣ ва дигар сифатҳои инсонӣ талаб карда мешавад.

4) Истифодаи бозиҳо, на танҳо барои ислоҳ намудани нуқсони лакнатзабонӣ, балки ба васеъ шудани доираи чаҳонбинӣ мусоидат мекунанд.

Бозиҳо ҳам дар оила, ҳам дар кӯдакистон, аз ҷумла дар машғулиятҳои логопедӣ истифода бурда мешаванд [7, с.51]. Бозиҳои драмавӣ ин бозиҳои саҳнавӣ мебошанд ва ба ҳаракати персонажҳо, расмкашӣ, ороиши декоратсия, асбобҳои мақсадноки саҳна алоқаманд аст. Бозиҳои драмавӣ дар кӯдакон ифоданокии амал ва нутқ, тасаввурот, фантазия, ҳаваскорӣ, ташкилотчигӣ, сифатҳои режиссёриро тарбия мекунанд. Онҳо ба ислоҳи лакнатзабонӣ мусоидат мекунанд ва фаъолияти бозии онҳоро баланд мебардоранд.

Бозиҳои эҷодӣ мустақилияти кӯдаконро инъикос мекунанд. Дар кӯдакони лакнатзабон ин хислатҳо аввал дар бозиҳои эҷодӣ бо пешниҳоди логопед (калонсолон) ва баъд аз рӯйи нақшаи худи кӯдакон инкишоф меёбанд. Нуқтаи асосии бозсозии эҷодӣ нақшбозӣ мебошад [6, с.80].

Дар раванди муошират бо дигар иштирокчиёни бозӣ кӯдак бо амалҳо ва суханҳо тасвир эҷод мекунад. Аз ин рӯ, бозиҳои эҷодӣ қобилиятҳои кӯдаконро ташаккул медиҳанд. Бозиҳои эҷодӣ таҷрибаи ҷамъиятии кӯдакро бой мегардонанд, ба тарбия ва инкишоф додани рафтори фаъол, худташкилкунии онҳо дар ҳар гуна фаъолият, хусусан нутқ ёрӣ мерасонанд. Дар кори муолиҷавӣ-тарбиявӣ бо кӯдакони лакнатзабон ҳамаи бозиҳо бо назардошти як қатор принсипҳо истифода бурда мешаванд. Пеш аз ҳама, принсипи кор ба амал бароварда мешавад. Ҳар як бозӣ бояд ҳамчун фаъолият ва системаи бозиҳо ҳамчун маҷмуи фаъолиятҳои гуногуни бо ҳам алоқаманд баррасӣ карда шаванд. Аз ин рӯ, бозӣ ҳамеша интихоби мавзуъ, тақсими нақшҳо, оғоз, инкишоф, анҷоми бозӣ ва баҳодиҳии рафтори кӯдаконро дар бар мегирад. Чунин фаҳмиши бозӣ ба логопед имкон медиҳад, ки машқҳои бозӣ (бо тӯб, қироати шеър дар амал ва ғ.) ва бозиро ҳамчун фаъолият омехта накунанд [1, с.48].

Принсипҳои системасозӣ, мувофиқат ва ба назар гирифтани синну сол имкон медиҳанд, ки бозиҳо дар системаи муайян бо тақсими муҳимтарин намудҳои бозиҳо барои ҳар як гурӯҳи синну сол тақсим карда шаванд. Пайдарҳамии инкишофи бозӣ дар машғулиятҳои логопедӣ барои кӯдакони лакнатзабон аз ҳамсолони онҳо, ки дуруст ҳарф мезананд, фарқ мекунад. Агар дар кӯдакони синни томактабӣ калонсолон бозиро ҳамчун воситаи тарбия истифода бурда, пеш аз ҳама, ба бозиҳои эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ такя кунанд, дар рафти ислоҳӣ бозӣ ба тарзи дигар мегузарад. Чунин пайдарпайии истифодаи бозиҳо имкон медиҳад, ки манзараи клиникии лакнатзабонӣ, бахусус рафтори кӯдакон ва инкишофи худташкилӣ ва фаъолият дар рафтору гуфтори кӯдакони лакнатзабонро ба назар гирем.

Фаъолияти бозӣ бо қоидаҳо барои кӯдакони 4-5-солаи лакнатзабон аз ҷиҳати аҳаммият дуюмдараҷа мебошанд. Кӯдакони ин синну сол дар бозӣ бо тӯб душворӣ мекашанд, аз ин рӯ дар бозиҳо барои инкишоф додани ҳаракатҳо, парчам, гул ва ҳалқа тавсия дода мешавад. Қоидаҳои бозиро фаҳмонда, худи логопед роҳбарро таъин мекунад ва бо ӯ матнро талаффуз мекунад, кӯдакон амалҳоро иҷро мекунанд. Логопед маводи бозиро бо ҳама кӯдакон ба навбат талаффуз мекунад. Дар айни ҳол як бозии кушод барои ду гурӯҳ гузаронда мешавад, зеро аксарияти кӯдакони синни томактабӣ ҳанӯз дар онҳо фаъолона иштирок карда наметавонанд.

Бозиҳои дидактикӣ дар системаи таълими кӯдакони синни томактабӣ на танҳо барои омӯзонидани рафтори бозсозӣ, балки барои ислоҳи ихтилоли талаффузи овоз низ истифода мешаванд. Баъзан овоз бо бартараф намудани вайронкуниҳо, муҳофизат, нутқи кӯдак умуман муътадил мегардад. Аксаран дар сари миз бозиҳои дидактикӣ гузаронида мешаванд: кӯдакон ором мешинанд, бо логопед дар бораи фаъолият гап мезананд [5, с.142].

Логопед кӯшиш мекунад, ки ба волидон тартиб додани реҷаи кор барои кӯдакон дар хона кумак расонад. Корҳои ислоҳӣ бурдани оила, чӣ гуна рафтор карданро ҳангоми нуқсони лакнатзабонӣ дар кӯдакон, ба волидайн таълим додани усулҳои нутқ (калонсолон бояд дар хотир дошта бошанд, ки муошарати онҳо барои кӯдак намуна аст) истифода бурда мешавад.

Барои бомуваффақият аз нав омӯхтани нутқ на танҳо дар гурӯҳ, балки дар ҳаёти ҳаррӯза, зарур аст, ки муҳити шодмонӣ ва бароҳати пур аз унсурҳои бозӣ фароҳам оварда шавад. Падару модарон бояд на танҳо вазифаҳои логопедро ба таври механикӣ иҷро кунанд, балки мақсадҳои ҳақиқии ҳар як машқ-бозиро фаҳманд.

Бисёре аз бозиҳои пешниҳодшударо дар машғулиятҳо бо хонандагони лакнатзабон истифода бурдан мумкин аст, ки ба волидайн тавсияҳо пешниҳод карда мешавад.

Бо донистани тарзи муошират, кӯдак аллакай ҳис мекунад, ки ин машқҳо ҳатмӣ мебошанд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии волидайн ислоҳи нуқсони кӯдак мебошад. Аммо ин корро чӣ тавр бояд кард? Тавассути бозиҳо!

Лакнатзабонӣ як бемориест, ки бо он бояд самаранок мубориза бурд. Аз ин рӯ, бозиҳо дар ин ҷо низ бояд махсус бошанд. Мақсад аз он иборат аст, ки кӯдак на танҳо аз мушкилиҳо раҳо мешавад, балки аз муошират дар гурӯҳ наметарсад.

Барои ислоҳи нуқсони лакнатзабонӣ дар фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ бозӣ васеъ истифода бурда мешавад. Маҳз дар бозӣ таъсири ислоҳкунандаро дар нутқ самараноктар амалӣ кардан мумкин аст. Логопед бо ташкили машғулият бо кӯдак дар шакли «баробар» муошират мекунад, меҳру муҳаббат ва боварии ӯро ба даст меорад, шармгиниашро аз байн мебарад. Ҳолатҳои гуногуни бозӣ, ки аз ҷониби логопед моҳирона истифода мешаванд, кӯдакро ба муошарати озод ташвиқ мекунанд, диққати ӯро аз нуқсони нутқ дур мекунанд ва барои психотерапияи мақсаднок имкониятҳои фаровон фароҳам меоранд. Худи бозӣ ба ҳолати умумии руҳии лакнатзабонӣ таъсири судбахш мерасонад, дар он фаъолияти зиддиятнок ба вуҷуд меоварад, ба шавқу ҳавас, фантазия ва хаёлоти кӯдакони синни томактабӣ таъсир мерасонад. Ҳамаи ин самараи кори ислоҳиро зиёд мекунад [3, с.276].

Муқарриз: Рамазонова Р.- н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ

АДАБИЁТ

1. Арутюнян Л.З. Как лечить заикание: Методика устойчивой нормализации речи / Л.З. Арутюнян. – М.: Эребрус, 2003. -130с.
2. Белякова Л.М. Заикание / Л.М.Белякова, Е.А.Дьякова. - М.: В. Секачев, 1998. - 304с.
3. Гиляровский В.А. К вопросу о гене заикания у маленьких детей и нақши его для общего развития личности и его лечение. Советская невропатология, психиатрия и психогигиена / В.А. Гиляровский. - Т. 1. -Вып. 9 -10, 1932. - С. 570 - 582.
4. Маҳмадиева М. Маҳси логопедӣ / М. Маҳмадиева. – Душанбе, 2022. -Қисми 1. -С.270; -Қисми 2.-С.290.
5. Рамазонова Р. Бозӣ воситаи ислоҳ намудани нуқсони нутқ ва ташаккули қобилияти хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ / Р.Рамазонова, Д. Салямова. – Душанбе, 2022. -158с.
6. Селиверстов В.И. Заикание у детей. Пособие для логопедов / В.И. Селиверстов. – М., 1994. -200с.
7. Турсунов Н.Н. Бозиҳои миллии берунӣ / Н.Н. Турсунов. – Душанбе: ДДОТ, 1991. - 83с.
8. Чевелёва Н.А. Преодоление заикания у детей / Н.А. Чевелёва. –М.: 2001. 128с.
9. Эльконин Д.Б. Игра, ее место и роль в жизни и развитии детей. Дошкольное воспитание / Д.Б. Эльконин. - 1976. - №5. -С.41-46.

ИСЛОҲИ ЛАКНАТЗАБОНӢ ВОСИТАИ АСОСИИ ТАБОБАТӢ ВА ТАРБИЯВӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Мавзуи баррасишуда ислоҳ намудани лакнатзабонӣ, ки яке аз воситаи табобатӣ ва тарбиявӣ аз тарафи муҳаққиқ бештар усулҳои ба эътидол овардани нафаскашии нутқ пешниҳод карда шудааст. Технологияи бозӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки нафаскашии озодро ёд гирад. Инчунин, дар мақола қайд шудааст, ки усулҳои бозӣ дар давраи ибтидоии кор оид ба ислоҳӣ лакнатзабонӣ, омӯзонидани технологияи дурусти нутқ, такя ба садонокҳо, талаффузи калимаҳо дар сегменти семантикӣ, бо истифода аз таваққуфҳо ва задаи мантиқӣ истифода бурда мешаванд. Логопед ба кӯдакон кумак мекунад, ки дар машғулиятҳо бозиҳоро истифода баранд. Бозӣ, яке аз воситаҳои ислоҳ намудани лакнатзабонӣ ва воситаи муошират кӯдакони синни томактабӣ ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: ислоҳ, лакнатзабонӣ, бозӣ, логопед, табобат, тарбиявӣ, технология, нутқ, кӯдак, муошират, волидайн, машғулият, муошират, таҳсилоти томактабӣ.

КОРРЕКЦИЯ ЗАИКАНИЯ НА ОСНОВЕ ЛЕЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНЫХ СРЕДСТВ У ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

Обсуждаемая тема - коррекция заикания, которая является одним из лечебно-воспитательных средств исследования, предлагает дополнительные методы нормализации речевого дыхания. Игровые технологии позволяют ребенку научиться свободно дышать. Также в статье используются игровые методы на начальном этапе работы по коррекции заикания, обучению правильной технике речи, опоре на гласные, произношению слов в смысловом отрезке, использованию пауз и логического ударения.Игровые методы обучения навыкам правильной речи постепенно расширяют круг высказываний. Игры этого раздела должны четко выражать мысль не только кратко, но и простыми общими выражениями. Логопед помогает детям использовать игры от первого занятия до последнего. Игра является одним из средств коррекции заикания и средством общения в дошкольном образовании.

Ключевые слова: коррекция, заикание, игра, логопед, лечение, воспитательный, технология, речь, ребенок, общение, воспитание, вовлечение, общение, дошкольное образование.

CORRECTION OF STUTTERING BASIC MEDICAL AND EDUCATIONAL

The topic under discussion is the correction of slang, which is one of the medical and educational means of the researcher; additional methods for normalizing speech breathing are proposed. Game technologies allow the child to learn to breathe freely. The article also uses game methods in the initial period of work on correcting slang, teaching the correct speech technique, relying on vowels, pronouncing words in a semantic segment, using pauses and logical stress.Game methods of teaching the skills of correct speech, the range of statements is gradually expanding. The games in this section should clearly express the idea not only briefly, but also in simple general expressions. A speech therapist helps children use games from the first lesson to the last. The game is one of the means of correcting obscene language and a means of communication in preschool education.

Key words: correction, swearing, game, speech therapist, treatment, educational, technology, speech, child, communication, upbringing, involvement, communication, preschool education.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Салямова Дилафруз Нарзимуродовна*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир, ассистент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. **Телефон: 918675656**

Сведения об авторе: ***Салямова Дилафруз Нарзимуродовна*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, ассистент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования. **Адрес:** 734003, Республики Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. **Телефон: 918675656**

Information about the author: ***Salyamova Dilafruz Narzimurodovna*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, department of special pedagogy and inclusive education, assistant. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. Phone: **918675656**

ТДУ:372.850.2 (575.3)

МЕТОДИКАИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМОИШҲО ДАР ДАРСҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ БАРОИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Табаров Д.Д.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Рушди ҳамаҷонибаи кӯдак, махсусан тафаккури ӯ, ки аз омилҳои асосии такондиҳандаи равандҳои маърифатии кӯдак ба шумор меравад, мақсади асосии таълим дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар низоми таҳсилот ба шумор меравад.

Ин дар ҳолест, ки айни замон дар тамоми низоми таҳсилот ислоҳот ва дигаргуниҳои ҷиддӣ ҷараён дошта, ба раванди таълим навовариҳои назаррас мушоҳида мегардад. Ин таҳаввулот танҳо хосси низоми таҳсилот набуда, балки тамоми ҷузъияёти он, ҳатто субъектҳои раванди таълимро низ дар бар мегиранд.

Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ, ба тағйир додани ҳадафҳои таълим дар шароити муосир афзалият дода, ба парадигмаи нави таълимӣ, ки ба ҷойи гирифтани донишҳои зарурии тайёр аз муаллим ба тарзи мустақилона ба даст овардан ва истифода бурдани онҳо аз тарафи хонанда афзалият дода мешавад бартарӣ медиҳад. Тибқи талаботи он, хатмкунандаи муосири муассисаи таълимии миёнаи умумӣ, бояд дорои донишҳои ба амалия нигаронидашуда бошад, ки барои бомуваффақият ворид шудан ба ҷомеа ва мутобиқшавӣ ба он мусоидат менамоянд.

Аз ҷумла, дар Стандарти давлатии таҳсилот омадааст: “Таълим дар синфҳои ибтидоӣ таҳкурсии устувори минбаъдаи омӯзиш буда, заминаи муҳимми ташаккули шахсияти хонандагони хурдсол ба шумор меравад” [10, с.65]

Дар зинаи ибтидоии таҳсилот, дар дарсҳои табиатшиносӣ татбиқи ин ҳадафҳо, махсусан ташаккул ва рушди шахсияти кӯдак мавриди омӯзиши табиат, ҳодисаҳои он ва қонуниятҳои гузариши онҳо сурат мегирад, ки ин ба фаъолияти табиии кӯдак наздик буда, раванди мутобиқшавӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаи таълимӣ ва иҷтимоишавии онҳоро нарму ҳамвор гардонида, суръат мебахшад.

Дар низоми таҳсилот, албатта, ҳар як фан ва ё гурӯҳи фанҳо дорои хусусиятҳо ва методологияи таълимию таҳқиқотии хосси худ буда, ба назар нагирифтан ва риоя накардани онҳо самаранокии раванди таълимро коҳиш дода, боиси коста гардидани шавқмандии кӯдак ба таълим мегардад.

Аз ин лиҳоз, фанни табиатшиносӣ ба гурӯҳи фанҳое дохил мешавад, ки таълими он бештар хусусияти амалӣ дошта, омӯзиши ҳодисаҳои табиатро бе чунин усулҳои амалӣ, ба монанди мушоҳида ва озмоиш тасаввур кардан мумкин нест. Мушоҳида ва озмоиш хусусияти муҳимми дарки ҳодисаҳо, муайян кардани хосиятҳои объектҳо ва барқарор намудани алоқамандии байниҳамдигарии ҳодисаҳо дар раванди омӯзиши илмҳо оиди табиат ба шумор мераванд.

Мо низ борҳо таъкид намудаем, ки мушоҳида ва озмоиш дар меҳвари фаъолияти таҳқиқотии хонандагони хурдсол меистанд [11;12;132;14].

Чунин фаъолияти таълимӣ дорои сохтори махсуси ташкилӣ, методӣ ва методологӣ мебошанд.

Ба ақидаи Б.Е. Райков, “чунин шакли дарсҳо номи лабораторӣ ва ё амалиро дошта, дар он хонандагон танҳо шунаванда ва тамошобин набуда, балки худашон ашёҳои мушаххасеро бо дастонашон гирифта кор мекунанд. Ҳамин тавр, моҳияти дарсҳои лабораторӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ин ҳолат фаъолияти маърифатӣ, аз як тараф, бо узвҳои ҳаракат – мушакҳо аз тарафи дигар, бо узвҳои эҳсосот дар алоқамандии зич қарор мегиранд” [5, с.178].

Аҳаммияти дарсҳои лабораторӣ – амалӣ дар он зоҳир мегарад, ки онҳо ба татбиқи пурраи принсипҳои аёният ва предметии таълим мусоидат намуда, боиси рушди тасаввурот ва ҷаҳонбинии материалистии хонандагон мегарданд [5,с.179].

Чуноне ки болотар зикр гардид, мақсади асосии таълим рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак мебошад ва фанни табиатшиносӣ низ аз он истисно набуда, дар таълими он ҳадафи асосӣ рушди кӯдак тавассути омӯзиши табиат, қонунҳои он ба ҳисоб меравад.

Бо истифода аз мушоҳида ва озмоиш дар дарсҳои табиатшиносӣ хонандагон хосиятҳои моддаҳо ва ашёҳоро омӯхта, муқоиса, таҳлил ва хулосабарорӣ мекунанд. Муқоиса, таҳлил, таркиб ҷиҳатҳои гуногуни фаъолияти зеҳнӣ-мантиқӣ буда, аз амалҳои асосии равонӣ ба шумор мераванд. Истифодаи ин усулҳо ба ташаккули тасаввуроти мукаммал ва илман асоснок дар бораи ҳодисаю объектҳои табиат ва инкишофи равонии хонандагони хурдсол мусоидат мекунанд.

Асосгузори методикаи таълими табиатшиносӣ А.Я. Герд ба усулҳои мушоҳида ва озмоиш на танҳо ҳамчун манбаи боэътимоди дониш дар бораи табиат баҳои баланд медод, балки оид ба ташкил ва методикаи гузарондани усулҳои амалии таълими табиатшиносӣ дастурҳои методие тартиб додааст, ки имрӯз низ аҳаммияти худро гум накардаанд [3; 4; 5].

Дар замони Ҳокимияти Шуравӣ методикаи таълими табиатшиносӣ ба авҷи тараққиёти худ расида буд, педагогҳои советӣ Валерянова Е., Завитаев П., Скаткин М.Н., Ягодовский К. П. ва дигарон оид ба истифодаи мушоҳида ва озмоиш ҳамчун муҳимтарин усули дарки қонуниятҳои табиат, мушахассан таъкид намудаанд [3; 4; 5].

Дар методикаи таълими табиатшиносӣ дар замони муосир, доир ба истифодаи мушоҳида ва озмоиш муҳаққиқон Рябухина Е. А., Савенков А.И., Чудинова Е.В. ва дигарон ибрози назар намудаанд, амалан барои ошкор кардани робитаи байниҳамдигарии таълими ибтидоии табиатшиносӣ ва ташаккули тасаввурот оид ба мафҳумҳои асосии он дар хонандагони хурдсол усулҳои амалӣ мақоми асосиро ишғол мекунанд [6; 7].

Бо ҷорӣ намудани Стандарти нави давлатии таълим аз соли 2012 инҷониб, истифодаи ин усулҳои амалӣ-озмоишии бештар шуда, ба талаботи меъёрӣ табдил ёфт. Дар ин бобат дар Стандарт чунин омадааст: “дар иҷрои корҳои амалӣ аз асбобу воситаҳои техникӣ истифода карда, тавассути мушоҳида, тасвир ва ашёи табиӣ дониши худро сайқал диҳад” [10**, с.**66].

Ин усулро ҳамчун анъана муаллимон пештар ҳам, ҳамчун усули таълим истифода мебурданд, аммо мувофиқи талаботи нав, бояд худи хонандагон ин усулро истифода намуда, мустақилона донишҳоро аз худ кунанд.

Ушинский К.Д. ба гузаронидани мушоҳидаҳо дар табиат ҳамчун воситаи инкишофи тафаккури мантиқии хонандагони хурдсол аҳаммияти калон медод.

“Ман барои ба тафаккури мантиқӣ одат кардани зеҳни кӯдак ашёҳои табиатро қулайтарин мешуморам. Ба назари ман, мантиқи табиат барои кӯдакон муфидтарин мантиқ аст”.

Мушоҳида усули илмиест, ки ба воситаи он хонандагони хурдсол ба тадқиқоти мураккабтарини илмӣ - ташкил ва гузаронидани озмоишҳо омода мешаванд.

Селевко Г.К. озмоишро яке аз воситаҳои мантиқии фаъолияти зеҳнӣ меномад, ки ба рушди тафаккур оварда мерасонад ва боиси пайдоиши тасаввуротҳои нав мегардад. Дар шароити лабораторӣ гузаронидани онро шарт медонад [9].

Самиев Б.Ҷ. қайд менамояд, ки «мушоҳида омӯзиши мақсадноки предметҳо буда, асосан ба маълумоти тавассути узвҳои ҳис (эҳсос, идрок, ва тасаввур) бадастоварда такя мекунад. Мушоҳида дарки фаъол ва бомақсади олами воқеист, ки дар натиҷаи он доир ба хусусият ва нишонаҳои зоҳирии ашё ва ҳодисаҳои олам дониш пайдо мешавад».

Муаллиф ба ҷойи истилоҳи озмоиш калимаи «санҷиш»-ро истифода намуда, чунин менависад: «Санҷиш (эксперимент) – ин мудохилаи фаъол ва мақсаднок дар раванди масъалаи омӯхташаванда мувофиқ ба тағйиротҳои объект ва ба вуҷуд омадани он дар шароити махсус созгордодашуда ва назоратшаванда» [8, 20-21].

Савенков А.И. ақидаи Л.И.Божовичро тасдиқ намуда, майли кӯдакон ба мушоҳида ва озмоишро аз ниёзҳои ботинии онҳо шуморида, ирсӣ будани онҳоро таъкид менамояд. “Барои касе пӯшида нест, ки талаботи бачагон ба тадқиқот ва ҷустуҷӯ аз ҷиҳати биологӣ муайян карда мешавад. Ҳар як кӯдаки солим таҳқиқотчӣ таваллуд мешавад. Ташнагии рафънашаванда ба таҷрибаҳои нав, кунҷковӣ, майли мушоҳида ва озмоиш, мустақилона ҷустуҷӯйи маълумоти нав дар бораи олам чун анъана муҳимтарин хусусиятҳои рафтори кӯдакон ба ҳисоб меравад” [1; 7].

Зинченко озмоиши таълимиро махсус шарҳ дода, онро яке аз шаклҳои асосии самараноки таҳсилоти муосир ном бурдааст. Муаллиф мушоҳида ва озмоишро аз ҷузъиёти сохтории методи таҳқиқотии таълимӣ маънидод намуда, гузаронидани онҳоро тибқи нақша ҳатмӣ шуморида, шаклҳои табиӣ ва лабораторию онро ҷудо намудааст.

Ба ақидаи муҳаққиқон, мушоҳида - дарки бардавом ва мақсадноки вобаста ба вазифаи фаъолият буда, ҳамчун амали мушаххаси инсонӣ аз шаклҳои гуногуни идрок иборат аст. Мушоҳида таърихан ҳамчун қисми таркибии фаъолияти меҳнатӣ инкишоф ёфта, ки он муқаррар намудани мувофиқати маҳсули фаъолиятро бо симои идеалии пешбинишуда дар бар мегирад [2].

Ҳамин тариқ, ин масъала дар илми методикаи таълим хеле амиқ омӯхта шуда, тавассути адабиёти соҳавии махсус пешниҳод шуда бошад ҳам, то ҳоло махсус барои дарсҳои амалии фанни табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои мушаххас оид ба ташкили дарсҳои мунтазам ва мақсадноки амалӣ бо истифода аз усулҳои мушоҳида ва озмоиш вуҷуд надоранд. Ин усулро ҳамчун анъана муаллимон пештар ҳам, ҳамчун усули таълим истифода мебурданд, аммо мувофиқи талаботи нав, бояд худи хонандагон ин усулро истифода намуда, мустақилона донишҳоро аз худ кунанд.

Ин сабаб гардидааст, ки бисёр муаллимон аз истифодаи ин усулҳо даст кашанд ва ё танҳо дар баъзе дарсҳо истифода баранд ҳам, самараи хуб намедиҳад. Аксари муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба корҳои амалӣ даст назаданашон ва аз методи мушоҳидаю озмоиш истифода накарданашонро бо он асоснок менамоянд, ки дастури мушаххаси методие дастраси онҳо нест [12].

Ба ақидаи мо, мушоҳида раванди маърифатиест, ки дар заминаи ниёзҳои ботинии кӯдак сурат гирифта, ашё ва раванди ҳодисаҳо дар ҳолати табииашон мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Мо бо аксари муҳаққиқон ҳамфикрем, ки мушоҳидаҳо кӯтоҳмуддат, миёнамуддат ва тулонӣ мешаванд. Аксар вақт мушоҳидаҳои кӯтоҳмуддат тасодуфӣ ва ногаҳонӣ сурат гирифта бар асари ҳисси кунҷковӣ ба амал омада, аз дараҷаи диққатҷалбкунандагии объекту ҳодисаҳо ва шавқмандии мавзуии кӯдак вобаста аст. Ҳамчунин, вобаста ба ин ҳолат мушоҳидаҳоро ба ҳадафмандона (мақсаднок) ва беҳадаф ҷудо намудан мумкин аст.

Озмоиш бошад, равандҳои маърифатиеро дар бар мегирад, ки ба тамом ҳадафмандона сурат гирифта, дар рафти он ба таври сунъӣ барои ҷавоб ёфтан ба масъалаи бамиёномада, ки ба гирифтани донишҳо ва хулосабарориҳои нав оварда мерасонад, шароит фароҳам оварда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки истифодаи озмоиш дар дарсҳои табиатшиносӣ дар самти инкишофи қобилиятҳои маърифатии хонандагони хурдсол аҳаммияти зиёд дошта, имкон медиҳад, ки ҳодисаҳои табиии дар табиат баамаломадаро такроран дар шароити сунъӣ ташкил намуда, бо хосиятҳои объектҳои табиӣ ба таври ҳаққонӣ шинос шаванд.

Инчунин, озмоишҳо дар аз тарафи хонандагони хурдсол ошкор гардидани таъсири омилҳои муҳити зист ба объектҳои омӯхташаванда ва ташаккули ҷаҳонбиниашон мусоидат карда, боиси баланд гардидани дараҷаи мушоҳидакорӣ ва инкишофи нутқи онҳо мегардад.

Ин хусусияти фаъолиятҳои таълимии озмоишро, ки шавқу ҳаваси маърифатӣ ва қобилияти эҷодии хонандагони хурдсолро инкишоф дода, фаъолияти назариявӣ ва амалии маърифатии онҳоро фаъол гардонида, тафаккур, малака ва маҳорати амалии онҳоро инкишоф медиҳад, аз мадди назар дур мондан мумкин нест.

Яке аз мақсадҳои муҳимми корҳои озмоишии таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ, шиносонидани хонандагони хурдсол бо фаъолияти тадқиқотӣ ба шумор меравад. Илова бар ин, аз нуқтаи назари талаботи Стандарти давлатии таълим, ки дар дарсҳо истифодаи чорабиниҳои универсалии таълимиро тақозо мекунанд, аксари онҳо метавонанд ҳангоми гузаронидани озмоишҳо амалӣ карда шаванд. Озмоиш дар раванди таълим аҳаммияти зиёд дорад, зеро дар рафти он то ҳадди имкон шароит фароҳам меояд, ки яке аз принсипҳои муҳимми дидактикӣ – фаъолияти бонизоми таълимӣ амалӣ карда шавад. Дар ин ҳолат кӯдак аз объекти ғайрифаъоли таълим ба субъекти фаъоли фаъолияти худ табдил ёфта, мавқеи субъективии хосси таълими инкишофдиҳандаро ишғол менамояд.

Барои мисол танҳо дар як мавзуи “Об ва хосиятҳои он” ва ё “Гардиши об дар табиат”, даҳҳо номгӯйи корҳои амалӣ, озмоиширо дар синф ва лаборатория гузаронидан мумкин аст.

Вале пеш аз шарҳи онҳо зарур мешуморем қайд намоем, ки озмоиши таълимӣ, ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири раванди таълим бояд ба як қатор принсипу талаботҳои дидактикӣ ҷавобгӯ бошад.

Дар заминаи таҳлили ақидаҳои Иодко А.Г., Клепинина З.А., Пакулова М.В., Райков Б.Е. Савенков А.И., Скаткин М.Н., Ягодовский К.П. ва дигарон талаботи зарини асосиро барои ташкили озмоишҳо тартиб додем:

• ҳар як озмоиш бояд ҳадафи худро дошта бошад;

• дастури мушаххаси иҷрои амалҳо бо нишон додани усулҳо ва вақти муайяне, ки корҳо бояд ба пуррагӣ иҷро шаванд, таҳия гардад;

• аз тарафи муаллим санҷидани дараҷаи азхудкунии дастури тавсияшудаи иҷрои кори озмоишӣ аз тарафи хонандагони хурдсол;

• таҷҳизот ва асбобу лавозимотро сари вақт рӯйхат намуда, тақсим кардан;

• муаллим бояд кори озмоишии мустақилонаи хонандагони хурдсолро бодиққат назорат карда, кумаки методӣ расонад;

• тоза нигоҳ доштани ҷойи кор;

• гузориши мухтасари раванди кори озмоишӣ аз тарафи муаллим пеш аз оғози кор;

• қайди раванди кор ва натиҷаҳои озмоиши гузаронидашуда дар дафтар.

Дар сурати дуруст ташкил кардан ва гузаронидани озмоиши таълимӣ, чи дар хона ва чи дар муассисаи таълимӣ, фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсолро фаъол гардонидан мумкин аст, агар онҳо:

• дар мавзуъҳое ташкил карда шаванд, ки кӯдаконро ба фикру андеша намудан ва санҷидани ақидаҳояшон водор мекунанд;

• бо фаъолияти амалии ҳамарӯзаашон наздик мебошанд;

• хусусияти эҷодӣ доранд;

• хароҷоти зиёдро талаб намекунанд.

Агар ҳамаи хонандагонро бо таҷҳизот таъмин кардан мумкин набошад ё агар барои хонандагон хавфнок бошанд, муаллим вазифадор аст, ки озмоишҳои намоиширо нишон диҳад. Дар ин ҳолат мизи кории муаллим бояд ба андозаи 35-40 см аз партаҳои хонандагон баландтар бошад, то ин ки ҳамаи хонандагони дар синф буда рафти озмоишро хуб мушоҳида карда тавонанд.

Бо мақсади фаъол гардонидани мустақилияти фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсол ва рушди малакаҳои тадқиқотии онҳо, гузаронидани озмоишҳоро ҳамчун вазифаи хонагӣ додан зарур аст.

Масалан, озмоише, ки исботкунандаи мавҷудияти об дар шакли буғ дар таркиби ҳавои атмосфера мебошад (боришот ба он вобаста аст), иҷроиши хеле сода дошта, барои дарки сабабҳои пайдоиши шабнам, борон, қирав ва барф хеле муҳим ба шумор меравад.

Омӯзиши хосиятҳои об то дараҷаи мустақилона сурат гирифта, боиси ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҷалб гардидани хонандагон мегардад. Омӯзиши хосиятҳои обро ҳамчун ашёи табиӣ дар муқоиса бо хосиятҳои ҳаво ва хок ҳамроҳ гузаронидан мумкин аст.

Аввалин кори амалӣ-озмоиширо дар синфи якум дар мавзуи омӯзиши хосиятҳои оби моеъ гузаронидан лозим аст, зеро дар ин марҳилаи инкишоф доираи тафаккури хонандагон танг буда, тасаввуротҳояшон оиди бисёр ҳодисаҳои табиат ва хосиятҳои моддаҳо маҳдуд аст.

Аз нимсолаи дуюми синфи якум, вақте ки дар хонандагони хурдсол, маҳорату малакаҳои хондану навиштан ба пуррагӣ ҳосил мешаванд, дар дарси табиатшиносӣ ва ё забони модарӣ хосиятҳои об дар тахта навишта шуда, шарҳ дода мешаванд. Агар ин кор дар шакли таблитса иҷро шавад, азхудкунии он осонтар ва самараноктар мегузарад.

Агар хосиятҳои об бо тарзи саволгузорӣ аз худ карда шаванд, натиҷаи хубтар медиҳад. Зеро ҳамзамон дар баробари об ва хосиятҳои он хонандагон боз бо мафҳуму истилоҳоти зиёди дигаре шинос мешаванд.Мисол хонандагон дар ин синну сол аксар вақт ба саволи:

Ранги об чӣ хел аст?»

Об сафед аст! ҷавоб медиҳанд.

Барои ислоҳи ин хато дар рӯйи миз дар ду зарфи шаффоф (зарфҳои пластикии шаффофи 250-500 мл истифода бурдан мумкин аст), об ва ширро (агар шир набошад, як пора бӯрро кӯфта дар об ҳал намуда, истифода бурдан мумкин аст) болои мизи намоишии кории муаллим гузошта, намунаҳои коғази ранга ва сафедро ба хонандагон тақсим намуда, ранги обу ширро муқоиса мекунанд. Лавҳаҳои шишагин ба шир ва об ғӯтонида шуда, аз паси онҳо коғаҳои ранга гузошта мешаванд. Ин ҳолат боиси хулосабарорӣ дар бораи шаффофият ва бе ранг будани об ба амал меояд. Коғазҳои рангаро аз паси зарфҳои об ва шир гузошта, мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар кӯдакон тасаввуроте ҳосил мешавад, ки об соф ва беранг буда, он шаффоф аст.

Ҳамзамон, ба кӯдакон маълум мешавад, ки оби соф бебӯй аст.

Ва ё озмоиши дигар. Дар рӯйи мизҳо зарфи об ва колбаҳои шаклан гуногун гузошта мешаванд. Шакли зарфи обро бо шакли колбаҳои шишагин муқоиса намуда, аз хонандагони хурдсол хоҳиш карда мешавад, ки ба колбаҳо об резанд.

Муаллим: Чӣ тағйир ёфт? Фикр кунед! (бори дигар хотиррасон кардан лозим аст, ки зарфҳо гуногуншакланд).

Аксари хонандагон ҷавоб медиҳанд: Шакли об дигар шудааст.

Озмоишро бо равған, ранг ва дигар моеъҳо идома медиҳем.

Ба зарф пораи санг, чӯб ва металл партофта мешавад. Табиист, ки онҳо бетағйир меистанд.

Бачаҳо бо ёрии муаллим хулосабарорӣ менамоянд, ки об ва умуман моеъҳо шакли зарферо, ки ба он рехта мешавад, мегиранд. Ин хосият танҳо хосси моеъҳо буда, дар ҷисмҳои сахт мушоҳида намешавад. Дар хонандагон тасаввуротҳое ҳосил мешаванд, ки об бар хилофи ҷисмҳои сахт мисли ҳаво дилхоҳ ковокӣ ва ё холигиро пур карда, шакли худро ба осонӣ тағйир медиҳад.

Ба хонандагони хурдсол супориш медиҳем, ки бо воситаи қатрачаконак (пипетка) якчанд қатра обро ба лавҳаи шишагии моилгузошташуда чаконида дар рӯйи шиша ба самти пастӣ майл намуда, лағжида ҷоришавии онро мушоҳида намоянд. Ин хосияти обро тамоми моеъҳо дошта, ҳамеша аз баландӣ ба пастӣ ҷорӣ мешаванд. Ин ҷоришавии обро дар лавҳаи шишагин бо ҷоришавии ҷӯйча, наҳр ва дарё, оромии оби сатилро бо оромии оби кӯл муқоиса намуда, мушоҳида намуданро бояд ба хонандагон ҳамчун супориши хонагӣ диҳем.

Озмоиши тағйир ҳолатҳои об дар зери таъсири ҳароратҳои гуногун мураккабтар буда, баназаргирии ҳолатҳои бехатариро тақозо менамояд, бинобар ин мо намоиш додани онҳоро аз тарафи муаллим бо иштироки як чанд хонандаи фаъол ва мушоҳидаи тамоми аҳли синф тавсия медиҳем. Барои дарк намудани хосиятҳои об дар назди хонандагон вазифа гузошта мешавад, ки дар бораи ҳодисаҳои табиие, ки бо иштироки об мегузаранд ва ё ба озмоишҳои гузаронидаи онҳо монанданд, мавод ҷамъоварӣ намоянд. Бо ин мақсад ба хонандагон фаҳмонида мешавад, ки то ҳоло ҳамаи хосиятҳои об ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд, гурӯҳи зиёди олимон - тадқиқотчиён хусусиятҳои дигари обро омӯхта истодаанд, шумо низ метавонед дар дарёфти хосиятҳои нав кӯшиш намуда, кашфиётҳои нави илмиро соҳиб шавед. Шумо метавонед аз калонсолон, волидайн, интернет, китобҳо ва ғ. маълумот ҷамъ оварда, дар хона бо об озмоиш гузаронед. Мисол, метавонед таъсири байниҳамдигарии обу намак, обу шакар, обу хок, обу рег, обу оҳак, обу рангҳои гуногун, обу равған, обу оҳан, обу алюминий ва ғ. дар озмоиш санҷида, хулосабарорӣ намоед. Дар дарси навбатӣ натиҷаҳои озмоишҳои хонагӣ оид ба дар об ҳалшавии намак, қанд ва ғ. муҳокима карда мешаванд. Синфро дар шакли мизи мудаввар ороста, ба маркази баҳси илмӣ, ки дар ҳар як гӯшааш лаборатория дорад, табдил додан мумкин аст. Хонандагон рӯйи мизи дар наздашон истода асбобу анҷомҳояшон: зарфҳои об, қошуқчаҳо (аз доруҳои истифодашуда гирифтан мумкин аст), чӯбчаҳои пластикию шишагӣ, қуттиҳои гӯгирд ва ё зарфчаҳои дорувории бо намак шакар, ва дигар ашёҳо пуркардаовардаашонро (бӯр, хокаи дандон, крахмал, перманганати калий, рег, гил, мехи оҳанин, сода, кислотаи лимӯ ва ғ.) гузошта, довталабона озмоиши худро намоиш доданӣ мешаванд. Натиҷаи озмоишҳои дар хона ва такроран дар синфхона барои намоиш гузаронидашуда муҳокима гардида, муайян карда мешавад, ки моддаҳои гуногун ҳангоми бо об омехта шудан нест намешаванд (ашё

ва моддаҳои дар озмоиш истифодашударо пеш аз озмоиш ва баъд аз он дар тарозу баркашида хулосабарорӣ намуданро супориш диҳед), онҳо дар об мавҷуданд, балки танҳо дар ҳолати дигар мавҷудияти онҳоро бо чашидани об муайян кардан мумкин аст. Баъзеашон ранг, масза, бӯй ва тунукию шаффофии обро тағйир медиҳанд.

Фаъолияти мустақилонаи озмоишии хонандагони хурдсол аз рӯйи дастури зерин бояд пайдарҳам гузарад:

Вазифа: Таъсири байниҳамдигарии моддаҳои ба шумо пешниҳодшударо бо об омӯзед, тахмин намоед, дар озмоиш санҷида, муқоиса ва хулосабарорӣ намоед.

Амалиёт: озмоишро гузаронида, бодиққат мушоҳида кунед, ки чӣ ҳолат рух медиҳад.

Ҳодисаҳоро мушоҳида намуда, дар бораи хосиятҳое, ки шумо дар об ва моддаҳои дигари дар озмоиш истифодашуда хулоса бароред.

Моддаҳоро аз рӯйи таъсирашон нисбат ба об ба гурӯҳҳо ҷудо намоед.

Дар бораи хосияти ҳалкунандагии об хулоса бароварда, муфассал дар дафтари корҳои амалӣ қайд намоед.

Хулосаҳои худро бо хулосаҳои рафиқонатон муқоиса намуда, зуҳуроти монандӣ ва фарққунандагии онҳоро ошкор созед.

Бояд донед, ки барои исботи фикратон овардани далелҳо ҳатмӣ мебошад.

Минбаъд дар дарсҳои табиатшиносӣ идома додани фаъолиятҳои амалӣ-озмоиширо қатъ намудан мумкин нест.

Баъд аз дар хонандагони хурдсол ҳосил шудани маҳорату малакаҳои одитарини озмоишгузаронӣ барои дар онҳо ташаккул ёфтани тасаввуротҳои мантиқии сабабу натиҷавӣ гузаронидани ҳолати баръакси ҳар як озмоишро тавсия додан лозим аст.

Мисол, барои барангезиши шавқмандии хонандагони хурдсол ба фаъолияти озмоишӣ – таҳқиқотӣ ба рӯйи лавҳаи шишагин якчанд қатра намакобро чаконида дар офтоб гузоштан лозим меояд. Баъди муддате об бухор шуда, дар ҷойи он шӯшаҳои намак боқӣ мемонад.

Саволе ба миён меояд: Об куҷо шуд? Ин шӯшаҳои боқимонда аз куҷо пайдо шуданд? Чист он?

Барои ба ин савол ҷавоб ёфтан ба бачаҳо иҷозат дода мешавад, ки метавонанд онро чашанд (албатта, бо риоя намудани талаботи гигиенӣ).

Хонандагон муайян менамоянд, ки маззаи он шӯр буда, он намак аст.

Масъалагузорӣ карда мешавад: «Оё моддаҳои дар об ҳалшударо аз он ҷудо кардан мумкин аст?».

Барои ба ин савол ҷавоб ёфтан бори дигар гузаронидани озмоишҳоро бо об тавсия намудан лозим аст.

Барои ин озмоиши полоиши об супориш дода мешавад (дар лаборатория гузаронида мешавад).

Шартҳои гузаронидани ин озмоиш дар тахта навишта мешаванд:

Дар натиҷа хулосае ҳосил мешавад, ки дар моддаҳои дар об ҳалшаванда аз коғази полоиш (сачоқчаҳои коғазинро истифода намудан мумкин аст) мегузаранд ва моддаҳои ҳалнашаванда дар филтр нигоҳ дошта мешаванд (азхудкунии пурратари мафҳумҳои «моддаи ҳалшаванда», «моддаи ҳалнашаванда», «ҳалшавандагӣ», «маҳлул» ба амал меояд).

Аз ин рӯ, оби тираро тавассути филтр гузаронида, тоза кардан мумкин аст. Баъди гузаронидани озмоиш муаллим бояд супориш диҳад, ки натиҷаҳои озмоишро бо ҳодисаҳои воқеии дар ҳаёташон рухдиҳанда муқоиса намоянд. Ба хонандагон саволгузорӣ намуда, ҳолати проблемавиро ба миён овардан лозим аст, то ин ки фаъолияти ҷӯяндагии онҳоро ташкил намоем.Барои мисол, саволи зеринро мегузорем; "Чаро доғи равғанинро бо об шустан мумкин нест?"; “Кадом ашёҳо дар кадом моеъҳо ҳал шуда метавонанд?” ва ё “Чаро барои шустани доғи равғанин аз собун ва ё дигар маҳсулоти кимиёвӣ истифода мебаранд?”

Чунин масъалагузорӣ намудан фаъолияти таҳқиқотии кӯдакро таҳрик дода, неруи дучандон мебахшад. Дар синфҳои 3 – 4-ум мавзуи об мураккабтар мегардад. Мисол, дар синфи 4-ум, дар мавзуи «Гардиши об дар табиат», дар ибтидо озмоиши намоишӣ гузаронида шуда, баъдтар ба озмоишӣ фардӣ, гурӯҳӣ ва фронталӣ, ки самараи хеле

муҳимми таълимӣ-тарбиявӣ доранд, гузаштан лозим меояд. Ин мавзуест, ки дар он об дар шаклу ҳолатҳои гуногуни табиӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар ин ҳолат низ ба миён овардани ҳолати проблемавӣ зарур аст. Онро тавассути гузоштани саволҳои зерин ба миён овардан мумкин аст:

Оби барфу борон чаро сатҳи заминро ба пуррагӣ ғарқ намекунад?

Чаро об дар рӯйи Замин тамом намешавад?

Об дар ҳаво аз куҷо пайдо шуда дар шакли барфу борон меборад?

Абрҳо аз куҷо пайдо мешаванд?

Оби чашма аз куҷо пайдо мешавад?

Оби чашма аз оби дарё бо кадом хосиятҳояш фарқ мекунад?

Чаро оби дарё мераваду меравад, вале пастиҳо пур намешаванд?

Об барои растаниҳо ва ҳайвонот барои чӣ зарур аст?

Мо кӯшиш намудем дар ин ҷо намунаи одии гузаронидани озмоишро пешниҳод намоем.

Ба қаъри зарфи шишагин як қабати тақрибан 3 см реги дар об хуб тар кардашуда рехта мешавад. Ё ин ки регро хушк резем ва баъд ба он об пошем беҳтар аст (мисли боридани борон). Болои зарф бо шиша пӯшида (тақлид ба қабати осмон) мешавад. Баъди муддате мо шоҳиди он мешавем, ки дар қабати поёнии шишаи аввал қабати ҳавр (буғи об дар ҳолати конденсатсияшавӣ-гузаштан аз ҳолати буғӣ ба ҳолати моеъгӣ) пайдо шуда оҳиста – оҳиста ба қатраҳои об мубаддал гардида, дигар вазни худро дошта натавониста, ба зер меафтанд. Агар зарфро болои лавҳаи тахтагини гармкардашуда гузорем ва ба болои шишаи сарпӯш пораи ях ва ё барфро гузорем, ин раванд босуръаттар гузашта, зарф бо буғи ғафси сафед (туман) пур мешавад ва манзараи дохили онро хира мекунад.

Ин модели одитарини гардиши об дар табиат ба шумор меравад. Ба кӯдакон фаҳмонидан лозим аст, ки бухоршавӣ ҳангоми гарм шудани замин бо нурҳои Офтоб ба амал омада, ҳангоми гармии ҳаво бо гармии замин наздик будан буғи об ноаён мегардад ва агар ногаҳон ҳаво сард шавад, туман ҳосил мешавад. Вале дар сатҳи замин ҳаво зуд гарм шуда, туман пароканда мешавад. Дар қабатҳои болоии атмосфера, ки ҳаво гарм намешавад ва доимо хунук аст, туман пароканда нашуда, ба абр табдил меёбад.

Дар ниҳояти озмоиш, агар ба зарфи озмоишиамон қошуқча ва ё пораи металли дар яхдон хунук кардашударо ворид намоем, боз туманро мушоҳида намуда баъди берун кашидани мебинем, ки сатҳи онро қатраҳои хурди об ва ё ях пӯшонидааст. Ин нишондиҳандаи сабаби бавуҷудоии шабнам ва қирав дар аввалҳои баҳор ва тирамоҳ ба шумор меравад. Чунин пайдарҳамии мантиқии омӯхтани хосиятҳои об имкон медиҳад, ки дар хонандагони хурдсол донишҳои амиқи бонизом ҳосил гардида маҳорату малакаҳои таҳқиқоташон ба одат табдил ёбад. Ҳар яке аз ин озмоишҳоро барои гузаронидан дар хона тавсия намудан мумкин аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо мухтасаран талаботи зеринро барои супоришҳои таҳқиқотӣ-озмоишии хонагӣ таҳия намудем:риояи ҳатмии техникаи бехатарӣ;харочоти ҳадди ақали моддӣ;содагӣ ва осонии иҷроиш;барои ҳосилшавии тасаввуротҳои илмии табиатшиносӣ аҳамият дошта бошанд;имконпазирӣ ва озодона назорат карда тавонистани раванди озмоиши таҳқиқотӣ аз тарафи муаллим;мавҷудияти хислати эҷодкорӣ; огоҳ будани волидайн аз машғулиятҳои озмоишии мегузаронидагии фарзандашон (барои назорати ҳолати бехатарӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ маслиҳат додан ва кумак намудан).

Хулоса, вазифаи дидактикии озмоишҳо амиқ омӯхтани донистани воқеият ва аз худ кардани донишҳои илман асоснок, ҳосил шудани тасаввурот ва ҷаҳонбинии илмӣ дар бораи ҳодисаҳои табиат ва ташаккул додани маҳорату малакаҳои истифодабарии донишҳои гирифташуда дар фаъолияти амалӣ мебошад, ки дар маҷмуъ таҳкурсии асосии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони хурдсолро ташкил менамоянд.

Муқарриз:Рачабов Т.Б. – д.и.п., профессори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

АДАБИЁТ

1. Божович Л. И. Личность и ее формирование в детском возрасте. (Психологическое исследование)/ Л. И.Божович. - М.: Просвещение, 1968. -464 с.

2. Большой психологический словарь Борис Гурьевич Мещеряков, Владимир Петрович Зинченко. [Электронный ресурс]. https://spbguga.ru/files/03-5-01-005.pdf с 259 – 286 Санаи вуруд 02.02.2023 соати 9:30
3. Горощенко В.П. Методика преподования природоведения. Учеб. пособие для учащихся педучилищ по специальности № 2001 / В.П. Горощенко. - М.: Просвещение, 1977. – 158 с.
4. Пакулова М.В. Методика преподования природоведения: учеб. для студентов пед. ин- тов по спец. № 2121 «Педагогика и методика начального обучения» / М.В. Пакулова, В.И. Кузнецова. М.: Просвещение,1990.–192 с.
5. Райков Б.Е. Общая методика естествознания / Б.Е. Райков. Гос. учебно-педагогическое изд. мин. Прос. – Москва, 1947. - 300 с. -178.
6. Рябухина, Е. А. Роль учебных проектов в развитии коммуникативной компетенции учащихся 8-9 классов / Е.А. Рябухина, А.Р. Чудинова // Наука и школа. – 2014. - № 5. – С. 40-46
7. Савенков А.И. Методика исследовательского обучения младших школьников / А.И. Савенков. - Самара: Издательство «Учебная литература», 2004. -80с.
8. Самиев Б.Ҷ. Методологияи тадқиқоти илмӣ / Б.Ҷ. Самиев. – Душанбе, 2018. -247 с. 20-21.
9. Селевко Г.К. Энциклопедия образовательных технологий / Г.К. Селевко. Москва: Народное образование, 2005. -Том 1. - 460 с.
10. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. Мураттибон: Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Хайруллоев Б. Нусратов, Ш. Абдураҳмонова. Қ.Зиёев, М.Иргашева, П.Лутфуллоева, Н. Қодиров, Г.Ҷонмаҳмадова. - Душанбе: Маориф, 2017. -116 с.
11. Табаров Д. Д. Баъзе проблемаҳои ташаккул додани салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои Табиатшиносӣ / Д. Д. Табаров, С. Ш. Алимов //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2020. - №1(1). - С. 128 - 129.
12. Табаров Д. Д. Баъзе проблемаҳои таълими салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанҳои табиатшиносӣ / Д. Д. Табаров, С.Ш. Алимов, М. Гулова, Д. Т. Нуруллоева //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2020. -№ 2(2). - С. 27 – 32.
13. Табаров Д. Д. Ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди гузаронидани таҷрибаҳои мустақилона дар хона аз фанни табиатшииосӣ / Д. Д. Табаров //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2018. -№5-2(77). -С.66-69.
14. Табаров Д.Д. Омилҳои ташаккулдиҳандаи тафаккур ва шахсияти хонандаи хурдсол дар раванди дарсҳои табиатшиносӣ / Д. Д. Табаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2020. -№ 3(3). -С. 173-179.
15. Қодиров Н. Табиатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 2-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / Н.Қодиров, И.Абдуллоев, К.Исоев, С.Давлатзода. - Душанбе, 2016. – 136 с.
16. Қодиров Н. Табиатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / Н.Қодиров, И. Абдуллоев, К.Исоев, С. Давлатзода. – Душанбе, 2017.–160 с.
17. Қодиров Н. Табиатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 4-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / Н.Қодиров, С.Давлатзода, К.Исоев, И.Абдуллоев, М.Зиёев, М.Табаруков. – Душанбе, 2019. – 256 с.

МЕТОДИКАИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМОИШҲО ДАР ДАРСҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ БАРОИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Дар мақола қайд гардидааст, ки Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ, ба тағйир додани ҳадафҳои таълим дар шароити муосир афзалият дода, ба парадигмаи нави таълимӣ, ки ба ҷойи гирифтани донишҳои тайёр аз муаллим ба тарзи мустақилона ба даст овардан ва истифода бурдани онҳо аз тарафи хонанда афзалият дода мешавад, бартарӣ медиҳад.Дар мақола роҳҳои истифодаи озмоиши таълимӣ дар раванди таълими табиатшиносӣ дар синф ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ, аз ҷумла супоришҳои хонагӣ бо мақсади инкишофи қобилиятҳои маърифатӣ ва эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.Муаллиф вазифаҳои дидактикии озмоишҳоро дар ҳосил шудани донишҳои амиқу илман асоснок, тасаввурот ва ҷаҳонбинии илмӣ дар бораи ҳодисаҳои табиат, ташаккул додани маҳорату малакаҳои истифодабарии донишҳои гирифташуда дар фаъолияти амалӣ аз тарафи хонандагони хурдсол муайян намудааст.

Калидвожаҳо: дониш, инкишоф, малака, маҳорат, мушоҳида, озмоиш, педагогика, психология, синфҳои ибтидоӣ, таҳқиқот, тарбия, ташаккул, таълим, хонандагони хурдсол, шахсият.

МЕТОДИКА ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ ОПЫТОВ НА УРОКАХ ЕСТЕСТВОЗНАНИЯ ДЛЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

В статье говорится о государственном стандарте начального образования, в котором намечено изменение целей образования в современных условиях и новой образовательной парадигме, где вместо получения готовых знаний от учителя отдается предпочтение самостоятельным приобретениям и использованию знаний учащимися. Также анализируются и обсуждаются методические пути использования учебных экспериментов в процессе обучения естествознанию на уроках и вне уроков, в том числе в домашних условиях, с целью развития познавательных и творческих способностей учащихся начальных классов.Автором определены дидактические задачи учебных экспериментов направленных на формирование глубоких и научно обоснованных знаний, воображения и научного взгляда на явления природы, формирование у младших школьников умений и навыков использования полученных знаний в практической деятельности.Выявлено, что проведение экспериментальных работ на уроках является одной из основ развития познавательной активности и исследовательских способностей младших школьников.

Ключевые слова: знание, развитие, умения, навыки, наблюдение, эксперимент, педагогика, психология, начальные классы, исследование, воспитание, формирование, учёба, учащаяся молодежь, личность.

METHODOLOGY FOR ORGANIZING AND CONDUCTING EXPERIMENTS IN NATURAL SCIENCE LESSONS FOR JUNIOR SCHOOL CHILDREN

The article deals with the state standard of primary education, which gives priority to changing the goals of education in modern conditions and a new educational paradigm, where instead of obtaining ready-made knowledge from the teacher, preference is given to independent acquisition and use of knowledge by students.Methodological ways of using educational experiments in the process of teaching natural science in the classroom and outside the classroom, including at home, are also analyzed and discussed in order to develop the cognitive and creative abilities of primary school students.The author defined the didactic tasks of educational experiments in the formation of deep and scientifically based knowledge, imagination and a scientific view of natural phenomena, the formation of the skills and abilities of younger students to use the acquired knowledge in practical activities.It was revealed that conducting experimental work in the classroom is one of the foundations for the development of cognitive activity and research abilities of younger students.Methodology for organizing and conducting experiments in natural science lessons on the topic of studying the properties of water in order to develop the cognitive activity of younger students.

Keywords: knowledge, development, skills, observation, experiment, pedagogy, psychology, primary school, research, education, formation, study, student youth, personality.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич*** **–** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, муаллим. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,121. E-mail: **tabarov72@list.ru** Телефон:**(+992) 934000369**

Сведения об авторе: ***Табаров Дилшод Давлатхуджаевич*** **–** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра методики начального образования, старший преподаватель. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,121. E-mail: **tabarov72@list.ru**
Телефон: **(+992) 934000369**

Information about the author: ***Tabarov Dilshod Davlatkhujaevich*** **–** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Departament of Primari Education, senior lecturer. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. E-mail: **tabarov72@list.ru** Phone: **(+992) 934000369**

ТДУ:94-372-893- ББК-633

МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОКӢ ВА АРЗЁБӢ ДАР ТАШАККУЛИ ДОНИШИ АМАЛИИ ТОЛИБИЛМОН

Ҳошимова Ш.Ф.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҳангоме ки дар бораи арзёбии ташаккули салоҳиятҳои толибилм сухан меравад, бояд ба эътибор гирифт, ки арзёбии салоҳиятҳо, махсусан интихоби роҳу усулҳои он, аз нуқтаи назари илми педагогика хеле душвор аст. Ин вазъ ба он вобастагӣ дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо аз баҳогузории анъанавӣ ба донишҳо тафовути калон дошта, талаб мекунад, ки хусусиятҳои миқдории ягон сифат ё аломати субъект бо эталон қиёс карда шаванд [1]. Вале ба ҳайси эталон пазируфтани тарзи корбарии ягон салоҳияте амалан ғайриимкон аст. Ба ин нигоҳ накарда, баъзе хусусиятҳои асосии арзёбӣ дар таҳсилоти босалоҳият аз ҷиҳати методологию методӣ коркард шудаанд, ки шиносоӣ бо онҳо метавонад ба омӯзгорон дар ин самт кумак намояд.

Пеш аз он ки ба шарҳи арзёбӣ дар таҳсилоти босалоҳият оғоз кунем, бо як мисоле мехоҳем тафовути баҳодиҳии анъанавиро аз арзёбӣ дар ин шакли таълим баррасӣ созем. Чунонки маълум аст, баҳо дар таҳсилоти анъанавӣ аз рӯйи сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ гузошта мешавад, зеро пешниҳоди донишҳо, ки асосан маълумот барои ягон лаҳзаи зарурианд, асоси чунин навъи таҳсилот аст [5]. Масалан, ҳангоми баҳогузорӣ ба тарзи хондани хонандаи мактаби ибтидоӣ (синфи 2) асосан ба шинохтани ҳарфҳо ва пайвастсозии овозҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Баъди ин раванди таълим бо пешниҳоди мавод ё донишҳои дигари таълимӣ идома дода мешавад. Муносибати босалоҳият дар таълим падидаи нав набуда, онро мардуми тоҷик ҳазорсолаҳо инҷониб истифода мебурданд. Чи тавре ки таърих гувоҳ аст, дар гузашта шахсони соҳибкасб таҷрибаи худро аз як насл ба насли дигар интиқол медоданд. Татбиқи муносибати босалоҳият пайванди наслҳо мебошад. Моҳият ва муносибати салоҳият ҳамин аст, ки шогирд дар натиҷаи гирифтани дониш дорои малака ва маҳорат мегардад. Барои ин ба мафҳумҳои дониш, малака ва маҳорат ошноӣ пайдо менамоем. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи тамоюли ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, имкони аз худ кардани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоӣ, ба монанди қабули масъулиятнокӣ, банақшагирии такмили ихтисос, илмомӯзӣ дар раванди ҳаёт, тайёрии касбии мутобиқ ба бозори меҳнат, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи ташкили тарзи ҳаёти солим арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин менамояд. Хулоса, хонанда дар омӯзиши илми таърих на танҳо шунаванда ва донишомӯз, балки бояд эҷодкор бошад ва ҳодисаҳои таърихиро хуб дарк карда тавонад. Ба фаъолияти ҳамсабақонаш баҳогузорӣ карда тавонад. Ҳодисаҳои мураккабро аз сода фарқ кунад, ба ҳодисаҳои таърихӣ баҳо дода тавонад ва дар асоси он вобаста ба замона мавзуъҳоро аз худ намояд.

Салоҳият маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳо мебшад, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ, маърифатӣ ва касбӣ нигаронида шудааст.

Салоҳият вобаста ба муҳиммият ба чор навъ ҷудо мешавад:салоҳиятҳои асосӣ; салоҳиятҳои умумитаҳсилотӣ;салоҳиятҳои умумифаннӣ;салоҳиятҳои фаннӣ.

Салоҳиятҳои асосӣ маҷмуи амалиёт, ҳаракат, проблемаҳое мебошанд (иҷтимоӣ–фарҳангӣ, иттилоотӣ). Салоҳиятҳои умумитаҳсилотӣ маҷмуи унсурҳои салоҳиятнокӣ буда, аз стандарти таҳсилот вобаста мебошанд. Таҳсилот аз ду қисми ҷудонопазир таълим ва тарбия иборат аст. Тамоми шогирдоне, ки ба таълим фаро гирифта шудаанд, ба тарбияи низ эҳтиёҷ доранд. Муқоисаи назарияҳои таърихӣ, арзёбӣ нисбат ба ҳодисаҳои таърихӣ таҳлилу таҷдид намудани фикри дигарон низ аз ҷузъи салоҳиятҳои умумифаннӣ маҳсуб меёбанд. Бояд тазаккур дод, ки салоҳияти фаннӣ хаёлоти рангоранги омӯзгор, малака ва маҳорати педагогиро талаб мекунад [2,с.25]. Дар муносибати босалоҳият мақсадгузориҳои омӯзгор дар асоси масъалагузорӣ оғоз мегардад ва дарсро дар ташаккули салоҳиятҳо ба нақша мегирад. Банақшагирӣ аз рӯйи марҳилаҳои ташаккули салоҳият ба роҳ монда мешавад. Мундариҷаи таълим бошад, бо мақсади ташаккули салоҳиятҳо аз сарчашмаҳои

гуногун интихоб мегардад. Омӯзгор тавассути масъул гардонидани хонанда ба таълим раванди таълимро ба роҳ мемонад. Робитаи мутақобила хусусияти созандагӣ дорад. Омӯзгор ғалату нофаҳмиҳоро муайян намуда, оид ба ислоҳу ғалатҳо супоришҳо медиҳад. Дар ҷараёни таълим аввал хонандаро ба раванди арзёбӣ ҷалб намуда, роҳу воситаҳои ба худ баҳо доданро меомӯзонад. Муаллим бештар ба ҷиҳати арзёбии ташаккулдиҳанда диққат медиҳад [5, с.191-193]. Арзёбии ташаккулдиҳанда равандест, ки тавассути он муаллиму хонанда раванди таълимро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ мебароранд. Яке аз қонуниятҳои методҳои фаъоли таълим ин муошарати хуб ва ҳамкории байни шогирду омӯзгор аст. Дар ин маврид методисти муосир М.В.Студеникин чунин қайд намудааст: “Омилҳои ташаккул ёфтани ангезиши зеҳни хонанда дар натиҷаи ҳамкорӣ байни шогирду муаллим дар омӯзиши воқеа ва ҳодисаҳои таърихӣ инкишоф меёбад” [6,с. 123]. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки раванди таълимро назорат карда, тавассути маслиҳату роҳбаладӣ онро ба самти муайян барои расидан ба мақсадҳои таълим равона созанд [6,с. 27].

Дар таълими салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Таълими салоҳиятнокӣ ба саволҳои: “Хонанда чӣ кор карда метавонад?”, “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” ҷавоб медиҳад. Донистан ё дониш дар таълими салоҳиятнокӣ ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, бо намуна муқоиса кардан ва ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад.

Дар таълими салоҳиятнокӣ муносибатҳо ва раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос доранд. Хусусиятҳои мазкур муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибати байниҳамдигарии хонандагонро муайян мекунанд. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки сатҳи азхудкунии малака ва салоҳиятҳоро баланд бардошта, ҳамзамон барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина гузорад.

Муносибати босалоҳиятро дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар омӯзиши мавзуи “Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи ҷаҳони имрӯза” дар синфи 11 чунин ба роҳ мондан мумкин аст (ниг. ба ҷадвали рақами 1). Дар асоси вазифагузорӣ дар ҷадвал аз тарафи омӯзгор мушоҳида карда мешавад, ки хонанда чӣ гуна саволҳои гузошташударо иҷро карда метавонад. Дар ҳоле ки тамоми маводи зарурӣ барои омӯзиш ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ ба шогирдон дар китоби дарсӣ пешниҳод карда шудааст. Омӯзгорро зарур аст, ки мавзуи пешниҳодшударо омӯзонида, дар ҳалли масъалаҳои мураккаб ёрии худро дареғ надорад. Ва дар як вақт дар ҷараёни таълими салоҳиятнокӣ ба хонандагон мустақилона кор карданро омӯзонида тавонад.

Ҷадвали № 1. Санҷиши таълими салоҳиятнокӣ оид ба мавзуи “Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи ҷаҳони имрӯза”

Хонанда чиро медонад?	**Хонанда бояд чиро иҷро карда тавонад?**
Оид ба саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини сулҳ дар ҷаҳон тасаввурот дошта бошад	Ҳашт музокироти зинаи болоии давраи сулҳи тоҷиконро бо санаҳои таърихиаш муаяйн кунад
Ба мақсади сиёсати берунии давлатии Тоҷикистон сарфаҳм рафта тавонад	Муайян бикунад, ки даври баландпояи музокирот дар кадом солҳо баргузор шудааст.
Хизматҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар мустаҳкам кардани сулҳ дарк намуда, вохӯрӣ, гуфтушунид ва суханрониҳоро оид ба мустаҳкам намудани сулҳ дар хотир нигоҳ дошта тавонад	Муайян созад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол чун аъзои Созмони Милали Муттаҳид баҳри пойдории сулҳ дар тамоми ҷаҳон чанд маротиба дар ЮНЕСКО баромад кардааст
Бо мафҳумҳои дарҳои кушод, воридшавӣ, ҳамгироӣ шинос шуда, ин	Бо созмонҳою ҷамъиятҳои тоҷикону форсизабонон давлатҳои хориҷӣ

мафҳумҳоро шарҳ дода тавонад	шиносоӣ пайдо намуда, ба фаъолияти онҳо баҳо дода тавонад
Ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо давлатҳои хориҷӣ таҳлил намуда, ба содироту водироти мол ба давлатҳои хориҷӣ баҳо дода тавонад	Ҷаҳонишавӣ, раванди худшиносӣ, равобити халқу миллатҳо ва фарҳангҳоро таҳлил карда тавонад

Суоле ба миён меояд, ки муносибати босалоҳият аз муносибати анъанавии таълим чӣ бартарӣ дорад? Дар муносибати босалоҳияти раванди таълим хонандагон фаъол буда, муаллим нақши нозир, шарҳ ва ё мусаҳҳеҳро мебозад. Бо ҳамин роҳ метавонем дар мавзуи "Эҳё ва инкишофи робитаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бо тоҷикони бурунмарзӣ" раванди муносибати босалоҳиятро муайян созем, ки онро дар ҷадвали зерин дидан мункин аст:

Хонанда чиро медонад?	**Хонанда чиро иҷро карда метавонад?**
Соли 2004 шаҳри Душанбе бо қарори ЮНЕСКО ҷоизаи Шаҳри сулҳро сазовор гардид	Кадом моддаи Конститутияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сиёати берунӣ бахшида шудааст. Мақсади сиёсати берунаи Тоҷикистон дар чист? Тафаккури нави сиёсӣ ва саҳми Тоҷикистон дар ҳалли муносибатҳои байналхалқӣ кадомҳоянд, муайян карда тавонад
Соли 2003 сиёсати "дарҳои кушода" дар Тоҷикистон эълон карда шуд.	Саҳми Тоҷикистони соҳибистиқлол дар барқарор намудани робитаҳо бо тоҷикони бурунмарзӣ ва форсизабонони дунёро
26.12.1991 Ташкилоти ғайридавлатии "Пайванд" 9.11.1991. Ҷамъияти русҳои Тоҷикистон 24.05.1994. Ҷамъияти туркманҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон	Мақоми ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон дар инкишофи робитаҳои фарҳангӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ
8.09.2002. Дар шаҳри Душанбе ҳамоиши байналхалқии "Саҳми Тоҷикон дар тамаддуни ҷаҳонӣ" доир гардид	Фаъолияти ҷамъияти фарҳангии тоҷикон бо форсизабонони ҷаҳон

Хонанда бояд сарчашма ва маводи иловагие, ки дар китоби дарсӣ пешниҳод шудааст, истифода намуда ҳодисаи таърихиро арзёбӣ намуда, фикри худро оид ба онҳо баён карда тавонад.

Раванди арзёбӣ. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти саронии давлатҳои Осиё ва Африқо ба ифтихори 50-умин солгарди конференсияи Бандунг чунин қайд намуда буданд: "... Мо ҳама гуна зуҳуроти терроризмро сарфи назар, аз ҳадафҳои танзимдиҳандагони он қотеона маҳкум менамоем ва бо он мубориза мебарем. Дар ин мубориза, ки пирӯзӣ дар он танҳо бо кӯшишҳои муштарак ба даст хоҳад омад, муносибати интихобӣ ва стандартҳои дугона набояд ҷой дошта бошад. Вале бояд ҳамеша дар мадди назар дошт, ки танҳо бо роҳи истифода аз қувва наметавон терроризмро аз байн бурд. Зиёда аз ин, набояд решаи онро дар ин ё он мазҳаб ё фарҳанг ҷуст. Кӯшиши баъзе доираҳои дар бобати ба дини мубини ислом пайванд додани терроризм ва ифротгароӣ боиси таассуф аст.

Чунин тафсир моҳияти ҳақиқии исломро таҳриф намуда, дар назари оламиён онро чун сарчашмаи шарр ва зӯроварӣ вонамуд менамояд, ки ин худ барои бархостани эҳсоси

бадбинӣ нисбати олами ислом ва хоҳу нохоҳ барои ҷоннок шудани неруҳои неофашистӣ ва шовинистӣ мусоидат менамояд... [7, с.3].

Баъд аз пешниҳоди сарчашма фикру ақидаи хонандагонро оид ба ин манбаи таърихӣ арзёбӣ намуда, дар як вақт тарбия намудани хонандагон дар руҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ вазифаи омӯзгор мебошад.

Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки алоқамандиву фарқи мафҳумҳои додашударо шарҳ диҳанд, онҳоро таҳлил ва арзёбӣ намоянд.

Ҳамчунин хонандагон худ мустақилона зери назорати омӯзгор афзалияту камбудиҳои “дарҳои кушод”-ро дар ҷадвал нишон диҳанд.

Бояд дар варақаҳои холӣ ҳамкориҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон оид ба кадом масъала амалӣ мешаванд, нависанд. Оид ба ин ҳамкориҳо чӣ гуна маълумот доранд, боянд таҳлил намоянд.

Дар вақти муҳокима намудани мавзуъ роҳбаладро зарур аст, ки дар ҷараёни дарс омӯзиш ва тадқиқот гузаронида, дар инкишофи зеҳни шогирдон ёрӣ намояд. Дар раванди салоҳиятнокӣ дар зеҳни хонанда раванди худтарбиякунӣ, худомӯзӣ ва худбаҳодиҳӣ такмил ва тавсеа дода мешавад. Роҳбалад дар ин раванд кӯшиш мекунад, ки фикри диққати шогирдонро ба мавзуи асосӣ ҷалб намояд.

- Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки онҳо бо тоҷикони бурунмарзӣ бо кадом роҳ робита карданӣ ҳастанд, дар дафтарашон бинависанд.

Дигар намуди санҷиши дониш ба воситаи санаҳои таърихӣ ангезиши зеҳнии хонандагонро ташаккул додан аст. Барои ин бозии “Худро санҷед”-ро гузаронидан мумкин аст. Дар ин бозӣ санаҳои таърихӣ навишта мешаванд. Хонандагон бояд ҷавобҳои дурустро бо санаҳои таърихӣ мувофиқат намуда, онро такмил диҳанд. Масалан, ин бозиро чунин гузаронидан мумкин аст:

- 14.09.2005.
- 04.2005.
- 1992.
- 27.07.2007.
- 2000
- 30-31.05.2005.

Ҷавобҳо.

1.Дар шаҳри Душанбе конфронси байнанмилалӣ оид ба татбиқи “Даҳсолаи байнанмилалӣ ” амалиёти “Об барои ҳаёт”-ро қабул кард.

2. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҷоизаи байнанмилалии сулҳ сазовор гашт.

3.Ба шаҳри Душанбе ҷоизаи “Шаҳри сулҳ ” супорида шуд.

4.Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи генералии ХХХIII ЮНЕСКО.

5.Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Созмони Милали Мутаҳид шуд.

6.Суханрониии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар СММ

Мактаби муосири имрӯзаро зарур аст, ки дар ташаккули насли солиму созанда дар асоси қонуниятҳои салоҳиятнокии таълим корбарӣ намуда, дар тарбияи инсони комилу фаъол раҳнамоӣ карда тавонад. Зеро мутахассисони мактаби олӣ бояд ҷавобгӯи талаботи мактаби муосир бошанд, яъне дар раванди таълим рақобатпазир бошанд. Таваҷҷуҳ асосан на ба мазмуни таълим, балки ба ҷараёни таълим равона мегардад: яъне “на чиро меомӯзем”, балки “чӣ тавр меомӯзем”. Хонандагон донишро бо тарзу тариқи гуногун бо роҳи таҳлилу хулосабарорӣ меомӯзанд ва тариқи гуногуни дарккунӣ доранд. Омӯзгор роҳбалад асту нозир, ӯ ба хонандагон дар ҷараёни омӯзиш танҳо ёрӣ медиҳад. Ба хонандагон барои кор бо чандин манбаъҳои омӯзиш китоби дарсӣ, сарчашмаҳо, китобҳои илмӣ, интернет, имконият фароҳам меоварад.

Дар таҳсилоти ба ташаккули салоҳиятнокӣ асосёфта аз нуқтаи назари методика арзёбии натиҷаҳои раванди таълим бо мақсаду ҳадафҳои бештаре гузаронида мешавад, ки асоситаринашон инҳоянд: 1) муайян кардани дониш, малака ва маҳоратҳои заминавии

таълимгиранда; 2) муайян кардани раванди ташаккули малака ва маҳоратҳои нави таълимгиранда; 3) муайян кардани натиҷаҳои ниҳоии таълим нисбати таълимгирандаи мушаххас [8, с.6]. Дар асоси ин мақсадҳо се навъи арзёбиро ҷудо мекунанд, ки инҳоянд: арзёбии ташхисӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии ҷамъбастӣ.

Арзёбие, ки бо мақсади муайян кардани дониш, малака ва маҳоратҳои заминавии (мавҷудаи) таълимгиранда гузаронида мешавад, арзёбии ташхисӣ ном дорад [2,с. 6]. Чун қоида, чунин арзёбӣ дар ибтидои таҳсил (ё таълими фанни нав, боби нави фан ва ғайра) бо мақсади банақшагирии раванди таълим бо назардошти сатҳи инкишофи таълимгиранда гузаронида шуда, зимни он истифода аз метод ва усулҳои гуногуни арзёбӣ, аз ҷумла, тест, саволномаҳо, хониш, навиштан, ба саволҳо ҷавоб гардонидан ва амсоли он метавонанд самаранок бошанд [10, с.17].

Бояд қайд намуд, ки самаранокии арзёбии ташхисӣ, чун намудҳои дигари арзёбӣ, аз интихоби дурусти усули он вобаста аст. Аз ин рӯ, барои муайян сохтани салоҳиятҳои зарурӣ бояд усули ба онҳо мувофиқ интихоб карда шавад. Аз ҷониби дигар, натиҷаҳои арзёбии ташхисӣ дар нисбати ҳар як таълимгиранда бояд дар алоҳидагӣ таҳлил гардида, дар асоси он раванди таълим ба таври инфиродӣ ба нақша гирифта шавад, ки аз омӯзгор қобилияти баланди идоракунӣ ва меҳнату вақти зиёдро талаб мекунад.

Навъи дуюми арзёбӣ арзёбии ташаккулдиҳанда буда, бо мақсади муайян кардани раванди азхудкунии малака ва маҳоратҳои нав аз ҷониби таълимгиранда истифода мешавад [9, с.6]. Ин навъи арзёбӣ бо гузоштани мақсад, яъне таълимгиранда кадом салоҳиятҳоро дорад ва кадом салоҳиятҳоро бояд дар натиҷаи таълим дар ӯ ташаккул ёбанд, оғоз гардида, мунтазам, марҳила ба марҳила гузаронида мешавад. Ба иборaи дигар, тавассути арзёбии ташаккулдиҳанда раванди таълим назорат карда шуда, мушкилоти таълимгиранда дар ин раванд сари вақт муайян мегарданд ва барои бартараф сохтани онҳо омӯзгор дар якҷоягӣ бо таълимгиранда тавассути мутобиқ сохтани раванди таълим, яъне азнавбанақшагирӣ, истифодаи усулҳои дигари таълим ва амсоли он чорабиниҳо менамояд. Дар ин замина усулҳои зерини арзёбӣ метавонанд истифода шаванд:

- *муаррифӣ ва муҳокимаи мақсадҳои машғулият, дарс* (ё таълим дар маҷмуъ) – таълимгирандаро водор месозад дарк намояд, ки дар раванди таълим аз ӯ чӣ талаб карда мешавад; барои азхуднамоии маводи таълимӣ завқманду масъул бошад. Одатан ин усул бо навиштани мақсадҳои машғулият (мавзуъ) дар тахтаи синф ва муҳокимаи дунафарӣ ва гурӯҳию дастаҷамъии онҳо бо толибилм сурат мегирад;
- *таҳлили нишондиҳандаҳои муваффақияти таълимгиранда* – чун қоида дар шакли пешниҳоди ягон намуна оид ба муваффақиятҳо сурат гирифта, таълимгиранда дар пайравӣ ба он худ муваффақияташро, ки дар раванди таълим ба даст овардааст, мушаххас намуда, онҳоро баён месозад;
- *ба роҳ мондани робитаи мутақобила* – байни таълимгиранда бо таълимгирандаи дигар, таълимгиранда ва омӯзгор ва амсоли он робитаҳо барқарор карда шуда, пешниҳоди ҳама гуна фикру мулоҳизаҳоро доир ба тамоми шакли кори толибилм тавассути кори гурӯҳию дунафарӣ, дар шакли шифоҳию хаттӣ дар назар дорад;
- *худбаҳодиҳӣ* – дар асоси муайянсозии норасоиҳо зимни муқоисаи мақсади гузошташуда ва натиҷаи бадастомада, кӯшишҳо барои бартарафсозии ин норасоиҳо ва малакаи ба худ баҳо додани таълимгиранда, яъне донистани сатҳи дониш, қобилият ва норасоиҳои худ аз ҷониби ӯ сурат мегирад ва соҳиб будан ба малакаи беғаразона, фаъолият ва натиҷаҳои таълимии худро арзёбӣ кардан, таҳлили дурусти фаъолияти шахсии худ ва амсоли онро аз ҷониби таълимгиранда талаб мекунад;
- *ба ҳамдигар баҳо додани толибилмон* – бо роҳи санҷидани ҳамдигар зимни кори гурӯҳӣ ё дунафарӣ сурат мегирад. Дар ин раванд таълимгиранда на танҳо сатҳи инкишофи таълимгирандаи дигар, балки норасоиву муваффақиятҳои худро низ дарк мекунад;
- *мушоҳида* – ин амал ҳамчун дарки мақсадноке ҳисобида шудааст, ки дар рафти он дар бораи ҷанбаҳо ва хосиятҳои зоҳирии объект маълумот гирифта мешавад. Дар натиҷаи мушоҳида омӯзгор оид ба раванди таълими шогирдон маълумоти саҳеҳ ҷамъ оварда, сари вақт мушкилоти хонандагонро муайян месозад ва барои рафъи онҳо чораҳо меандешад. Тавсия карда мешавад, ки дар шакли дафтари мушоҳидаҳо бо қайдҳои зарурӣ дар бораи ҳар як таълимгиранда аз ҷониби омӯзгор мунтазам ба роҳ монда шавад;

- *тавсиядиҳӣ* – асосан баъд аз муайян намудани самтҳое, ки хонанда бояд онҳоро такмил диҳад, сурат мегирад. Тавсиядиҳӣ чун як рукни робитаи мутақобила метавонад ҳам дар шакли шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ сурат гирад ва ғайра [9, с.9-13; 3, с. 18-26].

Чунонки мебинем, дар раванди арзёбии ташаккулдиҳанда асосан худи таълимгиранда фаъол буда, омӯзгор нақши идоракунандаро ба анҷом мерасонад. Вале натиҷаҳои арзёбӣ дар ниҳояти кор, ҳамчун дар баҳогузории анъанавӣ, аз ҷониби омӯзгор муайян карда мешаванд.

Навъи сеюми арзёбӣ барои муайян кардани натиҷаҳои ниҳоии таълим нисбати таълимгирандаи мушаххас гузаронида шуда, *арзёбии ҷамъбастӣ* ном дорад [9, с.6]. Чунин арзёбӣ ҳангоми ҷамъбасти марҳилаи муайяни таълим – ба итмом расидани боби муайяни фанни таълимӣ, силсилаи дарсҳо, чоряк, рейтинг, ҷамъбасти соли таҳсил, ба анҷом расидани омӯзиши фанни муайян ва ғайра гузаронида мешавад ва дар натиҷаи он маълум карда мешавад, ки таълимгиранда баъди азхудкунии дониш, малака ва маҳоратҳои муайян кадом намуди фаъолиятҳоро иҷро карда метавонад. Ҳамзамон, арзёбии ҷамъбастии ҳатто як дарс ё як мавзуъ низ имкон дорад, вале дар ин ҳолат он арзёбии ташаккулдиҳанда маҳсуб меёбад. Барои арзёбии ҷамъбастӣ истифода аз чунин усулҳо метавонад самаранок бошад: тест, саволҳо, имло, ҳикоя, корҳои хаттӣ, корҳои амалӣ ва ғайра. Усулҳои арзёбӣ дар ин маврид вобаста аз фан, мавзуъ ва зинаи таҳсилот интихоб карда мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, дар таҳсилоти босалоҳият се навъи арзёбӣ – *ташхисӣ, ташаккулдиҳанда* ва *ҷамъбастӣ* вуҷуд дорад, ки барои ҳар яке аз онҳо интихоби усулҳои мувофиқ талаб карда мешавад. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки ҷустуҷӯйи роҳҳои арзёбӣ ва усулҳои он дар таҳсилоти босалоҳият масъалаи ниҳоят муҳим буда, аз омӯзгор эҷодкориро талаб мекунад.

Доир ба арзёбӣ дар таҳсилоти босалоҳият сухан ронда, чанд нуктаеро оид ба меъёрҳои барасмиятдарории онро ҳам мехостем ёдовар шавем. Натиҷаҳои арзёбиро бо меъёрҳои анъанавии панҷбаллӣ ё садбаллӣ, ҳамчунин шаклҳои дигари муосир, масалан, чор сатҳ метавон ба расмият дароварда: *сатҳи аввал* – таълимгиранда донишу малакаҳои одитар дошта, ба бенизомӣ ва хатоҳо роҳ медиҳад; *сатҳи дуюм* – донишу малакаҳо аз ҷониби таълимгиранда асосан аз бар карда шуда, минбаъд метавонанд чун замина барои ташаккули салоҳиятҳои зарурӣ хизмат намоянд; *сатҳи сеюм* – таълимгиранда бошуурона донишу малакаҳоро азхуд карда, метавонад интихоби роҳи ҳалли масъалаҳоро таҳлил ва муқоиса кунад; *сатҳи чорум* – донишу малакаи таълимгиранда барои ташаккули салоҳиятҳои зарурии касбии умумифарҳангӣ тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот кофӣ буда, ба ӯ имконият медиҳанд, ки вазъияту ҳолатҳои амалиро таҳқиқ ва дар нисбати онҳо қарор қабул намояд. Баъзан арзёбиро бо истифода аз сатҳ низ ба роҳ мемонанд-*минималӣ, заминавӣ* ва *пешрафта* [10, с.13]. Меъёрҳои дигаре низ вуҷуд доранд, вале омӯзгорон дар истифодаи меъёрҳо дар раванди арзёбии ташаккули салоҳиятҳои толибилм озод бошанд ҳам, шакли ниҳоии арзёбиро бояд бо меъёрҳои дар муассисаи таълимӣ муқарраршуда ҳатман ба расмият дароранд.

Хулоса, арзёбии ташаккули салоҳиятҳои толибилм бо истифода аз арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ интихоби дурусти усулҳои арзёбӣ барои салоҳиятҳои мушаххас, аз ҷумла бо роҳи қиёс, риояи меъёрҳои барасмиятдарории натиҷаҳои арзёбӣ ва иҷрои талаботи дигар дар ин самт имконият медиҳанд, ки саъю кӯшиш ва фаъолияти омӯзгорон дар роҳи татбиқи таҳсилоти босалоҳият дар тамоми зинаҳои таҳсилот барои дастрасии натиҷаҳои боз ҳам пурсамартаре мусоидат намоянд.

Муқарриз: Ғафурова Г.А.- дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров

АДАБИЁТ

1. Богомолова, Л.Н. Методические рекамендации по курсу “Человек и общества” / Л.Н. Богомолова. - Москва, 2003. -Ч.1. -160с.
2. Вяземский, Е.Е. Педагогические подходы к реализации концепции единого учебника по истории / Е.Е. Вяземский, О.Ю.Стрелова. -Просвещения, 2015. -80с
3. Набиева, Р.А. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11 / Р.А.Набиева, Н.Т. Зикриёев. – Душанбе: Собириён, 2011. – 207с.

4. Степанищив, А.Т. Методика преподавания и изучения истории / А.Т. Степанищив. – М.: Владос, 2002. – 304с. - Ч.1.
5. Степанищив, А.Т. Методика преподавания и изучения истории / А.Т. Степанищив. - М.: Владос, 2002. - 210с. – Ч. 2.
6. Студеникин, М.Т. Методика преподавании истории в школе / М.Т. Студеникин. - М.: Владос, 2000. -240с.
7. Садои мардум, - 2005. – 27 июн .
8. Авво Б.В. Методология компетентностного подхода высшем образовании". [Электронный ресурс]. //http://www.emissia/org/offline/2005/97/htm (санаи муроҷиат: 27.02.2018).
9. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ. Дастур барои омӯзгор. –Душанбе, 2016.
10. Показатели и критерии оценивания компетенций. [Электронный ресурс]. https://studfiles.net/preview/6008624/page:14/ (санаи мурољиат: 30.03.2018).
11. Степашина Л.Ю. Развитие общих учебных умений навыков как ключевой образовательной компетенции. [Электронный ресурс]. //https://mirznanii.com/a/206591/razvitie-obshchikh-uchebnykh-umeniy-i-navykov-kak-klyuchevoy-obrazovatelnoy-kompetentsii (санаи мурољиат: 30.03.2018).
12. Маводи методӣ оид ба тақвияти салоҳияти хониши хонандагон (барои омӯзгорон). -Душанбе, 2017.

МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОКӢ ВА АРЗЁБӢ ДАР ТАШАККУЛИ ДОНИШИ АМАЛИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақола оид ба раванди таълим бо методи салоҳиятнокӣ маълумот дода шудааст. Муаллиф дар мақола зарурияти истифодаи салоҳият дар таълимро нишон дода, қайд намудааст, ки малакаи касбии омӯзгор метавонад дар ташаккули тавоноӣ ва маҳорати хонанда мусоидат намояд. Омӯзгор барои таълими мавзуъ, мақсад ва мундариҷаи таълим, тарзи фаъолияти шогирдон, робитаи мутақобиларо ба нақша гирифта, дар ҷараёни дарс ва анҷоми он арзёбӣ менамояд. Гуфта мешавад, ки дар муносибати босалоҳият мақсадгузориҳои омӯзгор дар асоси муаммогузорӣ оғоз гардида, дарс бо ташаккули салоҳиятҳо ба нақша гирифта мешавад. Хулоса мешавад, ки банақшагирӣ аз рӯйи марҳалаҳои ташаккули салоҳият ба роҳ монда шуда, мундариҷаи таълим бо мақсади ташаккули салоҳиятҳо аз сарчашмаҳои гуногун интихоб мегардад.

Калидвожаҳо: муносибати босалоҳият, дониш, малака, маҳорат, худтакмилдиҳӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ.

КОМПЕНТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД И ОЦЕНКА ФОРМИРОВАНИЯ ПРАКТИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ У УЧАЩИХСЯ

Статья посвящена современной точке зрения метода компетентности. Автор показывет необходимость использования компетентности в процессе обучения. Профессиональные навыки преподавателя помогут развить у студентов интерес к профессии. Преподаватель с целью обучения предмету оценивает цель, содержание предмета, способности учеников в процессе обучения и оценивает их способности. Преподаватель, начиная занятие видит в перспективе развитие компетентности, планирование ведется с учётом степени развития компетентности. Содержание предмета выбирается из различных источников, с учётом развития компетентности.

Ключевые слова: компетентный подход, компетентность, знание, навыки, способность, самосовершенствование, исторические источники, информационные источники

COMPETENT APPROACH AND ASSESSMENT IN THE FORMATION OF PRACTICAL KNOWLEDGE OF STUDENTS

The article dwells on the contemporary point of view of the method of competence. The author shows the necessity of resorting to competence in the process of tuition. Professional skills of a teacher may develop in students interest toward the profession. Taking in to consideration the aim of learning subject, the teacher pays attention and assesses objective, content of the subject and students abilities in the course of tuition, he appreciates their abilities. In regard to competence, the teachers aim begins a lesson based on the problem and situation; he takes in to account the competence dealing with the perspective of development. Planning in conducted with a degree of competence development being taken in to account as well. The content of the subject is chosen from various sources, due to the development of competence.

Keywords: competent approach, competence, knowledge, skill, ability, self improving, historical sources, informational sources.

Маълумот дар бораи муаллиф. ***Ҳошимова Шафоат Файзуллоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ, дотсент. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. . E-mail**: shafoat2603@mail.ru.**

Сведения об авторе: ***Хошимова Шафоат Файзуллаевна*** **-** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кафедра методики преподавания истории и права, доцент. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова 1. E-mail**: shafoat2603@mail.ru.**

Information about the author: ***Hoshimova Shafoat Fayzullaevna*** **-** Khujand State University named after academician B. Gafurov, Department of Methods of Teaching History and Law, Associate Professor. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1. E-mail**: shafoat2603@mail.ru.**

ТДУ:372.818 (575.3)

МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЗЕБОИПАРАСТИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҲАМКОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ ВА ХОНАВОДА

Рамазонова Р.С. Шарофидинзод М.Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ истилоҳи мафҳуми зебопарастӣ чунин омадааст: «Зебопарастӣ таълимоти фалсафиест, ки қонунҳои умумӣ, моҳият, пайдоиш ва тараққиёти санъатро таҳқиқ менамояд ва қонунҳои тараққиёти онро аз нуқтаи назари зебоии ҳаёт ва инъикоси он дар асарҳои санъат меомӯзад» (12, с.671)

Тарбияи зебопарастӣ дар системаи (низоми) таҳсилотӣ ва фарҳангӣ қисми ҷудонашавандаи мураттаби инкишоф комили шахсият мебошад. Вазифаи он аз инкишоф додани танҳо ҳолатҳои бадеӣ-эҳсосии хонанда набуда, балки аз такмил додани нерӯиҳои ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонии онҳо иборат аст. Қаробати онҳо бо зебоӣ, фақат аз худ кардани соҳаи санъат маҳдуд нашуда, тамоми паҳлӯҳои онҳоро дар бар мегирад. Яъне ҳадафи тарбияи зебопарастӣ ташаккули фарҳанги умумӣ ва зебоипарастӣ мебошад.

Сол то сол зебопарастӣ ҷасуронатар ба ҳаёти одамон ворид шуда истодааст. Ҳам кормандони фарҳанг ва ҳам худи мардум мефаҳманд, ки зебоӣ дар кори таълиму тарбия ёвари ҳақиқӣ мебошад. Вай ба оила хусусан хонанда ҳиссиёти хушнудона некбинона меорад. Вай корҳои хонандагонро маънаван бой намуда, дар ӯ хоҳиши эҷодкориро бедор мекунад. Аз таъсири хуши зебопарастҳои шахсиятҳои алоҳида ва ҳам коллективҳои бутун баҳра мебаранд.

Педагогика ва фарҳангшиносӣ ҳамеша тарбияи зебоипарастӣро муҳимтарин қисми таркибии ҷараёни ҳамтарарафаи мураттаб инкишоф додани хонандагон мешуморад. Дар айни замон ба зебоӣ қарин будан аз дигар соҳаҳои ташаккули муҳассилин ҷудо набуда, баръакс ба тарбияи ахлоқӣ, фикрӣ, ҷисмонӣ робитаи қавӣ дорад ва албатта ҷараёни тарбия дар ҳамкории оила ва мактаб мустаҳкам мегардад.

Маҷмӯи арзишҳои зебоипарастӣ, равишҳои эҷод ва истифодаи ин арзишҳоро таъмин мекунад. Мо дар он ақидаем, ки зебоӣ худи ҳаёт, таҷрибаи ҷамъиятӣ бо ҳамагуна гуногуниҳояш мебошад. Зебоӣ ин нуқтаи камолот, идеали кори ҳаррӯза ва одии иҷро карда истодаи инсон мебошад. Чунки идеалҳои инсонӣ аз рӯйи таҷрибаҳои иҷтимоиву шуури одамон муайян карда мешавад. Ҳар қадаре, ки иқтидори шуурнокӣ, фарҳанги умумӣ ва забоипарастии хонандагон ва аҳли хонавода боло равад, талабот ба худ, ба ғановати маънавӣ, сифати маводи истеъмолкунанда, ба шакл ва тарзи истеҳсоли маводи ниёзи мардум ҳамон қадар афзоиш меёбад.

Масалан, В.А.Сухомлинский, педагоги машҳури шуравӣ, чунин мешуморид, ки тарбияи зебопарастӣ бо тарбияи эмотсионалӣ робитаи зич дорад. Ӯ пешниҳод намуда, буд, ки тарбияи эмотсионалӣ ва зебопарастӣ аз инкишофдиҳии маданияти эҳсос ва идрок оғоз меёбад. Нозук будани ҳис, таасурот, муносибати эмотсионалию зебопарастӣ ба олами иҳотакарда ва нисбаи худ ба фарҳанги эҳсос ва идрок вобастагӣ дорад. Ҳамон қадаре, ки эҳсос ва идрок нозук бошад, ҳамон қадаре, ки одам дар олами иҳотакарда тобиш ва оҳангро бинаду шунавад, ҳамон қадаре, ки баҳои эмотсионалии шахс ба далелҳо, ашё, зуҳурот, ҳодисаҳо амиқтар ифода ёбад, ҳамон қадар андозаи соҳаи эмотсионалии тавсифдиҳандаи равонии инсон фарохтар аст. В.А. Сухомлинский таъкид намудааст, ки фарҳанги ҳиссиёти зебопарастӣ сатҳи баланди фарҳанги умумии ҳаёти мактабӣ, махсусан фарҳанги ахлоқӣ – муносибат ба оила ва ҷомеа ҳамчун ба арзиши олиро тақозо мекунад.

Б. Хайруллоев., бораи омода намудани омӯзгорони тарбияи мусиқӣ дар мактабҳои мусиқӣ, тайёрии онҳо ба иҷрои вазифаи тарбияи зебопарастии хонандагон роҳандозӣ

гардиданд. Аҳамияти бузург доштани тарбияи зебоипарастии хонандагонро ҳамчунин А.С.Макаренко низ ёдовар шудааст, ки чи гуна муҳим будани бедорсозии кӯшиши дарёфти зебоиро дар мактаб, хона, тамоми ҷойҳое, ки онҳо вақти худро мегузаронанд, ба коре машғул мешаванд ё фароғат мекунанд, қайд намудааст. Хонандагонро ба он ҷалб намудан зарур аст, ки онҳо дар мактаб, дар синфхона ва хона вазъияти зебоипарастиро ба вуҷуд оваранд. Шахсоне, ки муассисаҳои таълимӣ- тарбиявии зери роҳбарии А.С.Макаренко қарордоштаро дидаанд, шахсан мушоҳида намудаанд, ки доир ба ғановати рангҳо, фарш ва оинаи ҷилодиҳанда, дастурхонҳои сап - сафеди ошхона ва тозагии олии биноҳо нақл мекунанд (6, с. 216-218).

Масъалан Видт И. Е. чунин меҳисобад, ки фарҳанги зебопарастӣ – маҷмӯи сифатҳо, таҳсилоти шахсӣ, махсусият, истиқболи зебоӣ ва иштирок дар бунёди зебоӣ буда, моҳияти он бошад дар азхуднамойии маҷмӯи қобилият, истиқболи бадеӣ ва эҷодӣ мебошад. (4, С.3-10).

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки тарбияи зебопарастӣ маънои васеъ дорад, он тамоми паҳлӯҳои фаъолияти ҳаёти инсонро фаро мегирад, фақат онро дарк карда тавонистан лозим аст. Ба ақидаи олимони тоҷик дар соҳаи педагогика «моҳияти тарбияи зебоипарастӣ дар хонандагон ташаккул додани қобилияти дарккуни зебоии арзанда ва дуруст фаҳмидани он дар санъат, ҳаёт, омӯзиши мафҳумот, рағбат ва идеалҳои зебопарастӣ баҳри инкишофи хислатҳои эҷодӣ ва истеъдод нисбат ба соҳаҳои санъат мебошад. (7; с.56-61).

Тарафи функсионалии ҳамкории педагогиро муҳаққиқон ду тарз тафсир мекунанд. Тавре ки И.А.Липский бовар дорад, ҳангоми баррасии ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода ба маънои васеъ ҳамчун ҳамкории рушди мусиқии хонанда, вазифаи инкишофи хонанда дар вазифаҳои мушаххаси хоси системаи педагогӣ -вазифаҳои тарбия, таълим, маориф нигаронида мешавад. Ин вазифахо, дар навбати худ, то ба даст овардани хусусияти технологияи амал - технологияи педагогӣ муфассал баён карда мешаванд. Ҳар як функсия тарҳи институтсионалии худро дорад ва аз ҷониби кормандони махсуси омӯзонидашуда таъмин карда мешавад. Чунин фаҳмиши вазифаҳои ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода паҳлӯи зебопарастию функсионалии онро инъикос намуда, сохтори онро бо шаклҳои мувофиқ муайян мекунад.

Тавассути вазифаҳои тарбия, таълим ва инкишоф мазмуни таълими педагогӣ амалӣ мегардад. Дигар тадқиқотчиён вазифаҳоеро муайян мекунанд, ки бевосита ба ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода дар ташаккулу инкишофи тарбияи зебопарастии мусиқӣ хосанд. Шумораи вазифаҳо ва номгӯи вазифаҳо бо мазмуни тадқиқот ва хусусиятҳои мавқеи муаллиф муайян карда мешаванд. Ҳамин тариқ, масалан, С.Н.Чистякова вазифаҳои ташхисӣ, тактикӣ, амалӣ ва таҳлилии ҳамкории педагогиро, Г.И.Симонов-маърифатӣ, эҳсосӣ-арзишӣ, коммуникативӣ, худмуайянкунӣ, иҷтимоиро асоснок мекунанд.

К.Ш.Ахияров ташхиси моҳияти масъала, маълумот дар бораи мушкилот, тарзҳои роҳҳои ҳалли масъала, машварат ва кумак дар иҷрои нақшаи ҳаллиро ҳамчун вазифаҳои таъминоти педагогӣ муайян кардааст. Дар ин тафсир вазифаҳои ҳамкории педагогиро муҳаққиқон бо самтҳои мундариҷаи он (ташхисӣ, машваратӣ, ислоҳӣ, таҳлилӣ, банақшагирӣ, маҳс дар дарсҳои мусиқӣ) ва ҷузъҳои мундариҷа, ки мушоҳида, ташхис, тарҳрезии роҳҳои ҳалли масъалаи муайян, таҳлил мебошанд, алоқаманд мекунанд. [1, 7 с 56-61].

Тавре ки дар боло зикр гардид, категорияи «ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода», ки нисбат ба хонандагон ҷорӣ шудааст, дар айни замон нисбат ба марҳилаҳои гуногуни ба воя расидани хонандагон барои аз худ кардани тарбияи зебопарастии мусиқӣ истифода

мешавад. Вариантҳои ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода ба хонандагон дар ҳалли масъалаҳои гуногун, на танҳо аз худ кардани тарбияи мусиқӣ, балки масъалаҳои инкишофи шахсии онҳо, иҷтимоӣ, таълим, роҳнамоии касбӣ ва интихоби касб нигаронида шудааст.

Муҳаққиқон бо муайян кардани мазмуни ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода ва усулҳои татбиқи он дар шароити ҳалли масъалаи мубрами ба воя расида, чун қоида, саъӣ мекунанд, ки иқтидори муассисаи таълимӣ ва тарбияи оилавии хонандагонро муттаҳид созанд, то инки хонандагон дар интихоби касб ба хатогиҳо роҳ надиҳанд. Нақши волидайн дар татбиқи вазифаҳои ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода вобаста ба синну соли хонандагон, моҳияти вазифаи ҷустуҷӯшаванда ва шароитҳо (дохили оила), ки вазифаи ҳалшаванда барои онҳо бештар мувофиқ аст, фарқ мекунад.

Барои самаранок амалӣ намудани идеяҳои ҳамкории педагогии хонанда дар заминаи вазифаи маҳаллӣ волидайн, чун қоида, аз муҳаққиқ кӯмаки машваратӣ мегиранд ва бо асбобҳои зарурӣ муҷаҳҳаз мебошанд. Диққати каме дигар ба тадқиқотҳое хос аст, ки дар он худи оила ҳамчун субъекти ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода баромад мекунад. Ҳамкории педагогии оила дар ҳалли масъалаҳои тарбия, таълим, инкишоф ва иҷтимоии хонанда дар тарбияи зебопарастӣ дар дарсҳои мусиқӣ суруд хондан, рақс кардан, омода кардани саҳначаҳо таҳти мусиқӣ тавсиф мешавад [14].

Дар асоси таҳлили як қатор асарҳои ин соҳа метавон гуфт, ки ҳамкории педагогии оила дорои хусусиятҳои хоси зерин мебошад:

-ҳалли баробари масъалаҳои тарбияи зебопарастӣ дар дарсҳои мусиқии хонандагон (алоҳида ё якҷоя) дар оила ва муассисаи таълимӣ;

-иҷрои нақши калонсол (ҳамроҳкунанда) нисбат ба хонанда аз ҷониби омӯзгор ва падару модар, ки пайваста аз васоят, парастории, ҳифзи хонанда ба дастгирӣ, таъмини асбобҳои мусиқӣ ва ҳамроҳии ӯ мегузаранд;

- иҷрои нақши муаллими мусиқӣ нисбат ба аъзои оилаи хонанда;

- ташаккули мувозинати маҳорати мустақилона ҳалли вазъиятҳои мушкилие, ки бо мазмуни вазифаи омӯзгори мусиқӣ дар хонанда ва аъзои оилаи ӯ муайян карда мешавад.

Ба таъминоти педагогии оила дар марҳилаҳои ба дарсҳои мусиқӣ тайёр кардани хонанда ва ба шароити мактаб мутобиқ намудани хонанда диққати махсус дода мешавад. Ҳамкории психологию педагогии волидони хонандагон ҳамчун раванде маънидод карда мешавад, ки ба волидон дар қабули қарорҳо дар ҳолатҳои душвори интихоби ҳаёт, фароҳам овардани шароит барои ташаккули малакаҳои қабули қарорҳои оптималӣ дар ҳолатҳои гуногун мусоидат мекунад [9].

Ҳамзамон, вазифаҳои ҳамкории педагогии волидон аз инҳо иборатанд:

-кӯмак ба хонанда дар ҳалли мушкилоти таъхирнопазири рушд, кӯмак дар ислоҳи мушкилоти тарбияи зебопарастӣ дар дарсҳои мусиқӣ, пешгирӣ ва бартараф кардани вайронкунии соҳаи эмотсионалӣ-ихтиёрӣ, мушкилоти муносибат бо ҳамсолон, омӯзгорон ва волидон. Ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода ба оилаҳо нисбат ба категорияҳои гуногуни волидон фарқ мекунад.Аз ҷумла, ақидаи Т.А.Березина нисбат ба оила инҳоянд:

-падару модароне, ки барои ба тарбияи зебопарастии мусиқӣ омода кардани фарзандонашон масъулият надоранд, ба қувваю имкониятҳои онҳо бовар надоранд;

- волидайн дар арафаи чорабиниҳои фарҳангӣ изтироби баланди худро аз сар мегузаронанд.

Категорияҳои волидайнро вобаста ба сатҳи салоҳияти педагогии онҳо, қаноатмандӣ аз хусусияти муносибат бо фарзандон, огоҳӣ аз масъалаҳои тарбияи зебопарастии мусиқӣ,

салоҳияти ҳуқуқӣ ва педагогӣ, дараҷаи фаъолият, эҳтиёҷ ба машварат, кӯмак, дастгирӣ, ва ғайра барраси кардан мумкин аст. Таҳияи стратегияи ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода муайян кардани самти ихтисоси фарзанд, заминаи консептуалӣ, принсипҳои бунёдӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо ва барномаи муфассали амалро дар бар мегирад [2, 7, 10.].

Мазмуни ин мавқеъи тарбияи зебопарастии мусиқӣ дар заминаи омӯзиш муайян карда мешавад. Миқдор ва принсипҳои муайяншуда, вазифаҳои гузошташуда ва нуқтаҳои пешбинишудаи барномаи стратегии амал аз ҷониби мавқеи муаллиф муайян карда мешавад. Таҳияи тактикаи ҳамкории омӯзгори мусиқӣ бо варианти таърифи он ҳамчун маҷмӯи амалҳои омӯзгор алоқаманд буда, кафолат медиҳад, ки хонанда таҷрибаи мусбиро дар ҳалли мустақилонаи ҳолатҳои мушкилӣ дар доираи вазифаи воқеии инкишофи ӯ ба даст меорад. Чунин ба назар мерасад, ки эҳтиёҷоти оила ба кӯмак, дастгирӣ ё ҳамкории мактаб ва муҳити хонавода аз сатҳи неруи тарбияи зебопарастии мусиқӣ ва муваффақияти татбиқи он муайян карда мешавад. Мо чунин мешуморем, ки ёрии педагогии оиларо дар як вақт метавон чунин ҳисоб кард:

-як намуди фаъолияти педагогие, ки ба хусусиятҳои тарбияи оилавӣ мувофиқ буда, дар робита бо оилаҳо талаб карда мешавад, ки дар муайян кардани стратегия ва тактикаи тарбияи зебопарастии дарсҳои мусиқии хонанда мустақилияти кофӣ доранд;

-таҷдиди тарбияи оилавӣ, ки ба муносибатҳои иҷтимоии фарҳангии ҷомеа мувофиқ аст;

-раванди педагогии якҷоя расидан ба мақсади гузошташуда, ки дар ду сатҳ - дар оила ва берун аз он амалӣ мегардад;

- маҷмӯи амалҳои омӯзгор, ки аз ҷониби волидон бомуваффақият иҷрои вазифаи гузошташударо таъмин менамояд.

Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарвари давлат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он масъалаю норасоиҳое, ки имрӯз дар соҳаи фарҳанги зебоипарастӣ ва ташаккули он ҷой доранд диққати махсус медиҳанд. Онҳо пайваста таъкид мекунанд, ки дар қатори муваффақиятҳое, ки дар ин соҳа вуҷуд доранд, камбудиҳои ҷиддӣ низ дар фаъолияти муассисаҳое, ки ба ин кор машғуланд, ба назар мерасанд. Бинобар ин кормандони соҳаи маориф ва фарҳангро лозим аст, ки пеш аз ҳама барои боло бурдани симои нави маънавии инсон, ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ ҷомеа аз захираҳою имкониятҳои худӣ, мақомоти маҳаллии иҷрояи ҳокимиятҳои давлатӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ самаранок истифода намуда, «доир ба майлу рағбати зебоипарастӣ ва инкишоф додани ҳунари эҷодиву анъанаҳои бузурги фарҳанги халқамон» чораҳо андешанд.

Ҳар як миллатро аз рӯи фарҳангаш баҳо медиҳанд. Ифтихори мо тоҷикон бештар аз он аст, ки аз қадимулайём фарҳанги бой дорем. Аз сари минбарҳои баланд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоташ бо намояндагони зиёиёни кишвар солҳои охир, бахусус солҳои 2010 ва 2014 - ум бо ифтихор қайд кард, ки **ҳ**ар гоҳе ба кишварҳои ҷаҳон сафар карда бо фарҳангу маданияти он ҷо шинос мешавам таърихи фарҳанги халқамро пеши рӯ оварда сари минбарҳои баланд ифтихор мекунам, ки фарзанди ҳамин гуна миллати соҳибфарҳанг ҳастам.[15]

Олимони тоҷик низ масъалаҳои ташаккули фарҳанги зебопарастӣ дар таҳқиқотҳои худ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар ин самт таҳқиқотҳои С.Раҳимов, мудири шӯъбаи фалсафаи фарҳанги институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи назди АИ ҶТ аз ҷиҳати назариву методологӣ ва нигоҳи миллӣ хуб анҷом дода шудааст ва ба мо кӯмаки хеле калон расонидааст.

Раҷабзода Д. Дар мақолаи худ баланд бардоштани нақши оила яке аз воситаҳои тарбияи фарзанд шуморида, рушди фарҳанги оиладорӣ дар таҳкими муносибатҳои оилавӣ, ҳифзи доимаамалкунандаи фарҳанги миллӣ меҳисобад.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ бар меояд, ки фарҳанги зебопарастӣ чунин унсурҳоро

дорост: шуури забоипарастии инсонҳо; ҷилваҳои зебоишиносии фаъолияти гуногуни тарбия; меҳвари асосии фарҳанги зебоишиносӣ; меъморӣ ва фарҳанги бадеӣ; ва ғ.

Ба фарҳанги зебоишиносии муосир зебопарастии муҳити зист, фарҳанги рӯзгор ва фарҳанги варзиш ворид гаштааст. Таҳия ва коркардҳои илмии масъалаҳои назария ва амалияи тарбияи зебопарастӣ, муайян сохтани хусусиятҳои фарҳанги зебоипарастӣ, роҳҳои ҷалби хонанда ба арзишҳои фарҳангӣ, аз ҷиҳати назарӣ асоснок намудани масъалаҳои фарҳанги зебопарастӣ ба педагогика имкон медиҳад, ки ҷанбаи назариявӣ ва методологӣ мавзӯи таҳқиқотӣ муайян ва мушахасс шавад. Илова ба ин таҳқиқи масъалаҳои дар боло зикрашон рафта барои фарохтар назар кардан ба масъалаҳои шуури зебоипарастӣ ва фарҳанги зебопарастӣ, ҷараёни ташаккули онҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Таҳлили адабиёти илми моро ба хулоса меорад, ки тарбияи зебопарастӣ махсусияти ҷамъбастиро соҳиб аст. Аз ин хотир, тамоми намуди фаъолияти оилавӣ бо андозаи муайян ҳамчун фаъолияти зебопарастӣ арзёбӣ карда мешавад.

АДАБИЁТ

1. Ахияров К. Ш. Профильное обучение в школе: опыт, проблемы Бирск. гос. социал.-пед. академия. Уфа, 2005. 106 с.
2. Березина Т. А. Взаимодействие педагогов и родителей в приобщении дошкольников к семейным традициям. Детство: педагогический альманах. № 1. СПб.: АКЦИДЕНТ, 1998. С. 47-55.
3. Березина Т. А. Взаимодействие педагогов и родителей в приобщении дошкольников к семейным традициям. Детство: педагогический альманах. № 1. СПб.: АКЦИДЕНТ, 1998. С. 47-55.
4. Видт И. Е. Образование как феномен культуры: эволюция образовательных моделей в историко-культурном процессе: автореф. дис. … д-ра пед. наук; Тюмен. гос. ун-т. Тюмень, 2003. 44 с.
5. Липский И. А. Педагогическое сопровождение развития личности: теоретические основания. URL: http: www.socialpedagog.edu.mhost.ru/ Docum/Public/ Soprov.html.
6. Макаренко А.С. Сочинения. - М.: Изд-во Академии педагогических наук, 1957. - т. IV- С. 583 64
7. Рамазонов Д. [Матн]. Ташаккули ҳиссиёти ахлоқию зебопарастии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ тавассути мусиқӣ. [Матн]. Рамазонов Д. Паём академияи таҳсилоти тоҷикистон. №1 (46), 2023. С.-56-61
8. Раҳимов Б., Нуров А. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик. [Матн]. Б.Раҳимов. А.Нуров. Душанбе-2008.-296с
9. Симонова Г. И. Педагогическое сопровождение социальной адаптации школьников. URL: http: www. portalus.ru.modules shkola rus.
10. Синягина Н. Ю. Психолого-педагогическая коррекция детскородительских отношений. М.: ВЛАДОС, 2001. 96 с.
11. Сухомлинский В. А. Родительская педагогика. М: Знание, 1978. 96 с. 238
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд дар зери таҳрири М.Л.Шукуров. В.А.Капранов. Р.Ҳошим. Н.А.Маъсумӣ. Ҷилди 2 [Матн]. Нашриёти Советская энциклопедия. М.1969. 952с
13. Хайруллоев Б. Методикаи таълиму тарбияи суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ. [Матн]. Б. Хайруллоев. Душанбе.2019.-191
14. Черствая О. Е. Педагогические аспекты влияния семейного уклада на воспитание детей: автореф. дис. … канд. пед. наук; Моск. гор. пед. ун-т. М., 2001. 20 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат аст. (Речь Президента Таджикистана на встрече с научной и творческой интеллигенцией) Ҷумҳурият. - 2001. - 24 марта.

МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЗЕБОИПАРАСТИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҲАМКОРӢ БО МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ ВА ХОНАВОДА

Дар ҷараёни инкишофи мусиқӣ, таълиму тарбия барои ташаккули чаҳонбинии хонандагон, талаботи зебопарастӣ ӯ, шуури бадеӣ дар ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва аҳли хонавода аҳамияти махсус дорад. Мафҳуми «талаботи зебопарастӣ» гуногунҷанба буда, дар бораи аз худ кардани падидаҳои фарҳанг, фаъолияти эҷодӣ дар хонандагон ҳамчун манбаи ташаккули онҳо, сифатҳои ихтиёрии ва фикру ақидаҳои онҳо дар бораи ташаккул ва инкишоф додани санъат ва фарҳангро дар бар мегирад. Эътиқод ба зарурати ташаккули талаботи зебопарастӣ дар таълиму тарбияи хонандагон асоси омӯзиши масъалаи дар боло зикр гардида гардид. Ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва хонавода аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо дар якҷоягӣ хонандагонро ба санъати мусиқии халқи тоҷик дар ҷараёни ҳаёту фаъолияти халқ ҳамчун шакли худфаъолиятӣ рушд медиҳанд. Дар байни халқ овозхонон, сароядагон, гӯяндагону масхарабозон барои шавқманд гардонидани ҷомеа ҳиссагузор мешаванд. Инчунин осори гаронбаҳоро ба атрофиён дар шакли

мавҷуда пешниҳод менамуданд. Онҳо поягузорони асосии эҷодиёти халқро ташкил дода, бо жанрҳои гуногуни офаридаашон ва маҳорати сарояндагии хеш дар байни омма маҳбубияти хосаеро пайдо намудаанд.

Калидвожаҳо: хонанда, инкишоф, таҳсилот, хонавода, ҳамкорӣ, муассиса, мусиқӣ, беруназсинфӣ, беруназмактабӣ, суруд, рақс

ВОПРОСЫ ОРГАНИЗАЦИИ ЭСТЕТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ УЧАЩИХСЯ ПРИ СОТРУДНИЧЕСТВЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ И СЕМЬИ

В ходе развития музыки, воспитания и обучения особое значение во взаимодействии учебных заведений и членов семьи имеет развитие мировоззрения учащихся, их потребности в красоте, художественного сознания. Понятие «эстетические потребности» многогранно и включает в себя овладение явлениями культуры, творческую деятельность учащихся как источник формирования их волевых качеств и мнения о становлении и развитии искусства и культуры. Убеждение в необходимости развития потребности в красоте в образовании и воспитании учащихся стало основой изучения вышеуказанного вопроса. Сотрудничество образовательных учреждений и семьи свидетельствует о том, что они вместе развивают музыкальное искусство таджикского народа в процессе жизни и деятельности народа как форму самодеятельности. Среди людей деятельность певцов, авторов песен, рассказчиков и клоунов делают общество интересным. Также они подарили окружающим драгоценные произведения в том виде в котором они существуют и до наших времен. Они являются главными основами народного творчества, завоевали особую популярность среди публики разнообразием созданных ими жанров и своим певческим мастерством.

Ключевые слова: учащиеся, развитие, образование, семья, сотрудничество, учреждение, музыка, внеклассное, внешкольное, песня, танец.

ISSUES OF ORGANIZING THE LANGUAGE CULTURE OF STUDENTS IN COOPERATION WITH EDUCATIONAL AND HOME INSTITUTIONS

In the course of the development of music, education and training, the development of students' worldview, their need for beauty, and artistic consciousness is of particular importance in the interaction of educational institutions and family members. The concept of "aesthetic needs" is multifaceted and includes the mastery of cultural phenomena, the creative activity of students as the source of their formation, volitional qualities and their opinions on the formation and development of art and culture.The conviction of the need to develop the need for beauty in the education and upbringing of students became the basis for studying the above issue. The cooperation of educational institutions and families indicates that they together develop the musical art of the Tajik people in the process of life and activity of the people as a form of amateur performance. Among people, singers, songwriters, storytellers and clowns make society interesting.They also presented those around them with precious works in their existing form. They are the main founders of folk art and have gained particular popularity among the public due to the variety of genres they created and their singing skills.

Key words: students, development, education, family, cooperation, institution, music, extracurricular, extracurricular, song, dance.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Рамазонова***, ***Раджабгул Сулаймоновна*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Телефон: **918-23-01-46**
Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин - Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода, декани факултети мусиқӣ-омӯзгорӣ. **Суроға:** 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Борбад, 73[А]. Телефон**: 900-24-26-28**

Сведения об авторах: ***Рамазонова Раджабгул Сулаймоновна*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра специальной педагогики и инклюзивного образования, кандитат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **918-23-01-46**
Шарофидинзод Муслихиддин Шарофидин. - Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсун-заде, декан музыкально-педагогического факультета. **Адрес:** 734055, г. Душанбе, Республики Таджикистан, пр. Борбада, 73[А.]. Телефон: **900-24-26-28**

Information about the authors: ***Ramazonova Rajabgul Sulaimonovna*** – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Special Pedagogy and Inclusive Education, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121Phone: **918-23-01-46**
Sharofidinzod Muslihiddin Sharofidin - Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursun-zade, dean of the music and pedagogical faculty. **Address:** 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbada Ave., 73A.
Phone: **900-24-26-28**

ТДУ:372.851

АМАЛИСОЗИИ ТАМОЮЛИ АЛГОРИТМИИ ТАБДИЛОТИ АЙНИЯТИИ ИФОДАҲОИ ТРИГОНОМЕТРӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ МАҲФИЛҲОИ МАТЕМАТИКОНИ ҶАВОН

Маҳкамов М., Раҷабов Т.Б., Каримзода Т.Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Табдилоти ифодаҳои тригонометриро ҳамчун маҳорати асосӣ барои бомуваффақият ҳал намудани муодилаҳои тригонометрӣ истифода бурдан мумкин аст. Баъзан табдил додани ифодаҳои тригонометрӣ, сода кардани он, як масъалаи душвор ва ҷолиби диққат аст. Мураккабии ин табдилдиҳӣ аксар вақт бо миқдори зиёди формулаҳое, ки дар ин ҳолат истифода мешаванд, муайян мегардад. Маъмулан ҳангоми миқдори зиёди табдилдиҳиҳои тригонометриро иҷро намудан, аксарияти формулаҳо дар хотир нақш мебанданд. Барои сода кардани ифодаҳои тригонометрӣ, донистани қоидаҳои табдили ифодаҳои алгебравӣ ва формулаҳои тригонометрӣ, қобилияти татбиқу истифодаи моҳиронаи (хеле хуб, самаранок) онҳо талаб карда мешавад.

Тригонометрия яке аз ҷузъҳои муҳимми курси алгебраи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад. Курси пешниҳодшуда масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки ҳалли онҳоро танҳо тавассути тайёрии муайян ба таври мақсаднок амалӣ кардан мумкин аст. Ҳамчун асос, принсипҳои дидактикӣ, дар педагогикаи муосир ҷанбаҳои дар зер овардашудаи он, ки ҳангоми таҳияи курси факултативӣ истифода шудаанд, ҷудо карда мешаванд: фаъолият, аёният, системанокӣ, пайдарҳамӣ, дастрасӣ, иртиботи назария ва амалия.

Воқеан, тригонометрия дар заминаи геометрия пайдо шуда, ифодагари забони геометрӣ буда, бо ёрии он масъалаҳои гуногуни геометрӣ ҳал карда мешуданд. Рушди рамзҳои алгебравӣ имкон дод, ки баъзе тасдиқоти тригонометриро дар шакли формулаҳо нависанд; истифодаи ададҳои манфӣ имкон дод, ки кунҷҳо ва камонҳои равонашударо баррасӣ кунанд ва мафҳуми хатҳои тригонометриро (қисми муайяни доира) барои ҳама кунҷҳо амалӣ созанд. Дар ин марҳила барои омӯзиши функсияҳои тригонометрӣ ҳамчун функсияҳои аргументи ададӣ, асосии назарияи таҳлили функсияҳои тригонометрӣ (даврӣ) бунёдгузор гардид. Ҷанбаҳои таҳлилӣ, ки ба ҳисоб кардани қиматҳои функсияҳои тригонометрӣ дар самти дараҷаи дақиқ имкон медиҳад, аз тарафи Нютон таҳия шудаанд. Сохтори аналитикии назарияи функсияҳои тригонометриро, ки Эйлер оғоз карда буд, олими бузурги рус Н. И. Лобачевский ба анҷом расонид.

Ба шарофати рушди фанҳои физика, механика ва дигар илмҳои техникӣ нуқтаи назари муосир ба функсияҳои тригонометрӣ ҳамчун функсияи аргументи ададӣ муайян карда шудааст. Чунин функсияҳо ба математика дохил шудаанд, ки бо ёрии онҳо равандҳои гуногуни даврӣ омӯхта мешаванд. Ҷ. Фуре нишон додааст, ки ҳар як ҳаракати даврӣ бо андозаи дақиқ метавонад дар шакли суммаи таназзули одии синусоида (гармоникӣ) ифода гардад. Дар оғози тригонометрия таносуб бо вобастагии байни масоҳатҳои квадратҳо, ки зимни паҳлуҳои сегонаи росткунҷаи тағйирёбии бо гипотенузаи ба 1 баробар сохта шудаанд, ифода карда шуд, пас минбаъд чунин муносибат бо илова кардани ду ҳаракати тағйирёбандаро бо интерференсияи дар ин ҳолат рухдода инъикос мекунад. Ҳақиқатан, дар марҳилаҳои аввали инкишофи худ тригонометрия воситаи ҳалли ҳисобкунии масъалаҳои геометрӣ будааст.

Илми тригонометрия, албатта, на дар як вақт ба вуҷуд омадаю рушду нуму кардааст. Он марҳилаи зиёди рушдро паси сар намудааст. Мафҳумҳои асосӣ, ки асоси ин бахши илми математикаро ташкил медиҳанд, низ якбора пайдо нашудаанд. Ҳамин тариқ, мафҳуми «синус» таърихи пайдоиши хеле тулонӣ дорад. Истифодаи муносибатҳои гуногуни сегонаҳо ва даврaҳо ҳанӯз дар асарҳои илмии асрҳои III-и то мелод пайдо шудааст.

Корҳои олимони бузурги қадим Евклид, Архимед, Апполоний Пергский, аввалин таҳқиқоти ин таносубҳоро дар бар мегирифтанд. Кашфиётҳои нав такмилдиҳии муайяни истилоҳотҳоро талаб мекарданд. Аз ин рӯ, олими ҳиндӣ Ариабхата ба хорда номи «ҷива»-

ро медиҳад, ки маънои «тетива лука»-ро дорост. Вақте ки матнҳои математикии арабӣ ба лотинӣ тарҷума мешуданд, ин истилоҳро бо синус (яъне каҷкунӣ) иваз кардаанд. Калимаи «косинус» хеле дертар пайдо шуд. Ин истилоҳ варианти кӯтоҳшудаи ибораи лотинии «синуси иловагӣ» мебошад. Пайдоиши тангенсҳо бо тафсири масъалаи муайян кардани дарозии соя алоқамандӣ дорад. Истилоҳи «тангенс» дар асри X аз ҷониби математики араб Абул Вафо ҷорӣ гардида аввалин ҷадвалҳоро барои муайян кардани тангенсҳо ва котангенсҳо тартиб додааст. Аммо олимони аврупоӣ аз ин дастовардҳо бехабар буданд. Математик ва астрономи олмонӣ Регимонтан ин мафҳумҳоро соли 1467 аз нав кашф мекунад. Далели назарияи тангенсҳо хидмати Абул Вафо буда, ин истилоҳро ҳамчун «марбут» тарҷума мекунанд.

Омӯзиши курси тригонометрия иштироки принсипи визуалии андӯхтанро дар назар дорад, зеро истифодаи давраи воҳидӣ ва инчунин графикҳои функсияҳои тригонометрӣ ба узвҳои биниш ҳамчун аёният мусоидат мекунанд. Хотирнишон бояд кард, ки аёниятро на танҳо ҳангоми тасвири мавзуи нав, балки ҳангоми супоридани кори мустақилона ва ниммустақилона ҳам ба таври васеъ истифода бурда метавонем. Хонандагон метавонанд сарчашмаи донишҳои навро мустақилона ҷустуҷӯ кунанд ва корҳои ҷустуҷӯӣ ва тадқиқотиро ба роҳ монда, дар заминаи онҳо ташаккул ёбанд.

Воситаҳои аёнии муосири таълим ба ташаккули тасаввуроти равонӣ ва дурусти мавзуъҳои омӯхташуда мусоидат мекунанд. Минбаъд принсипи таълими системанокро муайян менамоем. Принсипи мазкур дар омӯзиши ин мавзуъ яке аз нақшҳои муҳимро мебозад. Ҳангоми омӯзиши ҳама гуна маълумот, натиҷаи заруртарин ва дурусттарин дастрас хоҳад буд, агар байни омӯзиши он сарфаи вақт амалӣ гардад. Агар шумо фосилаи танаффуси калон гиред, малакаҳо тадриҷан аз байн мераванд, хонандагон тадриҷан бо монеа дучор мешаванд. Барои он ки раванди омӯзиши ин мавзуъ коста нашавад, принсипи системанокӣ ва пайдарпай дар таълим бояд амалӣ шавад. Ҷанбаи дигари омӯзиши дуруст принсипи дастрасӣ ба таълим мебошад. Он ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон, инчунин ташкили раванди дидактикӣ иртибот дорад. Принсипи пешниҳодшуда ба омилҳои зерин асос ёфтааст: амалисозии дастрасии таълим бо хусусиятҳои синнусолии хонандагон алоқаманд буда, аз қобилиятҳои инфиродии ҳар як шахс вобаста аст ва ҳалли онро бояд арзёбӣ намоем. Самаранокии таълим инчунин аз интихоби методҳои таълим ва ташкили раванди таълим вобаста аст.

Ҳангоми ташкили раванди таълим оид ба ин мавзуъ, пайвастани робитаҳо байни тригонометрия ва дигар фанҳо, хеле муҳим аст. Маҳз дар ҳолате, ки ду раванд бо ҳам алоқаманданд, раванди таълим ва натиҷаи ниҳоӣ бо ҳам тавъам мегарданд. Ба натиҷаи хуб умедвор шудан ғайриимкон аст, агар бо дархости омӯзгор барои расонидани маълумот, хонанда онро дарк накунад, дар мубоисаҳо иштирок накунад ва ташаббускорӣ нишон надиҳад. Дар ин маврид бояд гуфт, ки масъалаи фикрронию мулоҳизарониҳо ба миён омадаанд.

Рушди фаъолияти фикрронӣ низ дар раванди таълим хеле муҳим аст. Хонандагони фаъол одатан танҳо барои пурра фаҳмидани мавод саволҳои одӣ медиҳанд. Одамони фаъолияташон *сust* ҳатман хомӯширо риоя менамоянд, то таваҷҷуҳи омӯзгорро бори дигар ба худ ҷалб накунанд. Дар раванди кор оид ба мавзуи нав, чизи номаълумро бо чизи маълум мантиқан робитанок кардан лозим аст ва ҳамзамон, ҳар як қоида ва тасдиқотро бо мисолҳо асоснок намуда, чудокунии омӯзиши маводи асосӣ ва дуюмдараҷа ҳатмист. Дар тадқиқоти Митенева С.Ф. [19] таҳлили андешаҳо оид ба омӯзиши хусусиятҳои психологии раванди ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ пешниҳод шуда, марҳилаҳои раванди фикрронӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳо омӯхта шудаанд, методҳои умумии фаъолияти фикрӣ инъикос гардида, имкониятҳои идоракунии педагогии фаъолияти фикрронии хонандагон баррасӣ шудаанд. Як зумра тадқиқоти методӣ, ки ба масъалаҳои омӯзиши хонандагон оид ба ҳалли масъалаҳои математикии ғайристандартӣ ва истифодаи онҳо дар таълими математика бахшида шудаанд, ин корҳои Т. Н.Миракова [8], Т. В. Пивоварук [21], И. П. Буслаева [1], В. В. Дрозина, В. Л. Дилман [19], Маҳкамов М., Аминов Н., Авезов Р. [17] мебошанд. Ҳамзамон бояд гуфт, ки таҳсилоти муосир имтиҳони математикии сатҳи касбиро дар бар мегирад, яъне хонандагон бояд бо масъалаи ғайристандартӣ рӯ ба рӯ

шаванд, аз ин рӯ салоҳиятҳои ҳалли онҳо барои муваффақона супоридани имтиҳон зарур аст. Ба ин масъала Галкин Е.В. [4] диққати асосиро равона намудааст.

Ҳадафи мақолаи мазкур таъсири раванди ҳалли масъалаҳои математикии ғайристандартӣ ба рушди салоҳиятҳои эҷодии хонандагон зимни ҳалли масъалаҳои озмунӣ мебошад. Масъалаҳои баррасӣ:

1. Шинос шудан бо мафҳуми «масъалаи ғайристандартӣ» тавассути таҳлили манбаъҳои гуногуни таҳқиқи он.

2. Омӯзиши ҷанбаҳои робитаи раванди ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ бо рушди фаъолияти эҷодӣ.

3. Омӯзиши равишҳои методии таълими ҳалли масъалаҳои математикии ғайристандартӣ.

4. Таҳияи *маводҳои* методӣ барои дарсҳои маҳфилӣ оид ба ҳалли масъалаҳои математикии ғайристандартӣ, аз ҷумла проблемагузорӣ.

5. Омӯзиши раванди рушди салоҳиятҳои ҳалли масъала.

Масалан, Ю. М.Колягин [12] масъалаи ғайристандартиро чунин муайян мекунад: «масъалаи ғайристандартӣ масъалаест, ки ҳалли он барои хонанда занҷири маъмули амалҳои маълум нест» ва бо ин нисбӣ будани ин мафҳумро таъкид мекунад.

Дар кори худ «Чӣ гуна ҳалли масъаларо омӯхтан мумкин аст?» [25] Л.М. Фридман ва Е. Н.Туретский чунин таърифи масъалаи ғайристандартиро пешниҳод мекунанд масъалаҳои ғайристандартӣ масъалаҳое мебошанд, ки дар курси математика алгоритмҳо ва қонунҳои умумие надоранд, ки нишондоди алгоритмии дақиқи ҳалли онҳоро муайян кунанд. Инчунин, масъалаи ғайристандартӣ чунин аст, ки ҳангоми ҳалли он хонанда роҳи ҳалли онро намедонад ва мавриди ҳал кардани он ба ягон маводи таълимӣ такя кардан лозим меояд. Дар сарчашмаи [8, с.8] В. В. Дрозин, В. Л. Дилман моҳияти масъалаҳои математикиро, аз ҷумла масъалаҳои ғайристандартиро ошкор мекунанд. Марому мақсад ба даст овардани ҳалли он мебошад. Масъалаи математикӣ масъалаест, ки ҳалли худро дар асоси малака ва донишҳои муайяни математикӣ, инчунин рушди ҷанбаҳои мантиқии фаъолияти фикрӣ талаб мекунад. «Масъалаи ғайристандартӣ» бо методи зерин тавсиф карда мешавад: «Масъалаи ғайристандартӣ масъалаест, ки ибтидои эҷодӣ ва ифодагари дониши нав мебошад, ки бо методҳои муқаррарӣ ҳалли онро дарёфтан ғайриимкон аст. Ин гуна масъалаҳо ҷустуҷӯйи роҳҳои ғайримуқаррарии ҳалли худро талаб мекунанд.

Г. В. Дорофеев, М.К. Потапов, Н. Х. Розов [7] ва Маҳкамов М., Аминов Н., Авезов Р. [17] қайд кардаанд, ки якчанд намуди масъалаҳои ғайристандартӣ мавҷуданд. Масалан, баъзе масъалаҳо хеле ғайриодӣ ба назар мерасанд, аз ин рӯ дар аввал чӣ гуна ба онҳо муносибат кардан комилан маълум нест. Дигарон пардапӯшона гуфтаанд: дар назари аввал, ин муодилаи квадратии стандартӣ аст, аммо бо методи одӣ он ҳал намешавад. Барои ҳалли навъи сеюм тафаккури мантиқии возеҳ ва нозук лозим аст. Чунин «масъалаи ғайристандартӣ» ба фарҳанги баланди мантиқӣ, зиракии муайян, омодагии психологӣ ва инчунин ба идоракунии озоди бахшҳои гуногуни математика ниёз доранд! Аммо, онҳо аз доираи барномаи мактабӣ берун нестанд.

Бо вуҷуди он ки таснифоти умумии масъалаҳои ғайристандартӣ вуҷуд надорад, Б. А. Кордемский [13, с. 7] намудҳои зерини масъалаҳои ғайристандартиро ҷудо кардааст:

Масъалаҳои марбут ба курси математикаи мактабӣ, аммо сатҳи баланди мураккабӣ (масъалаҳои олимпиада) доранд. Онҳо ба хонандагоне, ки ба математика шавқу завқ доранд, пешниҳод гардида, масъалаҳои бо бахши муайяни барномаи мактабӣ алоқамандбударо дар бар мегиранд. Машқҳои дахлдор маводи таълимиро амиқтар карда, муқаррароти курси мактабиро ҷамъбаст ва пурра мегардонанд, малакаҳои ҳалли масъалаҳои мураккабро инкишоф медиҳанд, ҷаҳонбинии математикиро васеъ мекунанд.

- Масъалаҳои намуди шавқовари математикӣ. Онҳо ба барномаи мактабӣ мустақиман алоқаманд нестанд ва омодагии ҷиддии математикиро дар бар намегиранд. Ин намуд масъалаҳое бо ҳалли душвор ва ҳатто то ҷое, ки то ҳол ҳалли худро надоранд, дар бар мегирад. «Масъалаҳои ғайристандартӣ, ки ба таври ҷолиб пешниҳод шудаанд, лаҳзаи эҳсосотиро ба фаъолиятҳои равонӣ меоранд. Онҳо ба зарурияти истифодаи алгоритмҳо ва методҳои азбаршуда барои ҳалли онҳо алоқаманд нестанд, онҳо талаб

мекунанд, ки ҳамаи донишҳои захиравиро равона созанд ба ҷустуҷӯйи роҳҳои хосси ҳалли ғайристандарӣ одат кунонанд, санъати ҳалли худро бо мисолҳои зебо ғанӣ гардонанд.

Масъалаҳои ғайристандартӣ як қисми таркибии омӯзиши математика мебошанд. Инҳо функсияҳои тарбиявӣ, маълумотдиҳӣ ва рушддиҳӣ доранд. Д. Пойа [20] чунин қайд кардааст: «Масъалаҳои ғайристандартӣ метавонанд ба рушди зеҳнии хонанда мусоидат кунанд, ки ин дар бораи масъалаҳои стандартӣ гуфта намешавад». Инчунин, дар бораи аҳаммияти муҳимми масъалаҳои ғайристандартӣ дар таълими математика А. А.Столяр [24, с. 190] чунин гуфтааст: «Сухан дар бораи масъалаҳои ғайристандартӣ меравад, ки зарурати ҷустуҷӯйи ҳалли масъала, истифодаи методҳои гуногуни эвристикиро ба миён меоранд. Маҳз чунин масъалаҳо зеҳнро зери шубҳа гузошта, онро рушд медиҳанд. Ғайр аз ин, онҳо масъалаҳои тарбиявӣ, назоратӣ ва арзёбиро дар бар мегиранд. Агар мо раванди таълими масъалаҳои ғайристандартиро алоҳида баррасӣ кунем, сифатҳое, ба монанди устуворӣ, истодагарӣ, фидокорӣ, масъулият танҳо барои истифодаи оқилонаи фаъолияти худ заруранд, зеро ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ вақти зиёд ва меҳнати зеҳниро талаб мекунад. Масъалаи мустақилона ҳалшуда, тақвияти мусбати эҳсосиро барои ҳавасмандгардонии минбаъдаи фаъолияти таълимӣ медиҳад.

Ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ фаъолияти хонандагонро беҳтар менамояд. Василева Г.Н. чунин қайд кардааст: «Агар масъалаи рушди шахс дар раванди таълим, аз ҷумла математика гузошта шавад, пас ин раванд бояд фаъолият дар маънои аслии ин калима бошад» [2]. Хонандагон онро ба тартиб дароварда, муқоиса мекунанд, хулоса мебароранд, таҳлил мекунанд, ки ин ба азхудкунии огоҳонаи дониш мусоидат мекунад.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, масъалаҳои ғайристандартӣ ҳам барои дарсҳо ва ҳам корҳои беруназдарсӣ аҳаммияти бештар доранд. Аксар вақт ин гуна масъалаҳо дар олимпиадаҳо пешниҳод мешаванд, зеро онҳо имконият медиҳанд, ки натиҷаҳо ва салоҳиятҳо ва қобилиятҳои ҳар як иштирокчӣ воқеан арзёбӣ мешаванд. Ин масъалаҳо бояд ҳамчун супоришҳои инфиродӣ барои он хонандагоне, ки бештар мустақилият дар дарсҳои математика зоҳир менамоянд ва ба осонӣ ичро мекунанд ё онҳое, ки мехоҳанд омодагии математикии худро мустақилона арзёбӣ кунанд, бомуваффақият истифода шаванд. Бо ҳалли чунин масъалаҳо, хонандагон рушди зеҳнӣ ва омодагӣ ба фаъолияти сатҳи баланди амалиро ба даст меоранд.

Тавре ки В. В. Дрозина ва В. Л. Дилман иброз менамоянд [8], дар аксари маҷмуаҳои масъалаҳои математикии ғайристандартӣ, методи ҳалли онҳо дар беҳтарин ҳолат баррасӣ карда мешавад, аммо асосан ҳалли муаллифӣ пешниҳод карда мешавад ва марҳилаҳои раванди фикрии ҳалли ин намуди масъалаҳо тамоман тавсиф карда намешаванд. Албатта, дар маҷмуаҳои масъалаҳо барои хонандагон чунин тафаккур лозим нест, аммо барои ташкилкунии таҳсилоти математикӣ, омӯзгорон ва методистон фаҳмидани моҳияти равандҳои фикрӣ, ки бо ҳалли масъалаҳо алоқаманданд, махсусан, ки хусусияти алгоритмӣ надоранд, муфид хоҳад буд. Барои омӯзгор амалияи фаҳмидани он ки чӣ гуна ба хонандагон оид ба дарки ҳолати масъала ва ёфтани роҳҳои ҳалли онҳо кумак кардан муфид аст. Барои ҳалли бомуваффақияти ин проблемаи методӣ, тавре ки қайд карда шуд, [8] истифодаи назарияҳои педагогӣ, психологӣ ва албатта, таҷрибаи эҷодии худ мусоидат менамояд.

Ба ақидаи В. В. Дрозина ва В. Л. Дилман [8] розӣ шуда, метавон қайд кард, ки раванди ҳалли масъалаи ғайристандартӣ хусусияти эҷодӣ дорад, аз ин рӯ, фаҳмидани сохтори фаъолияти эҷодӣ муфид аст. Бинобар ин, бо назардошти он, ки қариб дар ҳар як намуди фаъолият, элементи эҷодӣ вуҷуд дорад, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки донистани намунаҳои фаъолияти эҷодӣ ба омӯзгор ёрии амалӣ мерасонад, ки масъалаҳои тарбияи шахсияти (қобилияти) кӯдаконро беҳтар фаҳмад ва инчунин бештар хоҳиши ҳалли масъалаҳои математикии ғайристандартиро дошта бошад. Зимни таҳия ва таҳқиқоти гуногуни (сершумори) сохтори раванди эҷодӣ, бояд қайд кард, ки худи ҷараёни кори эҷодӣ ба марҳилаҳои муайян тақсим карда мешавад. Дар ин ҷода тадқиқоти Р. А. Пономарев, Л. Б. Ителсон, М. Г. Гарунов ва ғайра шаҳодат медиҳанд.

Р. А. Пономарев [23] чунин марҳилаҳоро таъкид мекунад:

1) марҳилаи омодагӣ; 2) марҳилаи камолот; 3) марҳилаи илҳом; 4) марҳилаи рушди ғоя, бақайдгирии ниҳоӣ ва санҷиши он.

М. Г. Гарунов [3] инро ба панҷ марҳила тақсим менамояд:

1) марҳилаи шиносоӣ; 2) марҳилаи ҷустуҷӯ; 3) марҳилаи зудамалӣ-реконструктивӣ; 4) марҳилаи гуногун; 5) марҳилаи назоратӣ. Бояд гуфт, ки ҳангоми баррасии раванди ҳалли масъала дар маҷмуъ ҳамаи намунаҳо баррасӣ карда мешаванд.

Л. М. Фридман, Е. Н. Туретский ва дигарон [25] ин равандро ба ҳашт марҳила мансуб медонанд: 1) таҳлили масъала; 2) навиштани схемавии масъала; 3) ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли он; 4) иҷрои ҳалли масъала; 5) санҷиши ҳалли он; 6) омӯзиши масъала; 7) таҳияи ҷавоби масъала; 8) таҳлили ҳалли масъалаи иҷрошуда. Тавре ки мо мушоҳида намудем, сохтори раванди ҳалли масъала бо раванди эҷодӣ маъмулан ҳамбастагӣ доранд. Хулоса, ҷамъбасти марҳилаҳои фаъолияти эҷодӣ чунинанд:

1) гузориши масъала, салоҳияти дарки масъала;

2) мубрамияти донишҳои захиравӣ (таҷрибаи шахсӣ ё таҷрибаи дар адабиёти махсус ҷамъбастшуда) барои таҳияи фарзия, муайян кардани роҳҳои ҳалли масъала;

3) мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои махсус, ҷамъбасти онҳо дар шакли хулосаҳо ва фарзияҳо;

4) тақвияти андешаҳо дар шакли сохторҳои математикӣ, графикӣ, предметӣ;

5) санҷиши натиҷаҳои пайдарпайии алгоритми ҳалли пайдошуда.

Ин марҳилаҳо раванди эҷодкорӣ ва махсусан равандҳои ҳалли масъаларо инъикос мекунанд. Барои ноил шудан ба сатҳи муосири таҳсилоти математикӣ, аҳаммияти корҳои беруназдарсӣ бояд ба назар гирифта шавад, зеро дар якҷоягӣ бо курси ҳатмӣ, фаъолияти беруназдарсӣ барои татбиқи пурраи ҳадафҳои амалӣ, таълимӣ, таҳсилоти умумӣ ва рушди таълим шароит фароҳам меорад [3, с. 18].

Мо масъалаҳои ғайристандартиро дар дарсҳои иловагии математика бо мақсади рушди эҷодкорӣ ва баланд бардоштани таваҷҷуҳ ба математика интихоб ва амалӣ намудаем. Пас аз гузаронидани корҳои таҷрибавӣ - ҷустуҷӯйӣ, ки дар давоми ним сол гузаронида шуд, хонандагони синфи нуҳум бисёр нишондиҳандаҳои салоҳиятҳои математикӣ беҳтар шуданд. Тафаккури мантиқӣ, қобилияти абстрактӣ вусъат ёфт.

Хонандагон дарк намуданд, ки масъалаҳои ғайристандартӣ чунин масъалаҳое мебошанд, ки барои ҳалли онҳо муносибати ғайриодӣ ва бештар эҷодӣ талаб карда мешавад. Ҳалли масъалаҳои намуди ғайристандартӣ фаъолияти хеле душворро тақозо мекунад, ки ба тафаккури махсус, таҳқиқот**,** қувваи руҳ, қавиродагӣ, ки аз ғоя ва маънои фаҳмидани чизе илҳом гирифтааст, ниёз дорад. Баъзан барои ҳалли чунин масъалаҳо маълумоти ҳадди ақал аз курси математикаи мактабӣ талаб карда мешавад, аммо мантиқ, зиракӣ ва кунҷковӣ зарур хоҳад буд.

Ҳамин тавр, роҳҳои гуногун барои фаҳмидани масъалаҳои ғайристандартӣ мавҷуданд, аммо роҳи пешбаранда, роҳи таҳқиқи масъала аст, мо кӯшиш кардем, ки инро бо мисоли мушаххас нишон диҳем. Аллакай дар синфҳои ибтидоӣ барои рафтори эҷодкорӣ замина гузоштан лозим аст, зеро кӯдакон ҷаҳони атрофро нозуктар эҳсос мекунанд. Баъзе методистон андеша доранд, ки ҳангоми омӯзиши математика, муносибати эҷодӣ талаб карда намешавад, балки бояд тафаккури дақиқ, такрори ҷадвали зарбкунӣ, салоҳияти таҳияи схемаҳои асосноккунии ҳалли масъалаҳои гуногунро омӯзонем. Аммо математика пеш аз ҳама, як навъи аслии тафаккур, қобилияти дидан ва фаҳмидани ҷаҳони атроф аст. Тафаккури мантиқии математикиро бояд аз хурдӣ инкишоф дод, ки ба қобилияти фикрронии ғайриодии кӯдакон мусоидат намояд.

Қобилияти ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ ба сифатҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад: устуворӣ, сабр, ирода ва ғ. Нақши масъалаҳои ғайристандартӣ назаррас аст. Онҳо имконият медиҳанд, ки тамоми силсилаҳои воситаҳои математикаи одиро фаъолона истифода баранд, ғояҳо ва далелҳои гуногунро муттаҳид кунанд ва инчунин ба хонандагон ҳангоми супоридани имтиҳони марказонидаи дохилшавӣ кумак расонанд. Чунин масъалаҳо воситаи боэътимоди назорат ва санҷиши амиқ ва устувории донишҳои хонандагон ва маънии онҳо, қобилияти дар амал татбиқ кардани донишҳои бадастомада мебошанд [14].

Бо назардошти корҳои баанҷомрасида, яъне қисми таҷрибавӣ, метавон хулоса бароварда, ки таҷдиди назари математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ талаб карда мешавад ва ин назарбинӣ бояд дархостҳои инфиродии таълимӣ ва имкониятҳои

гурӯҳҳои гуногуни мақсадноки хонандагонро ба назар гирад. Хонандагонро бо маводи ҷолиби математикӣ шинос кардан ва ба кори мунтазами мустақилона одат кардан лозим аст.

Акнун табдилоти ифодаҳои тригонометриро дида мебароем, ки ба масъалаҳои ғайристандартӣ шомиланд ва нақшаи (схемаи) ҳалли онҳоро таҳия менамоем.

Масъалаи 1. Қимати ифодаи зеринро ҳисоб мекунем: $\sin^2\frac{\pi}{7}\cdot\sin^2\frac{2\pi}{7}\cdot\sin^2\frac{3\pi}{7}$.

Ҳал. Барои ҳисоб намудани қимати ифодаи додашуда алгоритми зеринро амалӣ месозем. Мавриди ҳисоб намудани ифодаи додашуда, аз методи дохил намудани тағйирёбандаи нав истифода мекунем. Бигузор $\sin\frac{\pi}{7}\cdot\sin\frac{2\pi}{7}\cdot\sin\frac{3\pi}{7}=x$ ва $\cos\frac{\pi}{7}\cdot\cos\frac{2\pi}{7}\cdot\cos\frac{3\pi}{7}=y$ бошад. Акнун ҳосили зарби ин ифодаҳоро меёбем:

$$xy=\sin\frac{\pi}{7}\cdot\sin\frac{2\pi}{7}\cdot\sin\frac{3\pi}{7}\cdot\cos\frac{\pi}{7}\cdot\cos\frac{2\pi}{7}\cdot\cos\frac{3\pi}{7}.$$

Барои он ки дар тарафи рости ифодаи ҳосилшуда, формулаи синуси кунҷи дучандаро татбиқ кунем, ҳарду тарафи онро ба 8 зарб намуда, онро ба намуди зерин менависем:

$$8xy=\left(2\sin\frac{\pi}{7}\cdot\cos\frac{\pi}{7}\right)\cdot\left(2\sin\frac{2\pi}{7}\cdot\cos\frac{2\pi}{7}\right)\cdot\left(2\sin\frac{3\pi}{7}\cdot\cos\frac{3\pi}{7}\right).$$

Акнун дар тарафи рости ифода, формулаи синуси кунҷи дучандаро татбиқ мекунем:

$$8xy=\sin\frac{2\pi}{7}\cdot\sin\frac{4\pi}{7}\cdot\sin\frac{6\pi}{7}.$$

Дар тарафи рости ифодаи мазкур, формулаи мувофиқовариро татбиқ мекунем:

$$8xy=\sin\frac{2\pi}{7}\cdot\sin\left(\pi-\frac{3\pi}{7}\right)\cdot\sin\left(\pi-\frac{\pi}{7}\right);\quad 8xy=\sin\frac{2\pi}{7}\cdot\sin\frac{3\pi}{7}\cdot\sin\frac{\pi}{7}\qquad(1)$$

Акнун қимати x-ро ба тарафи чапи муодилаи (1) мегузорем:

$$8\sin\frac{\pi}{7}\cdot\sin\frac{2\pi}{7}\cdot\sin\frac{3\pi}{7}\cdot y=\sin\frac{2\pi}{7}\cdot\sin\frac{3\pi}{7}\cdot\sin\frac{\pi}{7}.\qquad(2)$$

Ҳар ду тарафи ифодаи (2)-ро ба ададҳои доимӣ тақсим намуда, пайдо мекунем: $y=\frac{1}{8}$.

Пас, $\cos\frac{\pi}{7}\cdot\cos\frac{2\pi}{7}\cdot\cos\frac{3\pi}{7}=y=\frac{1}{8}$ мешавад. Дар ин ифода, гузоришҳои зеринро татбиқ мекунем:

$$\cos\frac{\pi}{7}=a;\ \cos\frac{2\pi}{7}=b;\ \cos\frac{3\pi}{7}=c.$$

Пас, $y=\cos\frac{\pi}{7}\cdot\cos\frac{2\pi}{7}\cdot\cos\frac{3\pi}{7}=abc=\frac{1}{8}$ мешавад. Яъне, $abc=\frac{1}{8}$ гардид.

Мувофиқи шарт, $x^2=\sin^2\frac{\pi}{7}\cdot\sin^2\frac{2\pi}{7}\cdot\sin^2\frac{3\pi}{7}$ мебошад. Акнун ҳарду тарафи ин баробариро ба 8 зарб мекунем:

$$8x^2=8\sin^2\frac{\pi}{7}\cdot\sin^2\frac{2\pi}{7}\cdot\sin^2\frac{3\pi}{7}.$$

Акнун дар ифодаи ҳосилшуда, формулаи паст кардани дараҷаро истифода мебарем:

$$8x^2=8\cdot\frac{1-\cos\frac{2\pi}{7}}{2}\cdot\frac{1-\cos\frac{4\pi}{7}}{2}\cdot\frac{1-\cos\frac{6\pi}{7}}{2};$$

$$8x^2=\left(1-\cos\frac{2\pi}{7}\right)\left(1-\cos\frac{4\pi}{7}\right)\left(1-\cos\frac{6\pi}{7}\right);$$

$$8x^2=\left(1-\cos\frac{2\pi}{7}\right)\left(1-\cos\left(\pi-\frac{3\pi}{7}\right)\right)\left(1-\cos\left(\pi-\frac{\pi}{7}\right)\right);$$

$$8x^2 = \left(1 - \cos\frac{2\pi}{7}\right)\left(1 - \cos\left(\pi - \frac{3\pi}{7}\right)\right)\left(1 - \cos\left(\pi - \frac{\pi}{7}\right)\right);$$

$$8x^2 = \left(1 - \cos\frac{2\pi}{7}\right)\left(1 + \cos\frac{3\pi}{7}\right)\left(1 + \cos\frac{\pi}{7}\right).$$

Ба тағйирёбандаи ёрирасон мегузарем: $8x^2 = (1-b)(1+c)(1+a)$.
Қавсҳоро бо ҳам зарб мекунем:

$$8x^2 = 1 + a - b + c + ac - ab - bc - abc;$$

$$8x^2 = 1 + a - b + c + ac - ab - bc - \frac{1}{8};$$

$$8x^2 = \frac{7}{8} + a - b + c + ac - ab - bc \qquad (3)$$

Азбаски $ac - ab - bc = \frac{1}{2}(2ac - 2ab - 2bc)$ аст, пас ҳосил мекунем:

$$ac - ab - bc = \frac{1}{2}(2ac - 2ab - 2bc) =$$

$$= \frac{1}{2}\left(2\cos\frac{\pi}{7}\cos\frac{3\pi}{7} - 2\cos\frac{\pi}{7}\cos\frac{2\pi}{7} - 2\cos\frac{2\pi}{7}\cos\frac{3\pi}{7}\right) =$$

$$= \frac{1}{2}\left(\cos\frac{4\pi}{7} + \cos\frac{2\pi}{7} - \cos\frac{3\pi}{7} - \cos\frac{\pi}{7} - \cos\frac{5\pi}{7} - \cos\frac{\pi}{7}\right) =$$

$$= \frac{1}{2}\left(-\cos\frac{3\pi}{7} + \cos\frac{2\pi}{7} - \cos\frac{3\pi}{7} - \cos\frac{\pi}{7} + \cos\frac{2\pi}{7} - \cos\frac{\pi}{7}\right) =$$

$$= \frac{1}{2}\left(2\cos\frac{2\pi}{7} - 2\cos\frac{3\pi}{7} - 2\cos\frac{\pi}{7}\right) = \frac{1}{2}\cdot 2\left(\cos\frac{2\pi}{7} - \cos\frac{3\pi}{7} - \cos\frac{\pi}{7}\right) = b - a - c.$$

Ҳамин тавр, $ac - ab - bc = b - a - c$ гардид. Ин қиматро ба баробарии (3) мегузорем:

$8x^2 = \frac{7}{8} + a - b + c + b - a - c$; $8x^2 = \frac{7}{8}$;

$x^2 = \frac{7}{64}$ ё ин ки $\sin^2\frac{\pi}{7}\cdot\sin^2\frac{2\pi}{7}\cdot\sin^2\frac{3\pi}{7} = \frac{7}{64}$ мешавад. **Ҷавоб:** $\frac{7}{64}$.

Масъалаи 2. Ҳисоб мекунем: $\sin\frac{\pi}{64}\cdot\sin\frac{3\pi}{64}\cdot\sin\frac{5\pi}{64}\cdot\sin\frac{7\pi}{64}\cdot\ldots\cdot\sin\frac{29\pi}{64}\cdot\sin\frac{31\pi}{64}$.

Ҳал. Миқдори узвҳои ифодаи матлубро ҳисоб мекунем. Узви якуми он ба $a_1 = \frac{\pi}{64}$, узви n-ум ба $a_n = \frac{31\pi}{64}$ ва фарқи он ба $d = \frac{3\pi}{64} - \frac{\pi}{64} = \frac{2\pi}{64} = \frac{\pi}{32}$ баробар аст. Пас, $\frac{31\pi}{64} = \frac{\pi}{64} + (n-1)\cdot\frac{\pi}{32}$ мешавад. Ҳарду тарафи муодилаи ҳосилшударо ба $\frac{64}{\pi}$ зарб намуда, қимати n-ро меёбем:

$31 = 1 + 2(n-1)$; $2(n-1) = 30$; $n - 1 = 15$ ё ин ки $n = 16$.

Пас, миқдори узвҳои ифодаи додашуда ба 16-то баробар аст. Бинобар ин, ифодаҳои 1-ум ва 16-ум, 2-юм ва 15-ум, 3-юм ва 4-ум, ..., 8-ум ва 9-уми ифодаи додашударо гурӯҳбандӣ карда, қадамҳои (амалиётҳои) мувофиқро бо $A_1, A_2, A_3, A_4, A_5, A_6, A_7$ ва A_8 ишора мекунем:

$$= \underbrace{\sin\frac{\pi}{64}\cdot\sin\frac{31\pi}{64}}_{A_1}\cdot\underbrace{\sin\frac{3\pi}{64}\cdot\sin\frac{29\pi}{64}}_{A_2}\cdot\underbrace{\sin\frac{5\pi}{64}\cdot\sin\frac{27\pi}{64}}_{A_3}\cdot\ldots\cdot\underbrace{\sin\frac{15\pi}{64}\cdot\sin\frac{17\pi}{64}}_{A_8} =$$

Акнун $A_1, A_2, A_3, A_4, A_5, A_6, A_7$ ва A_8-ро сода мекунем:

Қадами якум: $A_1 = \sin\frac{\pi}{64}\cdot\sin\frac{31\pi}{64} = \sin\frac{\pi}{64}\cdot\sin\frac{32\pi - \pi}{64} = \sin\frac{\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{32\pi}{64} - \frac{\pi}{64}\right) =$

$$= \sin\frac{\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{\pi}{64}\right) = \sin\frac{\pi}{64}\cdot\cos\frac{\pi}{64} = \frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{\pi}{64}\cdot\cos\frac{\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{2\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{\pi}{32};$$

Қадами дуюм: $A_2 = \sin\frac{3\pi}{64}\cdot\sin\frac{29\pi}{64} = \sin\frac{3\pi}{64}\cdot\sin\frac{32\pi-3\pi}{64} = \sin\frac{3\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{32\pi}{64}-\frac{3\pi}{64}\right) =$

$$= \sin\frac{3\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{3\pi}{64}\right) = \sin\frac{3\pi}{64}\cdot\cos\frac{3\pi}{64} = \frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{3\pi}{64}\cdot\cos\frac{3\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{6\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{3\pi}{32};$$

Қадами сеюм: $A_3 = \sin\frac{5\pi}{64}\cdot\sin\frac{27\pi}{64} = \sin\frac{5\pi}{64}\cdot\sin\frac{32\pi-5\pi}{64} = \sin\frac{5\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{32\pi}{64}-\frac{5\pi}{64}\right) =$

$$= \sin\frac{5\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{5\pi}{64}\right) = \sin\frac{5\pi}{64}\cdot\cos\frac{5\pi}{64} = \frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{5\pi}{64}\cdot\cos\frac{5\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{10\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{5\pi}{32};$$

Қадами чорум: $A_4 = \sin\frac{7\pi}{64}\cdot\sin\frac{25\pi}{64} = \sin\frac{7\pi}{64}\cdot\sin\frac{32\pi-7\pi}{64} = \sin\frac{7\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{32\pi}{64}-\frac{7\pi}{64}\right) =$

$$= \sin\frac{7\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{7\pi}{64}\right) = \sin\frac{7\pi}{64}\cdot\cos\frac{7\pi}{64} = \frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{7\pi}{64}\cdot\cos\frac{7\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{14\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{7\pi}{32};$$

Қадами панҷум: $A_5 = \sin\frac{9\pi}{64}\cdot\sin\frac{23\pi}{64} = \sin\frac{9\pi}{64}\cdot\sin\frac{32\pi-9\pi}{64} = \sin\frac{9\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{32\pi}{64}-\frac{9\pi}{64}\right) =$

$$= \sin\frac{9\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{9\pi}{64}\right) = \sin\frac{9\pi}{64}\cdot\cos\frac{9\pi}{64} = \frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{9\pi}{64}\cdot\cos\frac{9\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{18\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{9\pi}{32};$$

Қадами шашум: $A_6 = \sin\frac{11\pi}{64}\cdot\sin\frac{21\pi}{64} = \sin\frac{11\pi}{64}\cdot\sin\frac{32\pi-11\pi}{64} = \sin\frac{11\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{32\pi}{64}-\frac{11\pi}{64}\right) =$

$$= \sin\frac{11\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{11\pi}{64}\right) = \sin\frac{11\pi}{64}\cdot\cos\frac{11\pi}{64} = \frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{11\pi}{64}\cdot\cos\frac{11\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{22\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{11\pi}{32};$$

Қадами ҳафтум: $A_7 = \sin\frac{13\pi}{64}\cdot\sin\frac{19\pi}{64} = \sin\frac{13\pi}{64}\cdot\sin\frac{32\pi-13\pi}{64} = \sin\frac{13\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{32\pi}{64}-\frac{13\pi}{64}\right) =$

$$= \sin\frac{13\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{13\pi}{64}\right) = \sin\frac{13\pi}{64}\cdot\cos\frac{13\pi}{64} = \frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{13\pi}{64}\cdot\cos\frac{13\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{26\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{13\pi}{32};$$

Қадами ҳаштум: $A_8 = \sin\frac{15\pi}{64}\cdot\sin\frac{17\pi}{64} = \sin\frac{15\pi}{64}\cdot\sin\frac{32\pi-15\pi}{64} = \sin\frac{15\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{32\pi}{64}-\frac{15\pi}{64}\right) =$

$$= \sin\frac{15\pi}{64}\cdot\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{15\pi}{64}\right) = \sin\frac{15\pi}{64}\cdot\cos\frac{15\pi}{64} = \frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{15\pi}{64}\cdot\cos\frac{15\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{30\pi}{64} = \frac{1}{2}\sin\frac{15\pi}{32}.$$

Қадами нуҳум. Ҳисоб кардани ҳосили зарби натиҷаҳои ҳосилшуда:

$$A_1\cdot A_2\cdot A_3\cdot A_4\cdot A_5\cdot A_6\cdot A_7\cdot A_8 =$$

$$= \frac{1}{2}\sin\frac{\pi}{32}\cdot\frac{1}{2}\sin\frac{3\pi}{32}\cdot\frac{1}{2}\sin\frac{5\pi}{32}\cdot\frac{1}{2}\sin\frac{7\pi}{32}\cdot\frac{1}{2}\sin\frac{9\pi}{32}\cdot\frac{1}{2}\sin\frac{11\pi}{32}\cdot\frac{1}{2}\sin\frac{13\pi}{32}\cdot\frac{1}{2}\sin\frac{15\pi}{32} =$$

$$= \left(\frac{1}{2}\right)^8\sin\frac{\pi}{32}\cdot\sin\frac{3\pi}{32}\cdot\sin\frac{5\pi}{32}\cdot\sin\frac{7\pi}{32}\cdot\sin\frac{9\pi}{32}\cdot\sin\frac{11\pi}{32}\cdot\sin\frac{13\pi}{32}\cdot\sin\frac{15\pi}{32} = \quad (2)$$

Боз ифодаҳои мувофиқи (2)-ро ҷуфт-ҷуфт гурӯҳбандӣ карда, қадамҳои зеринро ҳосил мекунем:

$$= \left(\frac{1}{2}\right)^8\left(\sin\frac{\pi}{32}\cdot\sin\frac{15\pi}{32}\right)\cdot\left(\sin\frac{3\pi}{32}\cdot\sin\frac{13\pi}{32}\right)\cdot\left(\sin\frac{5\pi}{32}\cdot\sin\frac{11\pi}{32}\right)\cdot\left(\sin\frac{7\pi}{32}\cdot\sin\frac{9\pi}{32}\right) = \quad (3)$$

Қадами даҳум: Табдил додани ифодаҳои $\sin\frac{15\pi}{32}$, $\sin\frac{13\pi}{32}$, $\sin\frac{11\pi}{32}$ ва $\sin\frac{9\pi}{32}$-ро бо ёрии формулаи мувофиқоварии $\sin\left(\frac{\pi}{2}-\alpha\right) = \cos\alpha$:

$$\sin\frac{15\pi}{32} = \sin\frac{16\pi-\pi}{32} = \sin\left(\frac{16\pi}{32}-\frac{\pi}{32}\right) = \sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{\pi}{32}\right) = \cos\frac{\pi}{32};$$

$$\sin\frac{13\pi}{32} = \sin\frac{16\pi-3\pi}{32} = \sin\left(\frac{16\pi}{32}-\frac{3\pi}{32}\right) = \sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{3\pi}{32}\right) = \cos\frac{3\pi}{32};$$

$$\sin\frac{11\pi}{32} = \sin\frac{16\pi-5\pi}{32} = \sin\left(\frac{16\pi}{32}-\frac{5\pi}{32}\right) = \sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{5\pi}{32}\right) = \cos\frac{5\pi}{32};$$

$$\sin\frac{9\pi}{32}=\sin\frac{16\pi-7\pi}{32}=\sin\left(\frac{16\pi}{32}-\frac{7\pi}{32}\right)=\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{7\pi}{32}\right)=\cos\frac{7\pi}{32}.$$

Қадами ёздаҳум: Ифодаҳои ҳосилшударо ба ифодаи (3) мегузорем:

$$=\left(\frac{1}{2}\right)^8\left(\sin\frac{\pi}{32}\cdot\cos\frac{\pi}{32}\right)\cdot\left(\sin\frac{3\pi}{32}\cdot\cos\frac{3\pi}{32}\right)\cdot\left(\sin\frac{5\pi}{32}\cdot\cos\frac{5\pi}{32}\right)\cdot\left(\sin\frac{7\pi}{32}\cdot\cos\frac{7\pi}{32}\right)=$$

Қадами дувоздаҳум: Дар ифодаи ҳосилшуда формулаи синуси кунҷи дучандаро татбиқ мекунем:

$$=\left(\frac{1}{2}\right)^8\left(\frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{\pi}{32}\cdot\cos\frac{\pi}{32}\right)\left(\frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{3\pi}{32}\cdot\cos\frac{3\pi}{32}\right)\left(\frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{5\pi}{32}\cdot\cos\frac{5\pi}{32}\right)\left(\frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{7\pi}{32}\cdot\cos\frac{7\pi}{32}\right)=$$

$$=\left(\frac{1}{2}\right)^8\left(\frac{1}{2}\right)^4\sin\frac{2\pi}{32}\cdot\sin\frac{6\pi}{32}\cdot\sin\frac{10\pi}{32}\cdot\sin\frac{14\pi}{32}=\left(\frac{1}{2}\right)^{12}\sin\frac{\pi}{16}\cdot\sin\frac{3\pi}{16}\cdot\sin\frac{5\pi}{16}\cdot\sin\frac{7\pi}{16}=$$

Қадами сенздаҳум. Татбиқи гурӯҳбандӣ. Ифодаи ҳосилшударо боз ба тариқи зерин гурӯҳбандӣ карда, онро табдил медиҳем:

$$=\left(\frac{1}{2}\right)^{12}\left(\sin\frac{\pi}{16}\cdot\sin\frac{7\pi}{16}\right)\cdot\left(\sin\frac{3\pi}{16}\cdot\sin\frac{5\pi}{16}\right)=\left(\frac{1}{2}\right)^{12}\left(\sin\frac{\pi}{16}\cdot\sin\frac{8\pi-\pi}{16}\right)\times$$

$$\times\left(\sin\frac{3\pi}{16}\sin\frac{8\pi-3\pi}{16}\right)=\left(\frac{1}{2}\right)^{12}\left(\sin\frac{\pi}{16}\sin\left(\frac{8\pi}{16}-\frac{\pi}{16}\right)\right)\left(\sin\frac{3\pi}{16}\sin\left(\frac{8\pi}{16}-\frac{3\pi}{16}\right)\right)=$$

$$=\left(\frac{1}{2}\right)^{12}\left(\sin\frac{\pi}{16}\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{\pi}{16}\right)\right)\left(\sin\frac{3\pi}{16}\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{3\pi}{16}\right)\right)=\left(\frac{1}{2}\right)^{12}\left(\sin\frac{\pi}{16}\cos\frac{\pi}{16}\right)\times$$

$$\times\left(\sin\frac{3\pi}{16}\cdot\cos\frac{3\pi}{16}\right)=\left(\frac{1}{2}\right)^{12}\left(\frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{\pi}{16}\cdot\cos\frac{\pi}{16}\right)\cdot\left(\frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{3\pi}{16}\cdot\cos\frac{3\pi}{16}\right)=$$

$$=\left(\frac{1}{2}\right)^{12}\left(\frac{1}{2}\right)^2\cdot\left(2\sin\frac{\pi}{16}\cdot\cos\frac{\pi}{16}\right)\cdot\left(2\sin\frac{3\pi}{16}\cdot\cos\frac{3\pi}{16}\right)=\left(\frac{1}{2}\right)^{14}\cdot\sin\frac{2\pi}{16}\cdot\sin\frac{6\pi}{16}=$$

$$=\left(\frac{1}{2}\right)^{14}\cdot\sin\frac{\pi}{8}\cdot\sin\frac{3\pi}{8}=\left(\frac{1}{2}\right)^{14}\cdot\sin\frac{\pi}{8}\cdot\sin\frac{4\pi-\pi}{8}=\left(\frac{1}{2}\right)^{14}\cdot\sin\frac{\pi}{8}\cdot\sin\left(\frac{4\pi}{8}-\frac{\pi}{8}\right)=$$

$$=\left(\frac{1}{2}\right)^{14}\cdot\sin\frac{\pi}{8}\cdot\sin\left(\frac{\pi}{2}-\frac{\pi}{8}\right)=\left(\frac{1}{2}\right)^{14}\cdot\sin\frac{\pi}{8}\cdot\cos\frac{\pi}{8}= \qquad (4)$$

Қадами чордаҳум: Татбиқи формулаи синуси кунҷи дучанда. Дар ифодаи (4) боз формулаи синуси кунҷи дучандаро татбиқ мекунем:

$$=\frac{1}{2^{14}}\cdot\frac{1}{2}\cdot 2\sin\frac{\pi}{8}\cdot\cos\frac{\pi}{8}=\frac{1}{2^{15}}\cdot\sin\frac{2\pi}{8}=\frac{1}{2^{15}}\cdot\sin\frac{\pi}{4}=\frac{1}{2^{15}}\cdot\frac{\sqrt{2}}{2}=\frac{\sqrt{2}}{2^{16}}.$$

Ҳамин тавр, $\sin\frac{\pi}{64}\cdot\sin\frac{3\pi}{64}\cdot\sin\frac{5\pi}{64}\cdot\sin\frac{7\pi}{64}\cdot\ldots\cdot\sin\frac{29\pi}{64}\cdot\sin\frac{31\pi}{64}=\frac{\sqrt{2}}{2^{16}}$ мешавад.

Қадами понздаҳум. Навиштани ҷавоб: $\frac{\sqrt{2}}{2^{16}}$.

Қадами шонздаҳум: Татбиқи тарзҳои нав. Ҳамин тавр, алгоритми таҳияшуда аз ҳабдаҳ амалиётҳои пайдарҳам иборат гардид. Акнун ифодаи додашударо мустақилона бо татбиқи формулаи зарби функсияҳои тригонометрии зерин ҳисоб кунед.

$$\sin\alpha\cdot\cos\alpha=\frac{1}{2}(\cos(\alpha-\beta)-\cos(\alpha+\beta))$$

Масъалаи 3. Исбот мекунем, ки $tg^2 72^\circ\cdot ctg^2 54^\circ=5$ мешавад.

Исбот. Алгоритми ҳалли масъалаи мазкурро бо тарзҳои гуногун баррасӣ мекунем:

Т а р з и я к у м. **Қадами якум.** Татбиқи формулаи мувофиқоварии $tg(90^\circ-\alpha)=ctg\,\alpha$ ва $ctg(90^\circ-\alpha)=tg\,\alpha$. Бинобар ин, $tg\,72^\circ$ ва $ctg\,54^\circ$-ро аз рӯйи формулаҳои мувофиқоварӣ табдил медиҳем:

$$tg\,72^\circ=tg(90^\circ-18^\circ)=ctg\,18^\circ \text{ ва } ctg\,54^\circ=ctg(90^\circ-36^\circ)=tg\,36^\circ$$

Қадами дуюм. Татбиқи қадами якум. $tg^2 72^\circ\cdot ctg^2 54^\circ=ctg^2 18^\circ\cdot tg^2 36^\circ=$

Қадами сеюм. Гузариш ба функсияҳои синус ва косинус.

$$ctg^2 18^\circ \cdot tg^2 36^\circ = \frac{cos^2 18^\circ}{\sin^2 18^\circ} \cdot \frac{\sin^2 36^\circ}{\cos^2 36^\circ} = \quad (1)$$

Қадами чорум. Истифодаи формулаҳо барои аргументи каратӣ.

$$\frac{\sin^2 36^\circ}{\cos^2 36^\circ} = \frac{(\sin(2 \cdot 18^\circ))^2}{(\cos(2 \cdot 18^\circ))^2} = \frac{(2 \sin 18^\circ \cos 18^\circ)^2}{(2\cos^2 18^\circ - 1)^2} = \frac{4 \sin^2 18^\circ \cos^2 18^\circ}{(2\cos^2 18^\circ - 1)^2}.$$

Қадами панҷум. Татбиқи қадами чорум дар ифодаи (1).

$$= \frac{cos^2 18^\circ}{\sin^2 18^\circ} \cdot \frac{4 \sin^2 18^\circ \cos^2 18^\circ}{(2\cos^2 18^\circ - 1)^2} = \frac{4 \sin^2 18^\circ \cos^4 18^\circ}{\sin^2 18^\circ (2\cos^2 18^\circ - 1)^2} = \frac{4 \cos^4 18^\circ}{(2\cos^2 18^\circ - 1)^2}. \quad (2)$$

Қадами шашум. Истифодаи баробарии барои ҳисоб намудани қимати $\sin 18^\circ$:

$\sin(2 \cdot 18^\circ) = \cos(3 \cdot 18^\circ)$;

$2 \sin 18^\circ \cos 18^\circ = 4 \cos^3 18^\circ - 3 \cos 18^\circ$;

$2 \sin 18^\circ = 4 \cos^2 18^\circ - 3$;

$2 \sin 18^\circ = 4(1 - \sin^2 18^\circ) - 3$;

$4 \sin^2 18^\circ + 2 \sin 18^\circ - 1 = 0$.

Қадами ҳафтум. Ёфтани дискриминанти муодилаи квадратӣ:

$$\frac{D}{4} = \left(\frac{b}{2}\right)^2 - ac = \left(\frac{2}{2}\right)^2 - 4 \cdot (-1) = 1 + 5 = 5$$

Қадами ҳаштум. Татбиқи формулаи муодилаҳои квадратӣ.

$$(\sin 18^\circ)_{1,2} = \frac{-1 \pm \sqrt{5}}{4}.$$

Аз ин ҷо: 1) $\sin 18^\circ = -\frac{1+\sqrt{5}}{4} < 0$. Азбаски $\sin 18^\circ$ дар чоряки якум мусбат мебошад, бинобар ин қимати пайдошуда манфӣ буда, он решаи бегона мешавад.

2) $\sin 18^\circ = \frac{-1+\sqrt{5}}{4} > 0$. Қимати ҳосилшуда ба соҳаи қиматҳо раво мувофиқ аст.

Қадами нуҳум. Ҳисоб намудани квадрати $\sin 18^\circ$.

$$\sin^2 18^\circ = \left(\frac{-1+\sqrt{5}}{4}\right)^2 = \frac{1 - 2\sqrt{5} + 5}{16} = \frac{6 - 2\sqrt{5}}{16} = \frac{2(3 - \sqrt{5})}{16} = \frac{3 - \sqrt{5}}{8}.$$

Қадами даҳум. Ҳисоб намудани квадрати $\cos 18^\circ$.

$$\cos^2 18^\circ = 1 - \sin^2 18^\circ = 1 - \frac{3 - \sqrt{5}}{8} = \frac{8 - (3 - \sqrt{5})}{8} = \frac{5 + \sqrt{5}}{8}.$$

Қадами ёздаҳум. Ҳисоб намудани қимати $2\cos^2 18^\circ - 1$.

$$2\cos^2 18^\circ - 1 = 2 \cdot \frac{5 + \sqrt{5}}{8} - 1 = \frac{5 + \sqrt{5}}{4} - 1 = \frac{1 + \sqrt{5}}{4}$$

Қадами дувоздаҳум. Ҳисоб намудани $\cos^4 18^\circ$.

$$\cos^4 18^\circ = (\cos^2 18^\circ)^2 = \left(\frac{5 + \sqrt{5}}{8}\right)^2 = \frac{25 + 10\sqrt{5} + 5}{64} = \frac{30 + 10\sqrt{5}}{64} = \frac{15 + 5\sqrt{5}}{32}.$$

Қадами сенздаҳум. Ҳисоб намудани натиҷаи ниҳоӣ. Акнун қимати (2)-ро ҳисоб мекунем.

$$\frac{4\cos^4 18^\circ}{\left(2\cos^2 18^\circ - 1\right)^2} = 4\cdot\frac{15+5\sqrt{5}}{32} : \left(\frac{1+\sqrt{5}}{4}\right)^2 = \frac{15+5\sqrt{5}}{8} : \frac{1+2\sqrt{5}+5}{16} =$$

$$= \frac{5\left(3+\sqrt{5}\right)}{8} : \frac{2\left(3+\sqrt{5}\right)}{16} = 5\cdot\frac{3+\sqrt{5}}{8} : \frac{3+\sqrt{5}}{8} = 5 \quad .$$

Баробарӣ исбот шуд.

Қадами чордаҳум. Ҷустучӯ ва татбиқи тарзҳои дигари ҳисобкунӣ ба худи хонандагон пешниҳод карда мешавад.

Маводи мазкур барои татбиқ ва табдил додани ифодаҳои курси тригонометрия мусоидат намуда, дар ҳал намудани муодила ва системаи муодилаҳои тригонометрӣ ҳосил намудани алгоритми ҳалли онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва гузаронидани озмунҳо замина мегузорад.

АДАБИЁТ

1. Буслаева И.П. О различных подходах к определению нестандартной задачи / И.П. Буслаева // Научные труды Московского педагогического государственного университета им. В.И. Ленина. – М.: Прометей, 1995. - С. 204, 205.
2. Васильева Г.Н. Современные технологии обучения математике. Часть 1 / Г.Н. Васильева. - Пермь: Пермский государственный гуманитарно-педагогический университет, 2013. - 114 с.
3. Гарунов М.Г. Развитие у учащихся восьмилетней школы опыта творческой деятельности в процессе выполнения самостоятельных работ: на материале курса математики восьмилетней школы: Дис. канд. пед. Наук / М.Г. Гарунов. – М., 1973.
4. Галкин Е.В. Нестандартные задачи по математике. Алгебра: Учеб. пособие для учащихся 7-11кл./ Е.В. Галкин. – Челябинск: Взгляд, 2004. – 448 с.
5. Галямова Э.Х. Методика обучения математике в условиях внедрения новых стандартов / Е.В. Галкин. - Набережные Челны, 2016. -116 с.
6. Галямова Э.Х. Практикум по теории и методике обучения математике в средней школе [Электронный ресурс] / Э.Х. Галямова. -Электрон. текстовые данные. -Набережные Челны: Набережночелнинский государственный педагогический университет, 2008. - 51 с. — 2227-8397.
7. Дорофеев Г.В. Пособие по математике для поступающих в ВУЗы / Г.В. Дорофеев, М.К. Потапов, Н.Х. Розов. – Издательство: Дрофа, 2007. – 620 с.
8. Дрозина В.В. Механизм творчества решения нестандартных задач. Руководство для тех, кто хочет научиться решать нестандартные задачи: учебное пособие / В.В. Дрозина, В.Л. Дильман – М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2008. – 255 с.
9. Канель-Белов А.Я. Подготовительные задачи к LVII Московской олимпиаде 1994 года для 8-11 классов / А.Я. Канель-Белов, А.К. Ковальджи, Н.Б. Васильев– М.: TRIADE PUBLISHERS. 1994.
10. Канель-Белов А.Я. Как решают нестандартные задачи: 4-е изд. / А.Я. Канель-Белов, А.К. Ковальджи. – М.: МЦНМО, 1997. – 96 с.
11. Крутецкий В.А. Психология математических способностей школьников / В.А. Крутецкий. – М.: Просвещение, 1968. – 432 с.
12. Колягин Ю.М. Учебные математические задачи творческого характера / Ю.М. Колягин // Роль и место задач в обучении математике. – М.,1973. -Вып. 2. – С. 5–19.
13. Кордемский Б.А. Очерки о математических задачах на смекалку / Б.А. Кордемский. – М.: Учпедгиз, 1958. – 116 с.
14. Кузнецова Е.В. Нестандартные задачи в школьной математике /Е.В. Кузнецова // Проблема процесса саморазвития и самоорганизации в психологии и педагогике: Сборник статей по итогам Международной научно - практической конференции (Самара, 23 ноября 2018 г.). – Стерлитамак: АМИ, 2018. – С 104–106.
15. Маҳкамов М. Математика: тайёрӣ ба олимпиада / М. Маҳкамов, У. Чориев. –Д.: Маориф, 2020. -344 с.
16. Маҳкамов М. Маҳфили математикони ҷавон. Нашри дуюм / М.Маҳкамов, А.Раззоқов, К.Бойматов. – Душанбе: Маориф, 2020. – 264 с.
17. Маҳкамов М. Масъалаҳои ғайристандартӣ / М.Маҳкамов, Н.Аминов, Р. Авезов. –Душанбе: Маориф, 2017. -152 с.
18. Миракова Т.Н. Система творческих задач курса алгебры 6-8 (7-9) классов и методика ее использования: Дис. канд. пед. наук / Т.Н. Миракова. - М.,1989. -251 с.
19. Митенева С.Ф. Нестандартные задачи по математике как средство развития творческих способностей учащихся: Дис. канд. пед. наук: 13.00.02/ С.Ф. Митенева. - Вологда, 2005. -204 с.
20. Пойа Д. Математика и правдоподобные рассуждения / Д. Пойа. – М.: Либроком, 2010. – 464 с.
21. Пивоварук Т.В. Обучение поиску решения нестандартных задач по алгебре в 6-8 классах: Дис. канд. пед. наук / Т.В. Пивоварук. – Минск, 1985. – 183 с.
22. Пойа Д. Математическое открытие / Д. Пойа. – М.: КомКнига, 2010. –450 с.
23. Пономарев Я. П. Психология творческого мышления / Я. П. Пономарев– М.: Изд-во АПН РСФСР,1960. – 352 с.

24. Столяр А.А. Педагогика математики / А.А. Столяр. - 3-е изд. -Минск: Высшая школа,1986. – 158 с.
25. Фридман Л.М. Как научиться решать задачи: Кн. для учащихся старших классов средних школ / Л.М. Фридман, Е.Н. Турецкий. – М.: Просвещение, 1989. - 192 с.

АМАЛИСОЗИИ ТАМОЮЛИ АЛГОРИТМИИ ТАБДИЛОТИ АЙНИЯТИИ ИФОДАҲОИ ТРИГОНОМЕТРӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ МАҲФИЛҲОИ МАТЕМАТИКОНИ ҶАВОН

Дар таркиб мафҳумҳои «равиши алгоритмӣ», роҳҳои татбиқи он дар раванди таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар маҷмуъ баррасӣ карда мешаванд. Раванди табдилдиҳии якхелаи ифодаҳои тригонометрӣ дар раванди таълими алгебраи синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлил карда шудааст. Ифодаҳои тригонометрии гуногун аз рӯйи сатҳи мураккабӣ ҷудо карда мешаванд . Бо ошкор кардани раванди табдилдиҳии якхелаи ифодаҳои тригонометрӣ қадамҳои асосии ин раванд ҷудо карда мешаванд ва пай дар пай тартиб дода мешаванд, иҷрои ин қадамҳо дар ниҳоят ба ҳалли масъалаҳои дахлдор мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, алгоритми ҳалли синфи масъалаҳои навъи муайян тартиб дода мешавад. Дар мақола якчанд алгоритми ҳалли масъалаҳо оварда шудааст. Дар охир тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи муносибати алгоритмӣ дар раванди ташкили маҳфили «Математикони ҷавон» оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: тамоили алгоритмӣ, амалисозӣ, алгоритм, ташаккул, ифодаҳо, тригонометрия, табдилот, қадамҳо, пайдарҳамӣ, нишондоди алгоритмӣ, маҳфилҳо, мураккабии ифодаҳо.

РЕАЛИЗАЦИЯ АЛГОРИТМИЧЕСКОГО ПОДХОДА В ПРОЦЕССЕ ТОЖДЕСТВЕННОГО ПРЕОБРАЗОВАНИЯ ТРИГОНОМЕТРИЧЕСКИХ ВЫРАЖЕНИЙ НА КРУЖКОВЫХ ЗАНЯТИЯХ МОЛОДЫХ МАТЕМАТИКОВ

В статье рассматривается понятие “алгоритмической подход”, пути его реализации в процессе обучения математике в средних общеобразовательных учреждениях. Анализируется процесс тождественного преобразования тригонометрических выражений при обучении алгебре в 9-ых классах средних общеобразовательных учреждений. Выделяются тригонометрические выражения различного уровня сложности. Раскрывая процесс тождественных преобразований тригонометрических выражений выделяются основные шаги этого процесса и составляется последовательное выполнение этих шагов в конечном итоге решения соответствующих задач. Таким образом составляется алгоритм решения класса задач определенного типа. В статье приведены несколько алгоритмов решения задач. В конце приведены методические рекомендации по реализации алгоритмического подхода в процессе организации кружка “Молодые математики”.

Ключевые слова: алгоритмический подход, реализация, алгоритм, формирование, выражение, тригонометрия, преобразование, шаги, последовательность, алгоритмическое предписание, кружок, сложные выражения.

IMPLEMENTATION OF AN ALGORITHMIC APPROACH IN THE PROCESS OF IDENTITY TRANSFORMATION OF TRIGONOMETRIC EXPRESSIONS IN CLUB CLASSES YOUNG MATHEMATICS

The article considers the concept of “algorithmic approach”, the ways of its implementation in the process of teaching mathematics in secondary educational institutions in general. The process of identical transformations of trigonometric expressions in the process of learning algebra of the 9th grade of secondary educational institutions is analyzed. Trigonometric expressions of various levels of complexity are allocated. Revealing the process of identical transformations of trigonometric expressions, the main steps of this process are highlighted and the sequential execution of these steps is compiled in the final results of solving the corresponding tasks. Thus, an algorithm for solving a class of problems of a certain type is compiled. The article presents several algorithms for solving problems. At the end, the methodological recommendations for the implementation of the algorithmic approach in the process of organizing the circle “Young Mathematicians» are given.

Keywords: algorithmic approach, implementation, algorithm, formation, expressions, trigonometry, transformation, steps, subsequence, algorithmic prescription, circle, complex expressions.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Маҳкамов Мамадҷон*** **–** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи методикаи таълими математика, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121.Телефон: **(+992) 935 85 10 55**. E-mail: **Mahkamov_M51@mail.ru**

Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович **–** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121.Телефон: **(+992) 935 06 34 12.**

Каримзода Тоҳир Худойназар **–** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи асосҳои технологияи информатсионӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121.Телефон**: (+992) 885 88 44 25**. E-mail: **tahir_karim1973@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Махкамов Мамадджон*** **–** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра методики математического образования, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 935 85 10 55**. E-mail: **Mahkamov_M51@mail.ru**

Раджабов Тагоймурод Бобокулович – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра начального образования, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121.Телефон: (+992) 935 06 34 12.
Каримзода Тохир Худойназар – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра основ информационных технологий, соискатель. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121.Телефон: **(+992) 885 88 44 25**. E-mail: **tahir_karim1973@mail.ru**

Information about the authors: ***Makhkamov Mamadjon*** – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Methods of Mathematical Education, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Phone: **(+992) 935 85 10 55**. E-mail: **Mahkamov_M51@mail.ru**
Radjabov Tagoymurod Bobokulovich – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Primary Education, Doctor of Pedagogical Sciences, and Professor. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Phone: **(+992) 935 06 34 12.**
Karimzoda Tohir Khudoynazar – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Fundamentals of Information Technologies, applicant. Address: 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. Phone: (+**992) 885 88 44 25**. E-mail**: tahir_karim1973@mail.ru**

ТДУ:53+54(575.3)

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ПРОБЛЕМАВӢ ДАР ДАРСҲОИ АМАЛӢ

Истамов Ф.Х., Аловиддинов А.Ҷ., Дустов А.И., Ахмедова З.П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Дар омӯзиши физика ҳалли масъала нақши калидиро мебозад, зеро мустаҳкамкунии мавзуъ ва татбиқи маводи назариявӣ дар амалия маҳз ба воситаи масъала ба сомон расонда мешавад. Ҳалли масъала боиси инкишофёбии тафаккур мегардад. Тавсифи проблемавии таълим дар ҳалли масъалаҳои физикавӣ истифодаи мунтазами супоришҳои эҷодӣ, вазифаҳо - масъалаҳоро дар раванди таълим дар бар мегирад. Ҳамин тавр, масъала ҷустуҷӯйи бошууронаи воситаи мувофиқро барои ноил шудан ба мақсади ошкор дидашаванда, вале бевосита дастнорас талаб мекунад. Ҳалли масъала маънои дарёфти ин воситаро дорад» [1, с.5].

Масъалаи проблемавӣ ё эҷодӣ масъалаест, ки дар он талаботи муайяне мураттаб шуда, дар асоси донистани қонунҳои физикӣ иҷрошаванда аст, вале ҳеҷ гуна нишондодҳои мустақим ё ғайримустақими он падидаҳои физикиро дар бар намегирад, ки қонунҳои онҳо бояд ҳангоми ҳалли ин масъала истифода шаванд. Ҳангоми омӯзиши курси физика ҳалли масъалаҳо қисми муҳимтарин ва ҷудонашавандаи раванди таълим мебошад [2, с.28; 3, с.257; 4, с.253].

Масъалаи физикиро ҳамчун ҳолати мушкилие, ки бо истифода аз рамзи иттилоотӣ (матн, графикӣ, тасвирӣ ва комбинатсияи онҳо) вазъияти проблемавӣ муайян кардан мумкин аст, ки аз донишҷӯён фикр ва амал карданро дар асоси қонунҳо ва усулҳои физика талаб карда, ба соҳибдониш гардидан ва рушди тафаккур нигаронида шудааст [5, с.126; 6, с.157]. Аз ин рӯ, дар раванди таълим таҳия ва ҳалли чунин масъалаҳое, ки аз нуқтаи назари донишҷӯ аҳаммияти зиёд доранд, хеле муҳим аст. Дар дарсҳои физика ташкил намудани вазъиятҳои проблемавӣ шавқу ҳаваси хонандагонро ба омӯзиши физика, зиёд намуда, дараҷаи дониш ва маҳорати ҳалли масъалаҳои бамиёномадаро баланд мебардорад [7, с.97].

Барои дар зиндагӣ ба муваффақиятҳо ноил гардидан, донишҷӯ бояд доимо омӯзад ва фаъолона амал намояд. Маҳз аз рӯйи тавсифи муносибати донишҷӯ бо одамон, табиат ва техника дар бораи дараҷаи дониши физикавии онҳо ва умуман салоҳияти касбии онҳо хулоса баровардан мумкин аст.

Маълум аст, ки дар раванди омӯзиши физика амали мушкилтарин ҳалли масъалаҳо ба шумор меравад, вале ин амали мушкилтарин боиси аз худ шудани формулаҳо, қонунҳо ва шарҳи дурусти ҳодисаҳо мегардад. Ба ғайр аз ин, усули ҳалли масъала боз як вазифаи муҳи ми тарбиявиро иҷро мекунад: баъзан он метавонад ҳамчун методи ҷорӣ намудани мафҳумҳо ва формулаҳои нав, усули муайян намудани қолабҳо ё равиши пешниҳоди маводи нав истифода шавад [8, с.213].

Аз ҷониби дигар, дар раванди ҳалли масъала меҳнатдӯстӣ дар донишҷӯён инкишоф меёбад. Мисоли раванди эҷодиро дар ҳалли масъалаи зерин аз қисми механика дида мебароем. Дар масъалаи зерин ёфтани усули ҳалли масъала талаб карда мешавад. Ёфтани усули ҳалли масъала аз донишҷӯён фикрронии дурустро талаб мекунад ва дар раванди ҷустуҷӯ тафаккури эҷодии онҳо инкишоф меёбад [9, с.202; 10, с.275].

Масъалаи 1. Варзишгар 100 м масофаро дар муддати вақти 10 с давид, ки аз он 2 сонияаш барои афзоиши суръат ва боқимондаи вақт барои мунтазам ҳаракат намудан сарф шуд. Суръати ҳаракати мунтазами варзишгарро муайян кунед.

Ҳалли масъалаи додашуда: Ин масъаларо бо усули графикӣ бе мушкилӣ ҳал кардан мумкин аст. Бо ин мақсад графики вобастагии суръати ҳаракати варзишгарро ба вақт тасвир мекунем.

То ба суръати ϑ соҳиб шудан, варзишгар собитшитоб ва баъди 8 сония бо суръати ϑ мунтазам ҳаракат карда, дар тули вақт роҳи 100 м – ро тай кардааст. Ин роҳ ададан ба

масоҳати фигураи рах-рах, ки аз ҳосили ҷамъи масоҳати секунҷа $\frac{2\vartheta}{2}$ ва масоҳати росткунҷа 8ϑ ташкил ёфтааст, баробар мебошад. Муодила тартиб дода, ҳал мекунем:

$\vartheta + 8\vartheta = 100$; $9\vartheta = 100$; $\vartheta = \frac{100}{9}$; $\vartheta \approx 11$ м/с .



Ин масъаларо муаллим ҳал менамояд, пас аз ҳалли он аз донишҷӯён талаб карда мешавад, ки ҳамин масъаларо бо роҳҳои дигар ҳал карда, шарҳ диҳанд. Аммо дар бораи намуди ҳаракат ва муодилаҳои он муаллим маълумот намедиҳад. Ин ҳамчун проблема ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад. Донишҷӯёне, ки дар бораи муодилаҳо ва графикҳои тавсифдиҳандаи ҳаракати ростхаттаи мунтазам ва собитшитоб маълумот доранд, ин масъаларо ба осонӣ ҳал карда метавонанд. Ҳангоми тарзи дигари ҳалро надонистани донишҷӯён, муаллим вазифадор аст, ки дар бораи ин ҳаракатҳо маълумоти мухтасар дода, ҳалли масъаларо содатар намояд.

Масъалаҳои проблемавӣ ба донишҷӯ имкон медиҳанд, ки мураккабии ҳодисаҳои физикиро эҳсос ва моҳияти онҳоро дарк карда, барои мустақилона ҳал кардани масъала ташвиқ кунад. Чунин супоришҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои худро бо маводи қаблан омӯхташуда муқоиса кунанд, хулоса бароранд ва андеша намоянд.

Масъалаи 2. Суръати ҳаракати автомобил дар нимаи аввали вақти ҳаракат ба $\vartheta_1 = 10$ м/с ва дар нимаи дуюми вақт ба $\vartheta_2 = 15$ м/с баробар буд. Суръати миёнаи ҳаракати велосипедрон муайян карда шавад.

Ҳал:

Суръати миёна аз ифодаи зерин муайян карда мешавад:

$$\vartheta_м = \frac{s}{t}; \quad (1)$$

дар ин ҷо: $s = s_1 + s_2 = \vartheta_1 t_1 + \vartheta_2 t_2$.

$$t_1 = t_2 = \frac{t}{2}$$

$$s = \vartheta_1 \cdot \frac{t}{2} + \vartheta_2 \frac{t}{2} = \frac{t}{2}(\vartheta_1 + \vartheta_2)$$

он гоҳ (2)

Ифодаи (2)-ро ба (1) гузошта ҳосил мекунем:

$$\vartheta_м = \frac{t(\vartheta_1 + \vartheta_2)}{2t} = \frac{\vartheta_1 + \vartheta_2}{2} \quad (3)$$

Қиматҳои ададии бузургиҳоро ба (3) гузошта суръати миёнаро меёбем:

$$\vartheta_{м} = \frac{10 \text{ м/с} + 15 \text{ м/с}}{2} = 12{,}5 \text{ м/с}$$

Ба мисли масъалаи якум роҳи ҳалли ин масъаларо метавонад муаллим нишон диҳад ва баъди ҳалли масъала проблемаи зеринро пешниҳод ва ҳалли онро талаб менамояд.

Масъалаи 3. Велосипедрон нисфи аввали роҳро бо суръати $\vartheta_1 = 15$ км/ст ва нимаи дуюми роҳро бо суръати $\vartheta_2 = 12$ км/ст тай намуд. Суръати миёнаи ҳаракати велосипедро муайян намоед. Чи тавре ки дида мешавад, масъалаи 3 ба масъалаи 2 монанд буда, каме дигаргунӣ дорад, ки онро донишҷӯён бояд дарк намуда, масъаларо ҳал намоянд. Ин ҷо мо ҳалли ин маъларо нишон намедиҳем ва дар мавриди роҳи ҳалли масъаларо нафаҳмидани донишҷӯён ба онҳо мефаҳмонем, ки дар ин маврид аз шарти $t = t_1 + t_2$ истифода намоянд ва варианти ҷавоби масъаларо пешниҳод менамоем, яъне $\vartheta_{м} = 12$ м/с .

Масъалаҳое, ки дар онҳо бузургиҳои физикавӣ ба таври ошкор дода нашудаанд, низ проблемавӣ мебошанд. Масалан, як масъалаеро аз қисми механика ва як масъалаи дигарро аз қисми физикаи молекулавӣ дида мебароем.

Масъалаи 4. Суръати тир дар миёнаҷои мили милтиқ назар ба лаҳзаи ҷаҳиши он аз нӯги мил чанд маротиба пасттар аст?

Ҳал:

Барои ҳал кардани ин масъала аз муодилаҳои ҳаракати ростхаттаи собитшитоби суръати ибтидоиаш ба сифр баробар барои ду ҳолат истифода мебарем. Барои миёнаҷойи мили милтиқ:

$$S_1 = \frac{l}{2} = \frac{at_1^2}{2}; (1)$$

$$\vartheta_1 = at_1 (2)$$

Барои нӯги мили милтиқ:

$$S_2 = l = \frac{at_2^2}{2}; (3)$$

$$\vartheta_2 = at_2 (4)$$

Аз муодилаҳои (1) ва (3) ёфта ба муодилаҳои (2) ва (4) гузошта, нисбати суръатҳоро меёбем:

$$t_1 = \sqrt{\frac{l}{a}}; \quad t_2 = \sqrt{\frac{2l}{a}}$$

$$\vartheta_1 = a\sqrt{\frac{l}{a}} = \sqrt{la}; \quad \vartheta_2 = a\sqrt{\frac{2l}{a}} = \sqrt{2la}$$

$$\frac{\vartheta_2}{\vartheta_1} = \frac{\sqrt{2la}}{\sqrt{la}} = \sqrt{2} = 1{,}41$$

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки суръати тир дар миёнаҷойи мили милтиқ назар ба лаҳзаи ҷаҳиши он аз нӯги мил 1,41 маротиба пасттар будааст.

Масъалаи 5. Кадом ҳиссаи миқдори гармии ба гази идеалии якатома додашуда барои тағйир додани энергияи дохилӣ сарф мешавад.

Ҳал:

Энергияи дохилии гази идеалии якатома бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\Delta U = \frac{3}{2}\frac{m}{M} R \Delta T$$

Мувофиқи қонуни якуми термодинамика:

$$Q = \Delta U + A = \frac{3}{2}\frac{m}{M} R \Delta T + \frac{m}{M} R \Delta T = \frac{5}{2}\frac{m}{M} R \Delta T$$

Аз ин ҷо барои кадом ҳиссаи миқдори гармии ба гази идеалии якатома додашуда барои тағйир додани энергияи дохилӣ сарф шуданашро муайян кардан тағйирёбии энергияи дохилиро ба миқдори гармӣ тақсим мекунем:

$$\frac{\Delta U}{Q} = \frac{\frac{3}{2} \cdot \frac{m}{M} RT}{\frac{5}{2} \cdot \frac{m}{M} RT} = \frac{3}{5} = 0,6 = 60\ \%$$

Яъне, 60%-и миқдори гармии ба гази идеалии якатома додашуда барои тағйир додани энергияи дохилӣ сарф мешавад.

Дар ин намуд супоришҳо нақши асосиро донишҷӯён мебозанд. Онҳо ҳангоми ҳалли мушкилот худашон фарзияҳо пешниҳод менамоянд, исбот мекунанд ва месанҷанд. Дар раванди ҳалли масъала, инчунин, аз масъалаҳои сифатии проблемавӣ низ истифода бурдан мумкин аст. Масъалаҳои проблемавӣ саволҳое мебошанд, ки мушкилот эҷод мекунанд. Масъалаи сифатии проблемавӣ, ба монанди масъалаи проблемавӣ хусусияти объекти фикр аст. Савол метавонад ба таркиби масъалаи проблемавӣ дохил шуда, вазифаи талаби онро иҷро кунад ва ҳамчун шакли нисбатан мустақили фикр, ҳамчун изҳороти алоҳидаи проблемавӣ, ки ҷавобро талаб мекунад, амал кунад. Масъалаи сифатии проблемавӣ аз саволи иттилоотӣ бо он фарқ мекунад, ки вай ба вазъияти ба ҳам мухолиф нигаронида шуда, ба ҷустуҷӯйи донишҳои номаълум мусоидат мекунад. Масъалаҳои сифатиро аз саволҳое, ки ба санҷиши расмии дониш нигаронида шудаанд, фарқ кардан лозим аст (масалан: «суръат чист?»). Ҷавобҳо ба чунин саволҳо дар шакли тайёр дар китоби дарсӣ оварда шудаанд ва масъалаҳои сифатӣ фаҳмиш ва асосноккуниро дар асоси донишҳои мавҷудаи физика талаб мекунанд [11, с.208].

Масалан, саволи “Дар кадом намуди ҳаракати ростхатта шитоби ҷисм ба сифр баробар аст?”, масъалаи сифатӣ мебошад.

Барои ба ин савол ҷавоб додан, донишҷӯён дар бораи ҳамаи намудҳои ҳаракат дониши гирифтаашонро такрор менамоянд ва дар тарозуи ақлашон баркашида фикрашонро баён менамоянд. Инчунин, саволи “Нуқтаи материалӣ аз нуқтаи геометрӣ чӣ фарқ дорад?”, масъалаи сифатӣ аст. Барои дарки ин савол донишҷӯён ҳамаи хусусиятҳои нуқтаи геометрӣ ва нуқтаи материалиро ба ёд оварда, фикри худро пешниҳод менамоянд.

Инчунин, ба сифати масъалаи проблемавӣ масъалаҳоеро пешниҳод намудан мумкин аст, ки ё шарти зиёдатӣ доранд, ё дар шарти масъала ягон норасоӣ вуҷуд дорад. Масалан, масъалаҳои зеринро дида мебароем, ки шарти зиёдатӣ доранд.

Масъалаи 4. Бори массаш 25 кг – ро бо ёрии ғарғараи ором, қувваи 270 Н–ро гузошта, ба баландии 8 м бардоштанд. Зариби кори фоиданоки ғарғараро муайян намоед.

Дар ин масъала баландии додашуда шарти зиёдатӣ мебошад, зеро дар раванди ҳал ихтисор мешавад ва зариби кори фоиданоки ғарғара аз баландӣ вобаста намебошад. Масъалаҳое, низ мавҷуданд, ки донишҷӯён аз шарти масъала чиро муайян карданашонро ошкор карда наметавонанд. Яъне, ин гуна масъалаҳо низ масъалаҳои проблемавӣ мебошанд. Барои ин гуфтаҳоро тасдиқ кардан масъалаи зеринро дида мебароем.

Масалаи 5. Ях дар дарё ба фишори на бештар аз 700 кПа тоб оварда метавонад. Оё трактори массааш 4 тонна аз ях гузашта метавонад, агар раҳҳои паҳнои 30 см дар дарозии 4 м бо ях дар тамос бошанд? Барои ҳалли ин масъала мо бояд фишорро муайян намоем, ҳол он ки дар шарти масъала дода шудааст. Ин проблемаест, ки на ҳамаи донишҷӯён ба он сарфаҳм меравand.

Вобаста ба дастгоҳи математикии истифодашаванда усули математикӣ ба усулҳои арифметикӣ, алгебравӣ ва геометрӣ тақсим мешавад.

Усули арифметикӣ истифодаи амалҳои математикӣ ё табдилдиҳии шахсиятро дар ададҳо ё ифодаҳои ҳарфӣ бидуни сохтани муодилаҳо дар бар мегирад (масъала тавассути саволҳо ҳал карда мешавад) [12, с.128].сули алгебравӣ ба истифодаи формулаҳои физикӣ барои тартиб додани муодилаҳое асос ёфтааст, ки аз рӯйи онҳо бузургии зарурии физикӣ муайян карда мешавад [13, с.111].

Техникаи геометрӣ аз истифодаи хосиятҳои геометрӣ ва тригонометрии рақамҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳо иборат аст. Аммо ин усулро набояд бо сохтани расмҳо ва диаграммаҳое омехта кард, ки таҳлили ҳама масъалаҳоеро, ки тасвири графикиро фароҳам меоранд, ҳамроҳӣ мекунанд [14, с.219].

Бинобар ин, масъалаҳои проблемавиро дар намуди расм ё график низ ба хонандагон пешниҳод намудан мумкин аст, масалан:

Масъалаи 6. Дар расм графики вобастагии проексияи суръати ҳаракати ҷисм аз вақт дода шудааст. Роҳи тайкардаи онро муайян кунед.

Ҳал:

Барои ҳалли ин масъала аз техникаи геометрӣ истифода бурда, ҳал намудан осон аст.

Яъне, роҳи тайкардаи ҷисм ба масоҳати зерграфики проексияи суръати ҳаракати ҷисм аз вақт баробар аст.



Дар расм як росткунҷа ва ду секунҷаи росткунҷа тасвир ёфтааст. Роҳи тайкардаи онҳоро мувофиқи масоҳати ҳар яки онҳо бо формулаҳои мувофиқашон муайян мекунем:

Роҳи тайкардаи ҷисм дар қитъаи якум масоҳати секунҷаи росткунҷа: $S_1 = \frac{a \cdot b}{2} = \frac{10\ \text{м/с} \cdot 5\ \text{с}}{2} = 25\ \text{м}$ Роҳи тайкардаи ҷисм дар қитъаи дуюм масоҳати росткунҷа:

$S_2 = a \cdot b = 10\ \text{м/с} \cdot 5\ \text{с} = 50\ \text{м}$ Роҳи тайкардаи ҷисм дар қитъаи сеюм масоҳати секунҷаи росткунҷа:

$$S_3 = \frac{a \cdot b}{2} = \frac{10\ \text{м/с} \cdot 10\ \text{с}}{2} = 50\ \text{м}$$

Роҳи пурра:

$$S = S_1 + S_2 + S_3 = 25\ \text{м} + 50\ \text{м} + 50\ \text{м} = 125\ \text{м}.$$

Ҳамин масъаларо бо истифода аз усули алгебравӣ, яъне аз муодилаҳои ҳаракати ростхаттаи мунтазам ва собитшитоб истифода бурда, ҳал кардан мумкин аст, ки ҳалли он ба донишҷӯён мустақилона супориш дода мешавад.

Чунин навъи масъалаҳо ба миқдори зиёд дар китоби “Технологияи омӯзиши проблемавӣ дар дарсҳои механика”-и муаллифон Фарҳод Истамов ва Зебонисо Ахмедова оварда шудаанд. Зарурати риояи принсипи умумии педагогии пайвастагӣ, муносибати инфиродӣ ба хонандагон мувофиқи қобилият ва сатҳи донишашон аз омӯзгор тақозо мекунад, ки масъалаҳоро ба сода, мураккаб, пешрафта ва эҷодӣ тақсим кунад.

Азбаски вақти дарс маҳдуд аст, дар дарсҳо на ҳама намудҳои масъалаҳои проблемавиро истифода бурдан мумкин аст, масалан, супоришҳо оид ба нақшакашӣ ва сохтани дастгоҳҳо, ташкили таҷрибаҳое, ки мушоҳидаи дуру дароз ё санҷиши чандинкаратаро талаб мекунанд ва ғайра. Супоришҳои масъалаи хонагӣ барои ташаккули донишҷӯёни боистеъдод ва шавқманди фанни физика имкониятҳои васеъ мекушоянд [15, с.155]. Барои донишҷӯёни донишашон номукаммал супоришҳои индивидуалии содаи

проблемавӣ фоиданоканд, вале мақсади онҳо дигар аст: ба худ боварӣ ҳосил намудан ва ба физика шавқу ҳавас бедор кардан.

Муқарриз: Салихов Т.Х.- д.иф.м., профессори ИИТ ДМТ

АДАБИЁТ

1. Истамов Ф.Х. Методикаи тартиб додани масъалаҳои проблемавӣ аз механика/ Ф.Х.Истамов, З.П. Ахмедова, М.Файзиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе, 2021. - С. 4-10.
2. Дустов А.И. Истифодабарии технологияҳои ҳозиразамони муосир дар раванди машғулиятҳои омӯзиши проблемавӣ / А. И. Дустов, Ф. Истамов// Маводи конференсияи илмӣ-методии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши илмҳои табиӣ-риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар раванди саноаткунонии босуръати кишвар» бахшида ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)», инчунин ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ - саноаткунонии босуръати кишвар. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. - Душанбе, 2022. - С.27-29.
3. Беликов Б.С. Решение задач по физике. Общие методы / Б.С. Беликов. – М. Высшая школа, 1986.-256 с.
4. Ахмедова З.П. Теоретические аспекты применения инновационных технологий на современном уроке при решении проблемной ситуации / З. П. Ахмедова, А. И. Дустов, Ф. Истамов // Материалы XXII Междуна-родной научно-практической конференции «Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании». ISBN 978-5-89967-530-0*, УДК* ***377.3,*** Издательство ТОГИРРО, Санкт-Петербург-Тюмень, 2021. - С.251-254.
5. Дустов А.И. Истифодабарии технологияҳои ҳозиразамони муосир дар раванди машғулиятҳои омӯзиши проблемавӣ / А.И.Дустов, Ф.Истамов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ИИТ ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)» ва «Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ», ИИТ ДМТ, Душанбе, 2022. - С.125-128.
6. Дустов А.И. Методика использования проблемного обучения на занятиях с использованием современных технологий / А. И. Дустов, З. П. Ахмедова, Ф. Истамов // Материалы XXII Международной научно-практической конференции «Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании»**.** ISBN 978-5-89967-530-0*, УДК 377.3,* Издательство ТОГИРРО, Санкт-Петербург-Тюмень, 2021. - С.153-159.
7. Дустов А.И. Применение инновационных технологий на современном уроке при решении проблемной ситуации /А.И.Дустов// Материалы XXIV Международной научно-практической конференции «Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании», Российский государственный педагогический университет им. А. И. Герцена, Санкт-Петербург, издательско-полиграфическая ассоциация высших учебных заведений, 2023. - С. 96 - 98.
8. Раҳимов Ф.К. Оптимизация балльно - рейтинговой системы оценивания знаний студентов по физике в вузе / Ф. К. Раҳимов, Дж. Б. Насимова, А. И. Дустов // Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании. Материалы XX Международной научно-практической конференции. Изд-во РГПУ им. А. И. Герцена, Санкт-Петербург, 2019. –С. 212 - 215.
9. Насимова Дж. Б. Применение современных компьютерных технологий и образовательных процессов обучения в профессиональном воспитании / Дж. Б. Насимова, А. И. Дустов, Ф. Истамов, И. Ходжахонов, Д. Бузрукова // Материалы II Международной научно-практической конференции «Воспитание и социализация в современной социокультурной среде», Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Российский государственный педагогический университет им.А.И.Герцена» институт педагогики. *ISBN* ***978-5-8064-2834-0****, УДК 37,* Изд-во РГПУ им. А. И. Герцена, Санкт-Петербург, 2020. - С.199 - 203.
10. Насимова Дж.Б. Применение воспитательных технологий в профессионально - современном образовании / Дж. Б. Насимова, А. И. Дустов, Ф. Истамов, З. П.Ахмедова, И. Ходжахонов, Д. Бузрукова // Материалы II Международной научно-практической конференции «Воспитание и социализация в современной социокультурной среде», Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Российский государственный педагогический университет им. А. И. Герцена» институт педагогики. *ISBN* ***978-5-8064-2834-0****, УДК 37,* Изд-во РГПУ им. А. И. Герцена, Санкт-Петербург, 2020. - С. 273-279.
11. Насимова Дж. Б. Сущность балльно-рейтинговой системы контроля знаний и её роль в процессе обучения / Дж. Б. Насимова, А. И. Дустов, И. Ходжахонова, Ф. Истамов, Д. Бузрукова и др. // Материалы XXI Международной научно-практической конференции «Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании», посвященной 90-летию Макарени Александра Александровича, Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Российский государственный педагогический университет им.А.И.Герцена» институт педагогики***. ISBN 978-5-8064-2871-5, УДК 377.3,*** Изд-во РГПУ им. А. И. Герцена, Санкт-Петербург, 2020. - С.206-211.
12. Насимова Дж.Б. Основные показатели работы высшего учебного заведения / Дж. Б. Насимова, А. И. Дустов, И. Ходжахонова, Ф. Истамов и др. // Материалы XXI Международной научно - практической конференции «Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании», посвященной 90-летию Макарени Александра Александровича, Федеральное государственное бюджетное

образовательное учреждение высшего образования «Российский государственный педагогический университет им.А.И.Герцена» институт педагогики***. ISBN 978-5-8064-2871-5, УДК 377.3,*** Изд-во РГПУ им. А. И. Герцена, Санкт-Петербург, 2020. -С.127- 129.
13. Насимова Ҷ.Б. Истифодаи системаи автоматикунонидаи санҷиши масъалаҳо бо забони барномасозии компютерӣ С++ дар раванди таълим / Ҷ. Б. Насимова, Ф. Қ. Раҳимов, А. И. Дустов // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. - №1, -(21). - Душанбе, 2018. -С. 109-112.
14. Истамов Ф.Х. Таълими проблемавии физика дар муассисаҳои олӣ / Ф. Х. Истамов, З. П. Ахмедова, А. Ҷ. Аловиддинов, А. И. Дустов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -№7. -С.218-225.
15. Дустов А.И. Методика использовании проблемной обучении на занятиях с использованием современных технологий / А. И. Дустов, З. П. Ахмедова, Ф. Истамов // В сборнике: Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании. материалы XXII Международной научно-практической конференции. РГПУ им. А. Герцена. - Санкт-Петербург, 2021. -С. 153-159.

